**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**
**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ 821.0(575.3)**
**ТКБ 83.3(0)6**
**А 98**

**АЪЗАМОВ СУБҲОНҶОН БАҲРОМҶОНОВИЧ**

# АФКОРИ АДАБИИ ТОҶИКӢ ДАР ОХИРИ САДАИ XIX – НИМАИ АВВАЛИ САДАИ XX

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ**
**(10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

**Мушовири илмӣ:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор Мирзоюнус Матлуба**

**Хуҷанд-2024**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА..........................................................................................................4**

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ...................................................................................11**

**БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ШИНОХТИ АФКОРИ СУХАНСАНҶИИ НАВИНИ ТОҶИК...........................................................................21**

I.1. Марҳалаҳои адабиётшиносӣ ва нақди адабии навини тоҷик.........................21

I.2. Сарчашмаҳои нақди адабии давраи равшангарӣ..........................................29

**БОБИ II. ВАЗЪИ СУХАНСАНҶӢ ДАР ОХИРИ САДАИ XIX – НИМАИ АВВАЛИ САДАИ XX…...…………………………….....48**

II.1. Таҳқиқ ва нашри манбаъҳои адабиву илмӣ…………..………..……........48

II.2. Саҳми равшангарон дар арзёбии осори адабӣ……………………….......68

II.3. Маҳфилҳои сухан ва анъанаи нақди адабӣ………………………….....77

II.4. Тазкираҳо ва арзиши сухан аз назари тазкиранигорон…………….........88

II.4.1. Тазкираҳо – манбаи омӯзиши назари интиқодӣ……………………......88

II.4.2. Меъёри баҳои шеъру шоирӣ дар тазкираҳо……………….……........90

II.4.3. Сарчашмаҳои адабӣ ва интиқодии «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ………………………………………………………………..112

II.4.4. Диди интиқодӣ дар тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ..……………………………………………………………120

II.4.5. Садриддин Айнӣ ва нақди сиёсиву иҷтимоӣ……………………….....141

II.5. Вежагиҳои нақди адабӣ ва зуҳури аввалин китоби таърихи адабиёти навини тоҷик...............................................................................................152

**БОБИ III. ҶОЙГОҲИ КЛАССИКОНИ АДАБИЁТ ДАР БАРРАСИҲОИ ИЛМИИ НИМАИ АВВАЛИ САДАИ XX..........….........173**

III.1. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ниёзҳои нави шинохти адабиёт…………........173

III.2. Абулқосим Фирдавсӣ аз диди сухансанҷони замони нав..........................180

III.3. Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар баррасиҳои замон.................................192

III.4. Камоли Хуҷандӣ дар меҳвари таҳқиқоти адабиётшиносӣ…….................215

**БОБИ IV. НОҚИДОНИ АДАБИЁТ ВА ДАВРАИ НАВИ НАҚДИ АДАБӢ.....................................................................................................234**
IV.1. Сотим Улуғзода: Масъалаҳои таърихи адабиёт ва нақди адабӣ..............234
IV.2. Ибтидои фаъолияти интиқодии Ҷалол Икромӣ........................................242
IV.3. Мирзо Турсунзода ва нақди адабӣ то нимаи аввали садаи XX................247
IV.4. Тӯрақул Зеҳнӣ ва сухансанҷии навини тоҷик............................................261
IV.5. Раҳим Ҳошим – адабиётшинос ва ноқиди сухан.......................................284
**ХУЛОСАҲО...........................................................................................................293**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ ..........................................................................302**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ..............................................................................................305**
**НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.........................................................................................348**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар бораи моҳияту арзиши адабиёти форсии тоҷикии охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX, ки онро муҳаққиқони таърихи адабиёт яке аз марҳалаҳои муҳим шинохтаанд, ҳамзамон аз хусуси ҷусторҳои эҷодии адибони ин давра нуктаҳои ҷудогона изҳор шудаанд. Аз асарҳои илмии олимон ба муаммоҳои бисёри адабиёт ва назарияҳои адабӣ ҷавоби қотеъ ёфтан мумкин аст. Равшан аст, ки дар ҳар асари таҳқиқӣ оид ба ҳаёти адабӣ дар ин давра ҷустуҷӯҳо дар як самти бисёр муҳимми адабиётшиносӣ – нақди сухан ва ё сухансанҷӣ диққати муҳаққиқро ба масъалаҳои асосӣ ва мубрами ин ришта наздик мебарад. Мусалламан зимни пажуҳиши адабиёти ҳар давра рӯйкард ба нақди сухан ва ё сухансанҷӣ амри ногузир аст ва он моро бо вежагиҳои назари адибону ноқидон ошно мекунад. Шинохт ва фаҳмиши илмии равандҳо ва хусусиятҳои нақди адабии тоҷикӣ дар ин давраи таърихӣ омӯзанда аст ва дарки он барои муайян кардани моҳияти эстетикӣ ва иҷтимоии адабиёт ба хидмат меояд. Афкори адабии маорифпарварон ва намояндагони ҷадидия аз суннатҳои хосаи нақди адабии форсӣ-тоҷикӣ баҳраманд аст. Маҳз дар марҳалаи ҷадидӣ омилҳое таконбахш ба равнақи нақди осори адабӣ рӯйи кор омадаанд. Давраи дигар – навсозиҳои аҳди шуравӣ низ барои ба вуҷуд омадани танқиди адабӣ замина фароҳам овард, ки ба дастовардҳо ва бозёфтҳои фикрии мактабҳои русиву аврупоӣ такя дошт.

Дар ин марҳала афкори сухансанҷӣ ва нақди иҷтимоӣ дар осори равшангарон ҷойгоҳи назаррас ба даст овард, ки назари томравояшон дар осори манзуму мансур, тазкираҳо, таърихномаҳо ва жанрҳои матбуотӣ баён кардаанд. Бо падид омадани матбуоти миллии тоҷикӣ дар Бухоро дар равиши шарҳи осори манзуму мансур, усули дарку маърифат ва оҳанги баён бо корбурди жанрҳои нақди адабӣ қадами наве ба миён гузошта шуд. Дар саргаҳи нуфуз ёфтани сухансанҷӣ ба шеваи маорифпарвариву ҷадидӣ адиби бузург Аҳмад-махдуми Дониш, адибон ва муҳаққиқони насли ҷадид – Абдуррауфи Фитрати Бухороӣ, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Садриддин Айнӣ, муаллифони як қатор

тазкираву таърихномаҳо – Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, Афзал-махдуми Пирмастӣ, Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, Мирзо Салимбек, ходимони нашрияҳои навтаъсиси форсии тоҷикӣ – «Бухорои шариф», «Оина», «Самарқанд» ва ғайра қарор доранд.

Баъди зуҳури инқилоби рус ва давлати шуравӣ дар ҳамоҳангӣ бо мафкураи нави марксистӣ нақди шаклан ва сифатан созгор ба ниёзҳои ғоявӣ ва эстетикии он замон падид омад, ки сохтору принсип, тарзҳои падид омадану шакл ёфтани онро санаду мадракҳои давлативу ҳизбӣ муайян мекарданд. Дар ин давра кӯшишҳои назаррас дар падидаи сухансанҷии нав зоҳир шуданд. Ба андешаи аҳли таҳқиқ дар саргаҳи нақди адабии он замон китоби бунёдгузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) арзиши баланд дорад. Афзун ба ин асар хазинаи нақди адабии он давраро намунаҳои санадҳои давлатӣ оид ба адабиёт ва танқиди адабӣ, қарорҳои ҳизбӣ дар соҳаи адабиёт ва танқид (1925, 1932), асарҳои матбуоти шаклан ва мазмунан навини шуравии тоҷик дар маҷаллаҳои иҷтимоиву фаннӣ, адабӣ ва илмии «Шуълаи инқилоб», «Дониш ва омӯзгор», «Раҳбари дониш» («Барои адабиёти сотсиалистӣ»), «За партию», нашрияҳои «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Тоҷикистони сурх», «Коммунист Таджикистана», «Газетаи муаллимон», ҳамзамон маҷмуаҳои адабӣ бо сарсуханҳояшон, аз ҷумла «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940), асарҳои адабиётшиносон дар боби чеҳраҳои адабии гузаштаву имрӯза, номаҳои аҳли адаб ва ғайра фаро мегиранд.

Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ самти нисбатан навтаре дар ҳавзаи илмии Тоҷикистон аст, ки танҳо баъзе аз саҳифаҳо ва ҷанбаҳои таърихии он равшан шуда ва бисёр масъалаҳое мавҷуданд, ки аз аҳли таҳқиқ ҷустуҷӯи амиқеро тақозо доранд. Аз ин ҷиҳат, танҳо дар боби баъзе аз масъалаҳои ҷудогонаи сухансанҷӣ дар аҳди маорифпарварӣ, ҷадидӣ ва шуравӣ, зуҳури шахсиятҳои ноқид, ҷойгоҳи ноқидон дар инкишофи сухансанҷии тоҷикӣ ва вежагиҳои афкори наққодии онҳо ҷустуҷӯҳои илмӣ сурат гирифтаанд. Аз назари мо, имрӯз илова бар пажуҳиши масъалаҳои нисбатан хурд, аз ҷумла

омӯзишу таҳқиқи осор ва афкори ҷудогонаи ҳар ноқиду сухансанҷ таҳқиқи ҷомеъи як ё чанд давраи сухансанҷӣ бо мақсади боз кардани сайри густурдаи рушд ва таҳаввули ин шохаи мумтози адабиёт арзишманд хоҳад буд. Аз ин рӯ, таҳқиқи вежагиҳои як давраи муассири таърихиву назарии нақди адабии тоҷикӣ – охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX, яъне тарҳи сухансанҷии 50-60-сола аз дидгоҳи ғоявиву эстетикии он замон ба таври васеъ, густурда ва ҷудогона асоси ин таҳқиқ қарор ёфтааст.

Мубрамӣ, зарурат ва аҳаммияти ин таҳқиқотро моҳияти омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ (танқиди адабӣ) дар ҷусторҳои олимони тоҷик, ки аз солҳои 80-уми садаи XX оғоз ёфта, муайян мекунад. Моҳияти дигаргуниҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар давраи бозсозии шуравӣ ва аҳди Истиқлоли миллии Тоҷикистон (аз ибтидои солҳои 90-уми садаи XX) ба омӯзиши жарфтари мавзуъ ва падид омадани консепсияи хос ва баландмеъёр дар омӯзишу пажуҳиши таърихи танқид ва адабиётшиносӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Таҳқиқи бархе аз зуҳурот ва нишонаҳои афкори сухансанҷии охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX дар ду шароити сиёсиву иҷтимоӣ – аввалан, дар давраи шуравӣ ва, сониян, марҳалаи Истиқлоли миллӣ барои дарки моҳияти нисбатан васеъи адабиёт ва заминаву омилҳои ҷараёни афкори адабӣ мусоидат хоҳад кард. Аммо дар ҳар ду шароит ҳам шинохту қазовати қазия сатҳу савия ва рангу равиши барои он давра хосу муайян дорад. Аз ин сабаб, табиист, ки моҳияти афкори сухансанҷӣ бо меъёрҳои гуногун арзёбӣ шудааст. Дар давраи шуравӣ таҷрибаи мутолиаи таърихи нақди адабӣ дар сатҳу савияи ба шинохти арзишҳои он замон зарурӣ мавҷуд буд. Баъзе паҳлуҳои мавзуъ аз мутолиаи китобҳо дар заминаи таърихи адабиёти аҳди нав [**аз ҷумла**: 100; 276], ҳамзамон баъзе мақолаҳо [**ниг.**: 366, с. 38-49; 367, с. 32-37] ошкор мешаванд.

Бо вуҷуди ин бархе нишонаҳои равшан кардани зуҳуроту моҳияти ҷусторҳои танқидӣ ва афкори адабӣ дар давраи шуравӣ дар баъзе аз рисолаву

мақолаҳо барои таъйини асли консепсияи мавриди назари мо арзиши чашмрас доранд. Ин нуктаро махсус таъкид кардан зарур аст, ки чанде аз саҳифаҳои адабиётшиносии тоҷик ва моҳияти андешаҳои илмӣ-интиқодӣ дар ин давра, пеш аз ҳама, дар қолаби таҳқиқи афкори адабӣ-эстетикии адибону олимон, намояндагони барҷастаи адабиёти навини тоҷик С. Айнӣ [281], А. Лоҳутӣ [242], М. Турсунзода [228; 402; 446], Ҳ. Юсуфӣ [241; 391], А. Фитрат [273; 349], Н. Бектош [290; 342-I], Л. Бузургзода [245], Х. Мирзозода [282; 355] ва ғайра дақиқ шуда буданд. Дар ин замина аз бархе таълифот оид ба ташаккули афкори адабӣ-эстетикӣ дар солҳои бистуми садаи XX [227], нақши инқилоб дар афкори адабӣ-эстетикии тоҷик дар солҳои 20-уми садаи XX [225] ва ҳам моҳияти ҷусторҳои сухансанҷӣ, афкори назарӣ-эстетикӣ ва адабӣ-танқидии адибон ва ғайра метавон ёд кард.

Аввалин кӯшиши навиштани вазъи танқид ва адабиётшиносӣ, хоса баъзе ҷанбаҳои таърихиву назарии он ҳамчун дастури таълимӣ ба солҳои 80-уми садаи XX рост меояд. Ин гуна кӯшишҳо барои ба роҳ мондани таълими фанҳои «Таърихи танқиди адабию бадеии тоҷик», «Таърихи танқиди адабии тоҷик» ё «Нақди адабии тоҷик» мусоидат карданд [**дар ин бора ниг**.: 229, с. 3]. Дар ин давра ду асари адабиётшинос Соҳиб Табаров бо номҳои «Дастури таълим оид ба назарияи танқиди адабӣ» [343] ва «Асосҳои назариявии танқиди адабӣ» [345] ба вуҷуд омаданд, ки матолиби он бо равиши таҳқиқи марксистӣ-ленинӣ таълиф шудаанд. Ин асарҳо барои дарки масъалаҳои назариву таърихӣ ва жанрҳои нақд дар замони худ заминаи хуберо фароҳам оварданд.

Аммо таҷрибаи шинохти тамоюлҳои танқиди адабӣ пас аз нимаи дувуми солҳои 80-уми садаи XX дар ҷомеаи шуравии тоҷикӣ мазмуну моҳияти тамоман дигар дарёфт. Дар таълифоти ноқидон М. Шукуров (Шакурӣ), С. Табаров, А. Сайфуллоев, А. Сатторзода ва дигарон ба бархе паҳлуҳои муҳимми назарии мавзуъ бармехӯрем, ки дар меҳвари таҳқиқи давраи навини ташаккули нақди солҳои шуравӣ ҷойгоҳи хос доранд [319; 332; 346; 380].

Китоби мунаққиди шинохта Абдухолиқ Набиев «Адабиёт ва нақди адабӣ» [297] аз кӯшишҳои аввалини арзёбии баъзе аз саҳифаҳои таърихи танқиди адабии тоҷикии шуравӣ мебошад, ки манзараи ин давраро пеши назар меоварад. Муаллиф бо нақду баррасии вежагиҳои муҳимми афкори адабӣ ва адабиётшиносии нимаи аввали садаи XX чеҳраи мунаққиди тоҷик Н. Бектошро падид оварда, моҳияти ҷусторҳои илмӣ ва адабии замони мавриди назарро равшан кардааст [290]. Дар китобҳои дигари ӯ низ як қатор масъалаҳои адабиёт ва нақди адабии таҳқиқ шудаанд [277; 279; 282; 283; 284].

Таҳқиқоти адабиётшинос Маъруф Раҷабӣ оид ба масъалаҳои мубрами «Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ» [307] ва китоби ӯ «Ислом: Ҷадидия ва инқилоб» [306] дар як вақт ба таълиф ва ба нашр расида, рисолаи аввал ба сифати диссертатсияи докторӣ барои равшан кардани асосҳои илмии нақду адабиётшиносии солҳои 1920-1954 ва китоби дувум ба таҳқиқу шинохти яке аз ҷараёнҳои аз диди замон пурихтилоф – ҷадидия ва дар ин зимн ба ошкор кардани моҳияти нақду адабиётшиносӣ дар шинохти ин ҷараён аз дидгоҳи нав ихтисос доштанд. Чанд мақолаи муҳаққиқ дар маҷмуаи «Ба фикри ман» [308] ва китоби «Сотим Улуғзода – абармарди андеша» [309] низ дар ин ҳалқа фароҳам омадаанд. Кӯшишҳои шинохти таърихи нақд ва афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX дар ду китоби дарсии адабиётшинос Ҷумъа Ҳамроев «Таърихи танқиди адабӣ» [359] ва «Таърихи адабиёти навини тоҷик» [360] низ сурат гирифтааст.

Оид ба ҷанбаҳои таърихи адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ дар ин давра чанд рисолаву мақолаи муҳаққиқон Абдулҳай Маҳмадаминов [263; 264; 266; 267], Аламхон Кучарзода [255], Масрур Абдуллозода [Абдуллоев, 201; 202; 401] ва дигарон низ ба миён омадаанд, ки ҳар кадоме бо меъёрҳое муносиб ба равшан кардани моҳияти аслу ҳақиқати илмии нимаи аввали садаи XX пардохтаанд.

Расму равиш ва усули тозаи таҳқиқи таърихи адабиётшиносии навини тоҷик дар нимаи дувуми солҳои 80-уми садаи XX дар давраи истиқлоли миллӣ амиқтар рафт. Дар асарҳои илмии ин давра масъалаи худшиносии милливу

таърихӣ комилан аз дидгоҳи дигар ба миён омад, саҳифаҳои норавшан ошкор шуданд, бисёре аз паҳлуҳои ноаёни рӯзгору ҷусторҳои шахсиятҳои олимони адабиётшинос равшан гардиданд, силсилаи мақолаву рисолаҳо, ҳатто рисолаҳои номзадӣ оид ба ҷойгоҳи шахсиятҳои ноқид, аз ҷумла С. Айнӣ, М. Турсунзода, И. С. Брагинский, Т, Зеҳнӣ, Н. Бектош, А. Мирзоев, Л. Бузургзода, Х. Мирзозода ва ғайра навишта ва ба дифоъ расидаанд.

Таҳқиқи адабиётшиносӣ ва танқидии адабии охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX аз умдатарин мавзуъ дар вазъи имрӯза аст, ки ба дарки аслу моҳияти бисёр саҳифаҳои ҷолиби таваҷҷуҳу норавшан мусоидат мекунад. Мо кӯшишу ҷадалҳои хоссаи аҳли таҳқиқро дар ин самт чунин дастабандӣ кардем:

1. *Шинохти хусусиятҳои нақд ва афкори сухансанҷӣ вобаста ба таҳқиқи тазкираҳо дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX ва таъйини ҷойгоҳи интиқодии андешаҳои мусаннифони онҳо*. Ин самт, ба воситаи пажуҳишҳои адабиётшинос Р. Ҳодизода [441] шакл ёфта, бо китоби дигари ӯ «Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX» [346] ва пажуҳишҳои олимони дигар идома пайдо кардааст. Нашри теъдоди назарраси тазкираҳо дар давраи шуравӣ ва ҳам Истиқлоли миллӣ дар Тоҷикистону Эрон, таҳқиқи вежагиҳои наққодии тазкираҳои маъруфи ин марҳалаи таърихи адабиёти тоҷик, ба вуҷуд омадани чандин рисола ва мақола дар хусуси афкори сухансанҷӣ ва назари ноқидона дар тазкираҳо ин ҷараёнро вусъату такмил медиҳад.

2. *Шинохти хусусиятҳои нақди адабии ин ду давра ба василаи таҳқиқи таърихномаҳои аҳди маорифпарварӣ ва ҷадидӣ*, ки ба ин васила бо нишонаҳои зуҳуроти афкори адабӣ ва назари интиқодии мусаннифон метавон ошно гардид. Моҳияти қазияро навиштаҳои аҳли таҳқиқ Р. Ҳошим [364, с. 55-64], К. Айнӣ [63, с. 8-28], Бахром Мирсаидов [279, с. 215-224] ва дигарон бозгӯ мекунанд.

3. *Шинохти моҳияти танқид ва ҷойгоҳи он дар матбуоти навпайдои форсӣ-тоҷикии ҳавзаи Осиёи Миёна ва нашриёҳои нави давраи шуравӣ*. Оид ба саҳифаҳои танқид дар сарчашмаҳои матбуотӣ аз рисолаву навиштаҳои зумрае аз муҳаққиқони тоҷик Валӣ Самад [325, с. 115-166], Абдухолиқ Набавӣ [286;

291], Пайванди Гулмуродзода [288; 418], Олим Салимов [440], Нуъмонҷон Ғаффоров [237; 414; 415], Ҳамза Боқиев [406], Хуршед Андамов [214], Абдуқодир Шехов [390], Муҳаммадиқбол Атоев [216] ва дигар муҳаққиқон оид ба зуҳури накд дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ва маҷаллаи «Оина» [238; 286; 414, 418], ҳамзамон Абдулҳай Маҳмадаминов [265], Ҷумъабой Азизқулов – оид ба муаммоҳои нақди адабӣ дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб», М.А. Саидхоҷаева – масъалаҳои назарии нақди адабӣ дар маҷаллаи иҷтимоӣ-адабии «Раҳбари дониш» [315] ва ғайра метавон ёд кард.

4. *Арзёбии масъалаҳои нақду адабиётшиносӣ дар силсилаи асарҳо оид ба шахсиятҳои пажуҳандаи он замон.* Ин шеваи таҳқиқу омӯзиши мавзуъ хеле маъруф аст, ки бархе падидаҳои он дар замони шуравӣ оғоз шуда ва дар аҳди истиқлоли миллӣ китобу рисолаҳо дар ин бора ба нашр расидаанд. Муҳимтарин ибтикорро таҳқиқи афкори ноқидии шахсиятҳои барҷастаи равшангар Аҳмади Дониш, Садри Зиё, Мир Сиддиқхони Ҳашмат, Афзал-махдуми Пирмастӣ, Абдулазими Шаръӣ, Абдурраufи Фитрат, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Садриддин Айнӣ, Раҳим Ҳошим, Тӯрақул Зеҳнӣ, Нарзуллоҳи Бектош, Абдулғанӣ Мирзоев, Холиқ Мирзозода, Лутфулло Бузургзода ва дигарон дар бар мегирад.

Бо вуҷуди ин дар таърихи адабиёт ва нақди адабии тоҷик бисёр нуктаҳои норавшан ва камтаҳқиқ мавҷуданд, ки ин ҳама моро водор мекунад, ба масъалаи таҳқиқи умдатари афкори адабӣ ва сухансанҷӣ дар ҷамъи масъалаҳои куллии замон пардозем. Таҳқиқ ва бозгӯйи ҷудогонаи таърихи нисбатан ҷомеъи нақди адабӣ дар беш аз ним асри то солҳои 50-уми садаи бист барои дар оянда пеши назар овардани манзараи куллии ин шохаи адабиётшиносӣ муҳим мусоидат мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ё мавзуъҳои илмӣ**. Мавзуъ, муаммо ва қазияҳое, ки дар диссертатсия ба таҳқиқ расиданд, дар доираи чанд самти корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», бо барномаи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ дар мавзуъҳои «Адабиёт ва нақди адабии тоҷикии садаи бист аз нигоҳи арзишҳои

миллӣ ва моҳияти бадеӣ-эстетикӣ» (2016-2020), «Масъалаҳои таърих, нақд ва робитаҳои адабӣ дар адабиёти навини тоҷик» (2021-2025), «Дурнамои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Институти илмҳои ҷомеашиносӣ дар назди МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (2021-2025), лоиҳаи «Таҳқиқ ва нашри сарчашмаҳои адабии охири асри XIX ва ибтидои асри XX» (2018-2022) (рақами қайди давлатӣ ГР № 0118 TJ 00948) робитаи хеле зич доранд.

Натиҷаву хулосаҳои ин таҳқиқ дар таҳия ва такмили барномаҳои илмиву таълимӣ оид ба «Таърихи нақди адабии тоҷик» дар зинаҳои докторантӣ, магистрантӣ ва бакалаврӣ метавонанд истифода шаванд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ**. Ҳадафи асосии ин диссертатсия пажуҳиши масъалаҳои таърих ва назарияҳои нақди адабии охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX дар заминаи омӯзиши васеи асарҳои адабӣ, илмӣ, таърихӣ ва матбуотии маорифпарвариву ҷадидӣ ва ҳамзамон беш аз сӣ соли давраи шуравӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ**. Бо назардошти вусъати таърихиву назарии мавзуъ ҳалли чунин вазифаҳои мушаххас ба миён гузошта шудааст:

– муайян кардани заминаҳои аслии шакл гирифтани нақди адабӣ ва назари интиқодии маорифпарварӣ ва ҷадидӣ;

– равшан кардани моҳияту равиши таҳқиқ ва нақди адабиёт дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX;

– бозшиносӣ ва муаммои нашри сарчашмаҳои адабиву интиқодии ибтидои садаи XIX-ибтидои садаи XX;

– таъйини марҳалаҳои афкори сухансанҷии нави тоҷик;

– арзёбӣ ва шинохти меъёрҳои сухан дар тазкираҳо;

– таъйини ҷойгоҳи маҳфилҳои сухан ва анъанаи нақд;

– арзёбии нақди адабӣ дар оинаи матбуоти тоҷик;

– таҳқиқи вежагиҳои нақд дар китобҳои таърихи адабиёт дар аҳди нав;

– арзёбии мақоми шоирони форс-тоҷик аз назари нақд;

– арзёбии ҷойгоҳи намояндагони нақди адабӣ.

**Объекти таҳқиқ.** Обекти асосии таҳқиқот дар ин диссертатсия сарчашмаҳои адабӣ, таърихӣ ва тазкираҳои охири садаи XIX-ибтидои садаи XX, маводи адабӣ-танқидии матбуоти миллии тоҷик – «Бухорои шариф», «Оина», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Дониш ва омӯзгор», «Раҳбари дониш» («Дониш-биниш», «Барои адабиёти сотсиалистӣ», «Шарқи сурх»), асарҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва илмӣ-публитсистӣ дар солҳои 20-50-уми садаи бист, маҷмуа ва китобҳои ҷудогонаву дастҷамъӣ, дастуру санадҳои расмӣ ва номаҳои аҳли илму адаб мебошанд.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқ**: Мавзуи таҳқиқи диссертатсия шакл гирифтани равандҳои нақди адабӣ ва сухансанҷии тоҷикӣ дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX мебошад.

**Асосҳои назарии таҳқиқот**. Асосҳои назарӣ дар диссертатсия ба дастовардҳои адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ В. Жирмунский, Ю. Б. Борев, Б. А. Бурсов, А. Зарринкӯб, С. Шамисо, С. Айнӣ, Ш. Ҳусейнзода, Х. Мирзозода, А. Мирзоев, С. Табаров, М. Шукуров (Шакурӣ), Р. Ҳодизода, А. Сайфуллоев, С. Сиддиқов, С. Амирқулов, Ҷ. Бобокалонова, В. Самад, Х. Асозода, М. Раҷабӣ, А. Набавӣ (Набиев), М. Абдуллоев, А. Маҳмадаминов, А. Кучарзода, Ҷ. Ҳамроев, М. Мирзоюнус, А. Худойдодов, П. Гулмуродзодава дигарон такя мекунад.

**Асосҳои методологии таҳқиқ**. Диссертатсия ба равиши таҳқиқи қиёсӣ-таърихӣ ва таҳлили таърихӣ-типологӣ навишта шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ**. Ба сифати сарчашмаҳои асосии таҳқиқи диссертатсия асарҳои адабиву таърихии суханварони маъруф Аҳмади Дониш, Абдуррауфи Фитрат, Садри Зиё, Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, Ҳоҷӣ Азими Шаръӣ, Мирсиддиқхони Ҳашмат, Неъматуллоҳи Муҳтарам, Афзал-махдуми Пирмастӣ, Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ, Садриддин Айнӣ, маҷмуаи дастаҷамъии «Намунаҳои адабиёти тоҷик», фотоакси комил ё маводи ҷудогонаи илмӣ-адабиётшиносӣ аз нашрияҳои тоҷикии «Бухорои шариф, «Оина», «Дониш ва омӯзгор», «Раҳбари дониш», «Барои адабиёти сотсиалистӣ», «Шарқи сурх»,

феҳристи «Солномаи матбуот» (то нимаи аввали солҳои 50-уми садаи XX), маҷмуаҳои адабӣ, ашъори шоирону нависандагон ва пешгуфторҳои онҳо, рисола, мақола ва гузоришҳои илмӣ-танқидӣ ва номаҳои адибону муҳаққиқон С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, Т. Зеҳнӣ, Р. Ҳошим, С. Улуғзода, А. Деҳотӣ, А. Мирзоев, Ш. Ҳусейнзода, А. Фитрат, Х. Мирзозода, Л. Бузургзода ва дигарон ба кор омаданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Навгониҳои илмӣ дар диссертатсия дар нуктаҳои зерин зоҳир шудаанд:

1. бори аввал таҳқиқи заминаҳои аслии шакл гирифтани нақди адабӣ ва назари интиқодии адибони равшангар дар маҷрои умумии таърихи ташаккули афкори сухансанҷии тоҷикӣ сурат гирифтааст;

2. бори аввал моҳияту равиши таҳқиқ ва нақди адабиёт дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX бо такя ба сарчашмаҳои ин давра равшан шудааст;

3. бори аввал масъалаи бозшиносӣ ва муаммои нашри манобеъи адабиву интиқодии ибтидои садаи XIX – ибтидои садаи XX манзури назари аҳли таҳқиқ гардидааст;

4. аввалин маротиба вежагиҳои ду марҳалаи муҳимми афкори адабӣ ва сухансанҷии навини тоҷик – марҳалаи то инқилобӣ ва баъди инқилоб дар пайвастагӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст;

5. ин диссертатсия аввалин кӯшиши арзёбии ҷамъи тазкираҳо ва нақши онҳо дар шаклгирии нақди навини тоҷикӣ мебошад, ки меъёрҳои қазовати суханро дар ин гуна асарҳо бозгӯӣ мекунад;

6. дар диссертатсия аввалин дафъа ба ҷойгоҳи афкори наққодӣ дар маҳфилҳои адабӣ сухан рафта ва он ҳамчун идомаи анъанаҳои мақбули нақди адабӣ дар гузашта гуфтугӯ шудааст;

7. яке аз навгониҳои дигар пажуҳиши вежагиҳои нақд дар мисоли кӯшишҳои офаридани китобҳои таърихи адабиёт дар давраи навин зоҳир мешавад.

8. дар рисола нахустин маротиба ба ҷойгоҳи нақди адабӣ дар аввалин таърихи адабиёти замони нав – «Очерки адабиёти советии тоҷик» баҳо дода шуда, он чун кӯшиши аввалини адабиётшиносону ноқидон дар заминаи офаридани китобҳои таърихи адабиёт баррасӣ ёфтааст.

## Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда

1. Нақди адабии охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX-ро асосан чун идомаи анъана ва суннатҳои сухансанҷии форсӣ-тоҷикӣ метавон шинохт. Афкори адабӣ-интиқодии равшангари тоҷик Аҳмади Дониш ва дигар сухансанҷон ба андешаҳои интиқодии гузашта такя доранд ва бо андешаҳои онҳо падидаи нақди иҷтимоӣ дар ин давраи ҷусторҳои фикрӣ ба вуҷуд омад. Таълимоти Аҳмади Дониш дар хусуси адабиёт, шеър ва ҷанбаи фарорафти ҳикмат дар он ба омӯзаҳои таърихӣ ва мазҳабӣ такя дорад. Назари ӯ оид ба осори адабӣ дар заминаи моҳияти иҷтимоиву мазҳабии адабиёт баён шудаанд. Аҳмади Дониш бо шарҳи шеъри Мирзо Бедил ва дигар шоирон барои фароҳам овардани назари махсуси адабӣ замина фароҳам овардааст.

2. Фарогирии масъалаҳои таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикии садаи XIX ва ибтидои садаи XX аз роҳи нашр, таҳқиқ ва нақду баррасии манбаъҳои дараҷаи аввал, махсусан шинохти мақоми тазкираҳо дар таърихи адабиёти ин давра, таъйини арзишҳои адабиву таърихӣ, мухтассоти замону макон, шароити таълифу тадвин, нақши ин навъ осор дар бознамоии ташаккули адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аз муҳимтарин дастовардҳои адабиётшиносӣ дар қаламрави форсизабонони Осиёи Миёна ба ҳисоб меравад.

3. Коркарди консепсияи фаҳмиши нав ва баҳо додан ба давраҳои адабиёт аз вазифаҳои аввалиндараҷаи аҳли таҳқиқ дар шароити имрӯз мебошад. Дар сурати фаро гирифтани паҳлуҳои гуногуни масъала ва баррасии ҳамаҷонибаи сайри таҳаввули нақд имкон ба даст меояд, ки таърихи ҷомеи адабиёти замони нав, адабиётшиносӣ ва нақди адабии муосир ба вуҷуд ояд. Ин кори муҳимми дастҷамъист. Алҳол таърихе мукаммал ба миён наомада, танҳо кӯшишҳое дар

ин замина сурат гирифтаанд. Ба ин сабаб дар китобҳо оид ба таърихи адабиёти нав дар баҳодиҳӣ ба адабиёт ва муайян кардани нақши адибон дар пешрафти адабиёт ноҳамгунӣ ва ихтилофи назар ҷой доранд, ки ин масъала дар робита бо масъалаи даврабандӣ бояд баррасӣ гардад.

4. Ба ин муносибат яке аз масъалаҳои мубрам дар ин замина таваҷҷуҳи ноқидон ба зуҳурот ва рӯйдодҳои кишварҳои дигар, аз ҷумла ба равнақи илму маориф ва адабиёту фарҳанги кишварҳои шарқӣ дар ибтидои садаи XX мебошад, ки дар маъхазҳо нақш ёфта ва диққати аҳли таҳқиқро ба худ мекашад. Ноқидон ҳамеша ва дар ҳар мавриди созгор ба навсозии шуур ва тафаккури насли нави тоҷик бо дарки аслу моҳияти рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии кишварҳои дигар рӯ оварда, ҳар маводи муфидро дар банду басти тафаккури илмиву эҷоди адабии худ ва насли замон ба кор гирифтаанд. Аз ҷумла, барои С. Айнӣ ва дигар равшангарони замон яке аз роҳу василаҳои расидан ба рушди адабиёт, матбуот ва мактабу маориф намунаи шарқии рушди ин ақливу зеҳнӣ будааст.

5. Дар асарҳои интиқодии ибтидои садаи XX масъалаҳои адабиёт якҷо бо муаммоҳои иҷтимоӣ баррасӣ шудаанд. Дар нимаи аввали садаи XX то ҳадде дар заминаи таҳқиқи масъалаҳои таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, нақди адабӣ, шеършиносӣ, фолклор, тарҷума ва равобити адабӣ корҳои ҷолиб падид омадаанд. Яке аз нуктаҳои аслии афкори адабии тоҷикии нимаи аввали садаи XX бозгӯи саҳми тоҷикон ба мероси адабии гузашта мебошад. Аҳли таҳқиқ бо такя ба таҷрибаи нави баррасӣ ва истифодаву баҳрамандӣ аз шеваҳои гуногун дар дастрасӣ ба мероси адабии гузашта қадами расо ва мушаххас ба миён гузоштанд. Ин давраи бандубаст ва тарҳрезии заминаҳои афкори адабии халқи тоҷик мебошад.

6. Тазкирашиносӣ – таҳқиқи тазкираҳо ва ҷойгоҳи онҳо дар сайри таҳаввули адабиёти форсӣ, хоса таваҷҷуҳи ҷудогона ба равишҳои наққодӣ перомуни тарҷумаи аҳволи шоирон моро ба дарки чандин нуктаҳо водор мекунад. Ин навъ асарҳо дар шинохти поя, муҳтаво, усул, равиш, сабки бозҷустҳои нақд дар

қаламравҳои забону адабиёти форсии тоҷикӣ ба сифати маъхази муҳим ва фарогири асноди дасти аввал нуфуз пайдо карда, онҳо василаи ривоҷи афкори сухансанҷӣ гаштаанд. Равишҳои наққодӣ перомуни тазкираҳо мавзуи мумтозу мушаххас аст. Ин нукта низ ҳаст, ки то ҳол ахбор ва асноди тазкираҳо сабаби ихтилофи зиёд дар таҳқиқи таҳаввули таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва шинохти ҷойгоҳи шеъру шоирӣ дар миёни милали форсизабон дониста ва ё пиндошта шудаанд. Аммо таҳқиқи тазкираҳо собит мекунанд, ки онҳо на манбаи дасти ду, балки дар бештар маврид ба сифати манбаи асл барои таърихи адабиёт ба хидмат меоянд.

7. Аз байни тазкираҳои форсии тоҷикии ин давра муаллифи диссертатсия аввалин маротиба таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқро ба «Намунаи адабиёти Эрон» ном асари донишманди озарбойҷонӣ Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ ҷалб кардааст, ки он аз рӯйи дастури таърихӣ ва силсилаи хонаводагии ҳокимиятҳо тарҳрезӣ шуда ва пешвои маънавии адабиёт ва фарҳанги навини тоҷикӣ Садриддин Айнӣ борҳо ба он рӯйи ниёз оварда, диққати хонандаро ба нигоришу андешаи мусаннниф бурда, завқи адабшиносиву адабпарварии ононро бедор карданӣ шудааст.

Аз гузориши қиёсии кӯтоҳи ин ду асар, хоса рӯйкард ба асли матни китоби С. Айнӣ равшан мешавад, ки тазкираи Мирзо Муҳсин пурсамар истифода шуда, мутолиагари ҷиддиназар аз асли матни «Намунаи адабиёти тоҷик» чунин дармеёбад, ки мусанниф аз ин манбаи арзишманд ба таври муфид ва муносиб маъниву матлаб бардошта ва арзиши аслии онро ба хонандаи Фарорӯд хуб расонида будааст. Ба ин маънӣ, аввалин асаре, ки моро бо чигунагии маҳсули олими озарбойҷонӣ аз адабиёти тоҷикони замони нав ошно месозад, ҳамин «Намунаи адабиёти тоҷик» мебошад.

8. Охири садаи XIX – ибтидои садаи XX давраи муҳимми омӯзиши осори манзуму мансур мебошад, ки дар ин хусус тазкираҳо, намунаҳои матбуот ва осори адабиву таърихӣ дарак медиҳанд. Дар давраи шуравӣ (солҳои 20-50-уми садаи XX) баҳсҳои таърихӣ, назарӣ, пайвандҷӯиву пайвандсозии фарҳанги

навини шуравӣ махсуси афкори олимони замон аст, ки ба пажуҳиши масъалаҳои таърихиву назарии адабиёт, аз ҷумла рӯзгору мерос ва афкори адибони гузаштаи форсу тоҷик устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Шайх Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва ғайра заминаи муносиб фароҳам овард. Силсилаи таълифоти илмӣ аз хусуси шоири маъруфи тоҷикон Камоли Хуҷандӣ маҳз дар ин давра падид омадаанд.

Мухтаво, афкор ва андешаи илмӣ дар ин гуна осор ба шаклбандии тафаккури як давраи томравои дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоии ҷомеа хидмат кардаанд. Аз ин рӯ, дарки вежагиҳо, арзишу аҳаммият, усул ва сабки ин осор моҳиятан ба равшан кардани саҳифаҳои ҷолиби диққати таърихи афкори адабии тоҷикӣ низ равшан мусоидат хоҳад кард.

9. Баррасии заминаҳои мафкуравӣ ва таърихии рӯйкарди ноқидон ва адабиётшиносони тоҷик дар ин давра ба адабиёти гузашта ва ба миён омадани пажуҳишҳо дар ин самт аз назари имрӯз – давраи нави худшиносии милливу таърихӣ низ ибратомӯз аст. Ин амр моро ба дарки ҳарҷонибаи моҳияти афкори адабӣ ва адабиётшиносии шуравӣ, муносибат ба баҳрамандии замон аз адабиёти гузашта дар марҳалаҳои нахустини шаклгирии он наздик мебарад.

Баҳсу баррасӣ перомуни мероси адабии гузаштаи форсӣ-тоҷикӣ ва радду бадали мансубияти адабиёти форсӣ танҳо ба тоҷикони Осиёи Миёна ё эрониёни хориҷ аз он дар кишвари шуравӣ бо пажуҳиши рӯзгор ва осори намояндагони адабиёти мо сахт гиреҳ мехӯрад, ки таваҷҷуҳ ба он аз арзишу аҳаммияти хос бархурдор аст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ**. Омӯзиши сайри таърихӣ, таҳаввули нақди адабӣ ва дидгоҳи сухансанҷии охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX барои вусъат ёфтани чашмандози адабӣ ва интиқодии насли имрӯз муҳим аст ва он барои адабиётшиносӣ арзиши назаррас дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқ зимни нигориши таърихи мукаммали танқиди адабӣ ва адабиётшиносӣ, таърихи афкори сухансанҷӣ дар адабиёти нави форсии тоҷикии

охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX, зимни таҳқиқи масъалаҳои умдаи суханварӣ, таҳияи маводи таълим ва омода сохтани китобҳои дарсӣ аз таърихи адабиёт, нақди адабӣ барои омӯзиш дар факултетҳои филологияи тоҷики донишгоҳҳо, курсҳои таърихи нақди адабӣ дар факултетҳои мактабҳои олии Тоҷикистон ва хориҷ аз он метавонанд ба кор раванд. Ҳамчунин, хулосаву натиҷаҳои таҳқиқи муаллифи диссертатсия метавонанд дар пажуҳиш ва таълифи рисолаҳои илмӣ перомуни масоили таърихи адабиёту адабиётшиносӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсия дар мавзуи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқ аст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Саҳми фардии муҳаққиқ дар омӯзишу баррасии шакл ёфтани нақди адабӣ, афкори интиқодӣ ва сухансанҷии тоҷикии охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX, ҷамъоварии маводи фаровон дар заминаи ин мавзуъ, нақду таҳлил ва натиҷагирӣ, омӯзиш ва нақду таҳлили масъалаҳои умдаи таърихи нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ, чигунагии дидгоҳҳои ноқидони сухан, равшан кардани таъсири сухансанҷӣ ба раванди он, баҳо додан ба ҷойгоҳи асарҳои интиқодӣ, таҳия ва ба нашр омода кардани матни силсилаи сарчашмаҳои муҳимму арзишманди нимаи аввали садаи XX, аз ҷумла «Рӯзнома», «Тазкори ашъор»-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, «Маҷаллаи «Раҳбари дониш»: маводи илмӣ-адабиётшиносӣ», маҷмуаи матни мақолаҳои илмӣ-интиқодии Ҷалол Икромӣ ва Сотим Улуғзода (ба чоп омода) ва матни маҷмуаи илмиву адабии «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (ба чоп омода) ва ғ. мебошад.

Муаллиф ба таҳияи бархе аз чунин манбаъҳо ба сифати муовини роҳбари лоиҳаи «Таҳқиқ ва нашри сарчашмаҳои адабии охири асри XIX ва ибтидои асри XX» барои солҳои 2018-2022 (рақами қайди давлатӣ ГР № 0118 TJ 00948) камар

баста ва, ҳамчунин, ба нашри монография, маҷмуаи мақолаҳо ва қариб 80 мақолаи актуалӣ дар ин замина саҳм гирифтааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Унвонҷӯ дар заминаи мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсия дар беш аз чиҳил симпозиум ва конференсияи байналмилаливу ҷумҳуриявӣ дар заминаи масъалаҳои забон ва адабиёти тоҷик, муаммоҳои адабиётшиносӣ ва накди адабӣ, ки солҳои 2004-2023 дар шаҳрҳои Душанбе, Теҳрон, Ереван, Тошканд, Тирмиз, Самарқанд, Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа (Бохтар), Панҷакент ва ғайра баргузор шуданд, хусусан «Анҷумани 5-уми байналмилалии устодону муҳаққиқони забон ва адабиёти тоҷику форс», «Рӯдакӣ ва ташаккули забони адабии тоҷик», «Мақоми Рӯдакӣ дар муколамаи фарҳангҳо», «Ҳамоиши ҳазораи Носири Хусрави Қубодиёнӣ», «Ҷойгоҳи Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ дар адабиёти тоҷик», «Устод Айнӣ ва илму адабу фарҳанг», «Саҳми Тӯрақул Зеҳнӣ дар рушди илму адаб ва фарҳанги тоҷик», «Ҷойгоҳи Камоли Хуҷандӣ дар адабиёти тоҷику форс», «Сотим Улуғзода ва адабу фарҳанги миллӣ», «Тӯрақул Зеҳнӣ ва масъалаҳои забон, адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ», ҳамзамон конференсияҳои зиёди вилояти Суғд ва МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», маҳфилҳо ва семинарҳои илмӣ-назарии кафедраҳои адабиёти муосири тоҷик, журналистика ва назарияи тарҷумаи факултети филологияи тоҷик (солҳои 2002-2023) суханронӣ намудааст. Матолиби мавриди назари диссертант дар автореферат, рисола ва маҷмуаи мақолаҳо, мақолаҳои ҷудогона дар маҷмуа ва маҷаллаҳои гуногуни илмӣ таҷассум ёфтаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаҳои васеъи кафедраи адабиёти муосири тоҷики факултети филологияи тоҷики МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (15.02.2024, суратмаҷлиси №7) муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия**. Хулосаҳои асосии муаллифи диссертатсия дар 3 рисола ва маҷмуаи мақолаҳо, 2 дастури таълим, 79 мақолаву фишурдаи мақола, аз ҷумла 16 мақола дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 56 мақола ва 7 фишурдаи мақола дар дигар маҷмуаву маҷаллаҳои гуногуни илмӣ баррасӣ шудаанд. Илова ба ин муаллиф аз рӯйи мавзуи таҳқиқ дар таҳияву нашри матни сарчашмаҳои ин давра саҳм гузоштааст.

**Сохтору ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, 4 боб (16 фаслу 5 зерфасл), хулоса ва рӯйхати адабиёт фароҳам омадааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 360 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ШИНОХТИ АФКОРИ СУХАНСАНҶИИ НАВИНИ ТОҶИК

## I.1. Марҳалаҳои адабиётшиносӣ ва нақди адабии навини тоҷик

Ҳар муҳаққиқе, ки даст ба корҳои бунёдии шинохти адабиёт мезанад, ногузир бо масъалаи даврабандии адабиёт рӯ ба рӯ меояд ва ҳар муаллифе, ки ба таҳқиқи таърихи адабиёт ва таълифи китобҳои дарсӣ дар ин замина даст мезананд, бо такя ба равишҳои гуногуни илмӣ муаммои даврабандиро баррасӣ мекунанд. Дар адабиётшиносии мо вобаста ба панҷ навъи зерин даврабандии адабиёт бар асоси хонадонҳои фармонраво, сабқати замон, навъ ё жанр, сабку мактабҳои адабӣ, рӯйдодҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва давраҳои оми таърихӣ сурат гирифтааст [330, с. 6; 332, с. 172; 333, с. 10].

Дар мавриди таҳқиқи адабиёти охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX низ ба масъалаи муҳимми даврабандӣ рӯбарӯ мешавем. Гарчанде А. Маҳмадаминов дар китоби «Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ» асосан дуруст менависад, ки «марзбандии таърихи адабиёти равон дар адабиётшиносии муосири тоҷик аз «Намунаи адабиёти тоҷик» оғоз ёфта», бо вуҷуди ин заминаҳои ин масъала андак пештар ба миён омадааст.

Барои исботи ин матлаб ба тазкираи муҳаққиқи озарбойҷонӣ Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ «Намунаи адабиёти Эрон» [25] диққат медиҳем, ки дар ҳавзаи илмиву адабии тоҷикии солҳои 20-уми садаи XX арзиши назаррас дошт ва матолиби таърихи адабиёти ҳавзаи Осиёи Миёна дар он ҷойгоҳи хос дарёфта будааст. Ҳарчанд дар ин асар қазияи даврабандӣ бевосита ба миён наомадааст, аммо маводи таърихи адабиёт дар он бо такя ба суннати «пайдарпайии хонаводагии ҳокимиятҳо» тарҳрезӣ шудааст. Дар ин ки ба таъбири аҳли таҳқиқ ин тазкира «аз рӯйи дастури таърихӣ ва силсилаи хонаводагии ҳокимиятҳо» ба миён омада, ин худ ишора ба як навъ қазияи даврабандӣ аст. Худи С. Айнӣ ҳам ба таҷрибаи марҳалабандии адабӣ дар бархе аз осори таърихи адабиётнависони он замон ишора дошта ва аз кӯшишҳои мусаннифону муаллифони китобҳои

«Намунаи адабиёти Эрон», «Материалҳои адабиёти Озарбойҷон», «Таърихи адабиёти турк», «Таърихи адабиёти totop» бамаврид ба ёд оварда ва аз корбурди дастури даврабандӣ дар он марҳала хеле равшан дарак додааст [54, с. 177].

Ба ин маънӣ аввалин маротиба дар ҳавзаи адабиётшиносии навини тоҷик дар тазкираи С. Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» навъе марзбандии адабиёт дар робита ба «аҳволи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар асру овон» сурат гирифтааст.

Дар ин китоб ба се гунаи давраи таърихи адабиёт бармехӯрем:

Давраи якум солҳои 300-1200 ҳ.;

Давраи дувум: солҳои 1200-1343 ҳ.;

Давраи севум: 1905-1925.

Чунин ба назар мерасад, ки аз ҳамон овон ин аз мубоҳисаангезтарин нуктаҳо буда ва, аз ин рӯ, баҳсҳои вобаста ба даврабандӣ аз ҳамон вақт оғоз шуда ва Б. Азизӣ яке аз аввалинҳоест, ки даврабандии мазкурро ба интиқод гирифта ва дар тақризаш ба китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» ба ин маънӣ баҳс оғоз кардааст. Аз рӯй ҳукми Б. Азизӣ С. Айнӣ «тақсими китобро (манзураш ба давраҳо ҷудо кардани таърихи адабиёт аст – С. А.) ба эътибори асри шоирон накарда, балки ба эътибори мартаба ва суханони онон мутобиқи давраи иҷтимоии мо мекард... ва ин хеле сабук ва мумкин ҳам буд» [79, с. 182].

Аз посухи С. Айнӣ ба Б. Азизӣ бармеояд, ки ӯ ба хотири осон шудани навиштани таърихи адабиёт ба усули марксизм барои ҷавонони оянда маводи китобро дар заминаи адабиёти гузашта ба чунин давраҳо тақсим карда буда ва ба дастури марксизм имтиёз дода будааст. Аз рӯйи гуфтаи С. Айнӣ «назар ба дастури марксизм дар адабиёт ашхос ҳеч аҳаммият надорад, балки омили ҳақиқӣ аҳволи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсист. Чун ин аҳвол ба ҳар давра дигаргун мешавад, ночор бояд қисм-қисм давраҳоро ҷудо карда шавад» [54, с. 177]. Бо такя ба чунин кӯшишҳои С. Айнӣ А. Маҳмадаминов ба «масъалаи марзбандии таърихи адабиёт дар ҳамбастагӣ бо муҳимтарин ҷараёнҳои таърихиву адабӣ» диққати зарурӣ додааст [**ниг**.: 263, с. 91-94].

Аз дигар даврабандии таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ кӯшишҳои адабиётшиносони тоҷикро дар сарсухани «Намунаҳои адабиёти тоҷик» [99] низ метавон ёд кард, ки дар консепсиясозии он саҳми С. Айнӣ ва И. С. Брагинский барҷаста ифода шудааст. Дар китоби мазкур адабиёти тоҷик бо такя ба меъёрҳои иҷтимоӣ «ба ду давраи асосии тараққӣ» ҷудо мешавад:

«1. Этапи тооктябр – давраи ҳукмронии муносибатҳои феодалӣ;

2. Этапи баъд аз октябр – дар бораи мубориза барои барқарор намудани муносибатҳои сотсиалистӣ ва ғалабаи сотсиализм дар Тоҷикистон» [99, с. XIII].

Баробари ин ҳудуди марҳалаи тооктябрии адабиёти тоҷик аз ҷиҳати замон ва макон низ муайян шудааст. Ин усули даврабандӣ дар сарсухани нашри русии ин маҷмуа – «Антология таджикской поэзии» [133] низ бозгӯ шудааст.

Яке аз аввалин адабиётшиносоне, ки дар ин давра усулан ва ҷудогона ба баррасии масъалаи муҳим пардохтааст, И. С. Брагинский аст ва ӯ ҳам дар чанд мақолаи «Оид ба масъалаи ба давраҳо тақсим кардани таърихи адабиёти тоҷик», «Дар иртибот ба масъалаи даврабандии таърихи адабиёти форсӣ ва тоҷикӣ», «Дар бораи ҳудуди даврабандӣ дар адабиёти Шарқ», «Назаре дар даврабандии адабиёти классикии форсӣ ва тоҷикӣ» (бо ҳамқаламии А. Н. Болдырев) ва ҳам дар китоби «Очерки из истории таджикской литературы» оид ба марҳалаҳои адабиёти аҳди шуравӣ изҳори назар намудааст [143, с. 437]. Дар ин китоб ӯ се давраи асосии инкишофи адабиёти шуравиро ном гирифтааст: то давраи ҷанг (1929-1941), давраи ҷанг (1941-1945) ва баъди ҷанг – 1945 то замони чопи китоб (1956).

Дар китоби «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» (1956-1957) тақсимот аз рӯйи принсипи даврабандии таърихи халқи тоҷик – адабиёти тоҷик давраи Инқилоби октябр ва устувор гардидани ҳокимияти шуравӣ (1917-1929), маҳралаи панҷсолаҳои пеш аз ҷанг (1930-1941), солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945), давраҳои пас аз ҷанг [98, с. 31] ба мушоҳида мерасад.

Тақсимот аз рӯйи воқеаҳои сиёсиву иҷтимоии таърихи ҷомеа, замон ва тибқи даврабандии адабиёти советӣ тақрибан дар ҳамаи китобҳои таърихи адабиёти советии тоҷик ба ҳам монанд сурат гирифта буд.

Баъзе даврахои мавриди назар – «назму насри солҳои 20-ум», «насри солҳои 30-юм» ва насри солҳои баъди ҷанг дар китоби шашҷилдаи «Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо» низ баҳсу баррасӣ шудааст. Аммо дар ин асар «тадқиқи илмӣ аз рӯйи жанрҳои ҷудогона» ва «дар доираи ҳар яке аз давраҳои инкишофи адабӣ сурат гирифт»-ааст [276, с. 7].

Дарки амиқи чунин масъала бархе муҳаққиқонро барои баррасии нави даврабандии адабӣ берун аз қолаб раҳнамун шудааст. Аз ҷумла, профессор Р. Мусулмонқулов бо тақозои бозсозӣ ва таҷдиди назар ба масъалаҳои ҳалталаби адабиётшиносӣ оид ба аслу моҳият ва ҷавҳари «даврабандии адабиёти навини тоҷик» изҳори андеша ва назар карда, дар натиҷаи нақду баррасии иҷмолии адабиёти аҳди нав ва бозгӯйи кӯшишҳои қолабшикании адибон як навъ даврабандии навинеро иборат аз чаҳор марҳала пешниҳод кардааст, ки ду давраи аввали он ба марҳалаи мавриди назари мо алоқа дорад:

1. Солҳои 1900-1920 – марҳалаи гузориши таҳкурсии адабиёти навин;
2. Солҳои 1920-охири солҳои 50-ум – марҳалаи таҳаввули адабиёти реалистии тоҷик [284, с. 6].

Муҳимтарин ибтикоре, ки Р. Мусулмонқулов ба миён ниҳодааст, ба даврабандии адабиёти ин давра шомил кардани «адабиёти то инқилоби халқии Бухоро» низ буд, ки «заминаи бевоситаи адабиёти советии тоҷик దониста шудааст» [284, с. 6].

Ин андеша дар мақолаи адабиётшинос Х. Шарифов «Адабиёти тоҷик» низ ҷойгоҳи назаррас дошта, оғози давраи нави рушди адабиёти аҳди нав нимаи дувуми садаи XIX ва ибтидои садаи XX нишон дода шудааст [382, с. 85]. Дар робита ба ин нуктаи муҳим аз як назари барҳақу ҷолиби диққати адабиётшинос А. Сайфуллоев метавон ёдовар шуд, ки «Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо»-ро ба хотири сарфи назар кардани «адабиёти

маорифпарварӣ чун яке аз сарчашмаҳои пайдоиш ва ташаккули адабиёти муосири тоҷик» интиқод кардааст: «Ҳатто эҷодиёти С. Айнӣ то инқилоби октябр мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст, чӣ ҷойи гап оид ба осори дигар адибоне, ки дар ҷадидӣ бадном шуда буданд» [317, с. 117].

Дар рисолаи таҳқиқии М. Раҷабӣ «Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ» вежагиҳои давраҳои афкори адабӣ ва адабиётшиносӣ дар арзи солҳои 1920-1954, яъне зиёда аз се даҳсолаи нимаи аввали садаи XX бозгӯ шудааст: 1920-1929; 1930-1937; 1938-1945; 1946-1954. Муаллиф дар бозгӯйи чанд давраи таърихи танқид бо ҷузъиёт наздик омадааст [дар ин бора **ниг**.: 307].

Ба махсусияти нақди адабии оғози солҳои 20-ум то аввали солҳои 50-уми садаи XX А. Набавӣ ва А. Давронов низ таваҷҷуҳ кардаанд, ки кори онон ба марҳалабандии Р. Мусулмонқулов шабоҳати наздик дорад. Танҳо тафовут чашмрас дар он аст, ки ин олимон марҳалаи аввали даврабандии Р. Мусулмонқуловро то оғози солҳои 20-уми садаи XX сарфи назар кардаанд [296, с. 63-64].

Даврабандии адабиёти тоҷикро Х. Асозода низ дар китоби «Адабиёти тоҷик дар садаи XX» (1999) бо назардошти аслу сиришти эҷодӣ ва моҳияти рӯйдодҳои адабии ин давра анҷом додааст. Дар ин даврабандӣ «адабиёти поёни қарни XIX ва ибтидои асри XX» ва «инкишофи адабиёти шуравии форсии тоҷикӣ» дар солҳои 1924-1960 низ ҷойгоҳи хубе дорад [**ниг**.: 217, с. 4-6].

Дар такмилаи асари Х. Асозода «Таърихи адабиёти тоҷик» (2014) бо назардошти дигаргун шудани адабиёт аз беху реша ва амиқрафти доираи мавзуъҳои адабӣ ба эътибори умумият – ватан, миллат, дин ва маориф адабиёт ва нақди адабӣ дар давраи мавриди назари мо ба ду марҳала ҷудо шудааст: 1) адабиёти маорифпарварӣ ва ҷадидия (аз поёни садаи XIX то солҳои 20-уми садаи XX) ва 2) адабиёти шуравӣ – нимаи дувуми солҳои 20-ум то нимаи солҳои 50-уми қарни XX [219, с. 4].

Дар китоби муҳаққиқи эронӣ А. Шеърдӯст «Таърихи адабиёти навини Тоҷикистон» масъалаи даврабандӣ дар миён нест, аммо тақсими мавод ба чанд

бахш гувоҳи он аст, ки муаллиф се давраи адабиёти навини тоҷик – маорифпарварӣ, ҷунбиши ҷадидия ва адабиёти шуравиро махсусан ҷудо кардааст. Дар ин миён адабиёти шуравии тоҷик то солҳои 50-уми садаи XX ба солҳои 1917-1929; 1929-1941; 1941-1945 ва 1945-1956 тақсим мешавад. Аммо ба назар мерасад, ки дар даврабандии А. Шеърдӯст ҳамон биниш ва усули замонбандии шуравӣ бар асоси меъёрҳои вақт боқӣ мондааст [ниг. ба: 196].

Ҷумъа Ҳамроев дар китоби «Таърихи танқиди адабӣ» [359] нақди нави марҳалаи мавриди назари моро ба 1) нақди маорифпарварон – нимаи дувуми садаи XIX, 2) марҳалаи ҷадидия – солҳои 1900-1926, 3) марҳалаи пролеткульт – инкори мерос ва суннатҳо – солҳои 1926-охири солҳои 50-уми садаи бист, 4) нақди даврони бозгашт тақсим кардааст. Ӯ дар китоби «Таърихи адабиёти навини тоҷик» низ ин даврабандиро ба миён гузошта, давраи аввалро адабиёти маорифпарварӣ, марҳалаи соniро давраи инкори суннатҳо ва мерос, марҳалаи севумро даврони бозгашт (то солҳои 50-уми садаи XX) ном ниҳодааст [360].

Чуноне мебинем, марҳалаи дувум аз нимаи дувуми солҳои 20-ум то охири солҳои 50-ум давраи инкори суннатҳо ва мерос ном гирифтааст, ки тақрибан сӣ солро фаро мегирад. Аммо бо назари иҷмолӣ ба муҳтавои китоб оё мо далеле дорем, ки С. Айнӣ, М. Раҳимӣ, Р. Ҷалилро инкоргари суннат ва мерос гӯем ва ё С. Улуғзодаву Ҷ. Икромиро адибони давраи бозгашт биномем? Кадом консепсия ва принсипу равишҳое ҳастанд, ки бо такя ба онҳо чунин тақсимбандӣ имкон дорад?...

Аз муҳаққиқони ғарбӣ И. Бечка низ зимни таълифи «Адабиёти форсӣ дар Тоҷикистон (Аз Рӯдакӣ то Бедил ва аз Бедил то асри ҳозир)» (1372 / 1994) давраҳои адабиётро ба миён овардааст. Дар бахши аввал адабиёти тоҷик то инқилоби октябр ва дар бахши дувум – адабиёти шуравии тоҷики солҳои 1920-1985 муаррифӣ шудаанд [172]. Бояд гуфт, ки китоб иштибоҳи зиёде дорад ва масъалаҳои баҳсталабе (аз ҷумла, дар масъалаи даврабандӣ) дар он ба чашм мерасанд.

Ба ҳамин тариқ, чунин кӯшишҳо барои таъйини марҳалаҳои комили таърихи адабиёт ва нақди адабӣ мусоидат хоҳанд кард. Ҳақ бар ҷониби он муҳаққиқонест, ки хосияти марҳалаҳои гуногуни адабиётро ба чигунагии бозҷустҳои адабӣ ва зебоишинохтӣ дар робита бо ҳаёти сиёсиву иҷтимоии замон вобаста донистаанд. Воқеан ҳам назарияи таърихи адабиёт ва нақди қарни бист бо назардошти вежагии фикрии марҳалаҳои гуногуни афкори иҷтимоии миллати тоҷик дар замони нав бояд мутолиа ва баррасӣ гардад.

Ба андешаи мо, таърихи адабиёти навини тоҷикро то ибтидои солҳои 50-уми садаи XX ба чунин давраҳо ҷудо кардан мувофиқи матлаб аст:

1. *Адабиёти давраи маорифпарварӣ ва ҷадидӣ*, ки аз замони фаъолияти Аҳмад-махдуми Дониш оғоз шуда, то марҳалаи аз байн бурдани ҷадидон дар давраи шуравӣ мерасад. Ин марҳалаи кӯшиш барои наҷоти мардум аз нодониву ситам мебошад. Махсусияти ин давра – бозгӯйи фақру нодонӣ, бесаводиву ақибмодагии маънавиву иҷтимоӣ, танқиди шадиди вазъи нобасомони аморат ва талош ба бедории фарҳангӣ аз роҳи ормонҳои маорифпарварӣ аст. Дар ин давра бозҷустҳои адабӣ ва наққодиро саъйу талош ба худшиносӣ, таълиму парвариши миллӣ ва тарғиби шукуфоии маънавии аҳли ҷомеа ва тарғиби мактабу маорифи миллӣ бо такя ба андӯхтаҳои таърихии гузашта ташкил медиҳад. Маорифпарварӣ падидаи муҳимми иҷтимоиву фарҳангӣ буда, рӯйдодҳои дигари замони нав ва навгароии ҷомеа аз бисёр ҷиҳат решаву асл дар ин ҷараён доранд.

Замони зуҳури нақди маорифпарварӣ ва ҷадидӣ даҳсолаи охири садаи XIX ва ду даҳаи аввали садаи XX бист аст, ки матолиби он дар асарҳои адабӣ, илмӣ ва таърихии маорифпарварону ҷадидон, ҳамзамон тазкираҳо ва осори матбуоти навини тоҷик сабт шудаанд.

2. *Марҳалаи аввали адабиёти давраи шуравӣ* – адабиёти давраи пирӯзии ғояҳои атеистӣ, моддигароӣ ва асолатзудоии ҷомеаи шуравӣ, ки аз нимаи дувуми солҳои 20-уми садаи XX унвон дошта, то миёнаҳои солҳои 50-уми қарни бист идома дошт. Дар ин марҳалаи таърих «адабиёти шаклан миллӣ ва

мазмунан сотсиалистӣ» дар доираи низоми реализми сотсиалистӣ арзи вуҷуд кард ва баробари асарҳои қолабӣ ва камранг асарҳое низ ба миён омаданд, ки дар онҳо моҳияти инсон, таърих ва худшиносии иҷтимоии меҳнаткашон ҷойгоҳе муносиб ба даст оварданд. Дар адабиёти ин давра тавсифи набардҳои инқилобӣ, мубориза ба ҳаёти нав, саркӯб кардани душманони синфӣ – боён, заминдорон, амлокдорон, танқиди шадиди ҳаракати босмачигарӣ, ташвиқу тарғиби инқилоб, мафкураи ҳукумати шуравӣ, масъалаҳои маорифу мактаби нав, озодии занон, мубориза бар зидди дин, ҷанг бар фашизм, вазъи ақибгоҳ, аз байн бурдани харобиҳои замони ҷанг, тарғиби ҳимояи ватан аз душман, таърифу тавсифи пирӯзии шуравиён, мадҳу ситоиши ҳизби яккаҳукмрони коммунистӣ, накӯдошти сохтмонҳои азим ва нерӯманди шуравӣ ба масъалаҳои умда ва дараҷаи аввал табдил ёфтанд.

Албатта, дар ин баррасии давраҳо навъе ҳамназарӣ бо марҳалабандии Х. Асозода эҳсос мешавад, аммо, аз назари мо, матолиби китоби «Таърихи адабиёти тоҷик» мутобиқ ба ин даврабандӣ нест ва дар он кори амалӣ аз назария андак тафовут пайдо кардааст. Ҳарчанд қобили эътироф ва таҳсин аст, ки чунин асари муҳим намоёнгари ибтикор дар ин ҷода аст, вақти он омадааст, ки муҳтавои китоби «Таърихи адабиёти навини тоҷик» мутобиқ ба даврабандӣ ва консепсияи ягонаи арзишдоварӣ сурат бигирад. Албатта, дар ҳар давра идомаи давраи пешин ё тамоюлу ҷараёнҳои мутафовите ба назар мерасанд, ки имкон дорад дар зерфаслҳо баррасӣ гарданд, аммо, ин нукта усулан дар назар бошад, ки матолиби асосӣ дар доираи масъалаҳои меҳварӣ ва ҷустуҷӯҳои эҷодиву зебоишинохтӣ ва ҳунарӣ бояд инъикос ёбанд…

Таснифи дурусти масъалаи даврабандӣ имкон медиҳад, ки махсусияти чанд давраи адабиёт ва нақди адабӣ бо такя ба маводи сарчашмаҳои дасти аввали адабӣ равшан ва дақиқ карда шавад.

## I.2. Сарчашмаҳои нақди адабии давраи равшангарӣ

Ба аҳли таҳқиқ пӯшида нест, ки дар шакл гирифтани афкори миллии маорифпарварӣ ва ҷадидии тоҷикони Фарорӯд (охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX) нақши рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии олами ислом, зуҳури матбуоти туркиву тоторӣ ва форсӣ хеле чашмрас аст. Ин ҷанбаи таърихи афкори сиёсӣ-иҷтимоӣ ва адабиву фарҳангии халқи тоҷик дар навиштаҳои адабиётшиносон, муаррихон, файласуфон, муҳаққиқони таърихи матбуот борҳо бо меъёр ва равишҳои гуногуни қазовати таърих –ҳам дар аҳди шуравӣ ва ҳам замони Истиқлоли миллии Тоҷикистон таҳқиқ ва бознигарӣ шудааст.

Яке аз масъалаҳои мубрам дар ин чашмандоз **таваҷҷуҳи равшангарону зиёиёни тоҷик ба зуҳурот ва рӯйдодҳои кишварҳои исломӣ, аз ҷумла ба «намунаи туркӣ»-и рушду равнақи илму маориф ва адабиёту фарҳанг дар ибтидои садаи XX** аст, ки дар маъхазҳои ин давра хуб нақш ёфта, диққати аҳли таҳқиқ ва мутолиаро ба худ мекашад. Аз ин ҷиҳат, силсилаи маводи муҳим ва раднопазир – асарҳои таърихӣ, адабӣ, публитсистӣ, сафарномаҳо, тазкираҳо, мақола ва навъҳои дигари осори матбуотӣ, номаҳо, бархе аз санадҳо ва ғайра, ки тақрибан дар фосилаи солҳои 1880-1929, аз замони таълифоти Аҳмад-махдуми Дониш то асарҳои зиёиёни шуравии охири солҳои 20-уми садаи XX ба миён омадаанд, дар ихтиёри аҳли илм қарор доранд.

Аз фаъолияти маорифпарварӣ ва ҷадидии Садриддин Айнӣ – яке аз муборизони асосии ин давра барои ҳувияти миллӣ низ метавон дарёфт, ки ӯ ҳамеша ва дар ҳар мавриди созгори навсозии шуур ва тафаккури насли нави тоҷик ба рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии дигар кишварҳо, аз ҷумла Туркия рӯй оварда, ҳар маводи зарурӣ ва муфиди туркиро дар банду басти тафаккури илмиву эҷодии худ ва насли замон ба кор гирифтааст. Аз ин рӯ, барои С. Айнӣ ва равшангарони замон яке аз роҳҳову василаҳои расидан ба ормонҳои адабиёт, матбуот ва мактабу маориф «*намунаи туркӣ*»-и рушди ин шохаҳои ақлониву зеҳнӣ ба ҳисоб мерафт. Асарҳои арзишманди «Таърихи

инқилоби фикрӣ дар Бухоро» (1918), «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) ва осори дигари адабиётшиносиву таърихнигорӣ, адабӣ, мақолаҳои илмиву публитсистӣ ва, дар баъзе маврид, номаҳои С. Айнӣ маводи дасти аввалро дар бар доранд. Ба вежа, китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» таърихи гӯёву раднопазири зуҳурот ва муборизаҳои шадиди зиёиёну равшангарони тоҷик дар роҳи расидан ба инқилоби фикрӣ дар Бухоро аст, ки асосу пояи он бо бунёди мактаби усули савтия ва зуҳури матбуоти миллӣ дар ин қаламрав иртиботи амиқ дорад.

Дар ин асар масъалаи ҳаёту мамоти миллати тоҷик бо сабки иҷтимоии тавъам бо таҳқиқи ҳолу аҳволи замон баррасӣ шудааст, ки Аҳмад-махдуми Дониш, Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, Абдурраўфи Фитрат ва дигарон ба кор гирифта буданд. Дар ин ки муаллиф дар усули нигориш ҷанбаи таҳқиқи илмиро ба таври хоса риоя кардааст, чунин менависад: **«…ҳар чизе ки дар боби таърихи усули савтия дар Бухоро дар ин дафтар сабт ёфт, аксарашро таҳқиқ карда, иттилоъ пайдо кардам, вагарна то ин таърих худам биззот аз ин олам хабаре надоштам. Ҳар воқеае, ки баъд аз ин таърих дар сари ин масъала рӯй дод, дар аксараш биззот мубошир будам»** [63, с. 35].

Ин аст, ки ҷанбаи дурустии қавлу нақл ва бовардошт ба санадҳо ва натиҷагириҳои китоб моро бо муҳимтарин равиш ва сифатҳои тарҳрезии усулии онзамонии бардошт аз адабиёт ва мактабу маориф ошно менамояд. «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» беҳтарин намунаи нақду таҳқиқи иҷтимоии таърих аст, ки бо сабкҳои хос ва мумтози таърих ба миён омада, дар контексташ назарияҳои умдаи миллии бунёди адабиёт ва матбуоти нави тоҷикро бо фарорафт ба арзишҳои камназири диниву дунявӣ нуҳуфта дорад. Замоне, ки ин асар ба миён омад, алҳол равиши таҳқиқи марксистӣ-ленинӣ дар баррасии адабиву таърихӣ роиҷ нашуда, аз ин лиҳоз С. Айнӣ кӯшиш ба харҷ надодааст, ки тарҳ ва бунёди назарии асарро аз зовияи ин таълимот устувор гардонад. Бад ин тартиб, табиист, ки дар асар имконият, фикр, табъ ва руҳу

равони вежаи баррасии маорифпарварӣ ва ҷадидӣ бо назардошти арзишҳои суннатии исломӣ ҷойгоҳи мушаххас дарёфтаанд.

Симои С. Айнӣ дар паси ҳар сатр чун муаррихи огоҳ аз равандҳо ва ҷараёнҳои иҷтимоии ибтидои садаи XX, муҳаққиқ ва мунаққиди заррабини иҷтимоиёт ва нависандаи сарабину мӯйшикоф ба чашм мерасад, ки бо дониши фарогир ва ҳамаҷиҳатаи сиёсӣ, таърихӣ, адабӣ ва иҷтимоиву матбуотӣ масъалаҳои мубрами вақтро ба гӯши аҳли замон мерасонад, укдаи замонаро бо дарки васеъи амонати таърих боз мекунад, ба дасти наслҳо калиди чораҷӯӣ ва тадбири дардҳои ба назар бедаворо медиҳад. Аз ин ҷиҳат, ин асар имрӯз чеҳраи воқеии муаллифро пеши назар меоварад.

Бо назардошти асли мақсад – руҷуъ ба «намунаи туркӣ» дар бунёди нави адабиёту матбуот ва мактабу маорифи тоҷик дар ибтидои садаи XX ба баррасии ин ва дигар таълифоти илмӣ-публитсистии С. Айнӣ пардохтан айни муддаост. Дар айни замон, накду таҳлили ин осор зарурати рӯйоварӣ ба дигар маъхазҳои давраро пеш меоварад. Аз сӯйи дигар, ҳудуди мавзуъ дар бисёр маврид таваҷҷуҳ ба ҷуғрофияҳои дигари манбаъҳои рӯйоварии зиёиёни он замонро дар пай дорад. Ҷуғрофияи васеи таҳлилу накди мавзуъ имкон медиҳад, ки дар таъйини вежагиҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва руҳиву равонии ибтидои садаи XX ба натиҷаву бардоштҳои ҷолиб бирасем ва моҳияти рӯйдодҳои он давраро бо тарозуи биниши густурда таъйин кунем.

Бо такя ба мавод ва мадорики тирози аввал вақоеи марбут ба ҷараёни шаклгирии мактаби усули савтия дар қаламрави Русия аз миёнаҳои солҳои 80-уми садаи XIX оғоз мешавад. Зеро то соли 1883 чунин мактаб дар байни мусулмонони ин мамлакат аслан вуҷуд надошт.

Аввалин мубтакир ва созмондиҳандаи мактаби нав дар байни зиёиёни мусалмони Русия маорифпарвари тотор Исмоилбеки Ғаспаронии Қиримӣ буд, ки «фикри лузуми ислоҳи макотибу мадорисро ба воситаи ҷаридаи «Тарҷумон» дар байни муслимин интишор дода, вуҷуби ислоҳро ба далоили ақлия ва нақлия исбот намуда, пеши афкори омма арзу баён кардан гирифт» [63, с. 29].

Мактабе, ки Исмоилбек ба сифати мактаби усули савтия дар Боғчасарой таъсис дод, «дар зарфи 45 рӯз атфолро хатшиносу хатнавис карда, ба мардум нишон дод» ва ин боиси афзудани ғояи инқилоби фикриву илмӣ дар миёни мусулмонони Русия шуд. Аз ишораҳои С. Айнӣ нуктаи муҳимтар он аст, ки дар фосилаи замонии байни таъсиси мактаби Боғчасарой – **1883** то падид омадани аввалин мактаби воқеии усули савтия дар Бухоро – **1909** вуруди рӯзномаву маҷаллаҳо ба забонҳои туркӣ, тоторӣ, форсӣ аз кишварҳои Туркия, Тотористон, Ҳиндустон, Миср – «Тарҷумон», «Ҳабл-ул-матин», «Парвариш», «Вақт» ва мутолиаи онҳо омили асосии шиносоии аҳли Бухоро бо рӯйдодҳо, зуҳуроти сиёсиву иҷтимоӣ, адабиву фарҳангии ҷаҳон ва олами ислом маҳсуб мешуданд. Ин ҳол барои падид овардани макотиби нав ба унвони маркази омӯзиш ва парвариши завқу салиқаи насли нави тоҷик дар руҳияи замон бетаъсир набудааст. Бино ба ишораи С. Айнӣ бо мутолиаи ҷаридаи «Тарҷумон» имкони ошноӣ бо «муҳассаноти усули савтия» пайдо мешуд. Ин нукта аз он равшан мешавад, ки қозикалони Бухоро Бадруддин маҳз бо таъсири мутолиаи «Тарҷумон» бародарзодаашро ба шогирдии мактаби Ҷӯрабойи Пирмастӣ гузошт, ки яке аз муассисони мактаби нав буд ва аммо дар фосилаи кӯтоҳ фаъолияташ дар ин замина қатъ гардид.

Ин матлаб – яъне, зикри «муҳассаноти усули савтия» дар ҷаридаи «Тарҷумон» чунин маънӣ дошта метавонад, ки асосҳои илмӣ-иҷтимоӣ, заминаҳои маънавӣ ва назарияи таъсиси мактаби усули савтия дар он ба таври густурда ҷой дорад, ки пажуҳиши ҷудогона дар ин боб дар роҳи таҳқиқи амиқу усулии ин давраи таърихи адабиёт, матбуот ва нақди адабии тоҷик хеле муфид хоҳад буд.

Ҳамин тавр, ишораҳои хосаи С. Айнӣ ба сифати шахсияти огоҳи матбуоти туркиву тоторӣи ибтидои садаи XX ба таҳқиқи ҷиддӣ дар дарки ҳақиқати муборизаҳои зиёиёни тоҷик ниёз дорад:

– «навҷавонони Бухоро… муҳассаноти мактабро дар рӯзномаҳо хондаанд» [63, с. 61];

– «матбуот ва ҷароиди исломӣ ба иқтизои мақсаду маслак дар ин боб (баста шудани аввалин мактаби усули савтия – *Айнӣ*) мақолаҳо навишта, уламои Бухороро **танқидоти сахти муҳиққона** карданд» [63, с. 73];

– «ҷароиди исломӣ (дар бораи интибоҳ – С. А.) зиёда хидмат карданд, ба танвири афкори мардум ва ба рафъи асбоби ин гуна фаҷоеъ кӯшиданд»;

– «дар ҷаридаи «Вақт» ба имзои «Бухороӣ» хеле мақолаҳои ҷонсӯз нашр шуда, ба хонандагон хуб таъсир кард» [63, с. 91].

– «ҷаридаҳои русиву мусалмонӣ масъалаи ислоҳоти Бухороро васила карда, мақолаҳо менавиштанд, роҳҳо нишон медоданд ва ташвиқҳо мекарданд» [63, с. 181].

Дар айни замон, ин ишораҳои арзишманди огоҳона моро ба ҷустуҷӯи маъхазҳои муҳимми матбуотӣ водор мекунанд ва ба натиҷае мерасонанд, ки барои ошкор кардани асл ва ҳақиқати муборизаҳои ибтидои садаи XX ба ҷуз неруҳои дохилӣ ба неруҳои корвари берунӣ ва ё лоақал неруҳои худии забондон бо фарогирии забонҳои туркиву тоторӣ ва арабӣ ниёз дорем, ки имкон, ҳавсала ва салиқаи кор бо сарчашмаҳоро дошта бошанд.

Ба мо мутахассисоне заруранд, ки маводи фаровонро аз матбуоти туркӣ, тоторӣ ва форсизабони кишварҳои исломӣ ва ғайриисломӣ фароҳам оваранд, ба забони асл хонанд ва мағзу моҳияти онро барои офаридани таърихи мукаммали ҳаёти сиёсиву иҷтимоии миллати тоҷик дар ин давраи пурҷӯш ба кор гиранд…

Дар яке аз ин гуна арзёбиҳо салиқаи наққодии С. Айнӣ дар мавриди мақолаҳои маҷаллаи озарии «Мулло Насриддин» ҷолиб ба чашм мерасад: «**Маҷмуаи «Мулло Насриддин», ки дар мазҳаканависӣ ҳамто надошт, заҳри танқидро ба ҳуллаи ҳазл муҳалло карда мехӯронд, дар ин воқеа (баста шудани мактаби Мунзим –** ***Айнӣ*****) расмҳои маънидор кашида, дар як сафҳа сад китоби танқидро ба назари бинандагони босавод ва бесавод ҷилва дод**» [63, с. 73].

Ба ин тариқ, матолиби маҷалла ва дигар намунаҳои матбуоти туркиву озарӣ ва тоторӣ дар муайян кардани роҳу василаҳои рӯй овардани аҳли зиёи

тоҷик ба мазмуну муҳтавои туркӣ, мундариҷаи рӯйдод, намунаҳои матбуот, шахсиятҳои намоёни ин миллат қобили зикр ва таваҷҷуҳ буда, ба таҳқиқи густурда ниёз дорад. Алҳол мутолиаи намунаҳои ин маҷалла дар забони асл, ба ҳар ойин, ба мо ғайриимкон аст, аммо дар зимни баррасии пайванди руҳии зиёиёни тоҷикии ибтидои садаи XX ба мавзуъҳои туркӣ ҳатман ин нуктаро бояд дар назар дошт.

Ин вазифаи муҳаққиқони таърихи матбуоти тоҷик ва пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику турк аст. Гарчанде пажуҳишгари кӯшои таърихи пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику озарбойҷонӣ Валӣ Самад дар бозгӯйи нақши маҷаллаи «Мулло Насриддин» дар худшиносии миллии тоҷикон масъала ба миён гузошта ва мақолае низ таълиф кардааст, таҳқиқи умда ва муфассали он аз умдатарин вазифаҳо маҳсуб мешавад.

Аз таълифоти В. Самад ин нукта равшан мешавад, ки С. Айнӣ дар саҳифаҳои маҷалла бевосита ширкат карда ва «дардҳои дар Бухоро дармон наёфтаашро ба «Мулло Насриддин» мебарад ва аз пайи дармони он мешавад». Муҳаққиқ дар бозгуйи ин матлаб диққати аҳли таҳқикро ба як мақолаи С. Айнӣ «Ахбори Бухорои қадим» («Мулло Насриддин», 1910, №23, 14-уми июн) ҷалб мекунад, ки дар он сухан «аз хусуси баста шудани мактабҳои усули ҷадид дар Бухоро ва роли уламои иртиҷоӣ дар он» меравад [326, с. 97].

Омили дигари зуҳури тозаҷӯӣ дар заминаи таъсиси мактаби усули нав сайру саёҳат ба марказҳои мухталифи исломӣ ва ба таҳсил пардохтани ҷавонон тоҷик дар кишварҳои мутараққии исломӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин маврид низ Туркия ба сифати яке аз намунаҳои барҷастаи рӯйоварӣ ба илму дониш ва фанноварии замонӣ шинохта шудааст.

Албатта оид ба таҳсили тоҷикон дар ин кишвар ба таври ҷудогона метавон суҳбат анҷом дод, зеро мавод доманадор ва доманаи баррасии қазия низ ҳамчунин васеъ аст. Аммо дар мавриди сайру саёҳати уламо ва ислоҳхоҳони тоҷик ба кишварҳои исломӣ метавон гуфт, ки ҳанӯз «дар санаи 1312-1313-уми ҳиҷрӣ Ҳоҷӣ Икром ва Аваз Муҳаммади Хуҷандӣ ба зиёрати Ҳарамайни

Шарафайн мушарраф шуда… **бинобар ибрате, ки аз ин саёҳат ва олами ислом гирифтанд, эшон дар бозгашти сафари Ҳиҷоз лузумиислоҳи мадорисро дар байни уламо талқин мекарданд» [63, с. 30].**

Аммо ин ибтикори уламои тоҷикро кӯҳнапарастон напазируфта, онҳо дар хидмати шахсияти олами Ислом Шайх Сайидалӣ аз-Зоҳир Абутарии ал-Маданӣ, ки ба Бухоро, ба меҳмонии Қозӣ Бадруддин омада буд, ба фаро гирифтани ҳадис оғоз намуданд. Бо ин ҳама муллоёни каҷфаҳм ин амалро накӯҳиш карданд, аммо аз тарси Қозӣ Бадруддин ин суханҳоро дар ғайби ӯ гуфта, «ба ҳуҷуми феълӣ ҷасорат карда натавонистанд».

Дар китоби «Таърихи инқилоби Бухоро»-и С. Айнӣ, ки то ба ҳамин наздикиҳо нусхаи «эҳтиётӣ»-и дар фаромӯшхонаи таърих мондаи «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» буд ва дар манбаъҳои дигари он замон чанд нафар олими ислом, дорои афкори тоза дар роҳи ислоҳи мактабу мадраса ва муборизи сарсахти зидди ҷавру зулм номбар шудаанд. Яке аз онҳо домулло Авази мударрис аст, ки соли 1894 ба ҳаҷ рафта, бо муборизаи тараққипарварони Эрон, Туркия, Миср ва дигар кишварҳои Шарқи Миёна ва Наздик шинос шуд ва дар мадрасаи Бухоро «тарзи таълимро як дараҷа ислоҳ карда, шарҳу ҳошияи бемаъниро аз ҷадвали дарсӣ баровард» [62, с. 70].

Дар ин роҳ олимони дигар низ буданд. Созмондиҳандагони аввалин мактаби савтия дар Бухоро (аз ҷумла, С. Айнӣ) дар натиҷаи ошноии аввал бо мактаби тоторӣ дар ҳавлии Халид Барношуф ва суҳбату мулоқот бо Абдураҳмон Сайидии тотор «китобу рисолаҳое, ки дар боби тарбия ва таълим дар Русия ва Истамбул таҳрир ва табъ ёфта буд»-анд, мутолиа мекарданд. Ба ин маънӣ Абдураҳмон Сайидӣ бо ислоҳотхоҳони тоҷик пайванди хосу зич ба миён оварда, «ба тарбия ва танвири афкор мекӯшид», «китобу рисолаҳои тозабаромад ва рисолаҳои нофеаро оварда, мутолиа намуда, тафҳим мекард» [63, с. 42]. Бо мусоидати ӯ С. Айнӣ ва Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ ба ҷаридаи «Вақт» ва маҷаллаи «Шуро» муштарӣ шуданд.

**Сабаби умдаву асосии ҳусни таваҷҷуҳ ва ихлоси навоварони таълиму тарбияи замонавии (модернии) бухорӣ дар ибтидои садаи XX зуҳури воқеаҳои инқилобӣ, навсозии сиёсиву иҷтимоии кишварҳои бузурги исломӣ, аз ҷумла Туркия мебошад, ки ин қаламрав дар таърих ба сифати маркази Хилофати Исломия маъруф ва машҳур гашта буд.**

Рӯйоварии ҷадидони тоҷикро ба Туркия ормонҳои инқилобӣ ба миён овард. Нуқтаи такяи ҷавонбухороиён ҷавонтуркон ва инқилоби туркии соли 1908 буд, ки ба маҳдуд кардани ҳокимияти мутлақи султони турк имкон ёфт.

С. Айнӣ дар накду таҳлили густурдаи воқеаҳои фароҳам шудани заминаҳои усулии «инқилоби фикрӣ» ҳарчи бештар ба моҳият ва зуҳуроти рӯйдодҳои навини инқилобии олам таваҷҷуҳ кардааст, ки дар ин роҳ яке аз сарчашмаҳои муҳим кишвари Туркия ва рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоии он мебошад. Аз бахшҳои аввали китоби С. Айнӣ дар заминаи тахсиси мактабҳо ба усули савтия дар Бухоро бо далелҳои ҷолиб метавон бархӯрд. Муаллиф пеш аз ҳама диққати алоқамандонро, махсусан, ба «**аҳволи санаи 1326**», яъне соли 1908 бурда, ҳушдор медиҳад, ки «**инро бояд аз хотир набарорем**». Матлаб ин аст, ки «**ҳамон сол дар мамлакати Туркия инқилоб воқеъ шуда, дар маркази Хилофати Исломия машрутият ва ҳуррият эълон ёфт. Ба ин муносибат ҷарида ва маҷмуаҳои илмӣ, динӣ ва иҷтимоии ҳурри афкор дар Истамбул нашр ёфта, ба танвири афкори олами Ислом хидмат мекарданд» [63, с. 42].**

Ин аст, ки аҳли маърифат ба хурдтарин рӯйдодҳои ин кишвар, нашри намунаҳои матбуот, адабиёт ва осори нақливу ақлии он таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар фаъолияти равшангариашон аз онҳо ба манфиати миллат ба кор гирифтанд. Ҳар маводи муҳимми илмӣ, адабӣ, матбуотие, ки аз маркази хилофати исломӣ – Истамбул расида, бо нигоҳи хайр, сарабинона таваҷҷуҳ ва мутолиа шудааст. Чунончи, С. Айнӣ аз василаи дастрасии зиёиёни тоҷик ба маҷмуаи илмиву динии «Сироти мустақим», ки дар идораи уламои динии Истамбул нашр мегардид, хеле равшан дарак медиҳад: «Нусхаҳои аввали ин маҷмуаро ба

воситаи Абдураҳмон Сайидӣ аз Мирзо Абдулқодир – писари Мирзо Муҳйиддин гирифта, ба мутолиааш мушарраф шудам» [61, с. 42-43].

Диди пурвусъат ва густурдаи С. Айнӣ имкон додааст, ки дар арзёбии ҷойгоҳи ҳамин гуна осори сара ва дараҷаи аввали илмӣ, адабӣ ва матбуотӣ сифати мумтози ноқидӣ зоҳир карда, бо бориксанҷии вежа ба таъйин ва арзёбии фазилати онҳо пардозад. Ин хусусияти интиқодӣ дар ҷусторҳои маорифпарварӣ ва ҷадидии ӯ арзиши баланде дорад, ки дар раванди таҳқиқ борҳо ба он рӯбарӯ омадем. Дар мавриди «Сироти мустақим» чунин доварии ноқидонаи С. Айнӣ хеле ҷолиб аст: «Ин маҷмуа чунон мукаммал ва чунон мутобиқи Қуръон ва ҳадис буд, ки як бор мутолиа карданаш ба танвири афкори мисли мо парешонрӯзгорон кифоя мекард» [63, с. 43].

Шахсияти дигар дар байни зиёиёни равшанфикри ибтидои садаи XX, ки ба «намунаҳои туркӣ» бештар рӯй меовард, Карим Сайидӣ – бародари Абдураҳмон Сайидӣ буд, ки соли 1326 дар Бухоро ба воситаи бародараш бо С. Айнӣ ва ҳаммаслакони ӯ бархӯрд ва мурофиа намуд. Карим Сайидӣ ҳангоми таҳрири «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» (1336) дар шаҳри Петроград аз тарафи ҷаридаи «Эл» вазифаи мухбирии маҳофили расмиву ғайрирасмиро ба анҷом мерасонид. Вазифаи Карим Сайидӣ аз ҷониби С. Айнӣ чунин шарҳ ёфтааст: «Аксар шабҳо ба ҳуҷраи фақир омада, **таълими луғоти туркӣ ва тоторӣ мекард,** ислоҳоти ҷароидро эзоҳ ва баён менамуд, аз ҷуғрофияву таърих маълумот медод ва гоҳо ба мактаби Мирзо Абдулвоҳид рафта, дар боби танзими мактаб иҷрои фикр мекард» [63, с. 43].

Табиист, ки масъалаи мактабу маориф дар Бухорои ибтидои садаи XX ҳамвор ва бидуни баҳсу мунозираи уламову шайхони мутаассиб анҷом напазируфта, ҷанҷолу пархоши шадиду даҳшатангезу фоҷиабор дар пай доштааст. Дар ин маврид имкони қалами қиёсу муқобала ва радду бадали С. Айнӣ бо назардошти ин ки «**таърих иборат аз такаррури вуқуот аст**», дар мавриди умумият ва ягонагии монандии воқеаҳои «ғавғои мактаб» дар Бухоро ва Русия ҷанбаи татбиқии қазияро чанд маротиба меафзояд. Аз ин рӯ, аз назари

мусаннифи рӯйдод «барои ба хубӣ эзоҳ ёфтани ғавғои мактаб дар Бухоро, ба тариқи иҷмол ғавғоҳои ҷадид ва қадими мусалмонони Русия ва асбоби он»-ро баён кардан хеле муҳим ва усулӣ хоҳад буд.

Аз муҳтавои баҳсу мунозираи тараққипарварону муллоёни мутаассиби Русия низ фаҳмидан душвор нест, ки тараққихоҳони рус дар роҳи расидан ба ормон ва ниятҳояшон кишвари Туркияро намунаи ибрат ва шоистаи такяву пайравӣ дониста буданд. Чун дар Русия ҳукумат риштаи корро дар даст ёфт, дар пайи танбеҳи гунаҳкорони сиёсӣ гардид, аҳли таассуб аз ин истифода карда, тараққихоҳонро ҳамчун гунаҳкори сиёсӣ ва ҷамъиятҳои хайрияву илмияро ҷамъиятҳои сирфи сиёсӣ мепиндоштанду мегуфтанд: **«Инҳо ҷаридаҳои туркӣ мехонанд ва ба аҳли сиёсати Туркия робита доранд»** [63, с. 45].

Маҳз ин таваҷҷуҳи равшангарони рус ба кишвари Туркия ба нуқтаи такяи зиёиёни тоҷикӣ низ табдил ёфт. Натиҷаи баҳсу мунозира бо уламои мутаассиб оид ба масъалаи мактаб боиси рӯйоварии бевоситаи бархе аз тараққипарварон ба кишварҳои пешрафта шуд. Аз ҷумла, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ва Усмонхоҷа – писари Мавлонхоҷа чун яке аз талабаҳои барушди Бухоро ба Боғчасарой ва Истамбул барои дидани мактабҳои усули савтия ва фароҳам овардани иттилоъ аз хусуси мактабҳо мунтазам сафар карданд [63, с. 48].

Баста шудани мактаби аввалини усули савтия дар Бухоро, амиқрафти руҳи маъюсона ва ҳосил шудани интибоҳ дар шуури ҷавонон дар дили онон нияти сафари маркази Хилофати исломиро парвариш дод, ки ҳадафи аслӣ дар ин роҳ такмили таҳсил ба ҳисоб мерафт. С. Айнӣ аввалин бор дар таърих феҳристи фишурдаи онҳое, ки ба кишвари Туркия ҳамчун толибилм рӯй оварданд, фароҳам кардааст. Тибқи он аввал «Музҳириддин-махдум, писари Бурҳон-махдуми муфтӣ ва Усмонхоҷа, ки соли гузашта аз сафари маркази хилофат омада буд, Атоуллоҳхоҷа – бародари Усмонхоҷа дар айёми баҳор ба Дорулхилофа сафар карданд. Ҳоҷӣ Абдуррауфи Фитрат, ки яке аз талабаҳои барушди Бухоро буд, ба рафоқати Муқимиддинбек, бародарзодаи Мирзо

Низомуддинхоҷаи Урганҷӣ ба қасди таҳсил аз роҳи Эрон озими Истамбул гардиданд» [63, с. 92].

Дар давраи дигари кӯшиш барои таъсиси мактабҳои нав – марҳалаи ҷулуси Амир Олимхон низ вазъи ислоҳи мактаб монеаҳои ҷиддӣ доштааст, ки ин ҳол низ раванди ба Истамбул фиристодани фарзандони Бухороро барои таҳсил вазъу ранги дигар бахшид ва мардуми дорову ҳамийятмандро ногузир ба фикри пайванди мустақим бо кишвари Туркия овард.

«Ночор, ононе ки қудрату чора доштанд, фарзандашонро ба Истамбул фиристоданӣ» ва, ба ин васила, чораи корро ҷустанӣ шуданд. Ба Истамбул фиристодани фарзандони тоҷик идомаи ҳадафу ормонҳои ҷадидӣ маҳсуб мешуд. Боз ба феҳристи санадҳои С. Айнӣ рӯй меоварем, ки аз ин хусус маводи ҷолиб медиҳад: «Авоили ҷумодӣ-юс-сонии (соли) 1329 Ҳоҷӣ Абдуссаттори Даллол фарзандашро ҳамроҳи Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ба Истамбул фиристод. Моҳи раҷаби ҳамин сол Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ Афзал ва Акрам ном ду писари худро ба Истамбул бурд. Баъд аз ин таърих ҳар кас, ки хоҳиш мекард, фарзанди худро ё мефиристод ё биззот бурда ба Истамбул монда меомад. Дар айёми таҳсили 1330 дар макотиби Истамбул даҳ нафар талабаи хурдсоли бухороӣ исботи вуҷуд карданд. Инҳо дар мактаби Дор-уш-шафақаи Султонӣ ва мактабҳои дигар ба таҳсил давомат доштанд. Ғайр аз ин чанд нафар ҷавонони бухороӣ ба Дор-ул-муаллимин муқайяд буданд. Ҳоҷӣ Абдуррауфи Фитрат ба Дор-ул-воизин давомат мекард» [63, с. 123].

Академик З. Ш. Раҷабов дар китоби хотиротии «Саҳифаҳои гузашта» (ба русӣ) аз боби солҳои аввали таҳсил дар мактабҳои миёнаи шуравӣ ва шахсиятҳои омӯзгорони аввалин сухан ронда, хонандаро бо чеҳраи нозири шуъбаи маорифи Хуҷанд Юнус Махсум ҳамчун шахси дорои маълумоти ҳаматарафа ошно мекунад. Назар ба нақли муаррих Юнус Махсум аз хонаводаи ҷадидон бархоста, падараш Ҳоҷӣ Ҳусайн баъди зиёрати хонаи Худо дар Макка ва Мадина дар Истамбул таҳсил карда, баъди бозгашт аз Туркия дар Хуҷанд

мактаби нав ифтитоҳ намуд, ки дар он Юнус Махсум низ маълумоти ибтидоиро фаро гирифт [436, с. 49].

Санади дигар он аст, ки дар рӯзномаҳои Тошканд ва Самарқанд дар мавриди сафари зиёиёни солҳои 20-уми садаи ХХ ба Германия ва Туркия мақолаҳои ошкоро табъу нашр шудаанд. Бино ба шаҳодати академик З. Ш. Раҷабов он ҳангом назарияе пеш ниҳода буданд, ки на дар Макка, балки дар Германия ба таҳсил пардозанд. Дар натиҷа, барои таҳсил дар ин кишвар ва ҳам Туркия гурӯҳи ҷавононро аз Ҷумҳурии мухтори шуравии сотсиалистии Тоҷикистон ва Бухоро фиристоданд. Инҳо дар саҳифаҳои маҷаллаи машҳури «Армуғон» (чопи Берлин) ба нашри мақолаҳо ва афкор пардохтанд.

Албатта дар маънидоди академик З. Раҷабов ва муаррихини дигари шуравӣ ҷадидизм ҳаракати махуф ва боздорандаи равнақу ривоҷи афкори замона маънидод шудааст. Ба гунае ки «ҷадидон дар иттиҳод бо низомиёни ҳарбии туркӣ дар амри таълифи китобҳои дарсӣ дар руҳияи пантуркистӣ ба раванди фаъолияти мактабҳои шуравӣ монеа гардида, намунаҳои туркии барномаҳои мактабӣ таҳия мекарданд, дар матбуот мақолаҳо оид ба манфиати дастрас кардани дониш барои ҷавонони мусулмон дар давлатҳои аврупоӣ ба нашр мерасиданд» [436, с. 50].

Киҳо буданд пайгирандагони низоми мазкур?

Ин ҳақиқат бебаҳс аст, ки асирони турк пас аз инқилоби феврали соли 1917 бояд аз Русия ба ватанашон бармегаштанд, аммо баъзеи онҳо дар шаҳрҳои Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон сокин ва, сипас, тадриҷан ба низоми маорифи халқи кишвар ҷойгузин шуданд.

Бо вуҷуди ин нуктаи муҳим дар иттилои мазкур тамоюли таҳсилгарии ҷадидӣ дар кишварҳои ғарбӣ, аз ҷумла Олмон ва кишваре дар дарвозаи Аврупо – Туркия ба ҳисоб меравад.

Бархе аз таҳсилдидагони Истамбул дар роҳи хидмат ба матбуот ва таъсиси мактабҳои нав низ камар бастанд. Аз ҷумла, ширкати расмии нашри рӯзномаҳои «Бухорои шариф» ва замимаи туркии он «Тӯрон» таҳрири замимаи

мазкурро бар ӯҳдаи хатмкардаи Дор-ул-муаллимини Истамбул Ғиёсуддин-махдум Ҳасанӣ – писари домулло Нуралии Бавогии тотор вогузор кард [63, с. 126].

С. Айнӣ аҳаммият ва ҷойгоҳи ҷаридаи «Тӯрон»-ро дар таърихи интибоҳи фикрии тоҷикон махсусан дар назар дошта ва онро аз «аввалин асари хомаи Ғиёсуддин-махдум ва **навзоди аҳди шабоби таҳрир**»-и ӯ медонад, ки «ба фавту фанояш тоб оварда натавониста, ба таъсири ин мусибату ҳиҷрони хонумонсӯз тарки диёри Бухороро гуфт» [61, с. 130]. Яке аз арзишҳои муҳимми «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» ин буд, ки «чун ин ду ҷарида дар вақти муҳорибаи Италиё ва Балкан бо Туркия мунташир шуданд, аҳолии аз сиёсат ва ҷуғрофияи олам бехабари Бухоро дорои маълумоти муҳимма гардиданд…» [63, с. 128].

Зимни қатъ шудани фаъолияти нашрияҳои «Бухорои Шариф» ва «Тӯрон» таҳсилгарони мактабҳои Туркия, фарзандони Бухоро Усмонхоҷа ва Ҳомидхоҷа аз сафари Истамбул баргашта, ҳар кадом бо таъсиси мактаб ба хидмати мардуми Бухоро ҳиммат карданӣ шуданд [63, с. 131].

Баъди фитнаҳое, ки дар сари мактаби нахустини усули савтия аз ҷониби дарбориёни Амир Абдулаҳад ба миён омад ва баъди он ки саркардагони он маъзул шуданд, дигар маъмурони рус низ фикрашонро ба «умеди тараққӣ ва ривоҷ» нигарониданд. Онҳо ба ин мулоҳиза буданд, ки «агар таҳсили ибтидоӣ лар Бухоро мамнуъ шавад, атфоли хурдсолро маҷбуран ба Истамбул» [63, с. 131-132] хоҳанд фиристод.

Бо вуҷуди ин, маъмурони элчихонаи Рус аз омезиши аҳли тарбияти Бухоро бо таҳсилдидагони Истамбул, бозгашти Абдуррауфи Фитрату Атоуллоҳхоҷа аз Туркия, омезиши онҳо бо муаллимон, суҳбатҳои илмӣ аз ваҷҳиислоҳи макотиб дар хавф буданд, «аз мухолитати Фитрат Афандиву Атоуллоҳхоҷа ба кори мактаб чӣ гумонҳои сиёсии воҳӣ дар хаёлхонаи худ муҷассам кардаанд» [63, с. 135].

А. В. Арапов – муаллифи ҳолномаи сиёсии Файзулло Хоҷаев чунин навиштааст: «Дар байни ҷадидони Бухоро бо саҳми фаъоли Абдурраруфи Фитрат ва Ф. Хоҷаев ҷараёни сиёсии ҷавонбухорӣ – тараққипарварони ҷавон, ки дар кишварҳои Русия, Туркия ва Аврупо маълумот ёфта буданд, ташаккул ёфт. Онҳоро кӯшиши таҷаддуди хонигарӣ ба ҳам оварда буданд» [429].

Хавфи рӯйи ниёзи маънавии аҳли зиё ба кишварҳои пешрафтаи ғарбӣ ва исломӣ қушбегиро маъмур ба пурсуҷӯ кард. Дар бозпурсии қушбегӣ бо Айнӣ як моддаи муҳимми айбнома хондани ҷаридаҳои туркиву тоторӣ ва моддаи дигар «суҳбатҳои сиёсӣ аз шикасти давлати Рус ва ғалабаи Турку Олмон» ба ҳисоб рафтааст. Дар радду бадали қазияи Абдурраруфи Фитрати Бухороӣ ва иртиботи Айнӣ бо ӯ низ маҳз таҳсилдидаи Туркия будани аввалӣ дар мадди назар будааст [63, с. 149].

Таваҷҷуҳи равшангарии тоҷикии ибтидои садаи XX ба султон Абдулҳамидхон – амири Туркия ва ба доираи мулоҳизаву муҳокима гирифтани ному корномаи ӯ дар коркарди маорифпарварон ва ҷадидони Осиёи Миёна аз саҳифаҳои муҳимми пайкорҳои сиёсиву иҷтимоии он замон аст. Академик М. Шакурӣ қазияро дар баррасии ҷойгоҳи Шарифҷон-махдуми Садри Зиё дар таърихи ҳаракати равшангарии тоҷикони Осиёи Миёна ба миён гузошта, ба натиҷаи муҳимме расидааст. Чашмандози М. Шакурӣ аз ин ҷиҳат арзиш дорад, ки рӯйоварӣ ба Туркия дар охири садаи XX ва ибтидои XXI аз таваҷҷуҳи андешамандони ибтидои садаи XX фарқе дорад. Бардоштҳои посухе ба андешаи бархе аз пажуҳишгарон, аз ҷумла файласуф Ғ. Ашӯров аст, ки аз ҳаракати маорифпарварии замон ғояҳои пантуркӣ берун кашиданӣ шудаанд (андешаҳои ин файласуф дар мақолаи «Мубоизаи мафкуравӣ дар атрофи китоби академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» дар маҷаллаи «Мероси ниёгон» (2003, №6) таҷассум ёфтаанд [**дар ин бора ниг**.: 379, с. 64]).

Аз сарчашмаҳои давр ва пажуҳишҳои М. Шакурӣ бармеояд, ки Садри Зиё ҳамеша ба шоҳони адолатпешаю маънавиятпарвари олами ислом рӯйи ниёз

оварда, сирату сурати воқеӣ ва ибратомӯзи ононро ба василаи осораш нишон додааст.

Ин масъала аз он чи фикр мекунем, амиқ аст, ки «инқилобчӯёни равшангар илму фарҳанги нави замониро аз Шарқу Ғарби муосир ҷуста, лекин фарқашон аз инқилобкорон ва зиёиёни Ғарб ин будааст, ки бунёди маънавии фарҳанги навини замониро устувор кардан мехостанд. На нерӯи харобкор, балки нерӯи бунёдкори инсонро ба ҷунбиш оварданӣ буданд. Бозгашт ба асли худ лозим омада буд, вале бозгашти замонӣ, бозгаште, ки тибқи хосту ниёзи асри бистум бошад, дар назар буд» [379, с. 64].

Ба таҷрибаи таърихии кишварҳои олам дидаи ибрат дӯхтани аҳли зиё, равшангарон зарурати дарку фаҳмиши роҳу усулҳои падид овардани инқилоби маорифпарварӣ ва ислоҳоти иҷтимоиро дошт. Шинохти арзишу аҳаммият ва нақши шахсиятҳои матраҳи ин инқилобҳо низ ба ошкор кардани моҳияти рӯйдодҳо ногузир буд. «Таҷрибаи иҷтимоӣ ва фарҳангии гузаштагони худ ва ҷаҳони муосир ба назари маорифпарварони тоҷик барои тартиб додани барномаи навсозии маънавии ҷомеа лозим буд. Садри Зиё низ ба воқеаҳои ҷаҳон аз ҳамин бинишгоҳ нигоҳ кардааст. Аз ин рӯ, дар бахшҳои рӯйдодҳои хориҷии «Рӯзнома»-и адиб ҷанбаи маънавии биниши маорифпарварӣ пурзӯр аст» [379, с. 64].

Аз ин ҷиҳат тасвири ҳаёти кишварҳои наздику дур, тасвири муфассал ва ҷузъии зисту зиндагии хориҷиён, биниши густурдаи олам бо чашми ибрат ва қиёси тартиби ватан бо кишвари дигар василаи муҳимми изҳори ақида ба маорифпарварон ба ҳисоб мерафт. Биниши рухдодҳои пурҷӯши кишварҳои дигар бо дарки дарду ғами «Ватани муқаддаси худ» тавъам буд. Дар ин гуна бозҷуст табиист, ки симои «шоҳи одили ормонӣ», «сарвазири бинову доно ва адолатгустар» дар мадди назари равшангарон қарор ёфт, ки аз таассуби мазҳабӣ берун буд. Аз ин ҷиҳат, Садри Зиё «гоҳ ба чеҳраи султони Туркияи усмонӣ Абдулҳамид ё подшоҳи забардасти Афғонистон амир Абдураҳмонхон, гоҳ ба ҳоли импиротури Ҷопун Микоду нигоҳ меафканад, гоҳ нигоҳе ба ҳоли Эрони

он рӯз меандозад, гоҳе ба таърих рӯ оварда, аз тарзу шеваи подшоҳи машҳури рус Пётри Кабир огоҳ шудан мехоҳад» [379, с. 65].

Садри Зиё бар ин ақида аст, ки «нахустин нишонаҳои пешвои бузурги миллат аз сифатҳои шахсияти султон Абдулҳамидхон падид омадааст». Ин нишонаҳо бо такя ба «манзумаи дароз»-и шоири афғон Муҳаммадюсуфи Риёзӣ чунин таъкид шудааст:

**Дар осоиши миллати хештан**

**Зи ҷон кард тадбири ҳифзи ватан…**

**Пайи он ки ёбад зи сармоя суд,**

**Дари лутф бар рӯйи миллат кушуд.**

**Бипардохт он шоҳи некӯниҳод,**

**Чу Нӯшервон дар пайи адлу дод** [41, с. 145].

Ҳамин тавр, аз биниши Садри Зиё Пётри Кабир, Абдулҳамидхони усмонӣ, Абдурраҳмонхони афғон, Микодои ҷопон ва монанди инҳо чун муборизи шуълавари зидди истеъмор ва ҳам «падари тарбиятгари миллат» муаррифӣ шудаанд, ки ормонҳои инсонии ӯро ифода мекунанд. «Рӯзнома»-и Садри Зиё аз лиҳози фарогирии асноди ҷаҳон, арзёбии сират ва сурати шоҳони кишварҳои гуногуни исломӣ ва ғайри исломӣ, «қаҳрамони таърихи муосир» арзиши баланд дорад. Имрӯз вазифаи мо аст, ки ба ҷойгоҳи ин дидгоҳи маорифпарварӣ аз тарозуи биниши иҷтимоӣ ва нақди иҷтимоӣ наздик шавем ва аслу моҳияти ин рӯйдодҳоро муайян намоем.

Аз «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и С. Айнӣ чунин сифати ғоявӣ, ихлос ва таваҷҷуҳи хоси равшангарона ошкор мешавад. Ба сифати меъёри нигоҳи ислоҳотхоҳӣ қарор додани «намунаи туркӣ»-и рушди сиёсиву иҷтимоӣ аз ҷониби С. Айнӣ ва ё Садри Зиё ифодагари он аст, ки онҳо дар ин ормон яккадаст набуда, балки ин тамоюли нигариш аз вуҷуди як наҳзати томраво дар мавриди шинохти ғояҳои ислоҳоти маънавӣ ва инқилоби фикрӣ дар байни зиёиёни тоҷик дарак медиҳад.

Ихтилофи бузурги афкори равшангарон ва арбоби ҳукумати Бухоро дар мавриди инқилоби Туркия дар он аст, ки ҳокимон ақида доштанд сабаби умдаи воқеаҳои инқилоб дар ин қаламрав ва дур кардани султон Абдулҳамид аз ҳукумат «тарбиятёфтагон ба усули нав»-анд. Ба ақидаи онҳо «агар султон Абдулҳамид мактаби алифбохониро манъ мекард, ба ин бало гирифтор намешуд» [63, с. 162].

С. Айнӣ кӯтоҳии ақлу фаростаи арбоби аморатро дар он дидааст, ки агар султон Абдулҳамид панҷ-шаш мактаб таъсис намедод, агар панҷ-шаш ҷавонтурке, ки имрӯз ҳастанд, намерасиданд, «то ҳол дар рӯйи дунё на мамлакати Туркия мемонд, на инқилоби он, на Хилофати Исломия мемонд, на масъалаи халъу насби халифа» [63, с. 163].

Хоси равшангарии тоҷикист, ки ба кору пайкор ва ҷойгоҳи фаъолияти шоҳони Туркия бо назари ноқидӣ рӯй меоварад. С. Айнӣ дар посух ба афкори арбоби ҳукумат хидмати шоҳи Туркияро дар бунёди мактабҳо арҷ гузошта, чунин менависад: «Султон Абдулҳамид дар таъсиси макотиб хато накардааст» [63, с. 163].

Интиқоди кирдорҳои султон, ки С. Айнӣ анҷом дода, мағзу моҳияти равшангарӣ дорад, ки ба ҳар сурат назару таваҷҷуҳи зиёиёнро ба ҷойгоҳи ӯ ба исбот мерасонад: «**Хато дар он ҷост**, ки ба истибдод мағлуб шуда, ба қавли одамони хоин фирефта гардида, тарбиятёфтагонро тазйиқ кард. Ба хуфиябозӣ ахлоқи уламову умароро фосид намуд. Фидокорони рашидро қатлу нафй фармуда, маҳв кард. Чанд нафар фидокоре, ки аз чанги истибдоди султон Абдулҳамид амон ёфта буданд, ба кӯшишҳои фавқуттоқа дар майдони сиёсат бозӣ карданд ва бақияи ватанашонро аз дасти истибдоду аҷониб халос намуданд. Агар Абдулҳамид тарбиятёфтагонро тазйиқ намекард ва ба таксири афроди эшон мекӯшид, хоинонро аз дарбор дур мекард, ҳароина ин ҳама фалокат ба сари давлати Туркия намеомад ва ватан порча-порча намегардид; муҳорибаи Таробулус ва фоҷиаи Балкан рӯй намедод; ҷавонтуркон ба султон Абдулҳамид амният пайдо мекарданд ва ҳаргиз дар сари халъ намеомаданд;

султон Абдулҳамид то охири умр ҳофизи Хилофати Исломият ва ҳомии олами Ислом шуда, ба шараф ва ифтихор зиндагонӣ мекард» [63, с. 163].

Дар паси ин ҳарфҳо нуқтаи дол ба сари амири Бухоро гузошта шуда, яъне ин интиқод навъе аз интиқоди шадиди амири Бухоро низ ҳаст. Ба ин васила гӯшзад шуда, ки «ин нуктаҳо ба хаёли ҳукумати Бухоро намегузашт, ҳамаи ҳимматашро дар манъи мактаби алифбохонӣ сарф мекард» [63, с. 163].

Ин интиқоди султони кишвари Туркияро як навъ ҳушдор барои амири Бухоро метавон пазируфт, ки агар ӯ низ амри султони Туркияро идома диҳад, он рӯз дур нест, ки халъи Абдулҳамид ба сари ӯ хоҳад омад.

Ҷойи шак нест, ки Аҳмади Дониш, Садри Зиё, Абдуррауфи Фитрат, Садриддин Айнӣ ва дигарон аз мунтақидони барҷастаи иҷтимоии замон буданд, ки мехостанд дардҳои бедавои аморатро ошкор кунанд, дар ин ҷода салиқаҳои наққодии иҷтимоиро барои бозгӯи ҷанбаҳои мухталифи зиндагии мардуми Бухоро ба кор гирифтанд. С. Айнӣ дар қиёми воқеаҳои ислоҳотхоҳӣ ва ситезҳои уламои мутаассиб ба интиқоди усулии фикри ифротии ислоҳотгарони Бухоро мепардозад.

Аз нақду таҳлили раванди наҳзати равшангарии Осиёи Миёна чанд василаи расидан ба ормонҳои миллии маорифпарварӣ ба назар мерасад:

1. Аҳмади Дониш, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва дигарон таҷрибаи таърихии Русия ва нақши кишварҳои ғарбиро дар бозсозии фикрии ҷомеа тавсия карда ва Сиддиқии Аҷзиву Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ низ дар ҳамин андеша қарор гирифтанд;

2. Шахсиятҳое монанди Абулқодири Шакурӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Садриддин Айнӣ, Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ва дигарон бо таъсиси мактабҳои усули ҷадид – «усули савтияи» саводомӯзӣ дар мактабҳои Русия ва Шарқи Наздикро ба кор гирифтаанд.

Дар ҳамин ду маврид маорифпарварону ҷадидон ба кишвари Туркия ва пешрафтҳои он ба шеваи аврупоӣ ҳусни ихлос ва эҳтиром варзида ва «азбаски Туркия маркази ҷаҳони ислом ва султонҳои Туркия халифаи ислом ба шумор

мерафтанд, эҳтироми он(ҳо) ба назари равшанфикрон хеле афзуда буд», ин ҳама натиҷаи эҳтиром ба фарҳанги Туркияву Русия ба ҳисоб мерафт. Ин ҳама на нишонаи туркгароӣ ва таваҷҷуҳ ба пантуркизм маҳсуб мешуд. Дар ин маврид ҳақ ба пажуҳишгаронест, ки ба нақди андешаи баҳсбарангези бархе муаррихон пардохтаанд, онҳое, ки «мактаби усули ҷадид» – мактаби маорифпарваронро «маркази пантуркӣ» эълон ва тарғибу ташвиқ карданд. Гуфтугӯ аз ин боб аз доираи ин фасл берун аст.

Ҳамин тавр, метавон ба натиҷае расид, ки Туркия на танҳо сарчашмаи пайдоиши афкори пантуркистӣ ва маншаи зеру забар кардани тоҷикони Осиёи Миёна аст, балки бисёре аз равшангарон, адибон, адабиётшиносон, ходимони матбуоти тоҷик дар сохтмони тарҳи маънавии Бухоро аз андешаҳои файзбори ин қаламрав ва афкори равшангарони низ нашъат бардоштанд.

# БОБИ II. ВАЗЪИ СУХАНСАНҶӢ ДАР ОХИРИ САДАИ XIX ВА НИМАИ АВВАЛИ САДАИ XX

## II.1. Таҳқиқ ва нашри манбаъҳои адабиву илмӣ

Пас аз фурӯпошии кишвари шуравӣ ва дигаргуниҳо дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ва таҳаввули фикрии ҳавзаҳои илмиву фарҳангӣ дар таҳқиқу омӯзиши яке аз давраҳои муҳимми таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, адабиётшиносӣ ва нақди адабии охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX низ роҳи нав ба вуҷуд овард. Тағйири меъёри нигоҳ ба таърихи сиёсиву иҷтимоии ин давра масъалаи омӯзиши нави таърихи адабиёт ва таълифи мукаммали онро бо такя ба ниёзҳои бемонанди замони навсозӣ ва равишшиносии посухгӯ ба талаби рӯзафзуни давраи таҷаддуди ормонҳои милливу ватанӣ аз ҳар ҷиҳат такмил бахшид.

Аз эътибор дур мондани сарчашмаҳои муҳимми давра, аз ҷумла пайдо шудани манобеъи дасти аввал дар роҳи омӯзиши нав ва таълифи таърихи ҷадиди адабиёти тоҷик заминаи муҳим фароҳам овард. Яке аз вазифаҳои муҳим дар ин замина дарёфт, нашр ва дастраси аҳли таҳқиқ кардани ин манбаъҳо мебошад, ки аксари онҳо дар давраи шуравӣ аз назари эътибор дур монда ё арзиши онҳо манфӣ арзёбӣ шуда буданд.

Омӯзиши адабиёти охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX аз лиҳози мафкуравӣ дар давраи шуравӣ низ яке аз сабабҳои аз эътибор дур мондани маъхазҳои муҳим ва ба таври маҳдуд фаро гирифтани таърихи адабиёт гардид. Бисёре аз масъалаҳои адабии ҳавзаи Мовароуннаҳр аз сабаби дар ихтиёр набудани сарчашмаҳои адабии нодир комилан омӯхта нашудаанд. Бинобар ин, ба нашр омода кардани сарчашмаҳои муҳимми илмиву адабву таърихии ин давра, таҳлилу таҳқиқи усулии он ба адабиётшиносии имрӯз муҳим аст.

Барои омӯзиши мукаммали адабиёти охир садаи XIX ва ибтидои садаи XX бояд таҳқиқгарони ҷавон ҳарчи бештар бо фарорафт ба сарчашмаҳои дасти

аввал кор анҷом бидиҳанд, ки фазои тозаеро дар адабиётшиносӣ ба вуҷуд меоварад.

Дар ин давра силсилаи тазкираҳо ва осори таърихӣ навишта шудаанд, ки бештари онҳо дар шакли дастнавис дар ихтиёри аҳли илм қарор доранд. Дастнависи шоирони маъруфи давра низ ба баргардон ва нашр муҳтоҷанд. Аз нашри ин силсила нахуст донишҷӯён ва ҳаводорони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ оид ба ин давраи адабиёт иттилооти бештар ҳосил мекунанд.

Дар баробари ин муаррифии сарчашмаҳои форсӣ-тоҷикии ҳавзаи Осиёи Миёна барои ҳавзаҳои дигари форсизабон низ муфид аст. Масалан, муҳаққиқони таърихи адабиёти Эрон на бо ҳамаи маъхазҳои адабии ҳавзаи Мовароуннаҳр ошноӣ доранд. Нашри силсилаи маъхазҳои ин давра ва муаррифии онҳо аз ин ҷиҳат низ барои ҳавзаҳои дигар дорои аҳаммият аст.

Аз ҷониби дигар, қисмати муҳимми маводи адабиёт ва нақди адабии ибтидои садаи XX дар матбуот ба нашр расидаанд, ки имрӯз аз мадди назар дур мондаанд. Сабаби асосии ин ҳолат ба таври ҷудогона нашр нашудани ин манбаъҳо мебошад. Дар матбуоти тоҷикии Осиёи Миёна ва матбуоти форсизабону туркизабони кишварҳои шарқӣ низ силсилаи муҳимми маводи адабиёт ва нақди адабии тоҷик ба табъ расидаанд, ки дастрас кардану ба таҳқиқ кашидани онҳо барои илми адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ арзиши амалии баланде дорад.

Албатта, адабиёти охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX аз ин пеш ҳам таҳқиқ шуда, ба вежагиҳои ташаккули адабиёти маорифпарварӣ ва ҷадидӣ, ҷараёни адабиёт ва ҳаёти адабии давр, мавзуъву мундариҷа, шаклу жанр, сабкҳои осори манзуму мансур ва арзиши сарчашмаҳои адабӣ баҳо дода шуда буд. Дар ин ҷода хидмати мактаби адабиётшиносии шуравӣ – А. Мирзоев, Х. Мирзозода, Н. Маъсумӣ, Р. Ҳодизода, А. Қаюмов, С. Сиддиқов, С. Амирқулов ва дигарон сазовори зикри мебошад. Дар аҳди истиқлоли миллӣ низ оид ба вежагиҳои адабиёти ин давра пажуҳишҳо аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ М. Шакурӣ, С. Амирқулов, Х. Асозода, М. Раҷабӣ, А. Набавӣ, И. Бечка,

И. Худоёр, А. Шеърдӯст, Ҷ. Ҳамроев, С. Хӯҷақулов ва дигарон ба анҷом расидаанд. Бо вуҷуди ин, аз вазифаҳои муҳим ва умдаи илмӣ дар шароити имрӯза дарёфтан, нашр ва дастраси алоқамандону муҳаққиқони таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ кардани сарчашмаҳои боз ҳам муҳимтарин ва дасти аввали замон аст.

Дар Тоҷикистони шуравӣ аз сарчашмаҳои пурарзиши муҳимми адабии ин давра танҳо чанде аз мунтахаботи ашъори шоирон Шоҳин, Савдо, Ҳайрат, Исо-махдум, Мунзим, Айнӣ, ҳамзамон намунаҳои наср аз Аҳмад-махдуми Дониш, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Абдурравфи Фитрат, Мирзо Сирҷи Ҳаким, хоса аз осори таърихӣ ва тазкираҳо «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-и Аҳмади Дониш, «Таърихи салотини манғития»-и Абдулазими Сомӣ, «Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб»-и Раҳматуллоҳи Возеҳ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Неъматуллоҳи Муҳтарам, «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, «Мунтахаб-ут-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон, «Таърихи амирони манғияти Бухоро», «Таърихи инқилоби Бухоро»-и Садриддин Айнӣ ва ғайра ба хати кириллӣ ва бештар форсӣ ба нашр расида буданд, ки ба истифодаву баҳрамандии васеи доираи хонандагон имкони камтар фароҳам меоварданд.

Албатта, муҳаққиқони тоҷик дар заминаи таълифи таърихи адабиёт то ҷое ба дастовардҳои назаррас ноил шудаанд. Аммо дар заминаи шакл ёфтани афкори интиқодӣ дар ин давра ва давраҳои баъдӣ ҳанӯз ҷойи холӣ эҳсос мешавад ва ягон пажуҳиши доманадору комилиёр дар боби таърихи нақди адабӣ ба миён наомадааст. Яке аз сабабҳои ин амр ҳам бастагӣ ба таҳияву нашри сарчашмаҳои муҳимтарини илмӣ, адабӣ ва таърихии замон ва таҳлилу таҳқиқи амиқу усулии он ба адабиётшиносии имрӯз дорад, ки хеле муҳим аст. Ба ин маънӣ барои таҳқиқу омӯзиши комили адабиёт ва нақди адабии ин давра бояд бештар бо сарчашмаҳои дасти аввал кор кард. Аз ин ҷиҳат, омӯзиши адабиёти ин марҳала аз чашмандози нав ба сатҳу савияи баланди таҳия ва нашри сарчашмаҳои муҳимми адабии ин давра вобаста аст.

Дар марҳалаи истиқлоли миллӣ асарҳои ҷомеъи адабиву таърихӣ ва публитсистӣ – девон, таърихнома, сафарнома, рӯзнома, тазкира ва ғайра эҳёд шудаанд, ки бештари онҳо ба шакли дастнавис дар ихтиёри таърих ва алоқамандон қарор гирифта, миқдори ками онҳо ба нашр расидаанд. Дар ин чанд сол ба ихтиёри аҳли таҳқиқ ва алоқамандони адабиёти ин давра вогузор шудани девон ва маҷмуаҳои ашъори шоирон ва тазкиранигорони маъруф Аҳмади Дониш, Шамсуддини Шоҳин, Нақибхони Туғрал, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Абулфазли Сират, Абдурраүфи Фитрат, Мирзо Ҳайити Саҳбо, асарҳои мансури Муҳаммадалии Балҷувонӣ «Таърихи нофеъ» (1992), Шарифҷон-махдуми Садри Зиё – «Наводири зиёия» (Душанбе, 1991), «Рӯзнома» (Хуҷанд, 2021), Мирзо Сироҷи Ҳаким «Туҳафи аҳли Бухоро» (Душанбе, 1992), Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ «Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб» (Душанбе, 2020), Садриддин Айнӣ – «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» (Душанбе, 2005), «Намунаи адабиёти тоҷик» (Душанбе, 2010), Абдулазими Шаръӣ «Тазкират-уш-шуаро» (Хуҷанд, 2014), Мирсиддиқхон Ҳашмати Бухороӣ «Тазкират-уш-шуаро» (Хуҷанд, 2021), Шамсиддини Шоҳин – «Туҳфаи дӯстон» ва «Бадоеъ-ус-саноеъ» (2018), асари таърихӣ-ҷуғрофии Муҳаммад Содиқи Гулшанӣ «Таърихи ҳумоюн» (2016), ҳаҷномаи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик» (2019) ва чанде дигар барои дарки навини моҳияти адабиёти давра бисёр муфид буданд.

Ин давраи пурбаҳси гузариши таърихи адабиёт ба марҳалаи ҷадид ва ҳавзаи пурихтилофи фикрӣ аст, ки дар адабиётшиносии мо мунозираи зиёд дар ин замина сурат гирифтааст. Дар шинохти вежагиҳои адабиёт, моҳият ва ҷавҳари набардҳои давраи маорифпарварӣ ва ҷадидӣ то ҳол ду самти ҷудогона ба мушоҳида мерасад:

*Самти аввал* ҷусторҳои адабиётшиносии аҳди истиқлол, ки кӯшиши назаррасеро барои равшан кардани арзишҳои адабии замон дорад, аммо мушкил дар ин ҷабҳа набудани фарорафт дар шинохти амиқи манбаъҳои ин давра аст. Падид омадани фазои мусоид дар кори таҳқиқу баррасӣ ва пайдо

шудани силсилаи осори арзишманди адабӣ аз махзани дастхатҳои китобхонаҳои Русия, Ӯзбекистон, Эрон, Ҳиндустон ва кишварҳои дигар ба ин амри муҳим мусоидат хоҳад кард;

*Самти дувум* дар ҳавзаи адабиётшиноси тоҷик идома пайдо кардани зуҳурот ва нишонаҳои ҷусторҳо ва нигоҳи куҳани илмӣ аст, ки ҳоло ҳам бар пояи мафкураи давраи шуравӣ такя дорад. Баъзан ҳоло ҳам нишонаҳои андешаҳои кӯҳна ва сиёсатзадаи шуравӣ, ноҳамгароӣ ва ихтилоф дар шинохти моҳияти адабиёти маорифпарварӣ ва ҷадидӣ боқӣ мондааст. Бознигарии амиқу таҳқиқи усулии сарчашмаҳои ин аҳд барои аз байн бурдани чунин камбуд низ ба шинохти ин давра мусоидат хоҳад кард.

Баробари ин, зикри ин нукта ҳам муҳим аст, ки чунин тарзу равиши кор – таҳқиқ ва нашру муаррифии сарчашмаҳои адабии форсӣ-тоҷикии ҳавзаи Мовароуннаҳр барои ҳавзаҳои дигари форсигӯй, муҳаққиқони таърихи адабиёти қаламравҳои форсизабон – Эрону Афғонистон ва ҳавзаи адабии Ҳинд низ аз ҳар ҷиҳат муфид хоҳад буд. Бесабаб нест, ки дар замони истиқлол, пеш аз ҳама дар Эрон, нашри манобеъи ин давра шуруъ гашт («Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷи Ҳаким, «Наводири Зиёия», «Рӯзнома» ва «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё, «Намунаи адабиёти тоҷик», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и Садриддин Айнӣ). Бо вуҷуди ин, аҳли таҳқиқи таърихи адабиёт дар Эрону Афғонистон низ бо тамоми маъхазҳои адабии ҳавзаи Мовароуннаҳр ошноӣ надоранд. Ин амр барои таҳқиқи асли ҳампайвандии адабиёти форсии тоҷикӣ дар хиттаҳои дигар низ заминаи мусоидест. Нашри силсилаи маъхазҳои замон ва муаррифии онҳо аз ин ҷиҳат низ ба ҳавзаҳои дигар аҳаммият хоҳад дошт. Вусъат додан ва ба роҳ мондани ин кори шоиста барои ҳамкориҳои баъдии илмии аҳли таҳқиқи Тоҷикистон ва кишварҳои дигари форсизабон низ муфид аст.

Фарогирии масълаҳои мубрами таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар садаи XIX ва ибтидои садаи XX аз роҳи нашр, таҳқиқ ва нақду баррасии сарчашмаҳои дараҷаи аввал, хоса шинохти воқеии ҷойгоҳи тазкираҳо дар таърихи адабиёт,

таъйини арзишҳои адабиву таърихӣ, мухтассоти замону макон, шароити таълифу тадвин, нақши ин навъ осор дар бознамоии сатҳи ташаккули адабиёти форсӣ-тоҷикӣ муҳимтарин дастоварди адабиётшиносӣ дар қаламрави форсизабонони Осиёи Миёна маҳсуб мешавад. Таваҷҷуҳ ба ин мавзуъ бо ҳадафи нашр ва таҳқиқи маъхазҳои адабӣ аз даҳаҳои аввали садаи гузашта оғоз шуда ва дар таълифоти гуногуни илмӣ-таҳқиқӣ, мақола ва рисолаҳои ҷудогона густариш ёфтааст.

Аз ҷумла, бо нашри литографии тазкираҳои «Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ба эҳтимоми таърихнигор Мирзо Салимбеки Иноқ (1914) ва «Афзал-ут-тазкор фи зикри-иш-шуаро ва-л ашъор»-и Афзал-махдуми Пирмастӣ (1918) дар матбааи Орифҷонбойи шаҳри Тошканд аввалин маротиба дастрасӣ бо сарчашмаҳои охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX ибтидо ёфт. Бо ин ҳол дар шинохти нисбатан васеи равандҳои адабӣ, бархе аз хусусиятҳои адабиёт, қадри шеъру шоирӣ ва нақду сухансанҷии ин давра қадами фарохтар гузошта шуд.

Баъдтар ба вуҷуд омадани тазкираҳои М. М. Иброҳимӣ «Намунаи адабиёти Эрон» (1922), С. Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) ва дар пайравии ӯ тазкираи «Намунаи адабиёти ӯзбек»-и А. Фитрат (1928) дар дарки сифатҳои адабиёти ин давраи қаламрави Мовароуннахр заминаҳои муҳим фароҳам овարданд. Аз ҷумла, «Намунаи адабиёти тоҷик» «қадами нахустин дар таҳқиқи адабиёти асри XIX» [441, с. 7] буда, манбаи муҳимми таҳқиқу бозшиносии ҷойгоҳи тазкираҳо дар таърихии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба ҳисоб меравад.

Соли 1946 муҳаққиқи ӯзбек А. Муталлибов тарҷумаи русии «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳро анҷом дода, дар ин боб рисолаи номзадӣ дифоъ кард. «Беҳтарин ҷиҳати кори А. Муталлибов дар ин ҷост, ки дар он хусусиятҳои забонӣ ва услубии «Туҳфат-ул-аҳбоб» то андозае дуруст нигоҳ дошта шудааст» [299, с. 4].

Аз нимаи дувуми солҳои 50-уми садаи XX зарурати таҳқиқи манбаъҳо ба таври васеъ ба миён омад. Рисолаи Р. Ҳодизода «Сарчашмаҳои асосии омӯзиши

адабиёти охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX» [441] кӯшиши нахустини таҳқиқу баррасии тазкираҳои ин давра мебошад, ки матолиби он дар китоби «Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX» [361] низ мухтасаран ғунҷоиш ёфтаанд.

Пас аз ин теъдоде аз олимони тоҷик ба таҳқиқ ва нашри бештари силсилаи маъхазҳои адабӣ имкон ёфтанд. Азбаски аз ибтидои солҳои 60-уми садаи XX бо ибтикори академик А. Мирзоев таваҷҷуҳ ба шинохти адабиёти баъди садаи XVI афзуд, таҳқиқи маъхазҳои адабиёти асрҳои охир чун ҷузъи пажуҳиши таърихи адабиёт ба сифати намунаҳои пурарзиши матншиносии муосири тоҷик арзишу аҳаммияти консепсуалӣ пайдо кард.

Нақшу саҳми намояндагони мактаби матншиносии тоҷикии солҳои 70-80-уми садаи гузашта дар ин замина то имрӯз ҷойи баҳс надорад. Нашри пайвастаи тазкираҳо фазои адабиётшиносӣ ва матншиносии тоҷикро пур кард. Дар баробари ин, ба вуҷуд омадани пажуҳишҳо оид ба тазкираҳо ва баррасии масъалаҳои меҳварии таърихи адабиёт аз вусъату густариши ин самти илмӣ дарак медиҳад. Аз ҷумла, як бахши рисолаи Т. Неъматзода «Возеҳ» [299, с. 62-82] ба тадқиқи арзишҳои адабии «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳ бахшида шудааст.

Шарифҷон-махдуми Садри Зиё – Мирзо Муҳаммад Шарифи Садр мутахаллис ба Зиё тазкиранигори собитқадами форсии тоҷикии нимаи аввали садаи XX мебошад, ки як шохаи пурбори эҷодии ӯ тазкиранависӣ аст. Оид ба тазкираҳои Садри Зиё Саҳобиддин Сиддиқов ҳанӯз соли 1967 рисолаи номзадӣ дифоъ карда буд, ки ин рисола баъди фавташ соли 2010 бо саъйи М. Шакурӣ ва вероиши илмии М. Мирзоюнус (Хоҷаева) ба табъ расидааст [336].

Ин рисолаи фарогир ва арзишманд оид ба Садри Зиёст ва дар он моҳияти тазкираҳои ин намояндаи маъруфи адабиёт мӯйшикофонаву амиқ баррасӣ шудааст. Баъди чандин соли пажуҳиши С. Сиддиқов ҳам дар шинохти ҷойгоҳи Садри Зиё ва осораш кӯшишҳои нав ба харҷ рафта ва дар ин замина чанд кори арзишманд ба анҷом расиданд. Соли 1991 «Наводири Зиёия»-и Садри Зиёро М.

Шакурӣ ва С. Сиддиқов ба табъ расониданд, ки яке аз муҳимтарин тадбир дар муаррифии ҷойгоҳи Садри Зиё ба унвони нависанда мебошад [103].

Ҳангоми нашри он ба арзиши асар ба сифати намунаи шоистаи насри ибтидои садаи XX баҳои назаррас дода шудааст. Дар «Наводири Зиёия» чанд асари насрӣ ҷой ёфта, афзун ба ин ду асари таркиби он «Тазкират-ул-вузаро» ва «Тазкират-ул-ҳумақо» ба навъи тазкира дохил мешаванд. Илова ба ин «Латоифу мутоибот» ва «Мадҳу зам, бадеҳа ва суолу ҷавоби шуаро» ном асарҳои Садри Зиё вежагии тазкиравӣ доранд ва аз ҳолу аҳвол ва махсусияти осори адибони замон нақл мекунанд. Ин асар аз омезиши сабки адабиву публитсистӣ фароҳам омада, як бахш иттилои тазкирамонандест оид ба шоирону фозилони давр. Нашри форсии асар соли 1998 дар Эрон ба саъйи М. Шукурзода ба миён омадааст [44].

Дувумин марҳалаи дастрасӣ ба тазкираҳои Садри Зиё бо нашри «Тазкори ашъор» дар интишороти «Суруш»-и Эрон (2001) оғоз меёбад [43]. Ин асари пурарзиш дар нақди ҳол ва осори аҳли адаби замона сазовори баҳрамандии хос аст. «Тазкори ашъор» яке аз кӯшишҳои расои шинохти ҷойгоҳи шеъру шоирӣ ва намунаи камназири тазкираи манзум дар адабиёти давраи охир аст. То ба Садри Зиё таҷрибаи таснифи тазкираи манзум дар садаи XIX-ро шоир ва тазкиранависи дарбори Хӯқанд Фазлии Намангонӣ фароҳам оварда буд [**дар ин бора ниг.**: 310].

Дар робита ба нашри эронии «Тазкори манзум» ин нукта низ бояд изҳор шавад, ки он ба ҷуз матни аслӣ ду замимаро дар бар гирифтааст. Замимаи аввал пайвастҳои Садри Зиё ба «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам мебошад. Маълум мешавад, ки ин тазкира ба сабаби фавти Муҳтарам нотамом монда, онро Садри Зиё анҷом додааст. Бахши иловаҳои ӯ зимни нашри матни илмӣ-интиқодии «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам (Душанбе, 1977) бо саъйи матншинос А. Ҷонфидо барқарор шуда, М. Шакурӣ дар нашри эронии «Тазкори ашъор» онро ҳамчун замима ворид кард ва бо ин кор амали тазкиранигории Садри Зиё комил ва васеъ намудор гардид. Ба

замимаи дувуми «Тазкори ашъор» он ҷойҳои осори адабиву таърихии Садри Зиё ворид шудаанд, ки ба матолиби шеъру шоирӣ ихтисос доранд. Таъкиди ин нукта ҳам зарур аст, ки бештари осори дигари адабиву таърихии Садри Зиё аз вежагии тазкиранигорӣ бархурдоранд. Чун Садри Зиё дар таърихи адабиёт ҳамчун тазкиранигор мақом ёфтааст, хислати умдаи тазкиранигориаш дар асарҳои дигараш низ хуб нақш ёфтаанд. Бинобар ин, М. Шакурӣ ба замимаи дувуми «Тазкори ашъор» ҷойҳое, ки донишманди фақид С. Сиддиқов аз осори дигари Садри Зиё оид ба шеъру шоирӣ ҷудо карда буд, шомил кардааст. Ин кори хеле заҳматталаб ва, дар айни замон, арзишманд барои такмили консепсияи шинохти адабиёти нимаи дувуми садаи XIX ва ибтидои садаи XX бас муҳим аст. Ин амр барои шинохти аслу моҳияти сарчашмаҳои замон ва ошноӣ бо раванди таҳаввули фикри адабии замон арзиш хоҳад дошт. Аз ин ҷиҳат нашри чанд асари Садри Зиё дар Тоҷикистон ва Эрон ҳарчи бештар имкони мутолиаро барои шинохти муҳтаво, усули таълиф, дарки аҳаммият ва фазилатҳои кори мусанниф осон мегардонад.

Аммо, бо вуҷуди ин, дар шакли дастнавис маҳфуз мондан ва дастрас набудани чанде аз ин таълифот мушкили зиёд дар омӯзиши нави таърихи адабиёт ва фароҳам овардани манзараи воқеии ҳаёти адабии ин давра эҷод мекунад. Таърихи адабиёти ин аҳд бо он ки хеле зиёд ва ба таври густурда таҳқиқу баррасӣ шудааст, имрӯз ба таҷдиди назар ниёз дорад. Нашри осори Садри Зиё ва маъхазҳои дигари ин давра дар роҳи таҷдиди назар ба таърихи адабиёт, барои дарки консепсияи нави омӯзиши он муҳим хоҳад буд. Аз ҷумла, ба фикри мо ошноӣ бо муҳтавои тазкираҳои «Шуарои мутааххирин», «Фузалои мутааххирин», «Дафтарҳои мусаввада» аввал аз ҳама барои фаҳмиши ҳамаҷонибаи ихтилофи назари муаллиф ба масоили умдаи шеъру шоирӣ дар ҳавзаи Мовароуннаҳр, қазовати ҳаққу ботил дар боби мақоми шоирон, аслу воқеияти эҷодгарии онҳо муфид ва арзишманд мебошад.

Асарҳое аз қабили «Латоиф ва мутойибот», «Мадҳ ва зам, бадеҳа ва суолу ҷавоби шуаро», «Тазкират-ул-ҳумақо» ва «Сабабҳои инқилоби Бухоро» дар

«Наводири Зиёия»-и Садри Зиё (Душанбе, 1991; Теҳрон, 2000) ва бархе аз бахшҳои «Рӯзномаи Садри Зиё» (Теҳрон, 2003) низ дар шинохти комили назари таърихӣ, интиқодӣ ва зебоишиносии Садри Зиё ба шеъру шоирӣ, бознамоии равандҳои фикрӣ ва моҳияти мафкуравии адабиёт, хидматҳои ӯ дар бознамоии ҳаёти адабии он давра арзиши муҳим доранд. С. Сиддиқӣ дар солҳои 60-уми садаи гузашта мавод оид ба ҳаёти адабӣ ва рӯзгори шоирони замонро аз дохили асарҳои Садри Зиё гирд оварда буд, ки ба нашри эронии «Тазкори ашъор» чун «Замимаи 2» ворид гардидааст.

Дар ҳамин фурсати таърих «Рӯзнома»-и Садри Зиё низ соли 2001 дар интишороти Маркази аснод ва хадамоти пажуҳишии Вазорати умури хориҷии Эрон бо пешгуфтори М. Шакурӣ ба нашр расид [39]. Ин асарро ноширони эронӣ ба сифати «вақоеънигории таҳаввулоти сиёсӣ-иҷтимоии Бухорои шариф тайи нимаи поёнии аморти хоноти манғит» арзёбӣ кардаанд, ки «бар асоси ёддоштҳои рӯзонаи Шарифҷон-махдуми Садри Зиё – охирин қозикалони Бухоро» ба миён омадааст. Бо вуҷуди ин асари мазкур ҷойҳое дорад оид ба шарҳи ҳоли шоирони замон ва осори онон. Дар «Рӯзнома» Садри Зиё ҳикоятҳое аз рӯзгор фароҳам оварда ва намунаи осори шоирони замонро ҷой додааст, ки дар шинохти таърихи адабиёти садаҳои охири Мовароуннаҳр аз аҳаммияту арзиш бархурдор аст. «Рӯзнома»-и Садри Зиё дар баргардони Ӯ. Қосидова ва вероишу тасҳеҳи М. Мирзоюнус, А. Набавӣ ва С. Аъзамзод ба нашр омода шудааст. Аз ин хусус рисолаи номзадӣ дифоъ гардида ва монографияи он низ ба табъ расидааст [256].

Аз ин нуқтаи назар пас аз кӯшишҳои муваффақи С. Айнӣ, Р. Ҳодизода ва, хусусан, С. Сиддиқов дар шинохти ҷойгоҳи тазкираҳои Садри Зиё таҳқиқ боз ҳам бештару босамар идома ёфта ва дар ин роҳ аз намунаҳои сараву судманду арзишманд китоби М. Шакурӣ «Садри Бухоро» (2005) шинохта шудааст [191; 379]. Муаллиф бори дигар ҷойгоҳи тазкираҳои Садри Зиё, хоса «Тазкори ашъор»-ро бо ҳадафи таъйини муҳимтарин нуктаҳои ҳаёти адабии замон ба кор гирифта, дар ин ҷода ба натиҷаву хулосаҳои ҷолиб расидааст. Аз ҷумла, қазияи

муҳим масъалаи пайдоиши шеъри нав мебошад, ки бо такя ба нигориши Садри Зиё аз андешаҳои наву бесобиқа бархурдор аст.

Баъди ин ҳам оид ба «Тазкори ашъор», дигар тазкираҳои Садри Зиё ва тазкираҳои ҳамзамонони Садри Зиё чанд пажуҳиш ба миён омадаанд. Аз ҷумла, бо ҷусторҳои муаррих Ш. Воҳидов арзиши чанд асари Садри Зиё аз китобхонаи Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳон Берунии АИ Ӯзбекистон равшан гашт. Аз ҳама муҳим, бо саъйи ӯ асаре муҳим аз Садри Зиё – «Асомӣ-юл-кутуб» таҳия гашта, дар фосилаи беш аз 15 соли охир чанд маротиба ба нашр расид [**аз ҷумла ниг.**: 42; 234; 235]. «Асомӣ-юл-кутуб» феҳристи дастхатҳои китобхонаи Садри Зиёст, ки аз он низ вежагии тазкира эҳсос мешавад.

Оид ба арзиши қиёсии тазкираҳои Садри Зиё ва тазкиранигорони дигари ҳамзамони ӯ С. Оқилова [302], И. Эшонқулов [400], Э. Раҷабов [310] ва дигарон низ изҳори назар карданд. Ин асар аз ҷониби М. Мирзоюнус ва С. Аъзамзод таҳия гардида ва бо вероиши А. Набавӣ ва М. Акбарзод ба нашр ҳозир шудааст.

Чун солҳои 70-80-уми садаи XX шинохти матн ва тасҳеҳи нусхаҳои хаттӣ дар Тоҷикистон ба марҳалаи нав ворид гардид, нашри тазкираҳо низ равиши хос пайдо кард. Тасҳеҳу нашри силсилаи матнҳои илмӣ-интиқодии «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам (1975), «Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ (1977), «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ (1983), «Ништари ишқ»-и Ҳусайнқулихони Азимободӣ (дар 5 ҷилд, 1985-1988) бо саъйи А. Ҷонфидо аз рӯйи нусхаҳои муътабари мавҷуда муҳимтарин тадбирҳо дар заминаи дастрасӣ ба кутуби тароҷими аҳвол ва намунаҳои ашъори шуаро ба ҳисоб мерафтанд [1; 18; 31].

Дар он марҳала «ба табъ расонидани матнҳои комили тазкираҳо аз рӯйи нусхаҳои мавҷуда ба шакли тасҳеҳ ва тартиби мутуни интиқодӣ ва ё ҳатто интишори нусхаҳои алоҳидаи нодира на фақат ба мақсади ҳифзи он нусхаҳои қаламӣ, балки дар навбати аввал барои гузоштани ин ҳама маъхазҳои гаронбаҳои маданият дар дастраси олимони мутахассис аз вазифаҳои бениҳоят муҳим ва зурур» ба шумор мерафт [31, с. 6].

Дар маҷмуъ, бо фароҳам омадани чанд рисола оид ба тазкираҳои асрҳои аввал, миёна ва охири Мовароуннаҳр ва қаламрави дигари забон ва адабиёти форсӣ – «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё (С. Сиддиқов), «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ (А. Сатторов), «Афзал-ут-тазкор фи зикри-ш-шуаро ва-л ашъор»-и Афзал-махдуми Пирмастӣ (А. Зоҳир) «Тазкират-ут-таворих»-и Абдуллоҳи Кобулӣ (Ш. Нуриддинов), «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ (С. Воҳидов), «Тазкират-ул-хавотин»-и Мирзо Муҳаммади Шерозӣ (Ф. Ализода), «Ҳадиқат-уш-шуаро»-и Девонбеги Шерозӣ (С. Саидов), «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ (А. Маҳмадаминов), «Каламот-уш-шуаро»-и Сархуш ва «Сафинаи Хушгӯ»-и Биндробандос Хушгӯ (З. Ғаффорова), «Нусхаи зебои Ҷаҳонгир»-и Мутрибӣ (Ф. Акрамов), «Муосирони суханвар»-и Холмуҳаммади Хаста (З. Мирзозода), «Сафинат-ул-авлиё»-и Муҳаммади Дорошукуҳ (К. Атоева), «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, «Тазкират-уш-шуаро», «Таърихи Ҷаҳонгирӣ»-и Мутрибии Самарқандӣ (Б. Норик), «Хизонаи Омира»-и Ғуломалихон Озоди Балгиромӣ (Ҳ. Қаландаров), «Тазкират-ул-авлиё»-и Фаридуддини Аттор (М. Оқилова), «Мақолот-уш-шуаро»-и Мир Алишери Қонеъ (А. Раҳимов), «Риёз-уш-шуаро»-и Алиқулихон Волаи Доғистонӣ (Б. Валихӯҷаев), «Маҷмуат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ (М. Шониёзов, Э. Раҷабов), тазкираҳои Мирсиддиқхони Ҳашмат (И. Эшонқулов), «Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ал-асҳоб»-и Раҳматуллоҳи Возеҳ (С. Оқилова), «Суҳуфи Иброҳимӣ»-и Иброҳими Халилхон (К. Мирниёзов) ва ғайра дар шинохти паҳлуҳои мухталифи ин бахши осори адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мавод ва осори муҳимме дар ихтиёри мо қарор гирифааст, ки бо ҳама фарозу нишебашон рӯйдоди ҷолибанд.

Таҳқиқи тазкираҳои ибтидои садаи XX дар солҳои 90-уми садаи XX маъниву моҳияти дигар ба даст овард. Агар дар тамоми замони шуравӣ арзишу аҳаммияти тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнӣ ба таври мухтасар танҳо перомуни рисолаҳои умумии адабиётшиносӣ ва таърихнигории тоҷик, ҳатто дар қолаби чанд мақола нақду танқеҳ шуда бошад, дар солҳои 90-уми

охири садаи XX ва ибтидои садаи XXI дар чанде аз асарҳои таҳқиқии муҳим оид ба таърихи адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ, ки ҷанбаи худшиносии милливу таърихӣ доштанд, ин китоб ба доираи муҳокимаи ҷиддӣ ва муфассали мунаққидону муаррихон ва файласуфон кашида шуд. Дифои рисолаҳои номзадиву докторӣ ва нашри чанд китоби муҳими айнишинос А. Маҳмадаминов «Ҷустуҷӯи ҳақиқат» (1996, ба русӣ), «Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ» (1997), «Айнишиносӣ ва замони ҳозира» (2003), рисолаву мақолаҳои М. Шакурӣ, А. Набавӣ, М. Абдулло роҷеъ ба арзишу аҳаммияти «Намунаи адабиёти тоҷик» ҷанбаи нақду сухансанҷии ин тазкираро ба маротиб зиёд нишон доданд.

Хоса, академик М. Шакурӣ дар чанд китоб – «Хуросон аст, ин ҷо!» (1996, 1997, 2005), «Сарнавишти форсии тоҷикии Фарорӯд дар садаи XX» (2003, 2005), «Ҷусторҳо дар забон, адаб ва фарҳанг» (2005), «Равшангари бузург» (2006) ва ғайра аз ҷойгоҳи мумтози тазкираи С. Айнӣ дар робита ба ҷанбаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, адабӣ ва фарҳангии замон бобҳои ҷудогона ихтисос додааст.

Яке аз дастовардҳои муҳимми давраи нави ҳаёти илмиву адабии тоҷикон дастрасӣ ба нашри нави «Намунаи адабиёти тоҷик» мебошад, ки пас аз маҳрумии дурудароз ва баҳсу қазовату гуфтугузору кашмакаши зиёд амалӣ гардид. Аммо он на дар Тоҷикистон, балки дар Ҷумҳурии исломии Эрон ба хати форсӣ ба табъ расид, ки бозхонӣ, танқеҳ ва таҳшияи онро доктор А. Равоқӣ анҷом додааст [5]. Дар пешгуфторҳои А. Шеърдӯст, М. Шакурӣ, К. Айнӣ, А. Равоқӣ ба ин нашр ҷойгоҳи адабпажуҳӣ ва наққодии «Намунаи адабиёти тоҷик» ба таври дақиқ ва мушаххас арзёбӣ шудааст.

Дар Тоҷикистон бори аввал нашри фишурдаи «Намунаи адабиёти тоҷик» ба хати кирилӣ асосан бо фарогирии порчаву фикраҳое, ки **дар онҳо назари интиқодӣ, адабиётшиносӣ ва сухансанҷии муаллиф ифода ёфтаанд**, бидуни ҷой додани намунаҳои ашъори шоирони гузашта ва имрӯза дар таҳияи А. Набавӣ ва Ф. Набиев сурат гирифт [58, с. 27-128].

Ниҳоят, нусхаи нахустини нашри комили «Намунаи адабиёти тоҷик» бо кӯшиши К. Айнӣ ва Н. Қосим дар баргардонии А. Ҳоҷиев ба сифати ҷилди 16-уми «Куллиёт»-и С. Айнӣ дар чопхонаи «Mega Basim»-и Туркия нашр гардид. Таҳиягарони ин нусха диққати аҳли таҳқиқро ба як нуктаи хеле муҳим ҷалб кардаанд, ки «Намунаи адабиёти тоҷик» аз нигоҳи имрӯз воқеан ҳам «**намунаи барҷастаи завқу салиқа, адабиётшиносии оқилонаву мунаққидии одилонаи устод Айнӣ**» маҳсуб меёбад» [60, с. 4]. Дар ин муддат ин асар дар нашриёти «Адиб» низ ба хати кирилӣ бо тасҳеҳи М. Акбарзод ба табъ расид [59].

Ҳамин тавр, алҳол барои муайян кардани ҷойгоҳи интиқодии ин асари С. Айнӣ дар ихтиёри мо чаҳор нашри комил ва як нашри мухтасар қарор дорад, ки бо мутолиаи онҳо ба таври васеъ метавон бо дидгоҳҳои соҳиби тазкира ошно шуд.

Чаро истифода аз нусхаҳои гуногуни асар муҳим ва муфид аст? Дақиқ аст, ки нашри нахустини маскавии «Намунаи адабиёти тоҷик» ғалат ва иштибоҳи зиёд дорад ва он чандон матни саҳеҳ нест. Дар адабиётшиносӣ ва матншиносии тоҷик аввалин маротиба адабиётшинос А. Насриддинов оид ба чигунагии нашри нави «Намунаи адабиёти тоҷик» ғалатҳои ин асарро муқаррар карда, зарурати фароҳам овардани матни саҳеҳ ва бидуни ғалату иштибоҳи онро ба миён гузошта буд [298, с. 366-384].

А. Равоқӣ низ ба чунин ҷанбаи тазкираи С. Айнӣ бетаваҷҷуҳ набуд, ки дар пешгуфтор ҳиммату ҳавсалаи интиқодии хешро дар мавриди нашр ва дастрасӣ ба нусхаи нисбатан саҳеҳи тазкира ва ислоҳи ғалатҳои он огоҳона ва мудаққиқона зикр кардааст: «Шуморе аз нодурустиҳои чопиро (чопи Маскав – С. А.) аз он дур ва бархе норасоиҳои маъноиро равшан кардаем» **[5, саҳ. сиву панҷ]**.

Аз ин ҷиҳат, нашри нави «Намунаи адабиёти тоҷик» бо назардошти «ислоҳот ва изофоте, ки С. Айнӣ ба он пардохтаанд» (К. Айнӣ), ҷолиб ва шоистаи таваҷҷуҳ мебошад. Зеро, чуноне аз як номаи ӯ равшан мешавад, майлу

нияти эҷодии соҳиби асар ба алоқамандони мероси адабӣ фароҳам овардани нусхаи саҳеҳ ва холӣ аз ғалат, ба ин васила, ҳифзу нигаҳдошти амонати таърихи адабиёт маҳсуб мешудааст: «Ман танҳо дар он хусус манфаатдор ва ҳақдор мебошам, ки текстҳои ман дар тоҷикӣ ва русӣ дуруст ва рост гузаранд» [50, с. 377].

Истифода аз нусхаҳои гуногун дар замони имрӯз барои дарки дуруст ва комили андешаҳои мусанниф арзишманд буда, аз тарафи дигар, тарҳу усулҳои матншиносии таҳияи онро аз ҷониби мураттибини мухталиф бозгӯ мекунад...

Аз даҳаи аввали сади XXI чанде пажуҳандагони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров бо роҳбарии адабиётшинос М. Мирзоюнус ба таҳқиқи адабиёти форсӣ-тоҷикии асрҳои охир, хоса шинохти сарчашмаҳои дараҷаи аввали он саргарм шуданд. Ин мавзуъ ба доираи барномаи таҳқиқии Пажуҳишгоҳи илмҳои гуманитарии назди донишгоҳ ворид гардид. Яке аз самараҳои ин ҷустуҷӯ дифои се рисолаи номзадӣ – «Тазкираи Мирсиддиқхони Ҳашмат – сарчашмаи муҳимми омӯзиши адабиёти тоҷикии охири асри XIX-ибтидои асри XX» (И. Эшонқулов) [400], «Маҷмуат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ ва анъанаи тазкиранигорӣ дар адабиёти тоҷикии асри XIX-ибтидои асри XX» (Э. Раҷабов) [310] ва «Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ» (С. Оқилова) [302] мебошад. Дар ин се рисола ва чанд мақолаи дигари муаллифон арзиши интиқодии ин тазкираҳо ва ҷойгоҳи онон дар бознамоии сайри таҳаввули нақди адабӣ низ то андозае бозгӯ шудаанд.

Чигунагии кайфияти ошноӣ бо ин гуна манбаъҳо дар нақди адабӣ ва адабиётшиносии эронӣ низ донистанӣ аст. Мутаассифона, дар кишвари Эрон бо вуҷуди бархе аз ҷустуҷӯҳои қобили таваҷҷуҳ тазкираҳои форсии ҳавзаи Мовароуннаҳр ба таври васеъ ва густурда муаррифӣ ва таҳқиқу баррасӣ нашудаанд, ки ғолибан сабаби ин ҷудоии миёни форсизабонони Эрон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои охир, садди равобити илмиву адабии ин ду ҳавза дар

давраи шуравӣ ва дар дастрасии васеъ қарор надоштани маъхазҳо ба алоқмандони ин ду ҳавзаи фарҳангӣ ба шумор мерафт.

Бо вуҷуди ин, асари муҳим дар шинохту маърифати тазкираҳои форсӣ дар ҳавзаи Мовароуннаҳр китоби «Таърихи тазкираҳои форсӣ»-и Аҳмад Гулчини Маонӣ (1970) мебошад. Ин асари мумтози дуҷилда ба муаррифии беш аз 500 тазкираи форсӣ аз давраи қадим то имрӯз ихтисос ёфтааст [179].

Дар китоб чанд тазкираи мовароуннаҳрӣ – «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мирсиддиқхони Ҳашмат, «Тазкират-ул-фузало»-и Шаръӣ, «Тазкираи Муҳтарам», «Афзал-ут-тазкор»-и Афзал-махдуми Пирмастӣ, «Тазкираи манзум»-и Садри Зиё, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнӣ низ нақду муаррифӣ шудаанд. Гулчини Маонӣ тазкираи Афзал-махдуми Пирмастӣ «Афзал-ут-тазкор»-ро маъхази асосии С. Айнӣ дар таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» медонад ва насри онро муншиёна ба ҳисоб меоварад. Ба назар мерасад, ки нусхаи «Афзал-ут-тазкор»-ро дар ҳошияи тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис» якҷо бо «Боғи Ирам» дар ихтиёр дошт.

Аз таълифоти Аҳмад Гулчини Маонӣ бо доираи нуфузу эътибори тазкираҳои мовароуннаҳрӣ дар қаламравҳои дигари адабиёти форсӣ низ ошно мешавем. Аз ҷумла, ӯ дарак медиҳад, ки дар китоби Халилуллоҳи Халилӣ (Халилии Афғон) «Осори Ҳирот» аз баъзе тазкираҳои Бухоро истифода шудааст. Гулчини Маонӣ дар баробари муаррифии тазкираҳо ба дидгоҳҳои интиқодии ин осор низ таваҷҷуҳи хосе кардааст. Масалан, ин баҳои ноқидонаи С. Айниро дар мавриди Афзал-махдум ва тазкираи ӯ меоварад: «Ҳарчанд бинобар хотири Амир дар ин китоб шеърро сареҳан танқид накарда, сара ва сақатро дар як қатор ҷилва додааст, маазолик ба удабои муосирин ба сабаби эҳёи номашон миннати бузурге ниҳодааст» [179, с. 35].

Бо вуҷуди ин, ба назар мерасад, ки Аҳмад Гулчини Маонӣ бо он ки чанд тазкираи мовароуннаҳриро дар ихтиёр доштааст, на ҳамаи онро ба такври васеъ, густурда, ҷудогона ва ҳавсалаи хос мутолиа карда ё имкони мутолиа надоштааст. Вагарна дар нақду бозгӯйи сараву сақат, бартариву фазилат ва ё

нуқсу иштибоҳи онҳо довариҳо мекард, чуноне ки ин шеваи интиқодиро дар хусуси дигар тазкираҳои қадим ва ҷадид – «Оташкада»-и Лутфалибек Озари Бегдилӣ (1760-1779), «Анҷуманоро»-и Аҳмадбеки Гурҷӣ мутахаллис ба Ахтар (1808-1818), «Ишороти Биниш»-и Саид Муртазои Биниш (1848), «Аз Робиа то Парвин» Кишоварзи Садр (1956) ва дигарон ба кор гирифтааст.

Китоби «Таърихи тазкираҳои форсӣ» аз лиҳози таҳқиқи муштараки таърихи тазкираҳо дар тамоми қаламрави забони форсӣ низ арзишманд ва аммо ибтидои кор аст. Фурсате фаро расидааст, ки тарҳи наққодӣ ва сухансанҷии ҳавзаи Мовароуннаҳр дар маҷмуи умумии нақди адабии қаламрави муштараки забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мавриди омӯзиши ҳарҷониба қарор гирад. Ба назари мо, яке аз ҳамин гуна иқдомоти муфид таҳқиқи қиёсии тазкираҳои Осиёи Миёна бо тазкираҳои Эрон, Афғонистон ва Ҳинд бо назардошти ҳолу ҳавои нақду сухансанҷӣ дар ин ҳавзаҳо аст. Бо ин гуна иқдом ба чанд қазияи муҳим, аз ҷумла махсусияти ҳар як ҳавза, нақш ва таъсири тазкиранигории як қаламрав ба раванди нигориши тазкира дар қаламрави дигар метавон равшанӣ андохт. Тазкиранигорони як қаламрав дар таснифоташон аз заминаҳои фикрии тазкиранигорони қаламрави дигар чӣ баҳра ҷуста, осорашон бо ҳамдигар чӣ умумият, шабоҳат ва тафовут доранд? Дар заминаи қиёси тазкираҳои ҳавзаҳои гуногуни забон ва адабиёти форсӣ алҳол пажуҳиши доманадор сурат нагирифтааст.

Яке аз масъалаҳои ҷолиб дар таърихи тазкиранигории форсӣ-тоҷикӣ масъалаи пайдоиши тазкираи манзум мебошад, ки асосан дар давраҳои охири адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба вуҷуд омадаанд. Ду намунаи ин навъ тазкираҳо – «Маҷмуат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ ва «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё ҷанбаи интиқодии устувор дошта, дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар баробари тазкираҳои маъмулии мансур ба сифати осори хуби нақду сухансанҷӣ муаррифӣ ва шинохта шудаанд.

Бояд гуфт, ки масъалаи пайдоиши «тазкираи манзум» дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар таълифоти то солҳои 60-уми садаи XX, аз ҷумла китоби Р. Ҳодизода

аз мадди назар дур монда будааст. Андаке сонитар анъанаи таълифи ин навъ тазкира дар бархе таълифоти адабиётшиносӣ ба назар мерасад. Дар ин бора хулосаи аввалинро С. Сиддиқӣ изҳор кардааст: «Дар таърихи адабиёти тоҷик таълифи тазкират-уш-шуарои манзум хеле кам воқеъ шудааст. Агар хато накунем, аввалин касе, ки ба ин кор даст зада буд, маликушшуарои дарбори Умархон (1809-1822) Фазлии Намангонист, ки бо унвони «Маҷмуаи шоирон» дар соли 1822 тазкираи манзум мураттаб намудааст. Дувумин тазкираи шеър асари Садри Зиё «Тазкори ашъор» аст.

Дар ин ки баъд аз Садри Зиё каси дигар ба назм тазкира навишта ва ё не, маълумоте дар даст нест. Вале маълум аст, ки Идрисхоҷаи Роҷӣ (ваф. 1338-1919-1920) дар ибтидои садаи XX «Тазкират-ул-хаттотин»-и манзум таълиф карда буд» [336, с. 107].

Шубҳае нест, ки ин қазовати С. Сиддиқӣ бо назардошти махсусияти ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр ба миён омадааст. Вагарна бо ошноӣ ба равандҳои адабии ҳавзаҳои дигари форсизабон низ аз чанд тазкираи манзум огоҳ мешавем.

Аз андешаҳои С. Сиддиқӣ зикри ду нукта қобили таваҷҷуҳ аст:

1. Шоир ва тазкиранигори Хӯқанд дар нимаи аввали садаи XIX Фазлии Намангонӣ нахустин нафаре аст, ки дар таърихи адабиёти тоҷик бо номи «Маҷмуат-уш-шуаро» (на «Маҷмуаи шоирон») тазкираи манзум эҷод кардааст.

2. Шоир ва тазкиранигори охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX Шарифҷон-махдуми Садри Зиё дувумин нафаре аст, ки ин анъанаро идома дода, «Тазкори ашъор»-е ба назм ба вуҷуд овардааст.

Дар идомаи андешаи С. Сиддиқӣ муҳаққиқи «Маҷмуат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ Э. Раҷабов оид ба мансубии аввалин тазкираи манзум ва идомаи ин анъана дар таърихи адабиёти форсӣ махсус андеша баён кардааст: «Маҷмуат-уш-шуаро» бо хусусияти манзум буданаш дар таърихи тазкиранигории форсӣ мақоми аввалро дорад… Ин ибтикор аз ҷониби тазкиранигорони баъдӣ, ба хусус Шарифҷон-махдуми Садри Зиё истиқболи гарм ёфт [310, с. 42].

Дар мавриди дигар менигорад, ки «то Фазлӣ касе ба таълифи тазкираи манзум даст назада» [310, с. 95] ва «қабл аз «Маҷмуат-уш-шуаро»-и Фазлӣ дар ҳавзаҳои дигари адабиёти форсӣ тазкираи манзум таълиф нашудааст» [310, с. 135-136].

Дар «Таърихи тазкираҳои форсӣ» роҷеъ ба чаҳор тазкираи манзум дар қаламрави умумии забон ва адабиёти форсӣ аз Эрон то Ҳинд маълумот фароҳам омадааст. Аз ҷумлаи ин асарҳо яке «Тазкираи манзуми Рашҳа» – таснифи Мирзо Муҳаммад Боқири Рашҳаи Исфаҳонӣ соли 1250 ҳ. қ. = 1833 мелодӣ дар шаҳри Нойини Язд тасниф шудааст. Ин тазкира маснавии ошиқонаест ба вазни «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомӣ дар бозгӯи саргузашти ишқи Наврӯз – духтари Бахтиёрӣ ва Ҷамшед – писари вазири хони Хито, ки ҳикояти навишта шуданаш ҷолиб ва мунҳасир ба фард аст. Муаллиф дар аввали достон ба мавзуоти таърихи мулуки Аҷам ва насиҳатҳои шоҳон мепардозад. Дар идомаи достон аз мукотибаи ин ду дилдода, рафтани Наврӯз дар рикоби Ҷамшед ба ҷониби саҳро ва шикор, афсона гуфтанаш дар вақти хоб барои Ҷамшед сухан меравад. Дар бозгашт Ҷамшед аз Наврӯз хоҳиш мекунад, ки тароҷими шуарои асрро ба назм адо кунад, ба шарте ки «зикри ҳар шоире дар се байт ба назм ояд ва аз ашъори ҳар як ду байт бештар наёварад» [179-I, с. 372].

Дар натиҷа, «Тазкират-уш-шуарое манзум ва муфиде» ба вуҷуд омад, ки дар он 137 шоири муосири муаллиф зикр шудааст, хоса зикри баъзе аз шуарое рафтааст, ки дар тазкираҳои дигар наметавон ёфт.

Ин тазкираро Мирзо Аҳмад Девонбегии Шерозӣ – соҳиби тазкираи «Ҳадиқат-уш-шуаро» аз байни нусхаи асл ва мунҳасир ба фарди «Наврӯз ва Ҷамшед» дар Китобхонаи Остони Қудси Разавӣ бо рақами 4656 ҷудо карда ва онро соли 1344 бо муқаддимаву ҳошия дар интишороти «Амири Кабир» ба табъ расонидааст.

«Тазкираи Шиҳоб»-и Мирзо Абдуллоҳ Шиҳоби Туршезӣ аз дигар тазкираи манзум аст, ки дар аввалҳои садаи XIX тасниф шудааст [179-I, 303-305]. Ин навъ тазкираро дар нимаи дувуми садаи XX Аббоси Шаҳрӣ – шоири муосири

Эрон тахти унвони «Тазкираи Шаҳрӣ» тасниф кардааст, ки ҳасби ҳол ва намунаи ашъори 39 шоири машҳури маъруфи муосири форсигӯро фаро мегирад. Дар ин асар бозгӯйи «вазъи бесомони сухан дар даврони мо ва интиқод аз шеъри нав» бо фарогириии дувоздаҳ ҳикояти тамсилӣ сурат гирифта, мусанниф «тароҷимро бидуни таоруф ва такаллуф ва холӣ аз ҳар гуна муҷомила ва мудоҳана ба назми шево баён кардааст» [179-I, 306]. Ин вежагиро низ метавон дар шинохти вазъи нақду сухансанҷӣ дар перомуни тазкираҳо метавон ба кор гирифт.

Ҳамин тавр, фарогирии дидгоҳҳои наққодӣ дар тазкираҳои манзум ва ба таҳқиқи қиёсӣ гирифтани онҳо барои дарёфти ҷустуҷӯҳои ғояviву эстетикӣ дар ҳавзаҳои мухталифи форсизабонон арзишу аҳаммият дорад. Ҳадафи умдаи сайри таҳқиқ ва нашри манобеи муҳимми адабиёти садаи XIX ва ибтидои садаи XX бознамоии манзараи куллии сайри нақду наққодӣ дар қаламрави Мовароуннаҳр буда, ин амр дар роҳи ҷустуҷӯи мафкуравию ғоявӣ ва иҷтимоӣ, ҳамчунин ҷусторҳои адабиву фарҳангӣ ва зебоишиносии ин давра арзиши муайян доранд.

## II.2. Саҳми равшангарон дар арзёбии осори адабӣ

Сухансанҷӣ ва нақди адабӣ аз давраи маорифпарварӣ, давраи нави дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мазмуну моҳияти комилан дигар ба даст овардааст. Бо таъсири афкори маорифпарварӣ дар адабиёт ва нақди адабии тоҷик марҳалаи тозаи ҷустуҷӯи эҷодӣ оғоз ёфт. Адибону ноқидон бо назардошти мақсадҳои иҷтимову адабӣ ба хизмати ҷомеа пардохтанд ва ба оғози марҳалаи хоси нақду сухансанҷии тоҷик мусоидат карданд.

Афкори адабӣ-публитсистӣ ва фалсафӣ-эстетикӣ оид ба аслу моҳияти шеъру шоирӣ, назарияи шакли шеър, маҳосин ва уюби он, таҳлили амалии зиндагӣ ва эҷоди аҳли адаб дар асарҳои таърихӣ, адабӣ, тазкираҳо, осори матбуот аз чигунагии завқи хоси наққодӣ ва истеъдоди мумтози шинохти неку бади осори адабӣ дар ин давраи таърихи адаби мо гувоҳӣ медиҳад.

Чашмандози тоза ба воқеияти иҷтимоии замон ва масъалаҳои умдаи он дар ин давра, албатта, аз эҷодиёти баландпояи Аҳмад-махдуми Дониш бо равиши дигар сурат гирифтааст. Маҳсули тафаккури интиқодии Аҳмади Дониш дар рисола, дафтарҳои мусаввада, осори манзум, хусусан, рисолаи «Наводир-ул-вақоеъ» ҷойгоҳи арзишманд ёфтааст. Аз ҷумла, «Дар васоёи фарзандон [ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо]» ном бахши асар дар бораи масъалаҳои шинохти шеър ва хусусиятҳои он баҳсу баррасӣ ва мунозираи ҷолиби таваҷҷуҳе баён шудааст.

Яке аз муҳимтарин пешаҳое, ки аз чашмандози Аҳмади Дониш шарҳу баррасии он ба фарзандон муҳим ва донистанаш воҷиб аст, шеър мебошад. Андешаҳо оид ба нақди шеър аз ҷониби Аҳмади Дониш бо чунин нуктаҳо оғоз меёбанд: «Дигар пеша, ки аҳли қаламро бад-он мубоҳоту ифтихор ояд ва маншаи тафаввуқ (бартарӣ) ва тафаззул (фазилат) гардад, муқовалаи (қавли) ашъори мавзун ва гуфтани шеърҳои бомазмун бошад» [77-II, с. 59].

Ин ҷо ба се нуктаи муҳим ишора шудааст:

1. Шеър ба аҳли қалам мояи мубоҳоту ифтихор аст;
2. Шеър ба гӯяндааш бартариву фазилат мебахшад;

3. Ин ду неъмат ба қавл кардани ашъори мавзун ва гуфтани шеърҳои бомазмун вомедорад.

Аҳмади Дониш ҷонибдори шеъри ҳикамист ва ҷанбаи ҳикматписандӣ ва мазҳабии шеърро бештар таъкид мекунад. Аз назари ӯ гуфтани шеър «хислате ҳамида ва санъате писандида» аст ва муҳтавои он аз ҳамду наът, сифати аҳли ҳақ ва мавъизаю насиҳат иборат аст. Аз ин нигоҳ, «агар муштамил (фарогир) бувад бар фаҳш ва лағву ҳиҷо ва мадҳи ағниё ва умаро, бад хислатест ва номаҳмуд сифате» [77-II, с. 59].

Дар баёни ин матлаб ба андешаи Бедил дар «Нукот» такя шудааст:

**Эй басо маънии равшан, ки аз ҳирси шуаро**

**Хоки ҷавлонгаҳи асб(у) хари аҳли ҷоҳ аст**

**В-эй басо нусха, ки дар мактаби ташвиши тамаъ**

**Рӯсиёҳи абад аз мадҳи амиру шоҳ аст.**

**Силамуштоқи гадотабъ зи мазмуни баланд**

**Гар ҳама пой бар афлок ниҳад, дар чоҳ аст.**

**Марҷаи маънии ин сустхаёлон дарёб,**

**То бидонӣ чӣ қадар фитраташон кӯтоҳ аст.**

**Модеҳи аҳли сафо бош, ки дар илми яқин**

**Васфи ин тоифа тафсири Каломуллоҳ аст** [77-II, с. 59].

Сипас Аҳмади Дониш дар боби рисолат ва уҳдадории фарди қаламкаш сухан меронад. Ӯ онҳоеро интиқод мекунад, ки домони поки қаламро ба нопокӣ ва «ҳарзатозии афсуни тамаъ» кашидаанд: «Покии домони ғино зеби кисвати тамкиннисбате, ки ба ҳарзатозии афсуни тамаъ хоки роҳи ағниё бар фарқи номуси сухан набехт ва сафои гавҳари бениёзӣ тирози фитрати дарёҳиммате, ки ба талотуми амвоҷи эҳтиёҷ обрӯйи маънӣ дар пои ситоиши дунон нарехт» [77-II, с. 60].

Аз ин хотир, ӯ фаҳму дарки маоние, ки нишотовар ва осоишангез нестанд, як илми шайтонӣ ва беҳудаву ҳарза мепиндорад.

Дар саросари андешаҳои Аҳмади Дониш мадҳгариву мадҳиянависии шуаро сахт мазаммат ва накӯҳиш шудааст. Дар ин мавридниз адиб ба гуфтаҳои Мирзо Бедил такя кардааст:

**Эй, ки таърифи салотин кардаӣ,**

**Машқи таълими шаётин кардаӣ.**

**Чист таълими шаётин? – Ҳубби ҷоҳ,**

**Эй шаётин муршидат, рӯят сиёҳ!**

**Фахри табъат мадҳи шоҳе беш нест,**

**К-он ҳама тахту кулоҳе беш нест…** [77-II, с. 60]

Шеършиносони форсу тоҷик то замони Аҳмади Дониш ба таъриф ва таъйини нақши шеър даст доштанд. Аммо ин нукта аз чашмандози назари маорифпарварии Аҳмади Дониш низ ҷолиб аст: «Шеър турфа маҳакест, ки сара ва ғаши ҳар нафсеро биайниҳи (он чи айнан ҳаст – С. А.) изҳор мекунад ва нафосату хабосати гавҳари инсониро маълум мегардонад» [77-II, с. 60].

Аҳмади Дониш бар он ақида аст, ки барои дарку кашфи ҳақиқат ҳар нуктаро ноқидона бояд арзёбӣ кард, боварии кӯр-кӯрона ва муҳокимаи сар-сарӣ касро ба сарманзили мақсуд намерасонад. Аз диди ӯ, муҳимтарин сифати олим нақдбинӣ, шинохти сара аз носара аст ва барои мунаққиди мудаққиқ «аз гузашти муқаддамот маҳз натиҷа мақсуди ӯ бувад, на муқаддима… ҷоҳил хирворе аз хазафреза дар анбон гирд оварад, барои он ки 5-6 адад ҷавоҳиррезаи аслӣ аст. Олим бояд ҷавоҳирмайдаро баргузинад ва бидуни онро дарандозад» [77-II, с. 60].

Дониш дар баёни фасоҳату балоғати сухан низ ҷонибдори андешаи Мирзо Бедил аст, ки мегӯяд:

**Фасоҳат нест ҷуз фаҳми мизоҷи мустамеъ, в-арна**

**Ба қубҳу васфи номафҳум дашноме намебошад.**

Фасоҳату балоғат аз чашмандози маорифпарварӣ низ ба дарки маонии борик расидан аст, он на танҳо баёни сухани пурмаънӣ, балки шинохти мизоҷу хислати гӯянда дар каломи ӯст. Яъне, ин ҳамон принсипи маъруфи

суханшиносие аст, ки на танҳо ба кӣ будани гӯянда таваҷҷуҳ дорад, балки ба чигунагии хислату табиат ва руҳияи гӯянда, ба авомили завқиву зеҳнии офаридаи ғиноии ӯ мутаваҷҷеҳ аст. Ин нукта дар дарки куллии арзиши адабию зебоишиносии афкори маорифпарварӣ аҳаммият дорад.

Мусалламан, Аҳмади Дониш на танҳо дар насри фанниву бадеӣ, балки дар назму шеърпардозӣ низ истеъдоди нодир ва қареҳаи бепоён дошт. Аз ин ҷиҳат, дар назари ӯ шеър муъҷизаи осмонӣ ва ҳадяи илоҳӣ аст. Аммо дертар аз беқадрии шеъру шоирӣ ва ҳарзагӯии шуарои хушомадгӯи дарборӣ эҳсосаш ба шӯр меояд. Бинобар ин, аз ин пеша даст мекашад ва нисбат ба он ҳисси нафрат пайдо мекунад:

«…Аксаре арбоби шеъру қофия мағрур ва мутакаббир буданд ва шеъри номарбути худро фазилате аъло эътиқод мекарданд ва ба ҳар дари касу нокас ба мадҳу қасида мерафтанд ва таваққуи силаву ҷоиза мекарданд ва ғайри шуароро аз ҳайизи эътибор соқит медонистанд. Ва шеъри эшонро дар нафс ба ҷуз таҳайюҷи шаҳват ё тамаккуни фаҳш ҳеҷ таъсире набувад ё ҳаҷви касе ё музахрафоти ботила. Ва аз шеъри мамдуҳ билмарра отил бувад, чунки аҳли он набуданд.

Пас, ман дар эҳрози асбоб [ва адавоти] он аз вазну қофия ва арӯз ҳеч кӯшише накардам, балки надида ва нашунида, ки шеър чунин рисолаҳо ва чунин мизонҳо дорад. Ва он чи бар забони ман вуруд ёфта, дафъӣ ва бетакаллуф буда, ки дар маворид ва мавоқеъ навиштаам ва беш дар ин санъат шуғл нанамудам» [77-II, с. 61].

Дар дигар бахшҳои «Наводир-ул-вақоеъ» низ нақду назари адабии муаллиф пураҳаммиятанд. Аз ҷумла, дар бахши «Дар наводири ҳолати касоне, ки аз чанги сибоъ [ва аз дасти duздон] раҳоӣ ёфтаанд» чунин омадааст: «Муҳаррири сутур гӯяд, [ки] «ман дар ин ҳикоёт инкоре доштам, ки як мард, агар ҳама аз фӯлод бувад, асберо бад-ин ранг натавонад бардошт, магар ки муболиға бошад ва ифтиро. То дар «Унсур»-и бедилӣ дидам, ки Мирзоқаландар, амми Бедил, асби савории худро назди кӯфтагӣ ва мондагӣ аз

як сои куҳистон бардошта гузаронид. Он гоҳ зътиқод кардам, ки дар бани навъи инсон амсоли инчунин зӯроварон ба ҳар давре ва қарне ба вуҷуд меомадаанд аҷоиби қудратро» [77-II, с. 232].

Бахши дигари муҳимми рисолаи Аҳмади Дониш, ки сирати наққодии ӯро намоён мекунад, шарҳу тафсири абёти Мирзо Бедил аст. Ин бахш «Дар таҳрири маонии баъзе абёт, ки баъзе афозили [аср] истидъо намуда буданд» унвон дорад. Аҳмади Дониш аз боби барҳам хӯрдани дарки шеър дар замони худ изҳори ташвиш мекунад. Ҳиммат ба ҷойи «дарёфти маонии абёти дақиқа» «ҳама масруфи таҳсили обу нон шуда». Аз ин ҷиҳат, «гоҳе мардуми маънирас ба ҳамдигар бармехӯрданд, имтиҳонро аз ҳамдигар чизе аз маонии байтҳо мепурсиданд, ба фикри он ки бубинам, то чӣ мегӯяд» [77-II, с. 232].

Ба ин тарз шарҳу тафсири абёти гузаштагон дар асар мавқеи намоён дорад. Масалан, дар шарҳи қитъаи Наҷмиддини Кубро ном шоир ва мутафаккири мутасаввифи форсу тоҷик –

**Марди дарвеш, ки бори ситами фоқа кашад,**

**Ба дари марг ҳамоно, ки сабукбор ояд**

**В-он ки дар роҳату осониву осоиш зист**

**Мурданаш з-ин ҳама шак(к) нест, ки душвор ояд, –**

чунин менигорад: «Агар ба маргу мурдан тарку узлат гирӣ, муносиби мақом ояд. Ва роҳату осоиш, ки шоир ба марди мутамаввил нисбат дода, ба муқтазои табъу басирати авом аст ва илло машаққату тааб, ки арбоби дунё дар касбу ҷамъи он мекашанд, агар ташхис кунанд ва тааммуқ намеояд, азоби охират намунае аз он аст» [77-II, с. 43].

Муҳаққиқон ин бахши назарияҳои Аҳмади Донишро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба натиҷаҳои мухим расидаанд. Дар рисолаи Р. Ҳодизода фасли ҳаҷман бузурге дар ин маврид «Бедил ва Аҳмади Дониш» унвон гирифтааст [363, с. 230-238]. Муҳаққиқон Ш. Шукуров [397], С. Амирқулов, Н. Нуров [300] ва дигарон низ дар ин мавзуъ пажуҳиш ва бардоштҳои ҷолиб доранд. Чунин бармеояд, ки Аҳмади Дониш як умр ихлосманд ва тарғибгари беназири афкору

осори Мирзо Бедил маҳсуб меёфтааст. Ӯ дар заминаи фаҳмиши дуруст ва сиҳҳати моҳияти ҷаҳоншиносии Мирзо Бедил ва пешгирии тақлиду пайравиҳои пучу ботили муосиронаш ба осори Бедил саъйу кӯшиши фаровоне кардааст.

Дар мавриди шинохти ин ҳақиқат қабл аз ҳама тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнӣ ба мо маводи ҷолиби таваҷҷуҳе медиҳад: «Дар аҳдҳои охирӣ (баъд аз 1200 ҳиҷрӣ) дар Бухоро ва Мовароуннаҳр дар назм ва наср тақлиди Бедил шуҳрат гирифта, ҳар аҳлу ноаҳл, ки ба дасташ қалам мегирифт, чизе дар пайравии Бедил навиштанро аз ҷумлаи татиммаи камоли худ мешумурд. Аҳмади Калла бо вуҷуди камоли ихлос ва ақидааш дар бораи Бедил дар тақлиди услуби Бедил мубориза эълон карда, худ осори манзума ва мансураашро дар камоли содагӣ ва равонӣ навиштанро илтизом кард. Мусоҳибони худро низ аз тақлиди Бедил манъ мефармуд, услуби Бедилро махсуси истеъдод ва маслаки бедилӣ медонист» [3, с. 289].

С. Айнӣ аз ин амалкарди Аҳмади Дониш ба ҳамзамононаш бо ихлос ҳарф зада, навиштааст, ки «ба амсоли Қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир, Домулло Абулфазли Сират ва Исо-махдуми Муфтӣ… ин талқинот беасар намонд. Эшон баъд аз ин ки дар авоили ҳол дар назм ва наср Бедилро тақлид карда буданд, дар овони охирӣ соданависиро машқ менамуданд» [3, с. 289].

Иқтибоси фаровон аз Мирзо Бедил ва ҷой додани санаду далели ҷолиб дар исботи қотеонаи андеша дар ин замина дар саросари навиштаҳо, фаслу бобҳои нотамоми дафтарҳои мусаввада ва ёддошту хотираҳои Аҳмади Дониш ба унвони ихлосманди осору афкори ӯ барои вусъати мактаби бедилшиносӣ ва бедилгароӣ дар ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр дар охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX заминаи мусоиде фароҳам овард. Дар ин маврид аз ихлосу таваҷҷуҳи Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ – шоире номвар аз табори Ҳофизу Бедил кулли пажуҳишгарон аз С. Айнӣ то замони мо изҳори андеша кардаанд, ки аз такрори он худдорӣ мекунем.

Муҳимтарин кори Аҳмади Дониш дар вараҷу саҳифаҳои парешон шарҳу тафсир кардани байту мисраъҳои Бедил аст. Ба назари мо, Аҳмади Дониш аз

тамоми гузаштагон ба Мирзо Бедил ҳусну таваҷҷуҳи бениҳоят ва дасти иродати комил доштааст. Вай то охири умр бо Мирзо Бедил буда, Мирзо Бедилро мехонд ва тани сардашро бо даму нафаси Мирзо Бедил гарм мекард. Метавон гуфт, ки Аҳмади Дониш умре осори Мирзо Бедилро рӯйнавис мекард ва дар бештари маврид раъю фикри ӯ бо андешаи Мирзо Бедил мувофиқат мекард ва онҳоро ба кор мегирифт.

Дар яке аз таълифоти охири Аҳмади Дониш «Меъёр-ут-тадайюн» бо муҳимтарин паҳлуҳои нақди адабии ин маорифпарвар дар шинохти ҷойгоҳи андешамандони гузашта, аз ҷумла Мирзо Бедил ошно мешавем. Ӯ Мирзо Бедилро ба радифи мутафаккирони бузург, шоирони барҷаста ва назарияпардозони амиқназари фалсафаву тасаввуф гузошта, маншаи шаклгирии таълифоти ӯро ба таври равшан ҷустуҷӯ мекунад:

**Фитратат, Бедил, ҳамон ойинаи муъҷизнамост,**

**Ҳар сухан к-аз хомаат меҷӯшад, илҳом асту бас.**

Дар шинохти моҳияти нақди адабии ибтидои садаи XX ошноӣ бо мафкураи ҷадидия низ таъсиргузор аст. Афкори адабии ҷадидҳо дар жанру анвои гуногуни адабӣ ифода шудааст. Аз ҷумла, бо андешаҳои интиқоди адабии яке аз намояндагони фаъоли ин мафкура Садриддин Айнӣ аз ашъору хитобаҳо, мақолаҳои публитсистӣ, асарҳои «Ҷаллодони Бухоро» (1920), «Таърихи инқилоби Бухоро» (1918-1920) ва «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» (1920-1921) метавон ошноӣ пайдо кард. Ҳамзамон мутолиаи эҷодиёти дигар саромадони ҷараёни ҷадидӣ Абдурауфи Фитрат, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Тошхоҷаи Асирӣ, Мирзо Сироҷ, Васлии Самарқандӣ дар мавриди мафкураи ҷадидия ва баррасии он муҳаққиқонро ба мулоҳизаҳои судманде водор менамояд.

Албатта моҳияту мавқеи адабиёт дар фаъолияти маорифпарварии ҷадидия ва ҳофизаи таърихии адабии ҷадидон, дар маҷмуъ, нақди адабии ҷадидҳо дар таълифоти В. Самад оид ба «Бухорои шариф» [325, с. 139-166], А. Набавӣ оид ба нашрияҳои «Бухорои шариф», «Ойина» ва «Самарқанд» [286, с. 100-118], М.

Раҷабӣ дар мавриди ҷанбаҳои умумии мафкураи ҷадидҳо мавриди тадқиқ қарор ёфтаанд [295, с. 104-152], бо вуҷуди ин, дар ин замина метавон ҷустуҷӯҳои ҷолиберо пайгирӣ кард.

С. Айнӣ дар «Таърихи инқилоби Бухоро» ва «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» кӯшиш ба харҷ додааст, ки хусусиятҳои адабиёти аҳди маорифпарвариву ҷадидиро ошкор кунад. Аз ин асар чанд нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳе метавон дарёфт. Аз ҷумла, дар мавриди аҳаммияти навиштаҳои Аҳмади Дониш сухан ба миён оварда, маҳорати ӯро дар таълифи «назм ва насри сода» махсусан таъкид кардааст. Нахустин маротиба С. Айнӣ аз коргоҳи эҷодӣ ва усулҳои офариниши осори адабӣ аз ҷониби ин адиби маорифпарвар сухан ба миён мегузорад: «(Аҳмади Дониш – С. А.) баъзе фикрҳоеро, ки дар дил дошт, бо такрир иктифо накарда, ба таври парешон дар дафтарҳо бо назму наср навиштааст» [62, с. 21].

Дар ин марҳала бархе аз тамоюлоти нақду назари навини адабиро ба мушоҳида мегирем. Аз ҷумла, аввалин кӯшиши таъйини вежагиҳои жанрии «Наводир-ул-вақоеъ» аз тарафи С. Айнӣ сурат гирифтааст. Аз диди вай ин асар ба жанри «роман» мансуб буда, муҳтавои он аз «ҳикояҳои парешон», «саргузаштҳои одӣ» ва баъзе «мақолаҳои илмӣ» иборат аст [62, с. 21]. Ин нукта ҳам ҷолиб аст, ки С. Айнӣ бархе бахшҳои «Наводир-ул-вақоеъ»-ро ба жанри мақола марбут медонад. Ин дар ҳолест, ки асари мазкур «пеш аз ба Бухоро омадани матбуоти Русия ва Туркия, яъне ки матбуоти форсии маҳаллӣ алҳол вуҷуд надошт, ба кушода шудани фикри баъзе касон сабаб шуда буд» [62, с. 20-21].

Чунин назари нависанда аз имконияти нави нақди адабии тоҷик дар замони дигаргуниҳои ибтидои қарн дарак медиҳад.

Нақди адабии ҷадидӣ ба сифати идомаи нақди маорифпарварӣ арзишу моҳияти иҷтимоии замонро бозгӯ мекунад. Ин матлабро аз ақидаи С. Айнӣ роҷеъ ба асари Зайнулобидини Мароғаӣ «Саёҳатномаи Иброҳимбек ва ё балои таассуби ӯ» метавон фаҳмид, ки ба аҳаммияти асар дар дигаргунии фикри

равшангарони Бухоро ишора дорад: «Ин китоб доир ба аҳволи Эрон навишта шуда бошад ҳам, ҷойҳои танқидиаш айнан дар Бухоро низ буданд» [62, с. 25].

Ҳамин гуна назарро дар мавриди ҷойгоҳи осор ва таълифоти Абдурауфи Фитрати Бухороӣ низ метавон ба мушоҳида гирифт:

1. «Ин асар («Мунозира» – С. А.) азбаски дар забони сода ва возеҳи форсӣ бо ба эътибор гирифтани аҳволи руҳияи халқи Бухоро <u>ба тариқи роман</u> навишта шуда буд, ба халқи Бухоро хеле таъсири хубе бахшид» [62, с. 102].

2. «Сайёҳи ҳиндӣ» ҳам ба услуби роман навишта шуда буд. Дар ин асар аҳволи илмӣ, сиёсӣ, иқтисодии Бухоро бераҳмона, гоҳо ба тариқи ҳаҷв ва гоҳо танқид шуда буд» [62, с. 102].

3. «Сайҳа» (маҷмуаи шеърҳо ба забони форсӣ – С. А.) ба хонандагон чун қувваи электр таъсири сареъ ва қавӣ дошт» [62, с. 102].

Дар ин асари С. Айнӣ ва осори дигар ҷадидон дар зери мафҳумҳои ислоҳоти таълим, инқилоби илмӣ ва фикрӣ масоил ва ормонҳои адабӣ нуҳуфтаанд. Маҳз дар ин давра нақди адабӣ қолабҳои нахустини танқиди иҷтимоиро ба бар кард.

Аммо ин нуктаро бояд ба назар гирифт, ки дар ин осор моҳияти амиқи адабиёт ва рӯйдодҳои адабии замон, чунонк дар осори баъдии бунёдгузори адабиёти навини тоҷикӣ ҳаст, ба тафсил бозгӯй нашудаанд. Барои С. Айнӣ дар «Таърихи инқилоби Бухоро» бозамоии таърихии набардҳои фикрӣ дар Бухоро муҳим буд.

## II.3. Маҳфилҳои сухан ва анъанаи нақди адабӣ

…Маҳфилҳои адабӣ – анҷумани эҷодии адибони ҳамфикр, иттиҳоди эҷодии адабӣ дар заминаи ягонагӣ ва ваҳдати диду андеша, шавқу рағбат ва тамоюли вежаи эҷодӣ, маркази парвариши насли сухан дар дарозои таърихи гузаштаи адабӣ рисолати матлуб ва омӯзанда доштанд.

Маҳфилҳои адабӣ дар анъанаҳои эҷодии ҷаҳонӣ қадимист. Аммо арзиши маҳфилҳои адабӣ дар суннатҳои адабии форсии тоҷикӣ чӣ гуна будааст? Дар таърихи адабиёти гузашта маҷлисҳои дарбори шоҳону ҳокимон, ҷамъомадҳои аҳли шаҳр ва базми сухан арзиши расо доштанд ва шоирон дар онҳо ба матлуби дил шеър месуруданд. Дар маҳфилҳои адибон ва арбоби шеър мубоҳисаи шеършиносӣ сурат меёфт. Шоирон дар анҷуманҳо низ шеър мехонданд ва аҳли суҳбат аз рӯйи завқу салиқа ва меъёрҳои маъмули санҷишгарӣ ҳусну қубҳи онро хуб доварӣ карда ва сухани охирро шеършиноси маъруф ба миён мениҳод. Аз ин хусус дар «Хамсат-ул-мутаҳайирин» (Алишер Навоӣ), «Мақомоти Мавлавӣ Ҷомӣ» (Абдулвосеъи Низомӣ), «Макорим-ул-ахлоқ» (Хондамир), «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (Зайнуддин Восифӣ) ва ғ. ривоят зиёданд.

Берун аз дарбор маҳфилҳои адабӣ дар хонаҳои аҳли адаб ҷойгоҳи хос пайдо карданд. Дар гузаштаи адаби мо Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, дар садаи XIX ва аввали садаи XX Аҳмади Дониш, Абдушшакури Оят, Садри Зиё чунин маҳфилҳо доштанд. Тазкиранигори маъруф Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ аз маҳфили адабӣ дар хонаи Муҳаммад Аминхоҷаи мутахаллис ба Эшон санад оварда, ки дар он «чанде аз аҳли фазлу дониш ҷамъ омада, мунозира ва мушоира менамуданд ва мубоҳисаи ҳар навъ ашъор ва ҳикоёти рангин дар миён меафтода» [18, с. 230-231].

Муаррихи маъруф Мирзо Абдулазими Сомӣ дар «Миръот-ул-хаёл» ном асар аз маҷлиси бисёр муҳимми адабии аҳли Бухоро дар китобхонаи Говкушони Бухоро бо инояту мусоидати қозӣ Саъдуддини Моҳир хабар дода, ки ба адибони ҷавон илмҳои арӯзу қофия медод:

**Зи ширинкаломони мулки Бухор**

**Яке буд машҳури аҳли диёр,**

**Мусаммо ба қозӣ Саъдӣ буд ӯ,**

**Ҳама шеъри ӯ нофаи мушкбӯ.**

**Шуда аз қазо азл омад ба шаҳр,**

**Зи дори шоҳи ҷаҳон ёфт баҳр.**

**Китобхонаи Говкушонро амир**

**Ато кард бар он адимунназир.**

**Дар он ҷо шуда ҷамъ аҳли ҳунар,**

**Фасоҳаткаломони донишасар.**

**Чу Мухтор Махдуми ширинкалом,**

**Тахаллус ба Афсаҳ ба назди авом,**

**Ҷалолию Ансаб, Саиду Мунир,**

**Масеҳову Фитрат, Дабири Касир,**

**Дигар Осиву Афқари ҳушманд,**

**Зи аҳли фазоил дигар боз чанд**

**Шабу рӯз бо ҳам мусоҳиб буданд,**

**Ба иншову ашъор роғиб буданд…**

**Зи бас ҷойи хубони айём буд,**

**Китобхона чун қасри Баҳром буд [дар ин бора ниг.: 450].**

Дар ин маҳфил мушоира нақши хеле муҳим дошта ва чунин мушоираи Саъдии Моҳир бо Ансаб ном шоири маъруф ҷолибтарин маҳсули падидаи шеърофарӣ аст.

Моҳир:

**Ба гардун меравад оҳам ба ёди сарви чолоке,**

**Зи юмни ишқбозӣ мекунам ман сайри афлоке.**

Ансаб:

**Туву зоҳид, ҳавои тубию дастору мисвоке,**

**Ману сарви қади дилдору ҷому сояи токе [450].**

Ғазалҳои Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ ва Ансаб низ аз намунаҳои баланди офаринишгарӣ дар ин маҳфил аст, ки дар он бо нақди шеър ва чигунагии асолати шеър ошно мешавем:

**На маро сояи тубову на кавсар даркор,**

**Қади чун сарви сиҳию лаби шаккар даркор.**

**Шеъри мо ҳуҷҷати қатъист дар исботи камол,**

**Теғро ҷавҳар агар ҳаст, чӣ дигар даркор!**

**Дар суханҳо раҳе тақлид намепаймоям,**

**Килки моро набувад сархату мистар даркор.**

**Шеъри мо чун хуми май худ ба худ аз ҷӯши дил аст,**

**Нест бо мастии мо шишаю соғар даркор.**

**Ҳозиқ осон набувад, гавҳари гуфтор ба назм,**

**Дили холӣ зи ғаму кисаи пурзар даркор.**

*******

**На маро ҷоми Ҷаму мулки Сикандар даркор,**

**Шоҳиди маъниву шеъри хушу дилбар даркор,**

**Дурри маънӣ ба каф оварданат осон набувад,**

**Табъи мавзуни хушу фикри муаттар даркор...**

**Пучмағзони ҷаҳонро зи рухи хуб чӣ суд?**

**Зоҳидонро ҳаваси сабҳаву минбар даркор.**

**Ансаб аз баҳри тамошои арӯси маънӣ**

**Дили покиза чу миръоти Сикандар даркор [ниг.: 450].**

Чуноне дида мешавад, дар ин офаринишгарӣ падидаи нақди шеър ва усули офариниши шеъри матлуб хеле равшан ба миён омадааст. Аз диди Ҳозиқ шеър «ҳуҷҷати қатъӣ» «дар исботи камол» аст ва ӯ онро чун «теғ»-е медонад, ки «ҷавҳар» дорад. Барои ӯ агар чунин шеър дар миён бошад, дигар чизе даркор нест (Теғро ҷавҳар агар ҳаст, чӣ дигар даркор?).

Дар чашмандози шоир тақлид қобили интиқод буда ва ӯ шеъре аз раҳи тақлидро рад менамояд ва таъкид медорад, ки «шеъри шоир чун хуми май худ

ба худ аз ҷӯши дил аст». Ӯ сарчашмаи «гавҳари гуфтор ба назм»-ро аз «дили холӣ зи ғаму кисаи пурзар» иборат донистааст. Дар талқини шоир чунин шеър аз «сояи тӯбову кавсар» ва «қади чун сарви сиҳию лаби шаккар» болотар аст.

Ба шоири ҷавобияпардоз Ансаб бошад шеър аз «ҷоми Ҷаму мулки Сикандар» баландтар арзиш дорад. Барои ӯ шеър «шоҳиди маънӣ» аст ва «шеъре хушу дилбар» аз муҳимтарини гавҳарҳост. Аз назари ӯ ба каф овардани «дурри маънӣ» ҳаргиз осон нест ва «табъи мавзуни хушу фикри муаттар» аз зумраи шоистагиҳои шеър ва чунин шеър муҳим аст. Шоир ин қадар гуҳарҳо аз «баҳри хаёл»-аш ҳосил карда, ки ӯро аз «орзуи лаълу гавҳар» берун мебаранд, гуҳари шеър аз лаълу гавҳари дунё боарзиштар аст. Ҷолиб ин аст, ки шоир барои «тамошои арӯси маънӣ дили покиза чу миръоти Сикандар»-ро зарур медонад. Дар ин ду намунаи ғазал радифи «даркор» бисёр шинам афтодааст.

Ғазали Музтари Кошонӣ бо матлаи зер низ дар ин мусобиқаи адабӣ барои дарки чигунагии муносибат ба офаридани шеъри расо хеле зарур арзёбӣ шудааст:

**Нест дар маҳфили мо шишаи соғар даркор,**

**Бода бе ҷумбиши лаъли лаби дилбар даркор.**

Пас яке аз муҳимтарин сабаби рӯй овардани шоирон ба маҳфилҳои адабӣ дар гузашта рӯй овардан ба асолати шеър ва арзиши офариниши он буда, дар ин ҷода радифгӯӣ ва мусобиқаи адабӣ ҷойгоҳи хосе ба даст овардааст. Бо назардошти қиёси ин равиш бо суннати мушоираи шуаро дар дарбори, масалан, амир Умархон равшан мешавад, ки мусобиқаҳои адабии шоирон бо мақсади ҷустуҷӯҳои тозаи адабиву зебоишиносӣ ва офаридани шеъри хубу матлуби дилнишин, «ба назм овардани гавҳари гуфтор» сурат гирифтаанд.

Аз назари аҳли таҳқиқ низ дар услуби бадеӣ ва тарзи ифодаи фикри адибон дар маҷлисҳои адабӣ, мушоира ва мусобиқаи адабии Музтару Ҳозиқ, Ҳозиқу Музтар ва маҷлиси шоирони хонаи Аминхоҷаи Эшон ва китобхонаи Говкушон (Моҳир, Ансаб, Афсаҳ ва Афкар) вежагиҳои сабки хуросонӣ ба мушоҳида мерасанд.

Дар маҳфили адабии шоир, тазкиранигор ва муаррих Шарифҷон-махдуми Садри Зиё низ ҷавҳари замон, ҳастии маънавӣ, адабиёт ва шеър ҳадафи гуфтугӯву баҳсу баррасии аҳли фазл қарор гирифтааст. Бино ба гузориши сарчашмаҳо ҳар ҳафта се рӯзи «таътили мадраса – сешанбе, чоршанбе ва панҷшанбе дар ҳавлии Шарифҷон-махдуми Садри Зиё шеършиносон, шоирон, латифагӯён ва ширинкорон» ҷамъ меомаданд, суҳбатҳои хуб, матлуб, марғуб ва ширин мероростанд, шеър мехонданд, шеъри навэҷоди якдигарро нақду баррасӣ ва масъалаҳои умдаи замонро ба доираи таҳлил мегирифтанд. Аҳли маҳфил – олимону фозилон вазъи замонро аз назари воқеият ба доираи баҳс мегирифтанд. Шеъри тозаи шоирон – аъзои маҳфил ва шоирони берун аз маҳфил аз назари интиқодӣ ва бо дархости замон таҳлилу арзёбӣ мегардид. Ин шеваи таҳлил дар бисёр маҳофили шеъри гузашта ибратомӯз буд, баҳси шоирону ноқидони сухан ба вусъати фикр ва парвариши табъи шоирӣ имкони хуб фароҳам меовард. Дар ин замина аз манобеи адабии гузашта, аз ҷумла тазкираҳо намунаҳо метавон зикр кард.

Яке аз ҳадафҳои маҳофили адабӣ дар гузашта шаклгирии равияҳои нави адабӣ, ташаккули ҷаҳонбиниву маслаки хоса, сабки тоза дар шеъру шоирӣ, парвариши завқи ҷавонон ва ҷавонони соҳибзавқ буд. Маҳфили адабии Садри Зиё ҳамин хусусиятро дошт ва сабаби пайдоиши равишҳои тозаи адабиёти тоҷик ва зуҳури чунин ҷавонон гардид. Ба ишораи С. Айнӣ аксари «материалҳои ибтидоӣ, лекин муҳимми адабӣ»-аш аз ин маҳфил берун шудаанд. Он чи ба парвариши шахсияти С. Айнӣ ба сифати «эҷодкор ва равшангари номӣ аҳаммият» дошт, бо бардошт аз ин маҳфил вобаста аст. Аз ин ҷиҳат, С. Айнӣ ба Садри Зиё ба сифати «аввалин тарбиятгари маънавӣ» баҳо додааст. Аз ин назар бардошти академик М. Шакурӣ ҷолиб аст: «Бисёре аз адибон… аз ин «мактаби адабиёти давра» дарс омӯхтаанд. Бархе монанди Айнӣ, Мунзим, Ҳамдӣ бо ширкат дар маҷлисҳои адабӣ аз ин «мактаби адабиёти замон» бевосита таълим гирифтаанд…» [379, с. 14].

Адабиётшиноси фақид Саҳобиддин Сиддиқов, ки баҳраи фаровоне дар шинохти манбаъҳои нимаи дувуми садаи XIX ва ибтидои садаи XX дошт, аввалин маротиба аз мутолиаи «Ҳикоёти шуаро»-и Садри Зиё (дастхати ганҷинаи дастнависҳои АИ ҶТ, №230, вар. 1135-114а) диққати аҳли илмро ба як рӯйдоди муҳимми адабӣ – қиссаи таълифи рубоии Абдулқодирхоҷаи Савдо «Эй чарх, басе ситам ба ҷонам кардӣ» ҷалб кардааст: «**Рӯзе чанде аз зурафо ба хидмати роқим буданд, табъозмоӣ мекарданд. Ман машғули коре будам**. Аз он ҷумла Абдулқодирхоҷаи мутахаллис ба Савдо буд, ки марди закитабъ, хушмуҳовара, хушхӯй ва бадеҳагӯй буд. Амир Музаффархон ба надимии хосаи худ ихтисос дод. Аз он ҷо, ки пеш аз ин озод ва мутлақулинон мезист, аз такаллуфоти дарбори амир чун булбули дар қафас асир, чун нахҷири дар маҳбас дилгир буд. Ин бор, ки ташриффармои ҳузури ман гашт, аз Чаҳорбоғи Ширбадан, аз рикоби амир омада буд. Табъаш шӯрида ва димоғаш сӯхта, ба ин алоқа ин рубоӣ гуфт:

**Эй чарх, басе ситам ба ҷонам кардӣ,**

**Бисёр забуну нотавонам кардӣ!**

**Ман ошиқи ринди бенамозе будам,**

**Дар Ширбадан намозхонам кардӣ.**

Дигар аз аҳли маҷлис, ки Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ… буд, низ озурдахотир ва сӯхтадимоғ…, гуфт:

**Эй чарх, басе ситам ба ҷонам кардӣ,**

**Аз фоқаву фақр саргаронам кардӣ!**

**Афканда ба кунҷи узлат охир имрӯз**

**Муҳтоҷ ба як порча нонам кардӣ.**

Мулло Абдуллоҳи Авзаҳ… дар ин ҷо ҳозир буд, гуфт:

**Ё раб, ту мутеи касу нокас кардӣ,**

**Дар дидаи халқ камтар аз хас кардӣ!**

**Ҳаққо, ту Худои бандапарвар будӣ,**

**Моно, ки ту бандапарварӣ бас кардӣ».**

Гарчанд С. Сиддиқов шубҳа дорад, ки ин мушоира аз назари замон на дар маҳфили Садри Зиё, балки дар маҷлиси падари ӯ Абдушшакури Оят рух дода, аммо, дар ҳар сурат, далеле барои баёни ин нукта аст, ки ҳам Садри Зиё ва падари ӯ «Абдушакури Оят ҳам дар хонаи худ маҷлиси шуаро барпо мекардааст, ки дар он адибони пешқадами замон иштирок мекардаанд. Садри Зиё дар ибтидои асри XX дар маҳфилҳои адабии худ ҳамон равияи падарашро идома додааст» [337, с. 22].

Ба ин маънӣ офарида шудани ҳамин як намунаи хеле сара ва суфтаи мушоираи шоирон аз руҳи хоса ва омӯзандаи суннатҳои маҳфили адабии Садри Зиё ё падараш Абдушшакури Оят дарак дорад, ки ба моли ҳақиқӣ ва абёти хондании таърихи адабиёт табдил ёфтааст. Ин хулосаи расо ва дақиқи муҳаққиқ аст, ки «дар ҳамин гуна маҳфилҳои адабӣ мувофиқи ҳоли худ гуфтани шеърҳои шикваомез аз ду ҷиҳат барои аҳли суҳбат аҳаммият дошт. Аввалан, байни онҳо ҳаммаслакӣ ба вуҷуд меовард ва, дувум, барои ташаккули ҷаҳонбиниву камолоти адабии онҳо мадад мекард. Маҳфилҳои адабие, ки дар хонаи Садри Зиё ва падараш барпо мегардид, баҳри рушду инкишофи адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX таъсири мусбате кардааст» [337, с. 22].

Аз ҳама муҳимтар, СадриЗиё дар силсилаи таълифоташ кӯшиш ба харҷ дода, ки дар чигунагии маҳофили адабӣ дар замони худ, мазмун, муҳтаво ва шакли баргузории онҳо, моҳияти баҳсу баррасиҳои шуаро ва фузало иттилои фаровон ҷой диҳад. Ин нукта, ки дар барномарезии маҳфили Садри Зиё мушоираи шуаро ҷойгоҳи хос дошта, аз ин ҳикояти «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам равшан исбот мешавад.

Аснод ва далелҳои раднопазири таърихи адабиёт дар ин давра ба исбот мерасонад, ки баъди фавти ин муаллиф Садри Зиё ба тазкираи ӯ иловаҳо ворид карда, нусхаи такмилаи онро ба миён овардааст. Дар ин асар дар зикри тарҷумаи ҳол ва бозгӯи ҳавову кайфияти «шоирии» Назмӣ ном «беназме» аз номи Садри Зиё чунин нақл омадааст:

«Рӯзе дар маҷлиси Садри мазкур ҷамъе аз фузало ва фавҷе аз шуаро сурати муҳозара ва ҳайати мушовара доштанд. Дар ин асно бинои мушоара бар ин вазн ва қофияи ин байти Бобо Сойиб, ки

**Латофатҳои олам гирд карданд,**

**Аз он себи занахдон офариданд,**

ҳар як бадеҳагӯиву табъозмоӣ мекарданд. Зиёи Садр фаврӣ гуфт:

**Қадат сарви хиромон офариданд,**

**Рухат Хуршеди тобон офариданд.**

Қозӣ Абдуллоҳхоҷаи Судури «Таҳсин»-тахаллус, ки яке аз он ҷамеъ буд, гуфт:

**Назокатҳои олам гирд карданд,**

**Аз онҳо нони тафтон офариданд.**

Ҳомидбеки Эшик Оқобошӣ, ки низ дар он маҷлис ҳузур дошт, гуфт:

**Латофатҳои олам гирд карданд,**

**Аз он Мирзо Шарифҷон офариданд.**

Назмӣ, ки дар камоли беназмӣ жожхоӣ мекард, Қорӣ Абдулкарими Офарин гуфт:

**Фаҷоҷатҳои олам гирд карданд,**

**Аз он Мирзо Сайидхон офариданд**» [31, с. 345-346; 43, с. 268-269].

Ин ҳикоя дар асари дигари Садри Зиё «Латоиф ва тавоиф» (вараќи 110) низ бо андак тағйир мазкур аст, ки дар баробари як силсила иттилои адабӣ аз осори гуногуни Садри Зиё бо кӯшиши С. Сиддиқов ҷамъоварӣ ва ба унвони замимаи дувум ба «Тазкори ашъор» ворид шудааст [**ниг.**: 43, с. 289].

Тазминбандӣ ба абёту мисраъҳо дар чунин маҳофил ба ғано ёфтани шеър ва фикри шеършиносии шуаро мусоидат намуд. Ба ин муносибат нақли қавли Садри Зиё аз «Набзе аз гузоришоти аҳвол» ном асари ӯ (шумораи 3/230, вараќи 219, 224) бамаврид аст: «Роқими адимулқадр Зиёи Садр ҳамроҳи чанде аз зурафо ва шуаро маҷлис доштам. Хостанд, ин мисраъро – «Эй тӯраписар, ҳар чӣ кунӣ, кардан гир» тазмин кунанд…

Шамсуддин-махдуми Шоҳин гуфт:

**Боз ову сари маро ба теғ аз тан гир,**

**Ҷурме, ки зи ғайр сар занад, аз ман гир!**

**Мо, камбағалон, мутеи фармони туем,**

**Эй тӯраписар, ҳар чӣ кунӣ, кардан гир!**

Зиёи Садр:

**Ҳамроҳи рафиқи рӯсияҳ гаштан гир,**

**Ҷавру ситаму ҷафо маро кардан гир!**

**З-он ҷумла наям, ки гӯям ин кун ё он**

**Эй тӯраписар, ҳар чӣ кунӣ, кардан гир! [43, с. 314]**

Сайидҷон-махдуми Назмӣ гуфт:

**Дар гиряи ман чу субҳ хандидан гир,**

**Бераҳмиву бевафоӣ бар гардан гир!**

**Дод аз ту нагӯяму шикоят накунам,**

**Эй Тӯраписар, ҳар чӣ кунӣ, кардан гир»! [43, с. 347]**

Тазминнависии шоирон ба ҳамдигар низ матлаби мавриди назари моро равшан менамояд:

– тазмини байти –

**Кашида сурма дар чашми сиёҳаш,**

**Шаби мо рӯз дорад? Не, надорад –**

аз ҷониби Мирзо Азими Муншии Сомӣ ба шакли –

**Ба ҳаҷри кокули анбарфишонаш,**

**Шаби мо рӯз дорад? Не, надорад** –

дар маҳфили Садри Зиё [43, с. 306];

– тазмини байти Садри Зиё –

**Васлаш омад тангудозу ҳаҷраш омад умркоҳ,**

**Диданаш душвору нодидан аз он душвортар**

аз ҷониби Мирзо Саид-махдуми Назмӣ ба шакли –

**Мирам ӯро гар набинам, сӯзам ар бинам аҷаб,**

**Диданаш душвору нодидан аз он душвортар** [43, с. 347];

– ба байти Қурбонхони Фитрат –

**Дорам диле, ки шуълафурӯшист кори ӯ,**

**Доман мазан, мабод, ки афтад шарори ӯ**

бадоҳатан ҷавоб гуфтани Абулфазли Сират –

**Ман шамъи маҷлисам, ки ба ман ҳар ки дам занад,**

**Хомӯш нишаста тира кунам рӯзгори ӯ** [103, с. 39],

– «ба хотири амир хутур кардани» мисраи –

**Гуфтам, ки адам гашт вуҷудам зи ғами ту**

ва ҷавоби фаврии Абдулқодирхоҷаи Савдо

**Гуфто, ки киро ғам зи вуҷуду адами ту?** [103, с. 40] –

аз арзишу аҳаммияти хоса ва нақши умдаи маҳофили адабӣ дар густураи завқу салиқа ва донишу табаҳҳури адабӣ дарак медиҳад.

Хоса зуҳури ин падида дар маҷлиси фузалои амир Абдулаҳадхони Оҷизтахаллус хеле ҷолибу сабақангез аст. Аз нақли зер пайдост, ки шоир Савдо дар дарбори амир маҳфиле дошт ва худ маҳфилорои он буд: «Дар он айём, ки Савдо маҳфилорои маҷлиси Амир Абдулаҳадхон буд, ин як мисраъ беқасд ва аз ғайри ихтиёр ба забони амир ҷорӣ шуд, мисраъ ин аст:

**Гуфтам, ки адам гашт вуҷудам зи ғами ту.**

Савдо бадоҳатан гуфт:

**Гуфто, ки киро ғам зи вуҷуду адами ту»**

Амир писандид ва такмил фармуд. Савдо ба қуввати баланди табъ ва ҷавдати зеҳн дар ин маҷлис бақияи онро иншод фармуд [43, с. 308].

Ба ин маънӣ, мантиқан маҳофили адабӣ яке манобеи асили офарида шудани осори адабӣ ба шумор мераванд.

Як равиши муҳим дар «мактаби адабиёти давр» аз шеъри классикон ҷустани меъёрҳои бадеият ва баррасии онҳо будааст. Бино ба шаҳодати С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» Садри Зиё девонҳои классикон ва китобҳои ҳикояро бисёр мутолиа мекард ва «ҷойҳои фавқулода дилчаспи онҳоро шарҳ дода», ба

завқи худ Айнӣ ва Мунзимро шарик менамудааст. Дар мавриди дигар китобҳоеро ба онон хононда, ғалатҳояшонро ислоҳ мекард ва нуктаҳои нофаҳмоӣ эзоҳ медод [4, с. 45]. Дар асари «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» низ омадааст, ки Садри Зиё китобҳое мисли «Шоҳнома»-ро ба Айнӣ ва Мунзим хононда ва худ гӯш медод, ҷойҳои ғалатхондаро тасҳеҳ мекард ва нуктаҳои ба онон нофаҳмоӣ эзоҳ медод [4, с. 33].

Чунин муносибат барои огаҳии комили аҳли завқ аз дониши адабии классикӣ ва такмили саводи адабии ҷавонон мусоидат мекард. Аҳаммияти нақду баррасии шеъри шоирони муосир дар роҳи таъйини чигунагии рушди равандҳои адабӣ бебаҳс буда, ин кор бағоят рангомез, хушмазмун ва омӯзанда сурат мегирифт. Ба қавли С. Айнӣ дар маҷлисҳои адабии Садри Зиё «хазинаи дониши кас аз лафз ва маънӣ пур мешуд» [4, с. 45].

Рисолати аслӣ ва асосии маҳфилҳои адабӣ мусоидат ба шаклгирии завқу салиқаи зебошиносии аҳли замон ба самти созгор, ҷалби таваҷҷуҳи онон ба ормон ва марому маслаки замон, нерӯ бахшидани раванди адабӣ ва парвариши ҷавонони тозароҳу тозаруҳ ва умедбахш будааст. Ба ин маънӣ, бесабаб нест, ки маҳфили адабиро «мактаби адабиёти давра» ном додаанд, ки барои қомат афрохтани бинои боҳашамати адабиёти ҳақиқӣ ва падид омадани равишҳои тозаи эҷодӣ созгор буд. Маҳфили адабӣ василаи хуби густариши андешаи созандагӣ дар ҷомеа ва парвариши ҷавони фаъол мебошад…

Ҳамин тавр барои ривоҷу равнақи бештари кори маҳофили адабӣ таваҷҷуҳ ба таърихияти маҳфилҳо, баҳрамандӣ аз бархе ойину русум ва таълимоти аъзои он ба ҳамзамонони мо муҳимму муфид хоҳад буд.

Вусъати доираи баҳсу мунозира оид ба сухансанҷӣ ҳамеша барои такмили афкори ҳамзамонон судманд ва таконбахш буд.

## II.4. Тазкираҳо ва арзиши сухан аз назари тазкиранигорон

### II.4.1. Тазкираҳо – манбаи омӯзиши назари интиқодӣ

Тазкирашиносӣ – тадқиқи назарии тазкиранигорӣ, ҷойгоҳи таърихии тазкираҳо дар бозгӯйи сайри таҳаввули адабиёти форсӣ, хоса таваҷҷуҳи ҷудогона ба равишҳои наққодӣ дар перомуни тароҷими аҳволи шуаро аҳли мутолиаро ба дарки ин нуктаҳо водор мекунад:

1. Ин навъи асарҳо дар шинохти поя, муҳтаво, усул, равиш, сабки бозҷустҳои наққодӣ ва нақду сухансанҷии қаламрави забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ ба сифати маъхази муҳим ва фарогири санаду мадракҳои дасти аввал нуфуз пайдо карда ва василаи ривоҷи афкори сухансанҷӣ шудаанд. Равишҳои наққодӣ дар перомуни тазкираҳо мавзуи мумтоз ва мушаххасе аст. Бино ба таъбири адабиётшиноси эронӣ С. Шамисо «нақди адабӣ дар шарқ ду манбаи аслӣ дорад, яке кутуби балоғӣ ва дигар кутуби тароҷими аҳвол», «дар китобҳои тазкира матолиби бисёр муфид ва арзишманде дар боби нақди адабӣ ва сабк метавон ҷуст» [190, с. 106].

2. То ҳол ахбор ва асноди тазкираҳо сабаби ихтилофи зиёд дар самти таҳқиқи масоили таҳаввули таърихи адабиёти форсӣ ва шинохти ҷойгоҳи шеъру шоирӣ дар миёни милали форсизабон дониста ё пиндошта шудаанд. Ба ин маънӣ муҳаққиқи Ҳинд Шиблии Нуъмонӣ чунин навиштааст: «Шаке нест, ки тазкираҳои зиёде таълиф шуда, вале агар ба диққат мулоҳиза шавад, ин тазокир дар ҳақиқат ҷунг ё баёзе аз ашъоранд, ки дар он ашъори умдаи шуаро интихоб ва навишта шудаанд. Лекин шарҳи аҳволи шуаро ва ҳаводису савонеҳе, ки бар онҳо рӯй дода, хеле кам мутарриз шуда, хосса аз инқилобе, ки дар ҳар аср дар шеъру адаб падид омада ва низ аз илал (ваҷҳ) ва асбоби он инқилоб ҳеч зикре ба амал наёмада аст. Ин фақри адабӣ аз муддате фикрамро ба худ машғул сохта, тадоруку ҷуброни ин нақиса ва камӣ ҳамеша мадди назари ман будааст» [33, с. 4].

Эҳсоси ҳамин «фақри адабӣ», нуқсон ва камии асноди адабиёти форсӣ муҳаққиқонро ба таълифи таърихномаҳои адабӣ водор кардааст. Аз ниёзи қонунманди таҳаввули адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аст, ки дар як марҳала ҷойи китобҳои тазкираро китобҳои «Таърихи адабиёт» гирифта, дар ин замина асари зиёд таълиф гардид. Муҳимтарин суннатҳои таълифи таърихномаҳои адабиро ховаршиносони аврупоӣ Ж. Дармстетер (J. Darmsteter, 1887), Э. Броун (E. Brown, 1902-1924), Ҳ. Эте (H. Ethe, 1904), П. Ҳорн (P. Horn, 1909), А. Крымский (A. Krymskij, 1909-1914), Е. Бертелс (Je. Bertels, 1928), К. Чайкин (K. Chajkin, 1935) ва дигарон оғоз ва тарҳрезӣ карданд. Бо ин ҳама нуктаи дархури таваҷҷуҳ ин аст, ки тазкираҳо ба унвони заминаи аслии пайдоиши таърихҳои адабиёт дар шинохти арзиш, муҳассанот, қувват ва заъфи осори адабиёти форсӣ саҳми дасти аввал доранд.

Албатта, ҷойи шак нест, ки дар бештари маврид ғалат ва иштибоҳи таърихии тазкираҳо сабаби саргумӣ ва печдарпечии аҳли таҳқиқ шудааст, «хоса ки бисёре аз тазкираҳои баъд мундариҷоти онро бешу кам бидуни таҳқиқ нақл кардаанд», аммо «маъзалати қавли тазкиранигорон дар аҳволи муосирини худ ба ҳар ҳол аз маъхази муҳим маҳсуб» меёбад [175, с. 242].

Ба ин тариқ, дар шинохти таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ наметавон нақши мушаххаси тазкираҳоро инкор кард. Тазкираҳои форсӣ-тоҷикӣ дар ҳавзаи Мовароуннаҳр равишҳои хос ва мумтози нигариш дошта, бо ҳама «мубҳамӣ», «якнавохтӣ», «муҷомилаомезӣ», «заъфи малака»-и нақкодӣ дар арзёбии осори муҳимми адабӣ ва шинохти табъу имконияти сухансанҷии гузашта нақши равшан гузоштанд.

Дар нимаи дувуми садаи XIX ва ибтидои садаи XX дар пайгирӣ аз суннатҳои хос ва дарки ниёзмандиҳои нави ҷомеа чанд тазкира дар забони форсӣ-тоҷикӣ таълиф ва тасниф шуда, бо фарорафти диди ноқидона арзиш доранд ва то ҳол қисмати асосии онҳо нашр ва мавриди баҳрамандии аҳли таҳқиқ қарор гирифтаанд. Тазкираҳои Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ «Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб (1871), Мирсиддиқхон Ҳишмати Бухороӣ

«Тазкират-уш-шуаро», «Афзал-ут-тазкор фи зикри-ш-шуаро ва-л ашъор» (1904) бо вуҷуди фарогирии мафкураи замон назари ноқидӣ ва қазовати хоссаи адабӣ низ доранд. Дар баробари ин «Тазкират-уш-шуаро»-ҳои Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ ва Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, «Тазкори ашъор» ва дигар асарҳои Шарифҷон-махдуми Садри Зиё низ дар накду баррасии шеъри шоирони замон хеле муҳим мебошанд. «Намунаи адабиёти Эрон» – асари Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ (1922) ва «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддини Айнӣ (1926) низ аз муҳимтарин тазкираҳое бо фарорафти диди интиқодӣ дар марҳалаи зуҳури афкори пантуркистии Осиёи Миёна ба хотири исботи мероси ҳазорсолаи адабиёти тоҷик ҳастанд.

Ошноӣ бо дидгоҳи ноқидонаи тазкиранигорони охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX паҳлуҳои муҳимми фикрии мусаннифонро ба исбот мерасонад. Дар тазкираҳои ин аҳд кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки ба таври куллӣ накди ҳол, накди рӯзгор ва накди осори шуарои вакт дар иртибот ба масъалаҳои муҳимми иҷтимоиву фарҳангии замон бозгӯй гардад. Бозгӯйи масоили иҷтимоӣ дар тазкираҳои ин давра аз ҷолибтарин матолибест, ки таҳқиқ ва натиҷагирӣ аз он моҳияти ҷомеашиносии ин давраро ошкор мегардонад.

## II.4.2. Меъёри баҳои шеъру шоирӣ дар тазкираҳо

Яке аз махсусияти тазкиранависони ибтидои садаи XX аз назари иҷтимоӣ баррасӣ кардани мақоми шоирон ва осори завқии онон мебошад. Зимни таҳлили намунаҳои ашъори он замон мулоҳизаҳои танқидӣ низ баён шудаанд. Назари муаллифону мураттибони ин асарҳо аз боби шеър ҷолиби таваҷҷуҳанд. Мо ба мақоми «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мирсиддиқхон Ҳашмати Бухороӣ, «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё аз ҳамин нуқтаи назар низ баҳои арзанда дода метавонем.

Аз мутолиаи ҳолу аҳволи шуарои гузаштаву нав дар «Тазкори ашъор»-и манзум, «Тазкират-уш-шуарои мутақаддимин ва салотини муосирин ва бузургони мутаваррин», «Шуарои мутааххирин ва фузалои муосирин»,

«Фузалои мутааххирин ва шуарои муосирин», «Тазкират-ул-хаттотин», «Тазкират-ул-ҳукамо», «Тазкират-ул-вузаро», «Тазкират-ул-ҳумақо» ва ғ. бисёр нуктаҳои он замонаро ошкор кардан мумкин аст.

Ошноӣ бо дидгоҳҳои ноқидонаи Садри Зиё ва тазкиранигорони дигари ин давра муҳимтарин паҳлуҳои мафкураи мусаннифон собит мешавад. Дар ин осор нақди ҳол, нақди рӯзгор ва нақди осори шуарои вақт дар робита ба масъалаҳои муҳимми иҷтимоиву фарҳангӣ матраҳ шудаанд. Кӯргиреҳи масъалаҳои иҷтимоӣ дар ин тазкираҳо ҷолибтарин матолибест, ки аз аҳли таҳқиқ мутолиа ва натиҷагирии хоса талаб мекунад. Ин осор баёнгари моҳияти ҷомеашиносии ин давра мебошанд.

Дар ин фасл мухтасаран санадҳо ва бархе натиҷаҳо дар мавриди нақди ҳол ва нақди шеъри шоирон дар тазкираҳо ба доираи мулоҳиза омадаанд. Ин вежагии нигаришу нигориши тахассусии маорифпарворона дар осори тазкиранигории гузашта ҳам ҳаст, аммо давраи охир дар ин ҷода бартарӣ дорадст. Соҳибони тазкираҳои давраи ахир бо шоирон шину хез карда, ба пешрафти адабиёт баробар саҳм гузошта ва суду зиёни адабиётро баробар дида, ҷабру ҷафои замонро баробар кашида, аз ин ҷиҳат ба натиҷаҳои ҷолиб расидаанд. Маншаи ин хусусият аз ҳамин ҷост. Дар осори мавриди назар шинохти шоирон бар пояи огоҳии соҳибони тазкира аз матолиби зисту фаъолияти шуаро сурат гирифтааст.

Масалан, Садриддини Айнӣ дар мавриди Дилкаш ном шоире ба ҳаёти ӯ рашк кардани Амир Абдулаҳадро таъкид мекунад, ки «вайро мулозими рикоб карда, аз зиндагонии озодонааш маҳрум сохт»-а буд. Аз нигоштаи мазкур равшан мешавад, ки Дилкаш аз ин муомила хору зор мешавад ва ба ин «ба зӯрӣ муқовимат намуда, оқибат ба бемории силӣ гирифтор шуда, вафот» мекунад. Пас мусанниф ҷадалҳои тазкиранависони муосир, мисли Афзал ва Муҳтарамро ошкор мекунад, ки Дилкашро худписандаш дониста ва сабаби ин зиллату хориро аз щамин худписандӣ донистаанд. Дар ин мулоҳиза матолиби муҳимме аз вазъи иҷтимоии шоирони даврон мавҷуд аст.

С. Айнӣ чеҳраву ботини шоиронро зимни шарҳи аҳвол ва шеърашон ба ҳам меоварад ва ин як хусусияти тазкираҳои ин давра аст. Мулоҳизаҳои С. Айнӣ дар хусуси Қорӣ Кароматӣ Танбӯрӣ, бо тахаллуси Дилкаш ин натиҷаро ба исбот мерасонад. Мусанниф, баробари он ки ӯро «марди озодалибос» муаррифӣ мекунад, ӯро «нозукмизоҷу ҳуртабиат» донистааст. Аз рӯйи ин мулоҳизаҳо «мардуми Бухоро бино бар тафаввуқаш дар мусиқӣ нози ӯро ба ҷойи ниёз қабул карда, ба хурсандии хотираш мекӯшиданд» [3, с. 302].

Ин гуна бозгӯйи хислат ва шеваи баёни ҳоли шахсиятҳои адабӣ дар таълифи Садри Зиё низ фаровонанд, ки бо бардоштҳои руҳиву равонии онон тавъам омадааст. Дар ин маврид байни осори Садри Зиё ва Аҳмади Дониш ҳам шабоҳатҳое ҷолиб мавҷуданд. Масалан, аз таълифи Садри Зиё дар хусуси шоир Зуфунун ба чунин бозгӯйи психологии табиати шоир бархурд мекунем: «Чун атвори абнои рӯзгорро намеписандид, хусусан аз аҳли дарбори амир бисёр танаффур дошт, ин нафрати худро биттабъ изҳор ҳам мекард, лоҷарам саломатро дар девонагӣ ёфта буд. Бино бар ин ҳама ақлу зако ва фазлу камол худро сохта девона ба қалам медод, то ки аз ҳар гуна бозхост эмин бошад» [43, с. 305].

Таъкиди «бо хурду бузург яксон ва аз кибру ғурур ҳаросон» будани Савдо дар бисёр маврид таваҷҷуҳи тазкиранигоронро ба табиату сиришти инсонии шоирон бозгӯ мекунад [43, с. 329].

Садри Зиё дар бозхонии сирату сурати шоирон қобилияти назаррас дошта ва ба суратхонии сирати онон комёб шудааст. Ӯ дар хислати Афзал-махдум «миннати бузург» мебинад [43, с. 219]. Зикри боло будани сатҳу дараҷаи шеършиносии як шоир аз шеъргӯии ӯ барои тазкиранависӣ дар ин давра аз гузаштагон мондааст. Аз ин ҷиҳат, «сабуку пурфоида» будани суҳбати Таҳсин барои нишон додани дараҷаи ҷомеияту шеършиносии ӯ ба кор рафтааст [43, с. 241-242].

«Навоири Зиёия» низ сарчашмаи муҳим барои дарки чунин вежагии замона ва хислати шоирон аст. Зикри содагиву бевуқуфии Охунди Домулло Ҳасан ном

шоир аз ҳамин чашмандоз арзиш пайдо мекунад, ҳарчанд ин шоир «фазлу камол дар умури расмӣ ва муомилоти урфӣ» низ доштааст. Садри Зиё дар ин ҷода ӯро бо охунди домулло Шер ва қозикалони Шал баробар кардааст [103, с. 20].

Ин хислати шоир Комил, ки «ба иллати худбинӣ чандон мақбули авом ва матбуъи хос нест» [43, с. 243], табиист, ки ҷанбаи субективӣ ва обективӣ дошта метавонад. Дар ин мавврид чунин ба назар мерасад, ки Садри Зиё дар бознамоии чеҳраи аҳли ҳунари шоирӣ андаке тунд рафта ва намои бархе аз онҳоро бар аҳли замон хуш намоён накардааст. Дар бархе мавврид аз ҳад зиёд тунд рафта, масалан, Афлокӣ ном шоирро «суратан гов, сиратан хар» номидааст.

Мусанниф ба сифати донандаи тарзу сатҳи зиндагии аҳли эҷод маншаи пастии зиндагии онро дарк мекардааст. Маҳз аз ин ҷиҳат дар тасвири ҳолу ҳавои Камолӣ ном шоири баркамол ин гуна назар медиҳад, ки «бинобар тангии маош халалу залал ба аҳволаш рӯ оварда»-аст [43, с. 245].

Баъзан Садри Зиё аз хислатҳои ноҷӯру нохуби бархе аз шоирони аҳд дар ниҳояти дилсӯзӣ ҳарф зада, навиштаҳои ӯ аз оқибати роҳи ноҳамвори зиндагии онон хонандаро ба андешаи расо раҳнамун мезозад. Яке аз ин гуна шоирон Лутфӣ будааст. Тазкиранавис таассуф мехӯрад, ки бо ҳама фазлу камол «умраш сарфи теззабонӣ ва хӯрдагирӣ ва шуғлаш вақфи эътирозпазирӣ» шудааст. Шоир Муҳаррам ҳам аҳволи хуб надоштаасту «ниҳоли истеъдоди шеъриаш баркамол», аммо худаш заифҳол аст [43, с. 249]. Назмӣ ном шоир ҳам «бурҳонзани дағ-дағаи мову манӣ» [43, с. 267] будааст, ки ба он низ нишони таассуф мезанад. Аз ин ҷиҳат Садрӣ Зиё ба коҳиш додани шоирон Муҳтарам ва Назмӣ мепардозад.

Дар он замони шоири дигар Навҳа умрашро «сарфи мастиҳо ва вақфи бодапарастиҳо мекард»-аст [43, с. 270]. Интиқоди Возеҳ аз ҷониби Садри Зиё низ ҷолиб аст ва диққати ҳар ихлосманди адабиёти ин давраро ба худ мебарад, ки ба сабаби «таассуби бемаврид» ва «тааррузи бемаҳал»-аш халқ ба ӯ эътироз мекардааст [43, с. 271]. Пас ҳар шоири замон хулқу хӯе дошта ва тухми нифоқ

ба он замона кошта, масалан, забони Муллозода «чун шамшери тез, хоса дар ҳангоми ситез» [43, 285], шоир Офарин бошад чунон хислате доштааст, ки «аксари аҳбобашро ранҷонида ва ранҷида» [43, с. 284]. Афзал-махдуми Пирмастӣ ба сабаби бетамизӣ дар миёнаҳои умр бар зидди устоди худаш Аҳмади Дониш баромада ва ба ӯ беадабиро раво дида будааст [43, с. 288]. Ғаюру мутаассиб будани Сомиро Садри Зиё таъкид медорад ва менависад, ки ба ҳамин сабаб вай ном «ба сабукӣ ва кӯрнамакӣ баровард»-ааст. Аз манбаъҳо равшан аст, ки аксари тазкиранигорон шоир Шоҳинро бадгӯӣ кардаанд ва Садри Зиё низ «ғурури фазлу камол» будани ӯро ба таври хоса таъкид кардааст [43, с. 313].

Садри Зиё дар мавриди зикри аҳволи Мазнаб ном шоир ҳам кӯшида, то асли сиришташро бозгӯ кунад. Чунин бармеояд, ки вай дар ин маврид хеле бамулоҳиза рафта ва аз хислатҳои хубаш дарак дода соҳибфарҳанг будани ӯ ва ҳам «ба бӯву ранг номағрур ва ба намоишу ороиш номасрур», «бо вуҷуди тангдастӣ фароххиммат»-иашро хонанда бозменамоёнад [43, с. 254].

Пас, тазкираҳои ибтидои садаи XX намунаи ҷолиби таваҷҷуҳи нақди иҷтимоъгаро аст, ки бо вежагиҳои умдааш аз нақди дурушти иҷтимоии солҳои 20-30-юми қарни бист тафовут дорад. Тазкиранигории даврон дар ин шеваи бардошт ва баррасӣ ба муҳимтарин омӯзаҳои маорифпарварӣ такя кардааст. Дар ин раҳгузар вежагиҳои мактаби равшангарии Аҳмади Донишро ба назар мегирем..

Мактаби иҷтимоъгарии Аҳмад-махдуми Дониш ба тазкиранигорони ибтидои садаи XX, ки низ намояндагони раванди равшангарии форсии тоҷикии Фарорӯд маҳсуб мешаванд, маншаи ҷӯшиши фикри миллии адабӣ буд. Ба фикри мо, тазкиранигорони ин аҳд дар мутолиаи айнии зуҳуроти иҷтимоии замон то андозае дастоварди шоёни таваҷҷуҳе доранд.

Р. Ҳодизода – пажуҳишгари тазкираҳои охири садаиXIX ва оғози садаи XX аҳаммияти тазкираи Садри Зиёро таъкид карда ва М. Шакурӣ ҳам арзишу аҳаммияти ин тазкираро дар он дидааст, ки мусанниф оид ба шоирони ба

сиёсати зимомдорони вақт мухолиф ва аз дарбор ронда ва ба ҷазоҳо гирифтор шуда гӯё аз рӯйи ҳақиқат маълумот медиҳад. М. Шакурӣ ин вежагии тазкираро бештар аз бахшҳои Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин, Раҳматуллоҳи Возеҳ, Мирзо Азими Сомӣ, Мирзо Ҳайити Саҳбо, Садриддин Айнӣ ва ғайра берун кашидааст.

С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ҷузъиёти зисту зиндагии шоир Шоҳинро равшан менамояд. Ҳамзамон Р. Ҳодизода бар он ақида аст, ки Садри Зиё оид ба «аксари шоирони нимаи дувуми садаи XIX муфассалтар материал оварда, гоҳ материали тозае чи аз шарҳи ҳол ва чи дар тавсифи осори онҳо ба дастраси мо мегузорад» [441, с. 66].

Ба хулосаи М. Шакурӣ «Тазкори ашъор» аз назари пешқадами замон таълиф шуда, муаллиф ба ҳимояи пешқадамон бархостааст ва ният дорад, ки аҳаммияти иҷтимоиву адабии фаъолияти онҳоро падид оварад. Аз ин ҷиҳат, «Тазкори ашъор» нахустин намунаи арзёбии адабиёти тоҷикӣ дар садаи XIX ва оғози садаи XX аз назари маорифпарварон аст.

Садри Зиё дар изҳори ақидаҳои адабӣ ба таври хос истиқлоли назар дошта, бори аввал дар тазкиранигорӣ бештар ба муайян кардани самти эҷоди бадеӣ ва бартариву маҳорати адибон дар ин ва ё он самти ҳунарӣ таваҷҷуҳ кардааст. Масалан, дар баёни ҳунари Айнӣ чунин овардааст:

**Яке аз наҷибони равшанравон,**
**Ки дорад ватан хиттаи Ғиждувон.**
**Ба фазлу ҳунар шуҳраи хосу ом,**
**Лақаб Айнӣ Садриддинхоҷа ном.**
**Ба мулки сухан Айнии хушбаён,**
**Чу шамъ аст урёну равшанравон.**
**Ба назму ба насри сухан довар аст,**
**Зи насраш, вале назми ӯ хуштар аст…**

Аз назари Садри Зиё С. Айнӣ дар «мулки сухан хушбаён» ва «урёну равшанравон» аст, аммо, чунон ки инро ҳам хуб медонем, ӯ ҷойгоҳи назми

Айниро хуб арзёбӣ карда ва «ба назму насри сухан довар» дониста ва назмашро аз насраш боло арзёбӣ кардааст. Дар ҳамин ҳол ҳам барои Айнӣ чаҳорчӯбаи назм тангӣ карда ва толиби офаридани наср гардид ва дар адабиёти мо чун насрнависи мумтоз эътибор ёфт.

Нигоҳи интиқодии маорифпарварӣ дар таълифоти дигари Шарифҷон-махдуми Садри Зиё низ ҷйгоҳи назаррас дорад. Яке аз жанрҳои махсуси нигоштаҳои нигоранда дар «Наводири Зиёия» мадҳу зам, бадеҳа ва суолу ҷавоби шоирон мебошад. Бо корбандии аз ин гуна анвои эҷодӣ ба бисёр муаммоҳои замона посух гуфта ва хислатҳои нотакрори шоирони ин аҳдро бозгӯ кардааст. Замоне, ки овозаи шуҳрати фазлу камоли Шоҳин ба гӯшҳо расид, Садри Зиё аз Назруллоҳи Лутфӣ хостааст, ки ашъори ӯро оварад. Шоҳин дар ин маврид бадоҳатан бо матлаи зер қасидае мефиристад:

**Шеъре баланд тарҳ кун, он сон ки рифъаташ,**

**Бар фарқи офтоб ниҳад пойи ифтихор.**

Дар ҳамин доду ситад ҳам бо андешаҳои шоирона бармехӯрем ва ҳам пайдост, ки ниёзу тақозои аҳли эҷод дар хар давру замон падидаи «шеъри баланд» буда ва Шоҳин ҳам ниёзманди бозгузории авҷу рифъати шеър бар фарқи офтоб аст. Ӯ чун Аҳмади Дониш мадҳро аз шеър берун мекашад. Вай мадҳе, ки аз умед, хоҳиш ва тамаъ ҳосил мешавад, ба дигарон фахр ва барои худаш ор донистаст.

Садри Зиё яке аз аввалин муҳаққиқони ҷиддии осору омоли Аҳмади Дониш аст, ки ҷойгоҳашро дар таърихи афкори иҷтимоӣ таъйин ва арзишу вежагии осорашро бозгӯй намудан мехоҳад. Ба гуфтаи Садри Зиё Аҳмади Дониш дар шеър баробари Саъдии Шерозист ва дар наср пой ба мақоми баланди Ҳусайн Воизи Кошифӣ мезанад. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат Садри Зиё ба муайян кардани мақоми рисолаҳои гаронқадри «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Меъёр-ут-тадайюн» мепардозад ва ин ду асарро «шоҳиди ҳол ва гувоҳи мақол» медонад. Садри Зиё саррофона арзиши расои забонии «Наводир-ул-вақоеъ»-ро чун асари дорои «ибороти содаву равшан», «бетакаллуфона» ҷудо

мекунад ва ноқидона «латофати алфозу сароҳати маънии» онро ба хонандаи иҷтимоъгаро таъкид менамояд [103, с. 47].

Дигар аз хидматҳои чашмраси Садри Зиё ҳамчун равандшиноси ҳаёти адабӣ муайян кардани мавқеи суханварони аҳд мебошад. Ӯ ноқиди расову сарабини эҷоди адабии як зумра шоирон, аз ҷумла Қурбонхони Фитрат, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, Абдулқодири Савдо ва дигарон мебошад.

Назарияҳои нақди ин давраро аз рӯйдодҳои адабии замона низ хуб ба мушоҳида метавон гирифт, ки ин нукта аз навиштаҳои Садри Зиё равшан бармеояд. Болотар аз ин аз ахбори тазкиранигор оид ба бетамизии Афзал-махдуми Пирмастӣ – шогирди Аҳмади Дониш ва ҳаҷвияи ӯ аз Каромати Танбӯрӣ ва Қорӣ Неъмат сухан рафта буд. Бо вуҷуди ин, рухдоди мазкур ҳам боиси баёни мулоҳизаҳои ноқидона гардид. Аз посухи Шоҳин дар ҷавоби Афзал моҳияти «қасидаи ғарро»-и дорои «лаолии обдор» хеле равшан эҳсос мешавад, ки он ба мадҳи Дониш ва интиқоди Афзал равона гардидааст. Абдулмаҷиди Музтариб ном шоир ҳам ба ин қасидаи Шоҳин мухаммас эҷод карда ва дар он «фикри гуҳарсанҷ»-ро калиди «ганҷи сеҳр» ва «табъи сухандон»-ро маҳаки «нақди фикр» медонад:

**Бар ганҷи сеҳр фикри гуҳарсанҷи ту калид,**

**Бар нақди фикр табъи сухандони ту маҳак.**

Ҳамин тавр, баҳсу мунозираи адабӣ ҳам дар муайян кардани моҳияти завқи зебоишиносӣ ва иҷтимоъгарии адибону донишмандон ва арзиши афкори онон нақши намоён доштааст.

Садри Зиё ба ҷуз Айнӣ ба арзиши осори мансури Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим низ дидаи расо доштааст:

**Бувад Мунзим он зиннатафзои наср**

**Китоби хирад, маҳфилорои наср.**

**Бувад андалеби хушовози назм,**

**Ба мулки сухан маҳрами рози назм.**

**Ба манзуму мансур донишвар аст,**

**Вале рутбаи насри ӯ бартар аст.**

**Дар ин шеваи фозилони замон**

**Чу Мунзим касе нест мақбуламон.**

**Каломаш мурассаъ чу теғи забон**

**Саросар латофат чу оби равон.**

Дар ин бардошт наср чун «шеваи фозилони замон» арзхёбӣ шудааст. Ба назари ӯ мақоми Мунзим дар наср бештар аз шеър, аз ин рӯ «рутбаи наср»-ашро бартар медонад. Садри Зиё ба насри Мунзим баҳо медиҳаду аммо адабиётшинос С. Табаров дар рисолаи «Мунзим» ба Айнӣ дар як номааш чунин навиштааст: «Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим на дар он вақтҳо ва на пас аз револютсия як порча ҳам ба маънои имрӯза насри адабӣ-бадеӣ нанавиштааст» [344, с. 14].

Дар иртибот бар аҳаммияти нашри сарчашмаҳои адабӣ, таърихӣ ва тазкираҳои охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX дар мавриди арзиши китобҳои китобхонаи шахсии Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ва феҳристи «Асомӣ-юл-кутуб» изҳори назар менамоем. Номи аслии асар «Асомӣ-юл-кутуби китобхонаи хусусии Шарифҷон-махдум» [234, с. 5; 336, с. 44] ва «Асомӣ-юл-кутуби муаллифа» [336, с. 41, 44] аст, ки муҳтавои он аз шарҳи китобҳои китобхонаи ин маърифатпарвар иборат аст. Маводи таърихи китобдории Бухоро исбот мекунад, ки ин китобхона баробари китобхонаи чанд шахсияти дигар он замон арзиши баланд доштааст.

Оид ба арзиши китобхонаи хусусии Садри Зиё, тақдири баъдинаи он китобхона, баъзе вежагиҳои феҳристи «Асомӣ-юл-кутуб» донишмандони таърих, адабиёт ва китобхонашиносӣ дар Ӯзбекистон ва Тоҷикистон А. А. Семёнов, Р. Ҳодизода, Ӯ. Ҳамроев, С. Сиддиқов, С. Муҷонӣ, И. Ҳамзаев, М. Шакурӣ ҳам изҳори андеша кардаанд. Аз ҷумла, С. Сиддиқов бо такя ба матни ду дастнависи асар дар китобхонаи Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунии АИ Ӯзбекистон (№№2460, 2193) мушоҳидаҳои ҷолибе бардошта, чанд нукта дар ин замина изҳор дошта ва дар натиҷа ин асарро

баробари чанд асари дигар «сазовори тадқиқоти ҷиддӣ» [336, с. 49] арзёбӣ карда буд.

Ғайр аз ин, аз таҳқиқи С. Сиддиқов ин нуктаи ҷолиб равшан мешавад, ки аз Садри Зиё ба ҷуз феҳрист «Дафтари мусаввада»-е боқӣ монда, зери №2367 дар китобхонаи Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳони Беруниии АИ Ӯзбекистон нигаҳдорӣ мешавад ва ин дафтар қадимтарин «дафтарҳои мусаввада» аст. Дар варақаи 3б-6а-и дафтар 250 номгӯи китоби дастнависи китобхонаи хусусии Садри Зиё омадааст. Ба фикри муҳаққиқ зикри номи дастхатҳо ва қимати пулии онҳо дар дафтар як навъ нақшаи пешакии «Асомӣ-юл-кутуб» буда ва маводи ин дафтар ҳангоми таълифи «Асомӣ-юл-кутуб» хеле босамар истифода шудааст [336, с. 76, 81].

Ахиран феҳристи китобхонаи машҳури Садри Зиёро Ш. Воҳидов бо ҳамкоронаш З. Чориев, А. Эркинов аз рӯйи нусхаи китобхонаи Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳони Беруниии АИ Ӯзбекистон (дастхати №2460) ба таҳқиқ гирифта, бо нашри чандин бораи матни он дар доираҳои илмии Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва хориҷ аз он (2007, 2016, 2017, 2021) барои ҳалли қазияи манбаъшиносии адабии давра заминаи хуб фароҳам овардааст.

Дар манбаъҳои замон аз се махзани арзишманди китоб – китобхонаи хусусии Қозӣ Бурҳониддини садр, Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ ва Шарифҷон-махдуми Садри Зиё сухан рафтааст. Ҳарчанд дар тафсири арзиши ин китобхонаҳо Садри Зиё хабар дода, ки «ба қозӣ Бурҳониддин китобхонаи хеле бой аз падараш мерос монда» [**ниг.**: 234, с. 7], С. Айнӣ чунин шаҳодатро оварда, ки «дар Бухоро ҳеч китобхона мисли китобхонаи хусусии Ҳашмат мукаммал набуд» [3, с. 274] ва «китобхонаи Шарифҷон-махдум беҳтарин ва бойтарини китобхонаҳои Бухорост» [**ниг.**: 379, с. 61], ҳамчунин М. Шакурӣ бой, «китобхонаи машҳур», «китобхонаи бузург» ва «китобхонаи дастнависҳои камёб» ба ҳисоб рафтани махзани китобҳои Садри Зиёро равшан таъкид кардааст [379, с. 40, 55, 140], аммо ҳеч кадом соҳиби ин китобхонаи шахсӣ монанди Садри Зиё китобҳои махзани худро ба доираи феҳристи комил

наовардааст. Ин корро Садри Зиё бо нияти ва ҳиммати бисёр хос анҷом дода ва асаре муфид ба вуҷуд овардааст.

Як нукта бояд арз шавад: Оё дар таърихи адабиёт ва китобшиносии гузашта то ба Садри Зиё нафаре дигар барои тадвини матолиби хазинаи китобҳои худаш пардохтааст? Ин саволест, ки бояд муайян кард...

Феҳристи Садри Зиё китобҳоеро дар бар мегирад, ки ба ҷамъоварии онон аввал падараш Абдушшакури Оят ва сипас худаш машғул шуда ва он китобҳо ба навиштаи М. Шакурӣ «ҳама дастнависи камёби форсиву арабӣ будаанд, ки ё ба дасти муаллиф, ё дар замони наздик ба вақти таълиф ё ки ба қалами ягон хушнависи машҳур китобат шудаанд. Аз байни онҳо **муҳимтарин намунаҳои адабиёти бадеии муосир ва асрҳои гузашта** ва дигар китобҳои нодире дарёб кардан мумкин аст... Садри Зиё... китобҳоро тақсимбандӣ карда, як китобнома-каталог тартиб дода буд. Китобномаи ӯ... дорои эзоҳоте буда, маълумотеро дар бораи муаллифу мавзуи китоб, соли таълифи он, хаттот ва замону макони китобат, вақту ҷой ва чигунагии хариди нусха, нархи он ва ҳоказо дар бар мегирад, ки ҳамаро худи Садри Зиё навиштааст» [379, с. 140].

Аз ин ҷиҳат «Асомӣ-юл-кутуб», албатта, дорои маълумоти муҳим аст, аммо он аз назари аввал асосан маълумотеро фаро мегирад, ки «барои таърихи фарҳанги халқҳои Осиёи Миёна арзиши фавқулъода доранд» [**дар ин бора ниг.**: 379, с. 140]. С. Сиддиқов низ дар ин замина бардошти чашмрас дорад, ки «дар асар диққати асосӣ ба нақли тарҷумаи ҳоли котибони хушнависи давраҳои гуногун – аз возеҳони хати арабӣ Ибни Муқла ва Ёқут сар карда, то қорӣ Аҳмад барин хаттотони ибтидои садаи XX ҷалб шудааст» [336, с. 189].

Аз ин рӯ, ба «як сарчашмаи муҳимми таърих ва китобшиносии тоҷик» ҷой ва мақом доштани ин асар ҷойи шубҳа нест. Бо вуҷуди ин, дар бештари маврид навиштаи Садри Зиё аз доираи чунин арзиш фаротар рафта, ба сифати як феҳристи омӯзандаи адабӣ дар роҳи дарки аслу моҳияти адабиёт ва ҷойгоҳи осори адабиву интиқодии замон низ комилан расо ба хидмат метавонад биёяд. Китобҳо дар ин феҳрист ба илмҳои гуногуни ақливу нақлӣ ихтисос доранд, ки

теъдоди умумиашон дар бозгӯйи Ш. Воҳидов 278 ададанд – аз рӯйи қайди С. Сиддиқов 288 номгӯ [336, с. 51]. Аз ин миён як бахши асарҳо дар феҳрист аз назму наср, асарҳои таърихӣ, тазкираҳо ва ғайра иборатанд.

Аз лиҳози замонӣ таркиби «Асомӣ-юл-кутуб»-и Садри Зиё аз асарҳои гузаштагон ва ҳамзамонон иборат аст. Чуноне ба назар мерасад, дар бисёр марвид, ки сухан аз китобҳои пешиниён рафта, мусанниф дидгоҳашро оид ба котиб ва арзиши ҳунарии китобат баён дошта ва дар заминаи муҳтавои китоб камтар сухан ба миён гузоштааст. Бо ин махсусияти кори мусанниф дар шарҳи асарҳои адабии манзуму мансури пешгузаштагон – «Қасидаи бурда» (ду нусха), «Хамса»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ (дар чанд нусха), «Хамса»-и Низомӣ (дар ду нусха), «Ҳадиқа»-и Ҳаким Саноӣ, «Девон»-и Камолуддини Исфаҳонӣ, «Қасоид»-и Хоҷуи Кирмонӣ, «Куллиёт» ва «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ, «Субҳат-ул-аброр», «Силсилат-уз-заҳаб», «Девон» ва «Ҳафт авранг»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ (ду нусха), «Ахлоқи Муҳсинӣ», «Маснавии Нозим» ва «Темурнома»-и Абдуллоҳи Ҳотифӣ, «Маснавӣ»-и Нозими Ҳиравӣ, «Маҷмуаи муросалот», «Хамса», «Девон», «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишер Навоӣ (Амири кабир), «Девон», «Нукот», «Чаҳор унсур» ва «Қасоид»-и Мирзо Бедил, «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Шайх Озарӣ, «Рашаҳот»-и Алии Сафӣ, «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд, «Калила ва Димна», «Анвори Суҳайлӣ», «Қасоиди афғон»-и Гулмуҳаммади Афғон ва ғайра ошно мешавем.

Диққати мусаннифи «Асомӣ-юл-кутуб»-ро дар шарҳу тафсири чунин асарҳо бештар нуктаҳо ва матолибе ҳамчун таърихи китобат, мушаххасоти котиб, махсусияти кори ӯ, арзиши зоҳирӣ ва тавсифи «зебоиву раъноӣ»-и матни китоб бидуни ғалату иштибоҳ, рӯйдодҳои ҷолиби ба даст омадани нусхаҳои хаттии арзишманд, зуҳуроти зиндагии муаллифони китобҳо, боз аз ҳама ҷолиб қимати китоб ва ғайра ҷалб карда ва аз ин ҷиҳат ҳам иттилои мусанниф пурарзиш ва сазовори таваҷҷуҳанд. Нафаре, ки дар феҳрист бештар ситоиш гардида, котибони ҳуруф ва аҳли китобатанд. Чунин ба мушоҳида мерасад, ки яке аз ҳадафҳои асосии таснифи феҳрист маҳз ба хотири арҷ гузоштан ба кори

хаттотону шеваи хаттотӣ будааст. Аз ин ҷиҳат хаттотон ва кори хаттотӣ мавриди тавҷҷуҳи мусанниф қарор ёфта, борҳо котибон ҳамчун «дабири беназир», «хаттоти соҳибтасхир», «уторидқалам», «чобукқалам», нусхаҳо «бо назокат ва малоҳат», «ниҳоят мумтоз» ва ё «ниҳоятдараҷа мумтоз», «бағоят беанбоз», «дар камоли хушхаттӣ», «ба камоли диққат ва ғояти зебоӣ», «олиҷаноб» ва ғайра ба тасвир омадаанд. Мусанниф дар мавриди ҳунари баланди як тан аз аҳли китобат ва хаттоти моҳир чунин доди қалам дода: «Дар соҳати фасоҳат гӯйи сухан аз майдони чобуксаворони ин фан рабудӣ ва дар байдои балоғат қадами мусобиқат аз яккатозони арсаи талоқат афзудӣ ва ба қалами зарринрақам бозори дурру гуҳарро касод кардӣ...» [9, с. 109].

Дар ин мавридҳо камтар ба чигунагии шарҳи муҳтавоии осори адабӣ дахл шудааст. Ихлоси баланди Садри Зиёро ба чунин тоифаи эҷодгарон – аҳли хат ва китобат аз асари дигараш «Тазкират-ул-хаттотин» низ бояд ҷустуҷӯ кард [**дар бораи ин асар ниг**.: **336**, с. 30, 36, 39, 44, 49]. Як назари шитобзада ба матолиби китобхонаи Садри Зиё ва дар он ҷой доштани китобҳое монанди «Зикри хаттотон ва хушнависон» («Миръот-ул-олам»), «Рисолаи хаттотон ва асомии котибон», «Аз тазкираи котибон» ва ғ. низ таваҷҷуҳи ин шахсияти китобдӯстро ба ин ҳунар хуб равшан мекунад, зеро ду китоби охир маҳсули қалами ӯст, ки шояд аз мусаввадаҳои «Тазкират-ул-хаттотин» бошанд.

Баробари ин, ба ҷуз арзиши китобату хаттотӣ дар бархе аз шарҳҳои китобҳои гузаштагон, аз ҷумла «Таърихи Табарӣ», «Девон»-и Камоли Исфаҳонӣ, «Қасоид»-и Хоҷуи Кирмонӣ, «Девон»-и Ҳофизи Шерозӣ, «Девон»-и Камоли Хуҷандӣ, «Девон»-и Шоҳии Сабзаворӣ, «Девон»-и Бобо Соиб ва ғ. мусаннифи «Асомӣ-юл-кутуб» кӯшидааст, ки ҷойгоҳи онҳоро аз лиҳози адабӣ бозгӯяд ва асарро аз лиҳози адабӣ шарҳ диҳад. Маҳз аз ин равзана Садри Зиё «Девон»-и Ҳофизро «китобе ашъори гуҳарбораш ба мизони балоғат ва латофат санҷида, нусхае гӯё бар сафаҳоташ ҷавҳари сероб чида» ва «китобе аз арқоми он нафаҳоти субҳи саодат фоеҳ, нусхае аз абёти он ламаъоти офтоби иноят лоеҳ» арзёбӣ карда, ба «маънии дақиқ»-и девон равшан ишора мекунад. Дар

фаҳмиши бориксанҷи Садри Зиё Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ҳамчун «шоири соҳири саодатрафиқ ба тадқиқи назари мӯйшикоф шикофтаанд ва ба қуввати муносиб чун мӯйи дилбарон ба ҳам бофта; ақли борикбинро миёни он ва мӯй фарқ додан даст намедиҳад, аммо чун мӯй бар фарқ ниҳодан месазад ва ҳар иборати пок, ки ба фаҳми даррок аз баҳри заххори хотири гуҳарбор гавҳарвор истихроҷ карда ва ба алмоси тафаккур суфта, дар силки назм кашидаанд, аз он то ҷавоҳири обдор ва лаолии шаҳвор тафовуте намебинад» [235, с. 58].

Садри Зиё «Куллиёт»-и Саъдиро «китобест бағоят қадим, нусхаест мукаррам ва муғтанам, файзи мусаввар, нури муҷассам» [235, с. 90] арзёбӣ мекунад. Боз ҷолибтар ин аст, ки се «Девон»-и Мавлавии Ҷомиро «девони назокатунвони лозим-ут-такрим» [235, с.90], девони Бобо Соиби Табрезиро «нусхае беназир, девоне дилпазир ва китобе саросар танвир, ба анвоъи зиннат ва ҷамол ороста, ба анҳори зевар ва камол пероста...» [235, с. 90] медонад, ки «ҳусни лафзӣ ва маънавии он ба ақсои мартаба аст, ки назир ва адилаш мақдури башар не. Бешоиба ҳуққаи дуррест ё дурҷи гавҳар, арқоми атрфомаш тӯдаи анбар аст ва ё мушк аз фар(р). Китобе бад-ин масобаи хубӣ нодиран ба зуҳур меояд. Ҷавҳари ҷон хонем равост, қуввати руҳ донем баҷо!» [235, с. 90]. «Девон»-и Шайх Камоли Хуҷандиро «матлаи ҳусни бепоён» [235, с. 158], «Девон»-ҳои Ҳасан ва Хусрави Деҳлавиро аз лиҳози китобшиносӣ «китобест бағоят зебо, нусхаест хушрабо, олиҷаноб», «Ҳафт авранг»-и Мавлавии Ҷомиро «китобест олиҷаноб, нусхаест ноёб, дар камоли зебоӣ, ниҳоятдараҷа хуб» [234, с. 133] маънӣ доданаш ҳам ба бисёр нуктаҳои дарки амиқи асарҳои ин шоирон такя дорад.

«Таърихи Муқимхонӣ» ном китоби Мирзо Муҳаммади Муқимхон аз назари зебоишиносӣ ва назокатсанҷи Садри Зиё бисёр матлуб ва марғуб муаррифӣ шудааст. Ин китоби таърихнома «маҷмуаест зебо, нусхаест якто, китобест беҳамто, гавҳар ва руҳ гӯем сазо, ҳуққаи луълу хонем баҷо, ҳусни зоҳириву ботинӣ, лафзӣ ва маънавӣ дар ин модда ҷамъ омада, бешойиба руҳи мусаввар ва ҷони муҷассам аст...» [235, с. 156]. Муаллиф «аъҷубаи замон ва

нодираи даврон, саромади хушнависони офоқ, дар фасоҳат ва балоғат дар ҷаҳон тоқ, дар назми ашъор низ забардасти рӯзгор ва мусаллами адвор аст. Фасоҳатбаёне, ки чун теғи забон аз наёми баён бароварад, фусаҳои замонро қуввати нутқ намонад, балоғатнишоне, ки чун ашҳаби лисонро дар майдони сухан дар ҷавлон дарорад, обрӯи чобуксаворони ин фанро ба хоки мазаллат резад» [235, с. 156].

Ҳамин тавр, ҳар нафари алоқаманди осори гузаштагон бо мутолиаи «Асомӣ-юл-кутуб» бо махсусияти вежаи он ошноӣ пайдо мекунад ва ин гуна мулоҳизаҳои мусаннифе соҳибдарк мисли Садри Зиёро чун намунаи баланду арзишманди дидгоҳи зебоишиносии ӯ дар роҳи натиҷагирӣ аз мағзу муҳтавои ин осор ба кор мегирад. Садри Зиё дар ин ҳол баъзан аз аносири нақди завқӣ ё ҳиссии шуарои гузашта низ ба кор бурда, ба гунаи мисол дар боби «Девон»-и Амиршоҳии Сабзаворӣ изҳори назар мекунад ва ба муҳтавои он баҳои хеле баланд медиҳад ва менависад, ки «ҳамагӣ ҳазор байт, валекин тамоман шоҳбайт аст, ки аз дувоздаҳ ҳазор байт интихоб шуда» [234, с. 132]. Чунин наққодии адабиётшиноси сарабин аз камоли завқ ва диққати хос сурат гирифтааст.

Баъзан чунин ба назар мерасад, ки мусаннифи ба маънои том ноқиди амонатбин дар бозгӯйи осори мансури гузаштагон манбаи муътамад ва мунҳасир ба фард будани онро низ ба таври ҷудогона зикр мекунад ва арзиши нодири нусхаҳоро бозмегӯяд. Аз назари мо, барои алоқаманди таърихи адабиёти гузашта ҳам муҳим он аст донад, ки «Таърихи Табарӣ» «дастхати нусхаи қадим, китоби ноёб аст. Ҳусни зоҳирӣ надорад. Нусхаи кӯҳнаи қадима ва муътамад аст. Дар ин муддат аз ин нусха беҳтар мавҷуд нашуд ва ба назар нарасид» [235, с. 155].

Бахши дигари «Асомӣ-юл-кутуб»-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, ба муаррифии махсусияти **осори адабии замони мусанниф** ихтисос дорад, ки ҳадафи аслии таҳқиқи мо низ ба ин нукта гиреҳ мехӯрад. Албатта, дар ин феҳрист асарҳои гузашта ва замони мусанниф махсусан аз ҳам ҷудо нашудаанд, бо вуҷуди ин, муаррифӣ ва дидгоҳи ӯ аз осори ҳамзамонон назар ба муаррифии

осори гузашта тафовут дорад. Бахши муаррифии китобҳои охирзамон бештар барои таъйини фазои равандҳои адабии он давра ва ҷойгоҳи муаллифону таснифоти онон беш аз ҳар нуктаи дигар пураҳаммият аст. Ин бахши кори таснифгар ба шеваи тазкиранигорӣ зиёд пайванд мехӯрад ва бахше аз изҳори назар ва дидгоҳи номбурда дар комил шудани доираи таҳлилу баррасии осори адабии ҳамзамонон мусоидат хоҳад кард. Сababи ин, албатта, аз баҳрамандии вежаи Садри Зиё дар тазкиранависӣ ва дасти расои ӯ дар нигориши ҳол ва нақди осори онон аст. Маҳз аз ин ҷиҳат Садри Зиё ба таври хос ва муфассал ба баёни диди зебоишиносии худ дар робита ба нақди аҳволу осори адибоне чун Аҳмади Дониш ва Исо-махдуми Бухороӣ, муаррифӣ ва нақди як силсила асарҳои ин давра – «Наводир-ул-вақоеъ», «Меъёр-ут-тадайюн», «Манозир-ул-кавокиб»-и Аҳмад-махдуми Дониш, «Тазкират-уш-шуаро»-и Афзал-махдуми Пирмастӣ, «Тазкираи шуаро», «Савонеҳ-ул-масолик»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, «Миръот-ул-хаёл» ва «Масобеҳ»-и Мирзо Азими Сомӣ, «Маҷмуат-уш-шуаро»-и Хӯқанд – таълифи Фазлӣ бо як нусхаи дигар аз ин асар, «Маҷмуат-уш-шуаро»-и Фаришта ва ғайра пардохтааст.

Чашмандози Садри Зиё дар бораи ин ки танҳо маҳз ба ду нафар аз арбоби адабиёти ин давра Аҳмад-махдуми Дониш ва Исо-махдум равона шудааст, хеле ҷолиб ва сазовори арзёбӣ аст. Шоир Исо-махдум аввал аз ҳама ба сифати котиб ва хаттоти китобе бо номи «Мухтасари виқоя» ба маърази андешаи мусанниф омада, аммо тафовути васфи Исо-махдум аз дигар котибону хаттотон дар он зоҳир мешавад, ки Садри Зиё ин ҷо ба ҷойгоҳи ӯ махсусан ва бештар диққат ҷалб мекунад ва 31 байт дар васфи ӯ ҷой медиҳад [234, с. 122-123]. Оид ба Исо-махдум дар «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё ҳам сухан рафтааст (40 байт). Бо он ки иттилои ин ду асари як муаллиф дар бораи як нафар ба назар тафовут доранд, аммо шабоҳатҳо дарун-даруни абёту мисраъҳо ҳастанд.

Исо-махдум, дар бардошти Садри Зиё, «ба илму амал зубдаи фозилон ва ба фазлу ҳунар умдаи комилон» будааст. Ноқиди сухан рутба ва қадри суханварро дар илми маонӣ ва бадеъ равшан пай бурда, бешабеҳу беадил буданашро дар

илмҳои фиқҳу ҳисоб, таҷвиду тартили Қуръон, хаттотӣ, луғзу муаммову шатранҷ, танбӯрнавозиву овозхонӣ ёдрас кардааст. Исо-махдум ба ашъори Бедил низ татаббуъ мекарда ва аз ин шеваи эҷод ҳам «рутбаву қадр» ба ҳосил оварда, ҳунари ӯ дар маҷмуъ «сазовори таҳсину ҳам офарин» будааст. Танҳо дар ду байти Садри Зиё қудрати хаттотии Исо-махдум тасвир шудааст, ки дар як шаб ин «котиби номвар» аз уҳдаи рӯйнависии «Мухтасар» баромада ва ҷолиб он аст, ки дар ин нусха «ҳеч саҳву ғалат» ба чашм нарасидааст.

Тафовути ин бахши муаррифии китоб дар он аст, ки ин ҷо бештар аз баландии рутбаи илму шеъру суханвариву ҳунармандии ин шоири шаҳир сухан меравад. Мусанниф ба идомаи матлаб ин нуктаро бозгӯ мекунад, ки чунин нафари соҳибном дар замони Амир Музаффар дар Чаҳорҷӯй ба маснаде расид ва пас аз чанде аз он рутбааш маъзул шуд. Дигар ҳавову ҳаваси мансаб накарду «раҳи давлату мулки боқӣ» гирифт ва агарчанде дар замони амири мазкур «басе хору зор» гардид, «ба даври Аҳадхони соҳибтамиз, Ба аъло маротиб расид он азиз».

Мусаннифи феҳрист чеҳраи Исо-махдумро дар «камолоти зоҳирӣ ва ботинӣ ва таҷаллии лафзӣ ва маънавӣ, дар ҷамеъи улум якто, дар тамоми фунун беҳамто» [234, с.123] офаридааст. Аз дидгоҳи ноқидонаи ӯ дар шеър Исо-махдум ба қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир монанд буда, «шабоҳати хат(т)и ин ду нафар ба ҳамдигар бештар, рутбаи шеърияи эшон ҳам баробар, валекин қуввати насрияи Садри Сарир зиёдатар». Баҳои Садри Зиё ба шеъри Исо-махдум бо шеваи тазкиранигорӣ чунин хатм мешавад: «Ашъори обдор ва мазомини гуҳарбори он фазоилвисор бисёр аст» [234, с. 125].

Садри Зиё дар бахши муаррифии «Манозир-ул-кавокиб», «Меъёр-ут-тадайюн» ва «Наводир-ул-вақоеъ» ба шинохти ҷойгоҳи Аҳмади Дониш назар додааст. Ин маврид низ бар одати қисматҳои пешинаи «Асомӣ-юл-кутуб» масъалаи чигунагии китобату котиб, таърихи китобату бозёфти он, ҳусну ороиши китоб ва нархи он наёмада, балки ҳадафи мусанниф бозгӯйи ноқидонаи ҷойгоҳи Аҳмади Дониш ва осори ӯ будааст. Дар ин навишта моҳияти равандҳои

адабии даврони зиндагии нависандаи номӣ ва моҳияти баҳсу мунозираҳои шадиди мафкуравӣ ҷойгоҳи хос пайдо кардаанд. Ин шеваи бардошт дар дигар осори мусанниф – «Наводири зиёия», «Рӯзнома», «Тазкори ашъор» ва ғайра низ ба мушоҳида мерасад. Соҳиби китоб дар баробари он ки аз Аҳмади Дониш бо сифатҳои «анбарсиришта», «олифитрат», «уторидфитнат», «бедилхаёл», «соибмисол», «ширинмақол», «муаллифи ширинзабон», «мусаннифи фасеҳбаён», «олифитрат», «шоири тӯтисухан» ва ғайра ёд карда, ӯро «дар латофати табъ ва нозукхаёлӣ якто ва дар зеҳн ва дарки умур беҳамто, дар талоқати забон ва фасоҳати лисон беназир, дар ширинии калом ва баён беадил, ҷавҳари обдори назмаш чун иқди Парвин мунтазам равшан, луълуи шурбаш дар таярони уруҷ ҳампарвоз, як гулшани хаташ чун сунбули зор, хубони шавқангези лафзаш монанди оби ҳайват ҷонбахш ва фараҳомез» донистааст [234, с. 126].

Албатта, дидгоҳи Садри Зиё ба Аҳмади Дониш дар ин асар истисно нест ва аввалӣ оид ба охирӣ қариб дар тамомии осораш изҳори назар карда, мавқеи баланди адабиву иҷтимоии ӯро равшан таъкид кардааст. Ӯ бо диди хоси нақдбинаш кӯшидааст, ки ҷой ва мавқеи вежаи Аҳмади Донишро дар таърихи адабиёти тоҷик ва афкори иҷтимоии он замон таъйин ва арзишу вежагии осорашро мунсифона бозгӯяд. Мо дар боло аз баҳои муҳимми Садри Зиё дар «Наводири Зиёия» оид ба ин ки Аҳмади Дониш дар шеър Саъдии Шерозӣ ва дар наср Ҳусайни Кошифӣ аст, сухан рондем. Ӯ бо зикри «шоҳиди ҳол ва гувоҳи мақол» будани «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Меъёр-ут-тадаюн» бисёр сифатҳои ин осорро муайян мекунад. Аз назари ноқид асари аввал дорои «ибороти содаву равшан» ва «бетакаллуфона» буда, «латофати алфозу сароҳати маънӣ»-и он дақиқан арзёбӣ шудааст [101, с. 47]. Ин нуктаҳо дар феҳристи Садри Зиё такмил ёфтаанд.

Дар ин қисми «Асомӣ-юл-кутуб» бар хилофи бахшҳои пештараи ин китоб як қасидаи Аҳмади Дониш «муштамил бар теъдоди фазоили худ»-аш иборат аз 38 байт ба қалам омадааст. Афзун бар ин мадҳи Шамсуддини Шоҳин аз хусуси

«Наводир-ул-вақоеъ»-и Дониш бо унвони «дар узубати баён ва ризонати маънӣ ва таҳқиқоти умур беадили валосонист» ҷой ёфта, ки он ҳам фарогири дидгоҳи замон ва накди расои ин асари маъруфи аҳди маорифпарварист. Ба ин муносибат Садри Зиё аз Шамсуддини Шоҳини баландпарвоз бо сифатҳои «фозили комил», «олими номвар», «шоири моҳир», «суханвари мулки аср ва замон», «муътабари ом» нек ёд овардааст.

Дар боби муаррифии «Наводир-ул-вақоеъ» – аз мусаннафоти Аҳмади Дониш ба ин асар чун маҳсули китобат ва хаттотии Афзал-махдуми Пирмастӣ наздикӣ ҷуста, ба ин муносибат котибро чун «фозили маъруф», «комили машҳур», «афзали рӯзгор», «акмали номдор», «котиби расмӣ», «хаттоти урфӣ» ситоиш кардааст. Дар ин маврид аз асли китоби «Наводир-ул-вақоеъ» сухан нарафта, чанд нукта аз китоби «Тазкират-уш-шуаро»-и Афзал-махдум ва мазаммати ӯ аз Аҳмади Дониш, ҳамчунин ҷавобияи Шамсуддини Шоҳин ба ҷонибдории Дониш ва сарзаниши Афзал ба миён омадааст. Аввалан, Садри Зиё ба тазкираи Афзал-махдуми Пирмастӣ назари интиқодӣ дорад ва навишта, ки дар он «ғасу самин бисёр, вориди хилофи воқеӣ бешумор, муҳтоҷи тасҳеҳ ва танқеҳ» [234, с. 129]. Баҳои «ғасу самин бисёр» ба девонҳои шоирони қадим дода мешуд. Маънии ин ду вожа – **ғас** / лоғар ва **самин** / фарбеҳ киноя аз **андаку бисёр**, **неку бад**, киноя аз **ду чизи нақизи ҳамдигаранд**, ки аз дар чашмандози назарии ноқидони қадим ба нокомиливу нопухтагии асари адиб ишора доштанд.

Нуктаи дигар дар бозгӯиҳои Садри Зиё ба муносибати байни ин шоир ва тазкиранавис бо Аҳмади Дониш гиреҳ мехӯрад. Мусаннифи «Асомӣ-юл-кутуб» шаҳодат дода, ки «Афзал-махдум дар ҳар фан ҳаззе карда ва баҳрае бурда, аз он ҷумла дар назм ва наср ҳам қуввате ва қудрате ба ҳам расонида, умре ба фатвонависии ватани худ – тумони Каждумак дар зимни фақру фоқа ба сар бурда, аксар фунунро аз хидмати Аҳмад-махдуми Ӯроқи Дониши муҳандис касб карда, бинобар хиффати мизоҷ дар авосити умри худ ба устоди мазкур осӣ

шуда, аз ҷодаи тааддуб инҳироф варзида, дар ҳаққи Ӯроқ ва ду нафар хидматгорони ӯ – Қорӣ Неъмат ва Қорӣ Каромат номон гуфта:

**Машҳур бувад ба мардумон иффати ту,**

**Чун иффати ту Каромату Неъмати ту.**

**Гар он бошад Каромату Неъмат ин**

**Шошам ба каромати туву неъмати ту!**

Аз ин қабил суъадаб нисбати Ӯроқи ба фазлу дониш тоқ бисёр воқеъ шуда, ҳурони дунё ва ҳирмони уқбо насиби ӯ гашт...

Шамсуддин-махдуми Шоҳин дар қасидае, ки дар мадҳи Ӯроқ гуфта, бад-ин аст, ки

**Гар лофи афзалӣ ба ту зад аблаҳе, чӣ бок,**

**Танбӯри эътибори туро, к-ӯ бувад харак?!**

Ишорот бад-ин ҳикоят ва мурод ҳамин Афзал-махдум аст» [234, с. 129].

Чи навъе ки дар боло равшан гардид, гунаи ин матлаб ва изҳори назар аз асари дигари Садри Зиё «Наводири Зиёия» низ ҷой дорад. Аз назари мо, муаллиф қазияро дар «Асомӣ-юл-кутуб» бисёр нармтар ва дар «Наводири Зиёия» хеле дурушт навиштааст, ки ин амр шояд ба тағйири назари як тан шахсият аз ҷониби нафари дигар гиреҳ хӯрад. Ба сабаби дақиқан равшан набудани соли таълифи ин ду асар ҳоло наметавон дар боби мушаххасоти назари Садри Зиё ҳукм кард ва ё ҳадс зад. Дар ҳар сурат дар «Наводири Зиёия» чунин омадааст, ки «Афзал-махдуми Пирмастӣ – муаллифи «Тазкират-уш-шуаро аз таломизи ӯст (Аҳмади Дониш – С. А.). Аз он ҷо, ки **бетамизӣ ва бепарҳезӣ дар ниҳоди ӯ (Афзал) муставлӣ буд**, ҳуқуқи собитаи ӯро «кона ламякун» ангошта, ду нафар хидматкорони ӯро... ҳар кадом маҳбуби аҳли ҷаҳон ва марғуби замон... **бад-ин рубоӣ ҳаҷв намуд**...» [103, с. 47]. Дар ҳамин маврид Садри Зиё он қасидаи мазкураи Шоҳинро «қасидае ғарро дар мадҳи Дониш ва қадҳи Афзал» дониста, ки «басо лаолии обдор суфт»-ааст. Ин иттилои Садри Зиё барои дарки хоси равандҳои давра судманд аст, ки «Абдулмаҷиди

Музтариб... фақат изҳор-ун-лил-ҳақ қасидаи Шоҳинро мухаммас намуд» [103, с. 48].

Равшан аст, ки дар иттилои аввал Садри Зиё нисбат ба Афзал хеле эҳтиром варзида ва аз мақоми илмиву адабии ӯ гарм ёд карда ва дар иттилои дувум аз эътидоли ин эҳтиром берун баромадааст. Сабаб чист? Эҳтироми нахуст оё аз фурӯ рафтан ба гирдоби сиёсати амир, ки Афзал-махдум ҳам ин сиёсатро намояндагӣ мекард? «Афзал-ут-тазкор» шаҳодати мафкураи амирист. Дуруштсухании сонӣ оё аз тағйири замона аст, агар матолиби асари «Наводири Зиёия» пас аз китобсӯзии махзани Садри Зиё аз ҷониби амир аз байн рафта бошад? Яъне, модоме ки амир ба сӯхтани китобҳои Садри Зиё амр дод, дигар ҳар амиру ҳар амирпарвар дар назари ӯ манфур бояд бошад. Тағйири ақида ва ё коҳиш ёфтани муносибат баъди фурӯпошии аморати Бухоро ва падид омадани давлати шуравӣ? Дар ҳар сурат дар ҳоли дақиқ шудани соли таълифи ин асарҳо ва таҳқиқи амиқи моҳияти муборизаҳои замон ин гуна қазияҳо ва бисёр нуктаҳои меҳварии кашмакашҳои мафкуравии насли ин аҳд посухи худро хоҳанд дарёфт.

Ин нукта ҳам ҷолиб аст, ки ба шаҳодати Садри Зиё Афзал-махдум бо он ки ба коҳиш додани эътибори Аҳмади Дониш бархостааст, асари ӯ «Наводир-ул-вақоеъ»-ро бо фармоиши махсуси Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ китобат карда ва мавриди ситоиши мусаннифи «Асомӣ-юл-кутуб» қарор ёфтааст [234, с. 129].

Садри Зиё номи асари Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳро дар зикри ҳол ва намунаи ашъори шоирон ба гунаи «Тазкираи шуаро» (ба ҷойи «Туҳфат-ул-аҳбоб») оварда, ба ҷойгоҳи муаллиф ба сифати «фозили номдор», «комили рӯзгор», «муҳити нопойдор», «фасоҳатдарёи адимулканор» ва... баҳои муносиб додааст. Баробари ин, аз назари мусанниф ашъори Қорӣ «луълуи обдори дарёи наср» аст ва «сити мақолоташ ба Тӯрону Эрон гӯшгузори пиру ҷавон ва ба Туркистон овезагӯши фозилон» [234, с. 130].

Бори дигар метавон ба натиҷа расид, ки Шарифҷон-махдуми Садри Зиё зимни нигориши «Асомӣ-юл-кутуб» низ дар бозгӯйи ҳолу авзои адабӣ, мавқеи нигорандагон ва ҷойгоҳи осори онон донишу табаҳҳур ва завқу салиқаи хос зоҳир кардааст. Ҷаҳонбинии мумтоз, баҳрамандии фитрӣ аз осори гузаштагон, бардошти умқӣ аз суннатҳои нақди салими пешина, гузашта аз ин, огоҳӣ аз равандҳои адабӣ ва бухрони фикрии замон зиёда имкон додаанд, ки дар дарки сараву сақати адабиёт ва ҳунар табъи саршор аз нубуғ, дасти қалами тавонманду фикри расои андешаи мунсифонаашро зоҳир намояд.

Номгӯйи осори маҳфуз дар китобхонаи Садри Зиё маълум мекунад, ки соҳиби онҳо на танҳо ба омӯзиши таъриху адабиёт, балки тамоми улуми замон таваҷҷуҳ доштааст. Инро ҳам бояд махсусан зикр кард, ки теъдоди китобҳои китобхонаи ӯ танҳо бо феҳристи «Асомӣ-юл-кутуб», ки аз 278 ё 288 китоб иборат аст, маҳдуд намешавад. Ш. Воҳидов ба ин натиҷа расида, ки китобхонаи шахсии Садри Зиё дар хазинаи Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунии АИ Ӯзбекистон аз 855 асар иборат аст, ки дар 307 ҷилд фароҳам омадаанд. Аз ин миқдор 138 асари манзум, 21 асари мансур, 108 асари тасаввуфӣ, 92 асари фалсафӣ, 33 асари таърихӣ, 39 асари фиқҳӣ, 31 асар оид ба Қуръон ва тафсиранд. Дар ин китобхона осори зиёде оид ба илоҳиёт, мантиқ, нуҷум, астрология, тиб, ахлоқ, расму оин, ҳадис, маноқиб, руқаот, луғат, сарфу наҳв, адабиёт, риёзиёт, ҷуғрофия, хаттотӣ, мусиқӣ, зоология, ботаника, фармакология ва ғайра ҷой гирифта, чандин тазкира, кутуби иншо, донишномаҳо ва ғайра ҷамъоварӣ шудаанд. Ин ҳам ҷолиб аст, ки муаллифи 32 ҷилд асар худи Садри Зиёст [235, с. 48-49].

Дар радифи китобҳои китобхонаи Садри Зиё, ки ба замони зиндагии ӯ мансубанд, як силсила асарҳои илмӣ ва адабӣ – осори манзуму мансур, баёзу маҷмуаҳо, таърихномаҳо, солномаҳо, тазкираҳо, мактубот, хусусан таълифоти Аҳмади Дониш, Абдулвоҳид Садри Сарири Бухороӣ, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Мирзо Содиқи Муншӣ, Мирсиддиқхони Ҳашмат, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, Мир Афзал, Абдулмуталлиби Фаҳмӣ, Шамсуддин-махдуми Шоҳин,

Абдулқодирхоҷаи Савдо, Иноят, Сират, Абдушшакури Садр ва дигарон арзиши хос доранд, ки бархе аз ин осор ба саъю қалами Садри Зиё китобат шудаанд. Аксари осори фавқуззикр то имрӯз ба иллати нашр наёфтан камтар шинохта шуда ва бахши муҳимми маводи адабиёт ва накди адабии охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX аз madди назару андешаи ҷиддиву амиқ дур мондаанд. Ин осор баёнгари вазъи муҳити суханварӣ, шаклёбии афкори адабӣ ва моҳияти муборизаҳои насли суханвари ин марҳалаанд, ки бояд амиқан омӯхта шаванд.

### II.4.3. Сарчашмаҳои адабӣ ва интиқодии «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ

Барои бунёдгузори адабиётшиносии навини тоҷик Садриддин Айнӣ дар таҳия ва таснифи тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» (Маскав, 1926) сарчашмаҳои муҳимми таърихи адабиёт ва китобҳои ҷомеъи арзишманди адабиёти форсӣ-тоҷикӣ хидмат карда ва аз ин хусус дар бахши маъхазҳои он иттилои ҷолибе ҷой гирифтааст: «Ҷамъи манбаъҳои се қисм – 63 адад, баёзу маҷмуа низ тақрибан 17 адад мутолаа шуд. Бо ин ҳисоб ҷамъ-ул-ҷамъ маъхазҳо 80 адад мешавад, ғайр аз порчаҳо ва мактубҳо» [3, с. 365].

Шарҳи манбаъҳо «бо эзоҳи мухтасар» ба ахбори китобшиносӣ монанд аст [3, с. 363-365], ки номи китоб, ному насаб, замони зиндагии муаллиф, замон, макон ва таҷдиди нашри китоб, ҳамчунин баъзе асноди ҷолиб ва берун аз таъйиноти умумии феҳристҳои адабиро фаро мегирад. Аз ҷумла дар бахши ахбори манбаъҳо чунин мехонем: «Тазкираи Давлатшоҳӣ» – асари Давлатшоҳ ибни Алоуддавла Бахтшоҳи Самарқандӣ, таърихи таълиф 893-вуми ҳиҷрӣ, дастнавис (соли 1900 дар Лондон табъ ёфта бошад ҳам, нусхаи матбуъаш ба диёри мо наомада – *шарҳи Айнӣ*)».

Дар ин ҷо боз чунин хабари библиографӣ омадааст: «Баҳористон» – асари Мавлавӣ Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ, таълифаш дар соли 892-уми ҳиҷрӣ, вафоти муаллиф 898-уми ҳиҷрӣ. Матбуъ бори дувум дар матбааи Нувалкишур, воқеъи Лакҳнав, 1903».

Ба ин монанд боз мехонем: «Хизонаи омира» – асари Ғуломалихони Озоди Балгиромӣ, таърихи таълифаш 1176-уми ҳиҷрӣ, матбуъ дар матбааи Муншии Нувалкишур, воқеъи Компур, дувумбора дар соли 1900-уми мелодӣ» [3, с. 363] ва ғ.

Дар ин фасл муаррифии тазкираи муҳим аз байни маъхазҳои асосии «Намунаи адабиёти тоҷик» мешавад, ки бо унвони «Намунаи адабиёти Эрон» падид омадааст. Танзим ва таснифи ин асарро муҳаққиқи таърихи адабиёт, дастурнавис ва тазкиранигори озарбойҷонӣ Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ анҷом додааст. Тазкира аз миёни 80 сарчашмаи китоби С. Айнӣ аввалин ва асоситарин буда, дар шумори аввали номгӯйи маъхазҳои асосӣ муаррифӣ шудааст: «1. **Намунаи адабиёти Эрон», ҷомеъаш Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ, матбуъ дар Боку, 1922»** [3, с. 621]. Дар яке аз нашрҳои нави тазкираи С. Айнӣ номи мусанниф ба ғалат на Мирзо Муҳсин, балки Мирзо Ҳасан омадааст [60, с. 363].

«Намунаи адабиёти Эрон» «аз рӯйи дастури таърихӣ ва силсилаи хонаводагии ҳокимиятҳо» тарҳрезӣ шуда ва бунёдгузори адабиёти навини тоҷик борҳо аз он ба таври фаровон баҳрамандӣ намуда ва диққати аҳли мутолиаро ба нигориш ва андешаи донишманди туркинажод бурда, чашму завқи вежаи адабиётшиносиву адабпарварии аҳли замонро бедор карданӣ шудааст. Истиқболи хос ва пайравии шоистаи адабиётшиноси тоҷикро аз ин асар саҳифаҳои зиёди «Намунаи адабиёти тоҷик» исбот мекунад.

Аввалан, то китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» чунин шакли номгузорӣ

Аз баррасии қиёсии кӯтоҳи ин ду тазкира, хоса рӯйкард ба асли матни китоби С. Айнӣ равшан мешавад, ки тазкираи Мирзо Муҳсин «Намунаи адабиёти Эрон» хеле пурсамар истифода шуда, мутолиагари ҷиддиназар аз асли «Намунаи адабиёти тоҷик» чунин меёбад, ки мусанниф аз ин манбаи арзишманд хеле муфид ва муносиб маъниву матлаб бардошта ва арзиши асли онро ба хонандаи Фарорӯд расонида будааст. Ба ин маънӣ, аввалин асаре, ки моро бо чигунагии маҳсули олими ғайритоҷик оид ба адабиёти тоҷикони замони нав ошно месозад, «Намунаи адабиёти тоҷик» мебошад.

С. Айнӣ хусусан дар фароҳамоварӣ, танзим ва таснифи маводи бахши аввали «Намунаи адабиёти тоҷик» – дар бозгӯйи тарҷумаи ҳоли як силсила шоирони аҳди қадим андешаҳояшро бо такя ба ин тазкира ба миён ниҳода ва онро чун манбаи аслии ашъори ин шоирон нишон додааст. Ин тазкира ба С. Айнӣ, дар маҷмуъ, беш аз 15 маротиба, яъне бештар аз дигар манобеи адабӣ ба хидмат омадааст. Хоса маводи тазкираи М. Иброҳимӣ дар зикри ҳол ва ашъори 14 шоири ҳавзаи Осиёи Миёна – Абулҳасани Рӯдакӣ [3, с. 11], Мансур ибни Аҳмади Дақиқӣ [3, с. 18-19], Оғоҷии Бухороӣ [3, с. 21], Абунасри Форобӣ [3, с. 21], Маънавии Бухороӣ [3, с. 22], Маҷдуддин Абуисҳоқи Кисоӣ [3, с. 23], Абуалӣ Сино [3, с. 24], Амир Муизии Самарқандӣ [3, с. 26], Амъақи Бухороӣ [3, с. 29], Камолии Бухороӣ [3, с. 34], Адиб Собири Тирмизӣ [3, с. 39], Низомии Арӯзии Самарқандӣ [3, с. 43], Ҳаким Сӯзании Самарқандӣ [3, с. 47], Шайх Сайфуддини Бохарзӣ ё Шайх Олими Бухороӣ [3, с. 51], Асируддини Ахсикатӣ [3, с. 56], Шайх Наҷмуддин Куброи Хоразмӣ [3, с. 115] моро бо муҳимтарин нуктаҳои зиндагӣ ва вежагии ашъори онон ошно месозад.

Мо аз бархе асарҳои адабиётшиносӣ оид ба вазъи сиёсиву иҷтимоии солҳои 20-уми садаи XX ва шароити сангини ба вуҷуд омадани «Намунаи адабиёти тоҷик» огоҳем ва медонем, ки ин асар дар замони ҷӯшиш ва авҷи ғояҳои пантуркӣ дар заминаи нодидагирии таърихии тоҷикон аз ҷониби душманони мафкураи миллӣ бо супориши Ҳукумати Тоҷикистон арзи вуҷуд карда ва яке аз мушкили аслии мусанниф ҳам ба дастнорас будани манбаъҳои нодир оид ба адабиёти гузаштаи тоҷик ихтисос дошт: Якум(ин) коре, ки Абдулқодир Муҳиддинов чун раиси Ҳукумати Тоҷикистон кард, ин буд, ки ба С. Айнӣ таснифи китобе ба номи «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро супорид, то мавҷудии миллат ва забону адабиёти вай исбот шавад. С. Айнӣ ин супоришро зуд иҷро кард: қаҳрамонона таълифи асарро зуд анҷом дод ва А. Лоҳутӣ онро таъҷилан соли 1926 дар Маскав чоп кард [381, с. 18].

Бинобар ин фурсат ва маҷоли танг мусанниф маҷбур будааст, ки бархе аз матлабҳоро аз манбаъҳо, аз ҷумла «Намунаи адабиёти Эрон» бигирад. Ин ҷиҳат

бештар зимни мутолиаи бахшҳои Абулҳасани Рӯдакӣ, Маънавии Бухороӣ, Абуалӣ Сино, Амъақи Бухороӣ, Камолии Бухороӣ ва дигарон ба назар мерасад. Ин андешаи мо – нуктаи муҳимро бархе аз санадҳои солҳои 20-уми садаи XX, аз ҷумла маълумоти Деҳқон – муаллифи мустаоримзои мақолаи «Рӯзи Рӯдакӣ» дар маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» низ равшан мекунад. Дар он ба раванди танзиму таснифи тазкираи тоҷикӣ ва ҳамзамон баҳрамандии усулии мусанниф аз асари муҳаққиқи озарбойҷонӣ ишора рафтааст. Деҳқон (ки аз нигоҳи муҳаққиқон имзои мустаори С. Айнӣ аст) зимни гузориши масъалаи гиромидошти руҳи устод Рӯдакӣ дар замони нав ва ба миён ниҳодани тарҳи нахустини чораҷӯие бо номи «Рӯзи Рӯдакӣ» чунин навиштааст: «…дар хотима бисёр муносиб медонам шарҳи ҳоли Рӯдакиро аз рӯйи китоби «Намунаи адабиёти Эрон», ки ба қалами устоди донишманд Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ навишта шуда ва дар соли 1922 дар Бодкӯба ба табъ расида ва устоди муҳтарам Садруддин Айнии Самарқандӣ онро дар китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-и худ бознависонида(анд), дар ин ҷо барои огаҳии заҳматкашони тоҷик бознавис кунам» [20, с. 8].

Бо вуҷуди ин, бармеояд, ки С. Айнӣ ба матолиби бознависӣ нуктаҳои тоза низ афзудааст. Хоса «баъзе маълумот»-и вежа оид ба Рӯдакӣ дар боби «назари истихфоф»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ дар мавриди «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён», исботи «дараҷаи болои шеър» ва «камоли равониву фасоҳату балоғат» будани шеър, ки «ба хонанда ба осонӣ ҳаяҷони бадеӣ мебахшад», маҳсули тафаккури наққодии С. Айнӣ дар он марҳалаи тарғиби соданависӣ дар ҷомеаи шуравӣ будааст. Баҳси зодгоҳи Рӯдакӣ низ ҷузъи ин андешаи мост.

Албатта кори С. Айнӣ – бознависӣ аз сарчашмаи муҳим вобаста ба шароити таърихӣ ва имкони танги посух ба даъвои пантуркистон қобили арзиш аст, ки имкони васеъ фароҳам наоварда, то дар бознамоии таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, зикри ҳол ва намунаи ашъори шоирони форсии Мовароуннаҳр такрор ба такрор ба нуктаҳои тоза рӯ оварад. Аз ҷониби дигар, ин асар вежагии тазкираро дошт ва чунин кори С. Айнӣ ба тақозои чунин асар ҷавобгӯст. Бо ин

ҳама ва ҳатто бе ин ҳам маводе, ки мусанниф дар посух ба даъвои нодидагирони таърих, инкоргарони тоҷик барои насли нав фароҳам овардааст, доманаи густурда ва фазои дониши васеи адабиву таърихии ин шахсияти номвари адабиро равшан бозмегӯяд. Дар ин бознависӣ низ мусанниф самтгирӣ ва дидгоҳи таърихӣ, адабӣ, назарӣ, интиқодӣ ва бардошти ҳунариву зебоишиносии худро афзуда, ки дар ин боб борҳо навиштаанд ва саҳми С. Айниро дар шинохти таърихи адабиёт бо ранги сурх нишон додаанд. Аз ҷиҳат, чунин бознависӣ ҳам барои мо – тоҷикон дар он замон хеле муфид будааст.

Дар мавридҳои дигар «Намунаи адабиёти Эрон» дар тасҳеҳи бархе иттилои муҳимми зуҳуроти зиндагии аҳли сухан низ ба хидмат омада, С. Айнӣ бо такя ба иттилои мусаннифи он ҳолномаи нисбатан саҳеҳи баъзе аз шоирони ҳавзаи Осиёи Миёнаро ба миён овардааст. Аз ҷумла, Абумансур Муҳаммад будани асли номи шоир Дақиқӣ ва фосилаи ҳаёташ дар солҳои 317-366 [3, с. 18]; «дар зайли шуарои Оли Сомон» ҷой доштани Маънавии Бухороӣ [3, с. 22]; Самарқандӣ будани нисбаи Амир Муизӣ (дар ҳоле ки «Хизонаи омира» – Нишопурӣ ва «Давлатшоҳӣ» – Нисоӣ навиштаанд) « [3, с. 26], солҳои 608 ва 657 ба ҳисоб рафтани санаи дақиқи фавти Сайфуддини Бохарзӣ [3, с. 51] ва Асируддини Ахсикатӣ [3, с. 56] ин матлабро равшан бозгӯ мекунанд.

Бо вуҷуди ин аз арзишу аҳаммияти «Намунаи адабиёти Эрон» яке ин буд, ки нахустин маротиба дар замони навини ҷомеасозӣ аснод, маълумот ва намунаҳои ашъори Рӯдакӣ ва шоирони дигари ҳавзаи Осиёи Миёнаро ба хонандаи туркзабон хуб муаррифӣ кардааст.

Мехостем диққати аҳли назар ва таҳқиқро боз ба як-ду нуктаи дигари муҳимми таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ва тазкиранигорӣ ҷалб намоем. Чунон ки аз нақду баррасии ин мавзуъ бармеояд, С. Айнӣ то ҷое бо соҳиби «Намунаи адабиёти Эрон» ҳамдилу ҳамназар буда, ки барои ӯ дар бозгӯйи сайри ҳазорсолаи адабиёти тоҷикии ҳавзаи Осиёи Миёна (Мовароуннаҳр) тазкирае аз гӯшаи дигари форсизабон ба таври ҷиддиву усулӣ ба мадад расидааст. Аз як тараф, ин амр ин нуктаро равшан мекунад, ки то С. Айнӣ низ

дар гӯшаҳои дигари адабиёти форсӣ ба нудрат тазкираҳое низ мавҷуд будаанд, ки дар тасҳеҳи сайри шеъру шоирӣ дар қаламрави Осиёи Миёна арзиш дошта ва дар онҳо рӯзгор ва вежагиҳои умдаи шеъри ин ҳавза бозгӯ шудаанд.

Ин нукта низ ҷолиб аст, ки мусаннифи «Намунаи адабиёти Эрон» зери мафҳуми «адабиёти Эрон» танҳо бо шоирон аз қаламрави ҷуғрофии Эрон маҳдуд нашуда, баробарии ҳавзаҳои дигари адабии форсигӯро дар таърих низ дар назар доштааст. Аз ин рӯ, ҷолиб аст, ки ин гуна тазкираи фарогири шеъру шоирии форсии Осиёи Миёнаро С. Айнӣ хуб истифода ва аз назару консепсияҳои таърихи адабиётнигории он пуштибонӣ кардааст. Аз дигар сӯй, тазкираи М. М. Иброҳимӣ ва маълумотҳои ӯ аз шоирони номвари Осиёи Миёна манбаи муҳимму камназири ошноии хонандагони гӯшаҳои дигари форсизабон ва туркигӯ бо шеъру шоирии ҳавзаи тоҷикии адабиёти форсӣ будааст.

С. Айнӣ зимни гирудор ва ҷанги шадиди мафкуравӣ бо «Намунаи адабиёти тоҷик» – дар мактуби ҷавобӣ ба номаи эътирозии намояндаи баландрутбаи Комиссариати хориҷии шуравӣ дар Осиёи Миёна Александр Знаменский, ки китоби ӯро аз қазовати ифротии идеологӣ ва аз танқиди сиёсии роҳбари ҳизбии Ӯзбекистон Акмал Икромов ҳимоя ва аз арзишҳои он дифоъ карда буд, аз тазкираи М. М. Иброҳимӣ ба некӣ ёд кардааст: «Ба намунаҳои назми форсӣ, ки дар соли 1922 дар Боку барои мактабҳои шуравӣ нашр шуда буданд, ҳамчунин, материалҳои назми Озарбойҷон, ки то ҳол дар Боку нашр мешаванд, ман пайравӣ кардам ва замони шеъри ҳазорсолаи тоҷикро нишон додам» [340, с. 101].

Аз тазкираи М. М. Иброҳимӣ «Намунаи адабиёти Эрон» соли 1934 дар рисолаи С. Айнӣ «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ низ сухан рафта ва дигар то соли 1940 аз он сухане набуд, аммо зимни таснифи китоби дигаре бо номи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» низ ин асар бори дигар аз ҷониби бархе аз муаллифони мақолаҳои маҷмуа истифода ва баҳраманд гардидааст. Дар бахши китобшиносии мухтасари ин маҷмуа зери шумораи дувум бо номи ин китоб бармехӯрем (аммо дар соли таълиф иштибоҳан 1923 омада – [**ниг.**: 99, с. 601]).

«Намунаи адабиёти Эрон» ба ин маҷмуа барои сабти беш аз сад байт аз ашъори Абулҳасан Рудакии Бухороӣ [99, с. 3-7], Абумансури Дақиқӣ [99, с. 10-12] ва Носири Хусрав [99, с. 47-50] чун манбаи муҳим ба кор омадааст. Аз ҷумла, асари баҳсангези «Мунозира бо Худо» – манзумае мансуб ба Носири Хусрави Қубодиёнӣ аввалин маротиба ба «Намунаҳои адабиёти тоҷик» [99, с. 45-47] аз тазкираи М. М. Иброҳимӣ ворид шудааст. Ғайр аз ин, дар мақолаи С. Улуғзода оид ба Дақиқӣ дар ин маҷмуа низ ҷое ба асари мазкур ишора шуда [99, с. 7], аммо, ин нуктаест, ки С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» низ ба кор бурдааст [9, с. 18].

Ин асл ба мо ин нуктаро мегӯяд, ки ному кори мударриси таърихи адабиёти форсӣ дар Озарбойҷон, профессор Мирзо Муҳсин Иброҳимӣ дар нақди адабӣ ва адабиётшиносии тоҷики солҳои 20-уми садаи XX ва каме дертар ҳам, пеш аз ҳама, бо тазкираи «Намунаи адабиёти Эрон» маъруф ва шинохта будааст. Аз назари мо, рӯйкарди адабиётшиносии тоҷик дар он солҳо ба маҳсули табъу назари андешамандони туркии озарбойҷонӣ ҳарчи бештар буда, хусусан, нашри мақолаҳо ва тарғиби афкор ва андешаҳои Мирзо Фатҳалӣ Охундов, Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ, Мираббос Боғиров ва дигарон дар контексти матбуоти тоҷик ва нашрияҳои илмӣ-адабии Тоҷикистон зиёдтар сурат гирифтааст.

Аз хабари адабиётшинос Р. Ҳошим дар маҷаллаи ҳармоҳаи илмиву адабии Нозироти маорифи Тоҷикистон – «Раҳбари дониш» (1927-1928) бармеояд, ки «яке аз муаллифони мақолаҳои илмӣ профессори адабиёти форс дар Институти педагогии Боку Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ буд»-ааст [364, с. 294]. Дар маҷалла чанде аз мақолаҳои судманди ӯ оид ба таърих ва назарияи забону адабиёти форсии тоҷикӣ, аз ҷумла «Аз таърихи адабиёти Форс» (1928, №№ 1-2; 3; 4-5; 6; 7), «Адабиёт ва санъат дар партави марксизм» (1928, №№ 8-9; 11-12), «Масъалаи алифбои нав» (1928, № 10) ба нашр расида, ки имрӯзҳо аз ин асарҳо хеле кам истифода мешаванд.

Аз боби «Намунаи адабиёти Эрон» адабиётшиносон ҳам кам изҳори андеша карда, ки шояд як сабаби асосӣ дар ин амр дастнорасӣ ба асли он будааст. Бармеояд, ки ҳатто пажуҳишгарони барҷастаи таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикии ин давра, муаллифони китобҳои таърих адабиёти навини тоҷик, айнишиносон ва пажуҳандагони «Намунаи адабиёти тоҷик» ҳам бе баҳрамандӣ аз ин тазкираи мусаннифи озарбойҷонӣ, дар борааш ба таври умумӣ матлаб ва назар ба миён гузоштанд. Аз ин рӯ, ин тазкира ба ғайр аз зикри ном аз доираи андешаҳои густурдаи аҳли пажуҳиш берун мондааст. А. Маҳмадаминов дар пажуҳишҳои пурарзиш аз боби «Намунаи адабиёти тоҷик» [263; 264] танҳо фарқи ду тазкираро аз назари даврабандии таърихи адабиёт таъкид карда, А. Набавӣ дар мақолаи «Намунаи адабиёти тоҷик» бар мабнои накди сиёсӣ ва илмӣ» [287, с. 31-32] низ кӯшидааст таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқро ба ҳамин асар ҷалб намояд. Дар мақолаи ӯ, албатта, бархе мушоҳидаҳо аз асари М. М. Иброҳимӣ ва тазкираи С. Айнӣ рӯйнамо шуда, аммо боз ҳам мутолиа ва шинохти густурдаи тазкира ҳавсалаи ҷудогона мехоҳад.

Ин санаду далелҳо, бешубҳа, сатҳу савияи хидмат ва ҷусторҳои М. М. Иброҳимиро ба тоҷикон бозгӯ мекунад, ки аз ҷумла, аз тазкираи ӯ С. Айнӣ бардошти судманду пурбор доштааст. Аз ин рӯ, мутолиа ва дарки арзиши усулии тазкира кори ногузирест. Масъалаи М. М. Иброҳимӣ ва арзиши тазкираи «Намунаи адабиёти Эрон», аҳаммияти «Аз таърихи адабиёти Форс» ва дигар асарҳои ӯ аз нуфузи ин донишманди сарабин дар накди тоҷикии солҳои 20-уми садаи XX дарак медиҳад. Ҷолиб ин аст, ки аз чӣ роҳ шахсияту афкори пажуҳишгаре аз ҳавзаи берун аз Тоҷикистон ба раванди накди он солҳо, бавежа матни «Намунаи адабиёти тоҷик» ворид шуда, дар маҷмуъ, ба нигоҳу андешаҳои пажуҳандагон таъсир расонида будааст?

Роҳҳои ошноӣ ва ҳамкории маҷаллаи илмии адабии «Раҳбари дониш» бо М. М. Иброҳимӣ ва нашри мақолаҳои ӯ дар он нашрия низ аз нуктаҳои муҳимми таърихи адабиётшиносист. Нокидон ва адабиётшиносони тоҷики солҳои 20-ум ва 40-уми садаи XX дар сатҳу савияи назаррас ва бо рӯйкарди хос

бо шахсият, андеша ва назариёти адабии М. М. Иброҳимӣ пайванди руҳӣ ва равонӣ ҷустаанд.

Ба ин тариқ, саҳифаҳои таърихи адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ, замон ва шароити таснифи тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» ҳоло ҳам нуктаи норавшан зиёд дорад, ки бояд бо муҳаббат ва ихлоси хос ошкор шавад. Ин ду асари муҳим, бешак, аз манбаъҳои арзишманди таъйини хатти таҳаввули нақди адабӣ ва адабюиёшиносӣ дар он марҳалаи таърих аст. Ин ду асар ба мо салиқаи гирдоварии мавод оид ба таърихи адабиёт ва изҳори назар оид ба нақду сухансанҷӣ меомӯзонад.

## II.4.4. Диди интиқодӣ дар тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ

Ин нукта ҳақиқати равшан аст, ки С. Айнӣ китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ба зикри сайри адабии як бахши бисёр муҳимми адабиёти форсӣ – шеъру шоирии форсӣ дар ҳавзаи Мовароуннаҳр (Осиёи Миёна) ихтисос дода ва, аз ин раҳгузар, танҳо як бахши аслии адабиёти форсӣ дар ин асар «адабиёти тоҷикӣ» ном гирифтааст [189, с. 154-156]. Ба таъбири дурусти дигар, «Намунаи адабиёти тоҷик» беҳтарин намунаи сайри адабиёти форсӣ дар ҳавзаи Фарорӯд аз садаи X то замони гирдоварии мусанниф аст.

Дар рӯбарӯи ин ки бештари зиёиёни эҷодкори шуравӣ дар амалкарди таърихӣ ва таълифу таснифи асарҳои адабиву илмӣ озодӣ ва истиқлоли расову комил надоштанд, С. Айнӣ аз онон бештар кӯшиш ба харҷ додааст, ки бо дониши густурдаву васеъ, фаросату қобилият ва дарки камназир такя намояд. Ҳамин шева имкон додааст, ки ӯ дар шароити бисёр тангу ҳассос ва тақдирсоз мардуми тоҷикро ба дарки арзишҳои хос ва мумтози маънавӣ ва илмиву адабӣ наздик бибарад: «Баъд аз татаббуъ ва заҳмати бепоён ба ёрмандӣ ва ҳусни таваҷҷуҳи дӯстон ин маҷмуа ба поён расид. Лек бо ин ҳама саъйу кӯшиши нигоранда ва сарфи авқот ин китоб ғайр аз маҷмуаи намунаҳои адабии ҳазорсола будан дигар мазият надорад» [3, с. 616].

Аз ин қазоват равшан мешавад, ки С. Айнӣ дар он марҳалаи барои таърих ва адабиёт ҳассосу сарнавиштсоз чӣ қадар хоксорӣ, тавозуъ ва азму суботи фавқулода пеша кардааст.

Бо назардошти асли арзиш, аҳаммият ва фазилати китоби «Намунаи адабиёти тоҷик», ки то имрӯз маълум шудааст, таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқро боз ба як нуктаи муҳим ҷалб карданӣ ҳастем. Бино ба натиҷаҳои барҳақу дурусти алоқамандони шинохти «Намунаи адабиёти тоҷик» – аз А. Лоҳутӣ то ба А. Маҳмадаминов – ин китоб то ба имрӯз нахустин қадами ҷиддии адабиётшиносӣ ва нақди навини тоҷикӣ дар омӯзиши таърихи адабиёти ҳавзаи тоҷикони Фарорӯд, гардиши куллӣ дар консепсияи адабиётшиносии мусанниф аст. А. Лоҳутӣ бори аввалин ба таври дақиқ, бо салоҳиятмандӣ аҳаммияти ин асарро ба сифати «беҳтарин намунаи сайри тараққии адабии тоҷикӣ» [3, с. VIII] ва «заминаи ҳозирӣ барои танқид ва таҳлилоти адабии тоҷикон» [3, с. VIII] таъкид кардааст.

Дар шинохти арзишҳо ва муҳассаноти чашмраси китоби «Намунаи адабиёти тоҷик», мутолиаи саҳифаҳои норавшани он ва арзёбии моҳияти рӯйдодҳои замон дар пайванд бо падидор шудани чунин китоб ишқу алоқа, кӯшиш, ҳавсала ва диққату бахрамандиро беш аз ҳама А. Маҳмадаминов зоҳир карда ва дар ин замина бо такя ба сарчашмаҳои дараҷаи аввали ин марҳала ба натиҷаҳои дуруст ва ҷиддиву қобили таваҷҷуҳ расида, аз ҷумла, ин китоби пурбаҳову захимро «нахустин намунаи нақди адабии муосири тоҷик» [263, с. 130-141] ва устод Айниро «сардафтари тазкиранависии навини тоҷикӣ» [264, с. 81-98] ба ҳисоб овардааст.

Ба ин маънӣ нуктаи муҳим дар таълифоти айнишиноси тоҷик рӯйкард ба «Намунаи адабиёти тоҷик» чун намунаи нахустин тазкиранигории нави тоҷикӣ ва муаррифии чеҳраи мусанниф чун сардафтари тазкиранависии тоҷикии замони нав ҷолиб аст. Албатта ин бардошт дар шинохти ҷойгоҳи асар ва хидмати мусанниф аз лиҳози меъёр ва суннатҳои пажуҳандагӣ дар қаламрави шуравӣ ва муҳити илмиву мафкуравии солҳои 20-уми садаи XX қобили

тавачҷуҳ аст ва ин арзёбӣ аз назари таҳаввули сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии шуравӣ, марҳалаи хоси бунёди адабиёти навини тоҷикӣ арзишу аҳаммияти бештареро дорад.

Зикри ин нукта ҳам зарур аст, ки анъанаи мазкур пас аз С. Айнӣ дар ҳавзаи адабии тоҷикӣ идома наёфт ва суннати таснифи тазкира бо расму шеваи гузашта аз миён рафт. Маҷмуаи дастҷамъии «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ва китобҳои тазкирамонанди дигар, аз ҷумла «Гулшани адаб» (дар 5 ҷилд), ки баъдан таҳия ва нашр шудаанд, аз назари фарогирии мавод ва ҳадафи аслии тасниф аз «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнӣ хеле тафовут доранд ва ҳеч кадом аз онҳо дар миқёси фарорафт ба уқдаи нақду наққодӣ ба пояи ин китоб нарасидаанд. Сайри адабии форсии тоҷикӣ пас аз С. Айнӣ намунаи мумтоз ва мушаххасе дар равишу суннати тазкиранигории қадимии форсӣ, ки ба он умқу появу рисолат бирасад, надорад. Аз ин рӯ, «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро метавон намунаи охирин ва ҷамъбасти суннати тазкиранигории форсӣ-тоҷикӣ дар аҳди охир ба ҳисоб овардан дуруст мебуд. Метавон гуфт, ки баъди китоби С. Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» тазкиранависӣ дар қаламрави Осиёи Миёна ба он умқу вусъати гузашта набудааст.

Равшан аст, ки тазкиранигорӣ дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар дарозои асрҳо ҷомеият ёфта, равишҳои хоси нигариш доштааст. С. Айнӣ бо назарсанҷиву баҳрамандии густурда аз имконоти таълиф ва таснифи тазкираҳо дар давраи худ намунаи арзишманде бо фарорафти равишҳои коркардшудаву таҷрибахӯрдаи нақду наққодӣ ба миён овардааст. Равшан аст, ки ин китоб таҳқиқи амиқу комили илмӣ нест, балки нахустин кӯшиши намоён кардани манзараи умумии таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ дар аҳди шуравӣ ва баррасии он аз назаргоҳ ва меъёри он давру замон аст, ки ба гуфтаи адабиётшинос Х. Айнӣ «ба усули тазкиранигории анъанавӣ иншо гашта»-аст [208, с. 71]. Фароҳамоваранда кӯшидааст, ки бо асноди пурарзиши адабӣ манзараи ҳазорсолаи адабиёти форсӣ-тоҷикиро ба насли даврони нав пеш

биоварад ва ҳаққу ҳуқуқи комили ин қавмро ба адабиёти гузашта дар арсаи таърих ба сифати як миллати худвежа нишон диҳад.

«Яке дигар аз ҳадафҳои муҳимми ин китоб гирдоварӣ ва ба оммаи хонандагон расонидани ашъори шоирони инқилобии тоҷик буд, ки дар муддати кӯтоҳи 7-8 сол иншо шуда буд ва дар таърихи кишвари шуроҳо оғози хидмати адабиёти тоҷик дар сохтмони сотсиализм ҳисоб мешуд. Дар ин китоб ашъори шоироне низ ворид гардида буд, ки андак пас дар таърихи адабиёт тоҷик ҷойгоҳе сазовор ишғол намуданд. Барои намуна Ҳамдӣ, Мунзим, Пайрав ва Лоҳутӣ, ки руҳи инқилобии шеърҳояш(он) дар қиёс бо дигарон назир надошт(анд), беҳуда дар радаи аввал ҷой нагирифта буд(анд) [208, с. 72].

Бо «Намунаи адабиёти тоҷик» нақди адабии ҷадиди форсии тоҷикӣ дар як марҳалаи муассир ва ҳассос сифати хосаашро устувор намудааст. Равшан аст, ки Шарифҷон-махдуми Садри Зиё – тазкиранависони ибтидои садаи XX панҷ-шаш сол пеш аз С. Айнӣ матолиби тазкираи дар гирдоби мафкурабозии манғитӣ барбодрафтаашро ба ёд оварда, «Тазкори ашъор»-и манзумро дубора аз риштаи таҳрир берун кашида [31] ва ба ҷуз ин ӯ дар ин давра тазкираи нотамоми Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам «Тазкират-уш-шуаро»-ро ба охир расонид [31].

Дигар тазкираи «Намунаи адабиёти Эрон»-и Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ аст, ки дар фасли боло аз он сухан кардем [25]. С. Айнӣ ҳангоми гирудори шадиди мафкуравӣ дар пасманзари «Намунаи адабиёти тоҷик», бавежа дар ҷавоб ба мактуби А. Знаменский ном шахси олирутбаи ҳизбӣ, ки ӯро аҳли таҳқиқ (Х. Айнӣ, Ш. Султонов, А. Вишневский, А. Маҳмадаминов ва диг.) вакил ё ваколатдории Комиссариати халқии корҳои хориҷии ИҶШС дар кишвари Ӯзбекистон муаррифӣ кардаанд, аз асар ва арзишҳои аслии он дифоъ намудааст. Мутаассифона, тазкираи мазкур аз доираи ҷусторҳои аҳли таҳқиқи таърихи адабиёт берун мондааст.

Ба ҷуз ин то ҳол баҳрамандии С. Айнӣ аз тазкираҳои гузашта, таъсири тазкиранигории форсӣ-тоҷикии садаи XIX-ибтидои садаи XX ба китоби

«Намунаи адабиёти тоҷик», вежагиҳои тазкиранигорӣ дар ин аҳд, нақши он дар тазкиранигории давра, салиқаи сухансанҷӣ дар партави нигоҳи мусаннифони тазкираҳо бо диди имрӯз мутолиа нашудааст. Албатта фасле аз рисолаи А. Маҳмадаминов ба ҳаммонандиву фарқи «Намунаи адабиёти тоҷик» бо тазкираҳои гузашта ихтисос ёфта, ки хеле ҷолиб аст, аммо хеле фишурда, бояд ин мавзуъро такмил дод [263, с. 141-153; 264, с. 81-98]. Бино ба таъкиди муҳаққиқ «он мулоҳизаҳое, ки доир ба ҷиҳатҳои мушобеҳ ва мутафарриқи «Намунаи адабиёти тоҷик» ва тазкираҳои пешина баён карда мешаванд, танҳо қайдҳои пешакӣ буда, хусусияти нисбӣ ва умумӣ доранд» [264, с. 81].

Дар нимаи аввали солҳои 20-уми садаи XX ба вуҷуд омадани чанд тазкира равиш, шева ва салиқаи муҳимми ҷусторҳои интиқодии замон, равнақи нақду наққодиро дар ин ҳавзаи тазкиранигорӣ равшан ба исбот мерасонад. Падид омадани «Намунаи адабиёти тоҷик» як саҳифаи хубу ибратомӯзи таърихи нақди адабии форсии тоҷикӣ дар он марҳалаи айём ва идомаи босамари суннати таснифи тазкира дар раванди таърихи адабиёт аст. Равиши гирдоварии мавод аз тазкираҳои гузашта, шеваи баҳраҷӯӣ аз онҳо, бозгӯйи равандҳо ва ормонҳои адабӣ ба сабки хос, бознамоии расм ва тариқи шинохти адабиёт дар оинаи нақду сухансанҷӣ дар пайванд бо ҳавзаи нақду наққодии Фарорӯду хориҷ аз он ва ғайра аз қазияҳои муҳим ва мубраманд.

Бо «Намунаи адабиёти тоҷик» ҷанбаи интиқодӣ дар тазкиранигорӣ нерӯи азалиашро идома додааст. Дар фарорафт ба ҷанбаи интиқодӣ дар асар ҳам аз суннатҳои нақди гузашта баҳрамандӣ шуда ва ҳам имконияти нигариши интиқодии аҳди маорифпарварӣ ва замони нав ба кор гирифта шудааст. Аз ин рӯ, «Намунаи адабиёти тоҷик», бешубҳа, намунаи охирини тазкиранигории форсӣ-тоҷикӣ дар қаламрви Осиёи Миёна аст, ки таърихи дерини суннати тазкиранигориро рангу муҳтавое хоса мебахшад.

Бунёди тазкиранигорӣ ва нақду назарсанҷии нав дар он давра ба ҳисоб рафтани «Намунаи адабиёти тоҷик» аввалин маротиба аз фикри А. Лоҳутӣ дар сарсухан баромадааст, ки дар он аз нақд баҳраманд набудани адабиёти онрӯзаи

тоҷикон изҳори ташвишу нигаронӣ шудааст: «Адабиёти имрӯзаи тоҷикон чун гулистоне аст, ки солҳои дароз посбонӣ надидаву обёрӣ нашуда ва муҳтоҷи ороиш ва пероиши бисёре аст» [3, с. VIII].

Соҳиб ва ё посбони адабиёти тоҷик нақди адабӣ аст, ки тибқи назари муаллифи сарсухан аз он ба замини адабиёт об нарасидааст. Ин иқтибос маънии набудани нақд дар он солҳоро дорад. Ороиш – ҳусн бахшидан бо афзудан ва пероиш, ҳуснафзоӣ – костан ё кам кардани нуктаҳои барзиёд аз осори адабӣ аз муҳимтарин сифатҳои нақд аст ва А. Лоҳутӣ ин маъниро гуфтан мехоҳад, ки адабиёти тоҷик ба ороишу пероиш ниёз дорад. Эҳтиёҷ ба ороиш ва пероиш доштани адабиёт ниёз ба нақди ороста ва перостаи адабӣ доштани он аст.

Албатта дарки ин нукта дар шинохти чигунагии пояҳои наққодии он солҳо хеле муҳим аст ва ангезаҳои ҷолиб барои таҳқиқи баъдӣ фароҳам меоварад. Бо ин ҳама, доварии А. Лоҳутӣ бо назардошти чашмандози замон ва талаби он, фарорафти мавзуъҳои посухгӯ ба ниёзи рӯз, аз назари арзиш ва дархости мафкуравии давраи нави адабиёт ва тамаддуни тоҷикӣ ҷолиби диққат аст. Муаллифи сарсухан маҳз аз ин назар адабиёти онрӯзро ба посбонӣ ва обёрии ноқид ниёзманд ба ҳисоб овардааст. Аммо аз назари таърих – пайванди андешаҳои мусанниф бо гузашта – тазкираи С. Айнӣ як саҳифаи бисёр арзишманди нақду наққодӣ ва идомаи суннатҳои қадимӣ мебошад. Ба назари мо, тазкираи С. Айнӣ идомаи обёрӣ, ороишу пероиши ҳамешагии адабиёти форсии тоҷикӣ аст ва дар он зимни намунаоварӣ ва зикри ҳоли шоирони гузашта ба нақди ашъори онон низ рӯйкард шудааст. Вежагии муҳим ва дархури таваҷҷуҳи ин тасниф арзёбии расо, ноқидона, воқеъбинона ва холисонаи матолиби таърихи адабиёт аст, ки бо камоли диққат, тавозуъ, инсоф, виҷдону ҷасорат сурат гирифтааст. Бо ин асар аз фазилатҳои нигариши урфии сухансанҷӣ бархурдор мешавем.

Дидгоҳи мусанниф дар нақди шеъри шоирон, дарёфти нуфузи шоирӣ ва суханварии онон дар гузашта ва замони нав, таъйини ҷойгоҳи онҳо дар таърихи адабиёт хеле мӯйшикофона сурат ёфтааст. Баҳрамандии густурда аз маъхазҳои

аслӣ – тазкираву ҷунгу баёзҳои қаламии шоирон, мутолиаву бозхонии девони шоирони гузашта ва арзёбии ҳарчи амиқ водор кардаанд, ки вежагиҳои фардии шоирон ва муҳтавову сабки хоси эҷодии онҳо ба миён гузошта шавад. Масалан, бо зикри «муоризоти бисёр»-и Асир ва Хоқонии Шервонӣ ва қадҳи Хоқонӣ аз ҷониби Асир накд бо камоли дарки ноқидӣ сурат ёфта, ин «муораза» қиёсан ба риштаи накд омадааст: «Инсоф он аст, ки аз ин ду ғазал аз они Хоқонӣ нисбат ба ғазали Асируддин ба дараҷот баланд аст» [3, с. 61].

Баҳои С. Айнӣ ба ҳунари шоирии Камоли Хуҷандӣ дар таълифоти бисёр пажуҳандагон иқтибос шуда, дар биниши наққодиву назарсанҷии ӯ тарзи хоси ин шоири баркамол ва ҷазолати шеъри ӯ ҷойгоҳи муҳим пайдо кардааст: «Дар суханҳои Шайх Камол тарзи хосе аст, ки дигаронро кам иттифоқ меафтад. Камол дар ашъори худ лафзҳои думаънидор ва ҷиносро бисёр ба кор мебарад ва ба ҳар ду маънӣ ҳам шеъраш аз ҷазолат намебарояд» [3, с. 74].

Накд дар боби шоир Бисотии Самарқандӣ, ки «дар мақтаи як ғазал ба Хоҷа Камоли Хуҷандӣ даъвои баробарӣ» карда (дар нашри куҳан ин калима иштибоҳан «барканда» омадааст), аз азму субот, қатъият, матонати ноқидӣ ва чигунагии мағзи тафаккури арзишдиҳии мусанниф аст: «Фарқ миёни Хоҷа Камол ва Бисотиро ҳар кас медонад. Бисотӣ фақат ба як матлаъ шуҳрат ёфт…

**Дил шишаву чашмони ту ҳар гӯша барандаш,**
**Мастанд, мабодо, ки зи мастӣ шикanandаш.**

Ғайр аз матлаи мазкур байте қобили шунидан касе аз Бисотӣ накл накардааст» [3, с. 88].

Ин ҷо ҳар нафари алоқаманд ба зарфияти фаҳмиш, фикру зикр ва тавонмандиву қатъияти диди С. Айнӣ эътимод ва эътиқод пайдо мекунад. Равшан мешавад, ки мусанниф мунсифонаву мунтақидона мӯро аз хамир ҷудо кардааст. Ҳамин арзишдоварӣ аз боби як қитъаи Бисотӣ низ ба назар мерасад: «Хоҷа Исмати Бухороӣ ин мазмунро ба қитъае хуб баста… ҳамон қитъа дар мавриди зикри Хоҷа Исмат сабт ёфт» [3, с. 88].

Албатта, «Намунаи адабиёти тоҷик» фарогири комил ва густурдаи назарияи «таҳлили иҷтимоӣ» дар арсаи нақди нав нест, чуноне ки тақозои замон ҳамин гуна фарогириро асоси нигариш қарор дода буд. Мунаққид Б. Азизӣ низ онро аз ин лиҳоз гӯё камарзиш намоён карда ва А. Набавӣ бо такя ба қавли А. Лоҳутӣ ба радди андешаи ин муқарриз пардохтааст [287, с. 32-33]. Баробари ин далелҳои боризтаре аз контексти тазкира метавон ёфт, ки ба ҳар ҳол асарро ба сифати нигариши иҷтимоъгарона дар ҳамон марҳалаи ниёзмандӣ ба бинишҳои иҷтимоӣ нишон медиҳад: «Аҳаммияти китоб («Бадоеъ-ул-вақоеъ» – С. А.) нисбат ба китобҳои кӯҳнаи дигар дар ин ҷо аст, ки мусанниф (Восифӣ) аҳволро фошофош ва маишатро бо камоли кушодагӣ ва бериёӣ тасвир кардааст. Одотро чунон бепарда навишта, ки дар бисёр ҷоҳо таъбирот аз назокати адабӣ дур рафтааст» [3, с. 112].

«Аз назокати адабӣ дур рафтани таъбир» ва «бепарда навиштани одот» мушоҳидаи нозуку ноқидонаи иҷтимоист. Бо ин тазкираи С. Айнӣ нахустин гузориши ҳозир ва дастрас кардани рисолаи З. Восифӣ ба аҳли мутолиаи Мовароуннаҳр ва Туркистон ба миён омадааст. Сабаби инро мунтақид аз диди комилан нави иҷтимоӣ ва дигарсозиҳои куллии ҷомеаи он рӯз – ҳозир шудан «ба як инқилоби иҷтимоӣ», қадам гузоштан «ба як маданияти нав» ҷуста, дида, дарёфта ва ба миён ниҳодааст.

Ба арзи ин ноқиди сарроф наметавон «аз эҷодиёти Ҷавҳарӣ сар-сарӣ гузашт», «Ҷавҳарӣ ба адабиёти ҷадида иштиғол наварзид» [3, с. 256], аммо ашъорашро «дар радаи шеърҳои инқилобӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ» гузоштааст.

Тасҳеҳи матн ҷузъи аслӣ, корхӯрда ва таҷрибашудаи нақди адабӣ ва сухансанҷии пешина мебошад, ки дар осори он аҳд бештар дар таълифоти мазкури С. Айнӣ ғолиб ва хоност ва ин мухтассот дар тазкираҳои давраи охир кам ва дар матни «Намунаи адабиёти тоҷик» ҳарчи бештар ба назари аҳли мутолиа мерасад.

Дар тасҳеҳи ин байти Қосим Коҳии Миёнколӣ –

**Ба рӯзи ҳаҷр маро дида бас гуҳарбор аст,**

**Шабе, ки моҳ набошад, ситора бисёр аст**,

ба ҷойи «ба рӯзи ҳаҷр» овардани «ба шоми ҳаҷр» бо ҳадафи ҳосил кардани ташбеҳи том (ки ба таъбири С. Айнӣ шояд «саҳви котиб» бошад) [3, с. 120]; ба мисраи аввал далел набудани мисраи дувум дар байти Ирсии Ҳисорӣ –

**«Ман ба ҷои чой қабл аз субҳ шабнам мехӯрам,**

**Чунки ҳангоми ғизойи шом шуд, ғам мехӯрам» [3, с. 205];**

хокистарнишин набудани шуъла дар мисраи шоир Масеҳо – «Агарчанде ки ҳамчун шуъла хокистарнишин гаштам» [3, с. 242] ва ғ. албатта аз камоли диққат, нигоҳи амиқ ва аз дарку шинохти густурдаи ҷаҳони зеҳнии шоирӣ аст. Дар мавридҳое ба матолибе бармехӯрем, ки метавон онҳоро нақди ҳиссӣ таъбир кард. Масалан, дар мавриди шеъри Миёнколӣ

**Чашма, ки мезояд аз ин хокдон,**

**Чашми муқимони дили хок дон.**

**Наргиси шаҳло набувад ҳар баҳор,**

**Он ки бирӯяд ба лаби ҷӯйбор.**

**Чашми бутон аст, ки гардуни дун,**

**Бар лаби ҷӯй оварад аз гул бурун.**

дар қавсайн дақиқсанҷона чунин сабт шуда: «Аз ин абёт бӯйи бодаи Хайём меояд» [3, с. 119].

Дар мавриди шоири номии «давраи интибоҳ» Абдуррауфи Фитрати Бухороӣ ин нукта боз ҳам «обу тобу сӯзу гудоз»-и бештар дорад: «Ҳарчанд пеш аз давраи интибоҳ ҳам ғазал ва қасида месуруд, аммо ин обу тобу сӯзу гудозро, ки ҳоло дорад, надошт» [3, с. 455].

«Намунаи адабиёти тоҷик» намунаи беҳтарини фарогирии нақди ҳоли адибон ва нигариши иҷтимоӣ ба ҷойгоҳи онҳост, ки муҳимтарин вежагии тазкиранигории охири садаи XIX-ибтидои садаи XX мебошад. Масалан, дар мавриди Дилкаш – Қорӣ Кароматӣ Танбӯрӣ ном гӯяндаи замон гуфта: «Амир Абдулаҳадро ба тарзи ҳаёти Дилкаш рашк омада, вайро мулозими рикоб карда, аз зиндагонии озодонааш маҳрум сохт. Бечора Дилкаш соле ба хориву зории

дарбори амир ба зӯрӣ муқовимат намуда, оқибат ба бемории силӣ гирифтор шуда, вафот ёфт. Тазкиранависони муосираш мисли Афзал ва Муҳтарам, мумиилайҳро (бино ба худписандиаш аз умр бархурдор нашуда мурд) гуфта қайд кардаанд» [3, с. 302].

Дар ин назар матолиби муҳимме аз вазъи иҷтимоии шоирони даврон ҷой дорад. Як нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳи тазкираҳои мавриди назари мо имтизоҷи чеҳранигорӣ ва ботингӯӣ дар заминаи шарҳи аҳволу авқоти шуарои давр аст. С. Айнӣ аз боби Дилкаш мушоҳида ва мулоҳизаи нозуке дорад: «Марди озодалибос, нозукмизоҷ ва ҳурртабиат буд. Мардуми Бухоро бино бар тафаввуқаш дар мусиқӣ нози ӯро ба ҷойи ниёз қабул карда, ба хурсандии хотираш мекӯшиданд» [3, с. 302].

Дар маҷмуъ, аз ошноии бештар бо дидгоҳҳои сараву ноқидонаи аҳли тазкиранигории ин давра паҳлуҳои гуногуни фикрии мусаннифон ба исбот мерасад, ки «Намунаи адабиёти тоҷик» дар ин замина ҷанбаҳои ҷамъбастӣ дорад. Мусанниф, асосан ва маҷмуан, нақди ҳол, нақди рӯзгор ва нақди осори шуарои вақтро дар пайванд ба муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоиву фарҳангии замон матраҳ кардааст. Аз назари дигар, кӯргиреҳи масъалаҳои иҷтимоӣ дар тазкираҳо аз ҷолибтарин матолибест, ки мутолиа, таҳқиқ ва натиҷагирӣ аз он дар бозгӯи моҳияти ҷомеашиносии ин давра пураҳаммият аст.

Масалан, мусаннифи «Намунаи адабиёти тоҷик» дар мавриди баёни назариёти пешқадами Аҳмади Дониш ва аҳаммияту фазилати «Наводир-ул-вақоеъ» дар бедории фикрӣ ва худогоҳиву худшиносии тоҷикон риштаи ҳоли ӯро ба ин тарз ба гавҳари нақд суфтааст: «…ин доҳии модарзод ҳамаи афкорашро аз ғайри талқини касе ва китобе, маҳз аз тадбир ва тафаккури худ маишат ва дунёро ҳосил кардааст… Аҳмад-махдум… ҳарчанд аз уламои аҳдаш мукофоти такфир ва ташниъ ёфтааст, аммо дар назари аҳли таҳқиқ ва соҳибони афкори салима қадраш баланд гаштааст» [3, с. 289].

Дар консепсияи таърихи адабиётнигории ӯ рӯйкард ба муаммои баёни мармуз ва печидаи шоирона дар пайванд ба нигариши маорифпарварӣ хеле

ҷолиб аст, ки метавон аз он ба унвони масъулияти суханвар дар такомули эҷодӣ ёд кард. Дар амали сараи саррофиву гавҳарчинии мӯйшикофонаи С. Айнӣ он қаламбадастон, ки фикру андешаи мавҳум ва маҷҳул доранд, хеле мазаммат ва накӯҳиши сахт шудаанд. Масалан, Анбар ном шоир, ки шеъри бемантиқ суруда, дар шеъри ӯ берабтии ибораву ҷумла, парокандаи мавзуъ ва лафзбозии пуч, муболиғаву иғроқи мавҳуму мубҳам ҷой гирифтаанд, аз чунин саррофӣ дар канор намондааст…

Аз нимаи дувуми солҳои 80-уми садаи XX шинохти падидаҳои аҳди ҷадидӣ дар адабиёти тоҷик дар набардҳои фикрии замон аз назари нав ба муомилаи илмӣ ҷой гирифта, чанде пажуҳишгарон барои бо айнаки сафед хондани рӯзҳову розҳои сиёҳи таърихи даврони шуравӣ пардохтаанд. Маҳз аз ин назар ба таърихи ҷадидия ва ормонҳои ҷадидӣ таваҷҷуҳи нав зоҳир шуд, аммо дар ин замина аз таваҷҷуҳи С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» оид ба ҷойгоҳи ҷадидия кам ба кор рафтааст.

Адабиёти ҷадида дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ду тарзи фаҳмиш дорад: аввал ба мафҳуми истилоҳӣ, дувум ба маънии вақту фазо, барои бозгӯйи мухтассоти адабии замони нав – замони даргирии иҷтимоиву сиёсии ибтидои садаи XX. Дар фаҳмиши дувум адабиёти ҷадидӣ то аҳди инқилоб аз адабиёти пас аз он ҷудо нест. Дар ҳар ду ҳол низ масъала ба манфиати ҳақиқати адабии он солҳост. Адабиётшиносони шуравӣ ба «ботлоқи ҷадидия» ғӯтидани С. Айниро нуқси мафкуравии ӯ донист, аммо дар ин тазкира назари мусанниф ба ин раванд мунсифона мебошад. Шояд ин бардошт аз истилоҳ оид ба ҷараёни ҷадидӣ дар тавзеҳи нави робита ва муносибати С. Айнӣ ба он мусоидат намояд.

Фаҳмиши адабиёти ҷадид ба мафҳуми замонӣ дар ин намуна низ қобили зикр аст: «Дар қисми намунаҳои осори муосирин боби алоҳидае барои адабиёти ҷадид ва инқилобӣ тахсис карда мешавад. Бад-ин восита ҷавонони мустаид(ро) ба адабиёти нави инқилобӣ ташвиқ карда мешаванд» [3, с. 7].

Дар «Намунаи адабиёти тоҷик» мақоми адибони ҷадид дар равнақу пешрафти адабиёти инқилобии тоҷик ба таври хоса таъкид шуда, оид ба

бузургтарин намояндагони он – Фитрат, Аҷзӣ, Мунзим, Ҳамдӣ, Туғрал, Тамҳид, Лоҳутӣ, Пайрав ва… аснод ва андешаҳои муҳим фароҳам омаданд. Бозгӯйи фаъолияти адабии Фитрат мавқеъ ва нуфузи ӯро дар раванди пуршиддат ва ошӯбандаи адабӣ равшан намудор месозад. Ба диди ноқидии С. Айнӣ «Абдуррауфи Фитрат адибест, ки тамом дар мактаби таҷдид ва инқилоб тарбия ёфтааст...»; «Осори мансури Фитрат якум(-ин) намунаҳои адабиёти ҷадида аст дар забони форсӣ» [3, с. 455].

Ҳамин тавр, «Намунаи адабиёти тоҷик», дар айни ҳол, нахустин кӯшиши арзишдиҳӣ ба таърих ва раванди адабиёти муосир мебошад…

Бозтоби адабиёти форсии тоҷикии оғози садаи XX дар Фарорӯд ба василаи матбуоти ҷадидӣ муҳимтарин нуктаи таърихи нақду назархоҳии ин давра аст, ки дар ин хусус донишмандони адабиётшинос М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев, В. Самад, М. Раҷабӣ, А. Набавӣ, А. Маҳмадаминов, М. Муродӣ, О. Салимзода ва дигарон таваҷҷуҳи хосе кардаанд. Бо вуҷуди ин, мутолиаи таҳаввули нақду назарсанҷӣ дар тазкиранигории охири садаи XIX-ибтидои садаи XX мавзуи камтаваҷҷуҳе барои таҳқиқ ва фаҳмиши моҳияти даргириҳои фикрии ин давра мемонад. Гарчанде то ҷое «Намунаи адабиёт» ба сифати намунаи нақди тоҷикии ибтидои садаи XX дар таълифи А. Маҳмадаминов, А. Набавӣ ва чанде дигар ҷойгоҳи шоиста дорад.

«Намунаи адабиёти тоҷик» китобе дар ҳалқаи нақду адабпажуҳии форсии тоҷикии ҳавзаи Фарорӯд дар солҳои 20-уми садаи XX аст, ки бо «Тазкори ашъор»-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё [43] бештар наздикӣ дорад. Ин ду асар маҳсули маслаки ба ҳам наздики ду ноқиди он замон аст. Чун тазкираҳои Садри Зиё «Намунаи адабиёти тоҷик» аз ғирболи танги сиёсатгарии шуравӣ гузаштааст.

Камтар асар дар ин марҳала монанди «Намунаи адабиёти тоҷик» ба ҳуҷуми пай дар пай рӯбарӯ ва маншаи баҳсу мунозираи шадиди иҷтимоӣ шудааст. Аммо чунин ҳуҷуми паёпай ба ҷони асар нерӯи дучанд дода, маҳз ба ин шева

он дарозумрӣ ёфт ва ба сифати амонати беназири таърих ба меросбарони баъдӣ расид.

***

Яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи адабиётшиносӣ ва нақди адабии форсӣ-тоҷикии охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX таҷдиду бознигарӣ ба бархе нуктаҳои нақду наққодии осори адабиёти форсӣ дар маъхазҳои гузашта, ба вежа асноди тазкираҳои асримиёнагӣ аст. Аз ҷумла, Шиблии Нуъмонӣ матолиби тазкираҳоро таҷдиди назар ва ё инкору тардид карда, гоҳо ҳавсалаи тазкиранависонро дар таъйини мақом ва нуфузи ҳунарии шеъри шоирони гузаштаг аз ин ё он ҷиҳат камарзиш ё беарзиш донистааст.

Ин гуна ҳавсалаи нақду наққодӣ солҳои 20-уми садаи XX дар ҳавзаи Мовароуннаҳр низ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Дар навиштаҳои С. Айнӣ, А. Фитрат, М. М. Иброҳимӣ, М. Боғиров, Б. Азизӣ ва дигарон санаду афкори таснифгарони тазкира баҳс ва нақду назарсанҷӣ шуда, ахбори тазкираҳои форсӣ-тоҷикӣ мӯйшикофона баррасӣ шудаанд. Аз ҷумла, А. Фитрат саъй кардааст, ки ба ин андешаи тазкиранигор Лутфалибеки Озар посух диҳад: «Фақир мухтасаре аз девони ӯ (Сайф – С. А.) мутолиа ва дар он ҷо сивои буҳури ғариба ва алфози муғлақа чизе наёфтам…» [37, с. 311].

Аз назари А. Фитрат Л. Озар «ба ҷойи девони Сайф чизи дигаре дидааст. Зеро дар девони Сайфи Исфарангӣ, чизе ки бисёр камёб аст, ҳамон алфози муғлақа ва буҳури ғариба аст, торикӣ ва мубҳамиҳои муфрад, ки дар ибороти пуртумтароқи Хоқонӣ мавҷуд аст, дар девони Сайф нест. Сайф қасидаро равон ва матин мегӯяд... « [47, с. 14].

Ин натиҷагирии ноқидона дар роҳи муқоиса ё мувозинаи шоирони гузашта назарияҳои адабиёти татбиқиро дар аҳди нав поя мегузорад, ки адабпажуҳии муосири мо ба ин гуна чашмандоз камтар даст ёфтааст.

Чунон, ки дар фасли гузашта ба ин маънӣ махсусан ишора кардаем, наққодӣ бо равишҳои ҷиддӣ ва сатҳу савияи хоса дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнӣ низ ҷойгоҳи мушаххас доштааст. Муаллиф бо такя ба

суннати таълиф ва таснифи тазкира, фарогирии усулу равишҳои наққодӣ намунаи хубе аз адабиёти ҳазорсолаи тоҷиконро фароҳам овардааст.

Яке аз нуктаҳои ҷолиб дар нақду назарсанҷии С. Айнӣ қазияи Рӯдакӣ ва шеъри ӯст. Аснод ва муҳокимаҳои ӯ оид ба ихтилофи зодгоҳи шоир бо такя ба маъхазҳои гузашта ба миён гузошта шудааст. Назари мусанниф аз беҳтарин биниши зебоишиносӣ ва баёнгари воқеияти андешаҳои он давра мебошад ва аз пояҳои устувори шинохти аҳаммияти шеъри қофиласолори шеъри форсӣ дар замони нав дарак медиҳад.: «Ба фаҳми фақир, шеъри Рӯдакӣ дар камоли равонӣ ва дорои фасоҳат ва балоғат аст, ки ба хонанда ба осонӣ ҳаяҷони бадеӣ мебахшад. Ҳамин аст дараҷаи болои шеър» [3, с. 17].

Баробари ин дар тазкирааш С. Айнӣ ба нақди як андешаи Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» оид ба шеъри «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» пардохтааст. Танқиди назари Давлатшоҳ дар боби ин шеър хеле ҷолиб аст ва тавзеҳи бештар мехоҳад. С. Айнӣ вобаста ба ниёзҳои забонӣ ва адабии солҳои 20-уми садаи XX чунин навиштааст: «Давлатшоҳи Самарқандӣ мисли соири арбоби тазкира ҳарчанд номи Рӯдакиро ба устодӣ ёд карда, аммо ба шеъраш ба назари истихфоф нигоҳ мекунад» [3, с. 16].

Интиқоди Давлатшоҳ дар рисолаи «Устод Рӯдакӣ» (1940) низ ба назар мерасад. Тибқи гуфтаи С. Айнӣ мусаннифи «Тазкират-уш-шуаро» ба асли рӯйдоди падид омадани «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» шубҳа дорад, гӯё Давлатшоҳ ба сода ва аз қувваи таъсир холӣ будани шеъри Рӯдакӣ ин қасидаро далел меоварад. Идомаи нақди С. Айнӣ низ хонданӣ ва, дар айни замон, тавзеҳ мехоҳад: «Дар бораи паст будани ин қасида ва аз таъсир холӣ будани ин мо ба фикри Давлатшоҳ ҳамроҳ шуда наметавонем. Билъакс, ба фаҳми мо ин қасида, қатъи назар аз он ки як шеъри дарборист, яке аз шоҳасарҳост, ки тамоми содагии бадеӣ ва ба фаҳм наздики табииро дар бар гирифтааст» [45, с. 16].

Аз мутолиаи ин қазоват чанд пурсиш ба миён меояд. Аз ҷумла, чаро ин гуна андешаи интиқодӣ оид ба ин шеъри машҳурро баъзе адабиётшиносон напазируфтанд? Дар ин қазия чӣ ҳадафе нуҳуфта аст? Шеъри Рӯдакӣ тибқи

кадом меъёр қазоват шуда, накди он аз куҷо маншаъ мегирад? Чаро матлаб дар таҳқиқоти адабиётшиносон бо такрори андешаҳои якнавохти гузашта баён шуда, ки ин имкони шинохти арзиши аслии шеър, муҳимтар аз ҳама, дарки вежагиҳои наққодии адабиёти форсӣ-тоҷикиро душвор мегардонад?

Нахустин шарҳи раванди эҷоди ин қасида ва нақду арзёбии ситоишии он ба соҳиби «Чаҳор мақола» Низомии Арӯзии Самарқандӣ дахл дорад, ки он намоёнгари салиқаву биниши сухансанҷии садаи XIII аст. Сипас, бархе аз муаллифони асарҳои таърихиву адабии давраҳои сонӣ ин матлабро дар пайванд ба завқу қареҳаи замонаашон такрор ва ба муҳтавои он каму беш дигаргунӣ ворид карданд. Аммо, ба ҳар сурат «Чаҳор мақола» фарогири аввалин нақди салим ба шеъри Рӯдакӣ аст, ки ба таъкиди Х. Шарифов «ба сабки сухани шоир» иртибот дорад.

Пас аз ин аввалин арзёбии интиқодии шеъри Рӯдакӣ дар садаи XV ба василаи «Тазкират-уш-шуаро» сурат гирифтааст. Давлатшоҳи Самарқандӣ дар зикри ҳол ва арзёбии шеъри Рӯдакӣ, хоса шароити падид омадани қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» чунин навиштааст: «Ин қасидаест тавил, эроди маҷмуи онро ин китоб таҳаммул наёварад, гӯянд амирро ин қасида ба хотир чунон мулоим афтод, ки мӯза дар пой нокарда, савор шуд ва азимати Бухоро намуд, уқалоро ин ҳолат аҷаб менамояд, ки ин назмест сода ва аз саноеъ ва бадоеъ ва матонат орӣ, чи ки агар дар ин рӯзгор суханваре мисли ин сухан дар маҷлиси салотин ва умаро арз кунад, муставҷиби инкори ҳамгинон шавад, аммо мешояд, ки чун устодро дар автор ва мусиқӣ вуқуфе тамом буда, қавле ва тасниферо сохта бошад ва ба оҳанги ағонӣ ва соз ин шеърро арз карда ва дар маҳалли қабул афтода бошад. Алқисса, устодро инкор нашояд кард ба муҷарради ин сухан, балки ӯро дар фунуни улум ва фазоил вуқуф аст ва аз ақсоми шеър қасида ва маснавиро некӯ мегӯяд ва устод Рӯдакӣ азим-уш-шаън ва мақбули хос ва ом буда…» [45, с. 32].

Бо назардошти ин иқтибос пажуҳишгарони замони нав ба танқид ва то ҷое ба «сарзаниши» мунаққиди садаи XV пардохтанд. Барои дарки аслу моҳияти

матлаб бояд дид, ки муҳаққиқони баъдӣ ба фаҳмиши ин нукта чӣ гуна наздикӣ ҷустанд!?

Ш. Нуъмонӣ аз нахустин муаллифони таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аст, ки аз ҳикояти Давлатшоҳ ёд кардааст: «Самарқандӣ ин ҳикоятро навишта, баъд изҳори тааҷҷуб мекунад, ки ашъори мазбур бо вуҷуде, ки сода ва ҳеч гуна саноеи шеърӣ дар он ба кор бурда нашуда, чӣ гуна дар вуҷуди Наср то ин ҳад таъсир бахшидааст» [33, с. 28].

Ба назари Шиблӣ – Давлатшоҳ бо оҳанги нобоварӣ ба арзёбии шеъри Рӯдакӣ пардохта ва тааҷҷуб кардааст, ки шеъре «сода» ва бидуни санъати шеърӣ чӣ гуна дили як нафар – монанди амири Бухороро метавонад тасхир намояд. Ба ин маънӣ, Шиблии Нуъмонӣ кӯшидааст, ки сабаби ин ҳолро ба махсусияти фикриву завқии садаи XV пайвандад ва ин дидгоҳро аз мушкили мураккаб шудани осори адабӣ, аз даст рафтани сурати воқеии шеър ва дурии завқи мардум аз фаҳмиши нукоти содаву табиӣ ба ҳисоб оварад: «…замони Давлатшоҳ шеъру шоирӣ сурати воқеии худро аз даст дода буд ва, бад-ин ҷиҳат, мардум аз баёни ҳақоиқ ва чизҳои содаву табиӣ кайф намекарданд. Вале, то вақте ки завқу салиқаи ҷомеа ва машраби афрод сода ва орӣ аз олоиш буд, шуаро дар муқобили ашъори мазбура сари таслим хам намуда, аз ҷавоби он изҳори аҷз менамуданд» [33, с. 28].

Чунин фикр ва натиҷагирӣ дар шаклгирии дидгоҳи ховаршиносон, пажуҳишгарони таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикии садаи XX низ муассир будааст. Масалан, аз дидгоҳи донишманди чехӣ Я. Рипка, ки ба ақидаи Э. Ёршотир дар китоби «Шеъри форсӣ дар аҳди Шоҳрух» такя дорад, дар садаи XV «…чунин таъсире аз абёте бад-ин содагӣ боварнакарданӣ ба назар мерасидааст…» [39, с. 212].

Дар «Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ»-и шарқшиноси маъруфи рус Е. Э. Бертелс низ Давлатшоҳи Самарқандӣ бо пайгирӣ аз назариёти Шиблии Нуъмонӣ ба адами фаҳмиш дар нафосати шеъри Рӯдакӣ танқид шуда, дар арзёбии ин нукта салиқаи «бад»-и мардуми замони Давлатшоҳ («какой

«плохой» вкус был у людей в те времена, раз они могли ценить такие простые, безыскусные стихи») ҳамчун меъёри қазоват ба хидмат омадааст: «Даулатшах не понимал всей тонкости и изящества этих лишенных внешних украшений и тяжеловесной риторики XV в. строк. Но едва ли можно думать, что он располагал полным текстом стихотворения и оборвал в этом месте цитату из каких-то эстетических соображений» (Давлатшоҳ куллияи зебоӣ ва назокати мисраъҳое, ки аз ороиши зоҳирӣ ва хитобаҳои гарони садаи понздаҳум дур буданд, дарнамеёфт. Аммо набояд пиндошт, ки вай матни комили шеърро дар даст дошта ва иқтибосро дар ҳамин ҷо бо назардошти пиндорҳои зебоишиносона қатъ карда бошад [404, с. 215].

Ин арзёбӣ боис гардид, ки минбаъд низ дар ҳар маврид аз ҷойгоҳи қасидаи Рӯдакӣ ё интиқоди шадиди назарияи шеъри Рӯдакӣ изҳори назарҳо ба миён оянд. Масалан, А. Мирзоев, ки бо дарки «дараҷаи азими қувваи сухани Рӯдакӣ» бо такя ба нақди муаллифи «Чаҳор мақола» андешаи Ш. Нуъмониро дорои «асоси куллӣ» донистааст, аз сӯе, бо дарки муносибат ба амонати таърих (рӯйкард ба нақди Арӯзӣ), аз сӯйи дигар, дар радди афкори адабиётшиносии форсӣ-тоҷикӣ (радди назари Давлатшоҳ) ба ҳақиқати ин қазия наздикӣ меҷӯяд: «Дар бораи ин қасида ҳаминро бояд гуфт, ки аз муаллифони сарчашмаҳо Давлатшоҳи Самарқандӣ порчае аз қасидаи мазкури Рӯдакӣ ва ҳикояти ба он алоқамандро дар тазкирааш дарҷ намуда, дар айни ҳол аз номи дигарон ба тааҷҷуб меояд, ки ин шеър бо ин равонӣ ва дар бар нагирифтани санъатҳои шеърӣ (? – С. А.) чӣ гуна ба Наср то он дараҷа таъсир карда бошад. Аммо, эроди Давлатшоҳ на ин ки дар адабиётшиносӣ қобили қабул воқеъ нагардид, балки ба эътирози ҷиддӣ дучор гардид…» [30, с. 355].

Чуноне маълум мегардад, академик А. Мирзоев бисёр мунсифона ва бо дарки нозуку амиқ нахустин маротиба аз эътирози адабиётшиносон ба эроди Давлатшоҳ сухан ба миён гузоштааст. Аз як сӯй, дар назари олим «аз номи дигарон тааҷҷуб кардани» Давлатшоҳ нуктаи муҳим ва қобили мулоҳиза аст, ки тазкиранигори садаи XV аз номи «уқало» ба мулоҳизаи адабпажуҳӣ кашида

буд. Аммо, аз сӯйи дигар, эътирози адабиётшиносони давраи баъдӣ ба баҳои Давлатшоҳ бар манфиати дарки салими шеъри Рӯдакӣ ва маърифати саҳеҳи осори завқиву суварии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ нест, балки аз тағйир ва табдили афкори адабӣ дар замони комилан дигар дарак медиҳад, ки ба омили зиёде пайванд дорад. Шояд ин нукта дар бархе маврид намоёнгари заъф ва камсалиқагии фикри ноқидӣ ва адабпажуҳӣ дар замонҳои гуногун аст.

Х. Мирзозода дар пайравӣ аз бархе изҳори назарҳо дар боби афкори адабиётшиносии садаи XV таъсири пурзӯри шеъри «Васфи Бухоро»-ро ба мусиқӣ пайванд дода, аммо худи шеърро аз «саноеъ, бадоеъ ва матонат орӣ» донистааст, ки ҳамназарии ӯро бо мулоҳиза дар тазкираи Давлатшоҳ собит менамояд [274, с. 98-99].

А. Афсаҳзод зимни пажуҳиши ҷойгоҳи Рӯдакӣ дар заминаи нақли ҳикояти Давлатшоҳ, аз як сӯ, ба қавли Ш. Нуъмонӣ, Е. Э. Бертелс ва бархе дигар ҳамназарӣ карда, аз маҳдуд будани афкори адабшиносии садаи XV дарак медиҳад: «Ин ҷо, албатта, нуқтаи назари «сухансанҷон»-и асри XV, ки назмро ба бозӣ табдил доданӣ буданд, баён шудааст» [224, с. 66].

Аммо, дар мавриди дигар, ӯ аз ихтилофи назари Айнӣ бо Давлатшоҳ оид ба қасидаи мазкур, гӯё аз таъсир холӣ будани он сухан ба миён оварда, аз раҳи мӯйшикофӣ мушоҳидаҳо дар контексти «Тазкират-уш-шуаро»-ро ба ҳақ баровардааст: «Аммо сухани баъди ин («Алқисса, устодро инкор нашояд кард ба муҷарради ин сухан» – С. А.) ба назар мерасонад, ки Давлатшоҳ ба ин шеъри устод Рӯдакӣ таваҷҷуҳ доштааст» [224, с. 66].

Бояд гуфт, дар таърихи таҳқиқи афкори сухансанҷии форсӣ-тоҷикии замони нав муҳимтарин кӯшиши исботи нодуруст будани андешаи аҳли таҳқиқ дар боби «баҳои» нодурусти Давлатшоҳи Самарқандӣ ба шеъри Рӯдакӣ дар аввалҳои солҳои 80-уми садаи XX аз ҷониби А. Сатторзода ба миён омад, ки як навъ гузоштани нуқтаи охирин ба баҳси қазия аст: «Бисёр муҳаққиқон ба суханони дар хусуси қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» эрод кардаи Давлатшоҳ такя намуда, ба хулосае омадаанд, ки ӯ тарафдори шеъри пурсанъат аст. Вале

тааҷҷуб, ки аз гуфтаҳои муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» ҳеч гоҳ ин маънӣ намебарояд… Давлатшоҳи Самарқандӣ дар бораи қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён»-и Рӯдакӣ назариёти хешро не, балки ақидаи гурӯҳе аз шеършиносони замонаашро меорад, ки бо номи «уқало» ёд кардааст. Аз ин ҷиҳат, онҳое, ки гуфтаҳои он оқилонро комилан ба Давлатшоҳ нисбат додаанд, ба хулосаҳои баҳсангез омадаанд. Давлатшоҳи Самарқандӣ шеъри Рӯдакиро «назмест сода ва саноеъ ва бадоеъ ва матонат орӣ» наномидааст, балки ӯ, баръакси гуфтаи уқалои давр кӯшиш намудааст, ки дурустии ривояти таърихиро роҷеъ ба «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» собит намояд» [331, с. 107].

А. Сатторзода ба носаҳеҳ будани назари Садриддин Айнӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Е. Э. Бертелс, И. С. Брагинский, З. Муътаман, М. Муин ва бархе дигар бо зикри осор ва сафҳаҳои онҳо ишора кардааст. Чун асли матлаби ӯ боз намудани сайри таҳаввулу такомули афкори сухансанҷии форсӣ-тоҷикист, тафсили ин нукта ва ихтилофи ақоид оид ба ин қазия ба таври густурда сурат нагирифтааст.

Дар маҷмуъ, мутолиа ва арзёбии ҷиддии қазовати шеъри Рӯдакӣ дар тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ ва нақду баррасии назариёти олимони замони нав оид ба ин қазия моро ба натиҷаву хулосаҳо овард:

1. «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» дар асл қасидаи тулониест («қасидаест тавил»), ки мусанниф нақли ҷомеъи онро дар китоб таҳаммулнопазир донистааст («эроди маҷмуи онро ин китоб таҳаммул наёварад»). Ин таъкидро як навъе аз хоксории мусаннифи тазкира дар назди каломи Рӯдакӣ низ метавон фаҳмид, ки дар асл қазияро ба манфиати устод Рӯдакӣ ва нақди комили шеъри ӯ ҳал мекунад, яъне зикри ин матлаб аст, ки тазкираи мухтасар тоби бардошти чунин қасидаи дарозро надорад. Аз ин рӯ, фикри муҳаққиқоне, ки Давлатшоҳро ба нодидагии шеъри Рӯдакӣ муҷрим медонанд, баҳсангез ҳастанд.

2. Ин на тааҷҷуби Давлатшоҳ ва ё эроди ӯ, балки аҷобати уқалост, ки танҳо ҳамин шеъри Рӯдакӣ – «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён»-ро «назмест сода ва аз саноеъ ва бадоеъ ва матонат орӣ» ба қалам овардаанд. Чун дар фаҳмиши ин тоифа –

категорияи суханшиносон ҷанбаи хаёлангезӣ ва тафаннун ҷойгоҳи мушаххас дошт, дар ин ҳол табиист, ки «суханваре мисли ин сухан дар маҷлиси салотин ва умаро арз кунад, муставҷиби инкори ҳамгинон шавад». Дар ин раҳгузар, ба назари мо, мафоҳими «шеър дар маънии хос» ва «шеър дар фаҳмиши ом» аҳаммияти қобили таваҷҷуҳ ба даст меоварад. Дар навиштаи Давлатшоҳ – на дар фаҳмиши куллии ӯ, – «шеър дар маънии хос» ба ҷилва меояд, зеро ӯ аз пазириши шеър дар «маҷлиси салотин ва умаро» (ки маҳфили хосест) ва аз инкори ин тоифа аз шеъри Рӯдакӣ (ки ба шеваи «саҳли мумтанеъ»-и хуросонӣ сурудааст) матлаб баён доштааст.

3. Пас аз зикри ақидаи тоифае аз аҳли хоси фаҳмиш («уқало») Давлатшоҳ ба баёни назари худ пардохтааст, ки посух ба афкори сухансанҷони замони ӯст («устодро дар автор ва мусиқӣ вуқуфе тамом буда»). Ӯ нахустин дафъа дар ин раҳгузар кӯшиш ба харҷ додааст, ки ба таъйини жанри ин сурудаи Рӯдакӣ пардозад («қавле ва тасниферо сохта бошад») ва аз чигунагии пазириши аҳли замона аз устод Рӯдакӣ дарак диҳад («ба оҳанги ағонӣ ва соз ин шеърро арз карда ва дар маҳалли қабул афтода»).

4. Хулосаи Давлатшоҳ комилан ҳаллу фасли қазияро бар шоистагии шеъри Рӯдакӣ ба анҷом мерасонад. Ӯ бо қатъияти назар раъй додааст, ки ҷойгоҳи устод Рӯдакиро танҳо ба маҳзи ҳамин сухан наметавон нодида гирифт («устодро инкор нашояд кард ба муҷарради ин сухан»), дар ин замина бархурдории ӯ аз илм ва фазилат комилан равшан аст («балки ӯро дар фунуни улум ва фазоил вуқуф аст»).

Дар ин ҳол Давлатшоҳ дасти тавонои Рӯдакиро дар сурудани қасида ва маснавӣ равшан таъкид мекунад («аз ақсоми шеър қасида ва маснавиро некӯ мегӯяд»). Ва ниҳоят, дар ҳоли ишора ба нописандии шеъри Рӯдакӣ дар маҳофиле аз эътирофи куллии қофиласолори шеъри форсӣ дар миёни хосу ом дарак медиҳад («Рӯдакӣ азим-уш-шаън ва мақбули хос ва ом буда»).

5. Албатта, яке аз шоҳкориҳои шеъри классикӣ будани қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» ҷойи шубҳа надорад, чунон ки ин нуктаро дар мавриди интиқоди

Давлатшоҳ С. Айнӣ низ дуруст таъкид кардааст. Аммо, аз диди воқеӣ, «ба назари истихфоф нигоҳ кардан» – сабук пиндоштан, беқадр, кам ё камтар шумаридан, хор доштан ва ҳақир донистани шеъри Рӯдакӣ аз ҷониби Давлатшоҳ тавзеҳи дигареро дар роҳи дарки матолиби мазкур пеш меоварад.

Баҳси С. Айнӣ бо тазкиранигори садаи XV Давлатшоҳи Самарқандӣ оид ба арзиши шеъри «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён»-и Рӯдакӣ хоси сухансанҷии тоҷики солҳои 20-уми садаи XX – марҳалаи шуравии таваҷҷуҳ ба арзишҳои забониву адабии гузашта ва аҳди навини сохтмони забони адабии тоҷик мебошад. Аммо, аз матни аслии «Тазкират-уш-шуаро» чунин бармеояд, ки Давлатшоҳ устод шеъри Рӯдакиро ҳаргиз беарзиш ба ҳисоб наоварда ва ё кам накарда, балки, чуноне ки аз идомаи назари ӯ пайдост, танҳо «ба маҳзи ин сухан» (яъне ин шеър) Рӯдакиро аз инкори ҳамагон раҳо бахшидааст.

6. Таваҷҷуҳ ба «назари истихфоф»-и Давлатшоҳ аз диди таҳаввули нақди адабӣ низ қобили мулоҳиза аст, ки изҳори андеша дар ин боб ба манфиати шинохти арзиши аслии шеъри Рӯдакист: Ҷанбаи наққодии «Тазкират-уш-шуаро» қобили таваҷҷуҳ аст. «Ҳарчанд дар ин давра… малакаи нақд заиф шуда… ва тамиз бархоста, лекин ба ҳар ҳол таваҷҷуҳи ӯ (Давлатшоҳ – С. А.) ба нақди сареҳ ва орӣ аз муҷомила худ мазияте аст».

Давлатшоҳи Самарқандӣ бо гирдоварӣ ва таснифи тарҷумаи аҳвол ва намунаи ашъори шоирон суннати вежаи нақду наққодиро дар густураи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ такмил додааст. Нақли қавли А. Зарринкӯб дар шинохти арзиши асари Давлатшоҳ муҳим аст: «Ин китоб ба заъми хатои муаллиф аввалин тазкираи шеър аст дар забони форсӣ, ҳарчанд аз ҷиҳати таърих чандон муҳим нест ва ағлот ва иштибоҳот дар эълом ва ансоб ва аснод ва ашъор ва интисоби кутуб бисёр дорад, лекин ба ҷиҳати иштимол бар қасаси шуаро ва эҳтивоъ бар мунтахаботи ашъор мазияте дорад, хоса ки дар таи он назари интиқодӣ нисбат ба шуаро эрод мешавад» [175, с. 242].

Аммо, дар баррасиҳои таърихи адабиёт ин матлаб камтар ба назари моҳиятҷӯ рӯбарӯ омада, муҳаққиқон бештар ба нақди ғайриайнии равиши

Давлатшоҳ пардохта, диди ӯро рад карда, арзёбии ӯро ғайримунсифонаву дур аз ҳақиқати зебоишиносӣ ба қалам овардаанд. Гузашта аз ин, қазовати мазкур чун маҳдудияти назари мусанниф, қазовати зеҳнӣ ва бидуни назардошти асли таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ матраҳ шуд. Чун амиқ мулоҳиза шавад, Давлатшоҳ «дар нақди шеър гоҳ низ сареҳтар ибдоъи раъй ва изҳори ҳукм мекунад ва ин ороъ ва аҳкоми ӯ ҳарчанд гоҳ аз ғаробате холӣ нест, аммо ба ҳар ҳол аз ҷиҳати сароҳат ва шаҳомате, ки дар баёни ақидаи хеш ба кор бурда, қобили таваҷҷуҳ аст» [195, с. 243].

Интиқоди шеъри гузаштагон дар давраҳои баъдӣ падидаи махсусе дар сайри таҳаввули нақди адабӣ мебошад, ки ба дигаргуниву таҳаввули фикрӣ ва фазои дигари дарки халлоқияти ҳунарӣ вобаста аст. Ин монанди он аст, ки дар марҳалаҳои хосе «Зайнуддин Маҳмуди Восифӣ ва Мавлоно Қатилӣ аз сад ҳазор байти Абдурраҳмони Ҷомӣ даҳ қитъа ва аз тамоми «Шоҳнома»-и беназири Абулқосим Фирдавсӣ шаш байт ихтиёр карданд» [39, с. 114]. Ин маънӣ ҳаргиз далели нофаҳмӣ, адами дарк ва ё бесалиқагӣ дар фаҳмиши шеъри Фирдавсӣ ё Ҷомӣ аз ҷониби сухансанҷии асри Восифӣ нест, балки аз гуногунии дарки моҳияти сухан ва махсусияти наққодӣ дар ин давра дарак медиҳад. Назарсанҷӣ, интиқод ба шеър ва адаби гузашта вежагии табиӣ дар сайри таҳаввули нақду наққодии форсӣ-тоҷикӣ аст.

Назаре, ки Давлатшоҳи Самарқандӣ – тазкиранигори мумтози садаи XV, мусаннифи «Тазкират-уш-шуаро» аз номи «уқало» дар хусуси шеъри Рӯдакӣ матраҳ кардааст, як навъ идомаи суннати хоси нақду наққодие аст, ки ба таъйини арзиши асливу воқеии осори адабӣ сару кор дорад...

### II.4.5. Садриддин Айнӣ ва нақди сиёсиву иҷтимоӣ

Гуфта шуд, ки Садриддин Айнӣ монанди Шарифҷон-махдуми Садри Зиё – муаллифи «Рӯзнома» ва дигар асарҳои адабиву таърихӣ зимни нақду таҳлили амиқи фароҳам омадани заминаҳои ҷиддӣ ва усулии «инқилоби фикрӣ» бештар ба моҳият ва зуҳуроти рӯйдодҳои навини инқилобии олам рӯй овардааст, ки яке

аз сарчашмаҳои рӯйкардаш ҳамоно кишвари Туркия ва рӯйдодҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он будааст. Аз ин боб корбурди асноди китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» муҳим ва муфид мебошад.

Маҷаллаи тоҷикии «Шуълаи инқилоб» (1919-1921) низ аз манобеъи хеле муҳимми фарорафти С. Айнӣ дар сиёсати Шарқ буда, дар он силсилаи мақолаҳои ин шахсияти беназир оид ба қазияҳои умдаи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва ҳаёти маишии Шарқ ба табъ расидаанд. Аз ин ҷиҳат мақолаҳое ҳамчун «Оташи инқилоб», «Масъалаи Шарқ», «Инқилоби ӯктабр ва масъалаи Шарқ», «Бархез, Шарқи мазлум, ки урдуи Шарқ расид», «Ғалабаи инқилоб дар Шарқ», «Инқилобҳои гузашта дар Шарқ ва аҳволи ҳозира», «Инқилобҳои байналмилал – мамлакатҳои Туркия, Ҳиндустон ва Афғонистон», «Анҷумани якуми фирқаи иштирокиюни Туркия», «Аҳволи Эрон», «Эрон ба майдон даромад», «Эрон ва инқилоби Шарқ», «Дар Боку Анҷумани якуми аҳолии Шарқ», «Олами Шарқ ва муттафиқин», «Ғалабаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ», «Муоҳадаи Русия-Туркия», «Дар майдони муҳорибаи турк ва Юнон», «Эҳтимоли як ҷанги тоза ба муқобили миллатпарварони турк» ва ғайра назару андешаҳои мустанаду пурдалели муаллифро дар қиёми ҳодисаҳои сиёсӣ-иҷтимоии даҳаҳои аввали садаи ХХ дар бар гирифтаанд (ин мақолаҳо бо имзоҳои мустаор ҷузъи ҷилди 9-уми «Куллиёт»-и С. Айнӣ гардиданд).

Сарчашмаҳои боэътимоди ин мақолаҳо рӯзномаву маҷаллаҳои туркӣ, тоторӣ ва форсии қаламрави Шарқ – Эрон, Туркия, Ҳиндустон, Миср, Тотористон, Озарбойҷон, аз ҷумла «Ҳабл-ул-матин», «Парвариш», «Вақт», «Ҷаҳоннамо», «Тарҷумон», «Ахбор», «Янги дунё», «Мулло Насриддин», «Раъд», «Садои фуқаро» ва ғайра буда, онҳо омили аслии ошноии аҳли Бухоро бо рӯйдодҳо ва зуҳуроти сиёсиву иҷтимоӣ ва адабиву фарҳангии ҷаҳон ва олами ислом гаштаанд [**дар ин бора ниг.**: 402].

Дар баррасии масоили сиёсӣ-иҷтимоии кишварҳои туркӣ ва шарқӣ ба С. Айнӣ огаҳии куллӣ аз ахбор ва иттилои рӯзномаҳои инглисии «Таймс» ва фаронсавии «Журнали дуриён» ва ғайра низ ба хидмат омадаанд.

Дар «Оташи инқилоб» муаллиф масъалаи империализми ҷаҳониро ҳаллу фасл ва вазъи инқилобии давлату кишварҳоро арзёбӣ менамояд. Дар он зимни изҳори андеша аз вазъияти ноҳамвори Туркия ва дароздастии ғосибин ба ин кишвар аз раванди талошҳои байни давлатҳои шарқӣ сухан рафта, дили муаллиф барои «Туркияи бечора» сӯхтааст, ки аз моҷароҳои зиёд ба ин кишвар «фақат як ҳиссаи ҷузъии Она-тӯлӣ... он ҳам таҳти назорати Франсия воқеъ хоҳад монд» [52, с. 10].

Равшан аст, ки С, Айнӣ дар он солҳои пурмаҷоро мақолаи муфассалу таҳлилӣ бо унвони «Масъалаи Шарқ» таълиф карда буд. Масъалаи Шарқ дар он замон маънии «ба даст овардани бозорҳои ин қаламрав, соҳибӣ кардан ба хоки ҳосилхези машриқзамин, ҷудо кардани аҳли Шарқ аз сарвату давлат ва ба худ ғулом кардани онон, аз Машриқзамин саҳми бузургтару хубтар ба даст овардани ҳар як «соҳиб»-ро дошт.

Адабиётшиносон Н. Салимов ва Н. Файзуллоев моҳияти ҷусторҳои С. Айниро перомуни қисмати таърихии Шарқ, хоса Осиёи Миёна баррасӣ карда, иртиботи Шарқу Ғарбро дар чашмандози ӯ «вобаста ба вазъияти нави иҷтимоию сиёсӣ» таъйин кардаанд. Ба хулосаи барҳақи онҳо С. Айнӣ «бо далелҳои муътамад муносибати сарватмандони Аврупоро бо чанде аз кишварҳои Шарқ нишон дода, дарки моҳияти аслии ин муносибатро як рукни муҳимми худогоҳии халқ шинохтааст» [352, с. 65].

Дар тафсири «масъалаи Шарқ» С. Айнӣ ба қазияҳои сиёсиву иҷтимоии кишварҳои шарқӣ дилсӯзона таваҷҷуҳ карда, ин масъаларо боиси балои зиёди кишварҳо ба ҳисоб меоварад ва мегӯяд: «Ба ин балоҳо, ки ба сари Усмонӣ омад, ба ин вайрониҳо, ки Эрон гирифтор шуд, ба ин фоҷиаҳо, ки Ҳиндустон мубтало гардид, «масъалаи Шарқ» сабаб ва боис буд» [52, с. 21].

С. Айнӣ зимомдорони давлати Усмониро воқифи ҳақиқати «масъалаи Шарқ» донаста ва адами бетарафиро ба вазъи ин кишвар дақиқан гуфта, ҳатто аз асли масъала воқиф будани давлати Усмониро пеш аз давлати жопунӣ дарк мекардааст. Таҳлилгар бисёр дилсӯзона аз мавқеи ҷуғрофии кишвари Усмонӣ –

аз «будани хокаш ба наздикии Фарангистон ва махлут(иаш) ба Фарангистон» изҳори афсус карда, ки ин имкон надода то бо хотири ҷамъ «таҳияи асбоб намуда, дар муқобили ин яғмогарони фарангӣ ба омодагии тамом бароядۥ». Чаро мусаннифи сиёсатгар ин амрро муҳим донистааст? Аз он ки ин қисми бузурги Шарқ, ки аҳли фаранг чашм дӯхта буданд, ҳаққи муслимин буда, аҳолиро «мусулмонон ташкил мекарданд, хилофати ислом, қувваи руҳонӣ ва ҷисмонии аҳли ислом ба дасти давлати Усмонӣ буд». Ҳамон вақт ҳам бадбинии фарангиёнро сабаб бадбинии ислом будааст. Аз ин рӯ, С. Айнӣ дар равиши сиёсат моҳирона моҳият меҷӯяд, бо як маҳорати хос қалам рӯйи саҳифа мегузорад, мунсифона мағзу моҳияти ғосибии фарангиро мекушояд, сарчашмаи маҳви ин қаламравро равшан мегӯяд ва менигорад, ки «барои хубтар ҳазм кардани олами ислом маҳв кардани хилофати исломӣ лозим буд, бинобар ҳамин ҷиҳатҳо аввал зарбае, ки фарангиён мезаданд, ба сари Усмонӣ буд. Миёни худ ҷидол мекарданд, дар бадали сулҳ аз хоки Усмонӣ парча-парча мегирифтанд, якеш ба Усмонӣ ҳуҷум мекард, они дигараш мусаллаҳ шуда, ба миён даромада (гарчи Усмонӣ ғолиб шуда бошад ҳам) як қисм аз замини Усмониро соҳибӣ мекард ё худ ихтиёр ва имтиёзе ба хоки Усмонӣ мегирифт...» [52, с. 21-22].

Аз ин ҷиҳат бармеояд, ки дар фаҳмиши фарангиён Туркия дили Шарқ буда, ки, аввал аз ҳама, бояд ба он дил ханҷар зад. Ба идомаи матлаб муаллиф ба интиқоди истеъмори фарангӣ мепардозад, ба ин моҳият ва ҳақиқати раднопазири мустамликадории ғарбӣ ишора менамояд, ки «ин ваҳшигарони муддаии маданият, яъне фарангиён дохилаи мамлакати Усмониро ҳам осуда намегузоштанд. Ҷавонони Усмонӣ аз ҷанги хориҷӣ фориғ шуда-ношуда, имрӯз силоҳ ба даст, гуруснаву ташна дар регзорҳои Арабистон медавиданд, чаро? Зеро Англис силоҳ ва пул дода, як қисм аз аъробро бар хилофи хилофати Усмонӣ барангехтааст...» [52, с. 22].

Чуноне ба назар мерасад, тафсиргари масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии Туркия аз бозигариҳои кишварҳои дорои сиёсати бузург равшан воқиф аст, аз ин рӯ,

нақши кишварҳои ғарбиро дар бозидории кишварҳои шарқӣ, аз ҷумла давлати Усмонӣ таъкид медорад.

Пас мебинем, ки руҳшиносиву набзшиносии С. Айнӣ дар сиёсат то чӣ ҳад расида ва ба ҳимояи як давлати шарқӣ – ба истилоҳ «дили Шарқ» бархостааст. Мақолаи «Аҳволи Эрон» бо ҳадафи нақди масъалаҳои Эрон навишта шуда, аммо дар он умдатан аз фалокатҳои шадиду ҳалокатбори шарқӣ сухан рафта, мусанниф ба торумор шудани ғасби ғарбиён умеди зиёде бастааст. Дар охири мақола умеду орзуи муаллиф хеле мутантан ва инқилобхоҳона ба садо омада, ки ҳадаф халос шудани кишвари Туркия аз ғасбкории фарангӣ аст: «Дар хоки Эрон оташи бузург бар зарари инглисҳо ва умуми ҳукуматҳои сарватдор дар иштиол (шуъла задан) аст. Ин оташ сирран ва аланан ба сӯзондани хонумони англисону англиспарастон машғул аст. Умед аст, ба зудӣ ба расидани урдуи шарқи Усмонӣ ва ба қиёми умуми ранҷбарони Озарбойҷону Доғистон ва Гурҷистон ва ба вуруди урдуи халоскори Шарқ аз Русия дар Эрон низ қиёми умумӣ воқеъ шавад» [52, с. 33].

С. Айнӣ воқифи матбуоти кишварҳои шарқӣ буд ва, аз ин рӯ, мақолаи «Бархез, Шарқи мазлум, ки урдуи Шарқ расид»-ро дар асоси ахбори рӯзномаҳои шарқӣ оид ба воқеаҳои Туркияи Усмонӣ навишта, ба аҳли мутолиа пешкаш кардааст. Номбурда аз мутолиаи он рӯзномаҳо чунин хабар ёфта, ки дар Она-тӯлии Усмонӣ (Анатолия) урдуе бо номи «Урдуи Шарқ» ҳозир шуда, ба ҳудуди Қафқоз наздик расидааст. Хабари дигар, ки муаллиф ба он бетараф нест, ин аст, ки «аз бими тасаллути Усмониён инглисон Ботум ва Бокуро такроран ишғол кардаанд». Ба бардошти муаллиф «хабари сонӣ хабари аввалро тасдиқ мекунад, ҳам дар назари англисҳо чӣ қадар аҳаммият доштани «Урдуи Шарқ»-ро ба мо мефаҳмонад» [52, с. 42].

Тибқи ахбори С. Айнӣ баъди расидани давлати Усмонӣ ба сулҳи муваққатӣ байни иттифоқчиён як қисми аскарони усмонӣ зери раҳнамоии бевоситаи қумандони турк Мустафо Камолпошшо ба сулҳ эътироз карда, аз Истамбул ба Анатолия кӯч бастанд. Он гоҳ Мустафо Камолпошшо – маъруф ба

Камоли Отатурк ба сифати роҳбари ҳаракати миллии турк шинохта шуда ва сардори ҳизби ҷумҳурихоҳон ва аввалин президенти Туркия ба ҳисоб мерафт. Мақолаи мазкури С. Айнӣ ба нақду таҳлили воқеаи мазкур ихтисос ёфтааст.

С. Айнӣ хеле равшан шаҳодат медиҳад, ки Мустафо Камолпошшо дар Анатолия нуфузу эътибори зиёд пайдо карда, туркон зери байрақи ӯ ҷамъ шуда, ба эътироз идома доданд. Шахсияти дигари он давра Рауфпошшо ва дигар ашхоси маъруфи Туркия низ дар ҳадди ҳамфикрии ӯ ҷой гирифтанд. Оқибат арабҳои Бағдод қабила-қабила ба Мустафопошшо ҳамроҳӣ карда ва неруҳое, ки дар Анатолия ҷамъ омадаанд, ба фосилаи панҷ фарсах ба Истамбул наздик шуда, сипоҳиёни Ҳинд дар муқобили истеъмори инглисҳо ба қиём бархостанд.

Ин воқеаҳоро С. Айнӣ ба манфиати давлати усмонӣ дониста, толиби ҳаллу фасли қазияи сиёсати ин кишвар буданашро равшан бозгӯ кардааст: «Бар болои ин ахбор хабари ба ҳудуди Қафқоз наздик расидаи «Урдуи Шарқ»-ро зам кунем, чӣ қадар воқеаҳои муҳимма дар Она-тӯлии усмонӣ рӯй дода, ҳама ба манфиати туркони мазлум натиҷа доданашро нишон медиҳад. Зеро агар аскари Она-тӯлӣ дорои қувваи бузурге намебуд, сабаби табдили вузаро ва даъвати Маҷлиси маъбусон шуда наметавонист. Агар аскарони Она-тӯлӣ ҳоилаҳои Осиёи Кӯчакро ба манфиати худ ҳал намекард, «Урдуи Шарқ» ҳосил карда наметавонист» [52, с. 43].

С. Айнӣ маҳз аз ҳамин ҷиҳат ба мақоми таърихии «Урдуи Шарқ» расо баҳо медиҳад: «Шумо гумон накунед, ки «Урдуи Шарқ» танҳост ва аз бақоёи муҳорабаи панҷсолаи оламсӯз аст... «Урдуи Шарқ» аз бақоёи асокирест, ки панҷ сол боз дар ҷабҳаҳои ҳарби моддӣ ва маънавӣ қувваашонро барбод додаанд» [52, с. 43].

С. Айнӣ ба қувваи ин урду равшан бовар дорад ва моро ба ҳайрат мегузорад, ки ӯ ҳамчун таърихошнои нотакрор ва донандаи розҳои ниҳони равандҳои сиёсии ҷаҳон аз куҷое хуб донистааст, ки «ин урдуро қуввае дар ҳаракат андохта»?! Аз фаҳмиши айниёна ин қувва соли 1812 русҳоро ҳам ба таҳрик андохт, сабаби маҳв шудани Наполеон Бонапарт гардид. Ин дараки С.

Айниро хуб нигоҳ мекунем: «Туркон диданд, ки мамлакат, ватан, номус, иззат ва сарваташон аз даст рафта, ҳаёташон дар таҳлука афтод, дар майдони муҳорибаи золимон мурданро аз мурдан дар асорати золимон бошарафтар донистанд ва ба ҳамин ният «ҳар чи бодо бод» гӯён худро ба маърака заданд» [52, с. 43-44].

Хонанда аз мутолиаи мақолаҳо ба зеҳни таҳлилгари С. Айнӣ ангушти ҳайрат мегазад. Аз ин рӯ, ба мақолаҳои сиёсатшиносонаи ӯ набояд кам нигарист. Аз ин мақолаҳо салиқаи сиёсатшиносӣ ва накди сиёсӣ равшан ҳувайдост. Баробари ин публитсисти барҷаста будани мусанниф аз паси ҳар сатр равшан ба эҳсос мерасад. Ба нигориши С. Айнӣ дар масъалаҳои меҳварии шарқӣ ҷанбаи нерӯманди публитсистӣ ва руҳи муборизахоҳӣ ҳамеша хос будааст. Ӯ менигорад: «Урдуи Шарқ» танҳо нест! Зеро таърих ҳамаи мазлумони рӯйи дунёро муттафиқи табиӣ сохта, дар садади якбора барангехтан аст. Ҳукумати Шуроӣ ва ранҷбарони Русия, ки ду сол боз дар муҳосираи аксулҳаракатчиён ва давлатони ҷаҳонгир афтода буд, «ё ҳаёт, ё мамот» гуфта, ба кӯшишҳои фавқуттоқат як қисм аз душманони худро забун карда, нуқтаҳои муҳиммаи Русияро, ки ба дасти аксулҳаракатчиён афтода буд, ба марказ пайванд дода, роҳи Туркистон ва Москавро кушода, масъалаи озод кардани Шарқро пешниҳоди ҳиммати худ кард» [52, с. 44].

Дар мақола оид ба озодии қавмҳои тотору бошқирд сухан рафта ва дар поёни он маводе аз рӯзномаи «Иштирокиюн» (№242) оид ба назари аскарони сурхи рус ба масъалаи Шарқ бо номи «Аскари сурх ва сиёсати Шарқ» ҷой гирифтааст. Аз ин мавод равшан бармеояд, ки дар Туркия, ки поймоли Англия аст, рӯз то рӯз ҳаракати озодихоҳӣ меафзояд. Комёбии «ин ҳаракати озодона ва ихлоскорона вобаста аст ба маҳалли эътимод шудани мо дар назди аҳли Шарқ, хусусан мусулмонон» будааст [52, с. 45]. «Дар муқобили ҳукуматҳои сарватдор асокири сурхи ранҷбарони Русия ё ки «Урдуи Шарқ»-и туркони усмонӣ танҳо нестанд, балки мазлумони рӯйи ҷаҳон дар ҳаяҷон» ҳастанд [52, с. 46].

Дар мақолаи «Ғалабаи инқилоб дар Шарқ» ахбори телеграфӣ оид ба инқилоб зикр ва мазмуни он нақл шудааст. Аз ҳама ҷолибтар боз он аст, ки дар пайванд бо воқеаҳои туркӣ ба як нуктаи хоса пай мебарем: «Фирқаи Мустафо Камолпошшо дар муқобили англисҳо дастаҳои тоза омода карда истодааст. Фирқаи мазкура хазинаҳои давлатӣ, ки дар Она-тӯлӣ буда, ҳамаро забт намуд. Ҳамаи маъмурони англис забт шуданд» [52, с. 59].

Фикр мекунем С. Айнӣ хабарҳои бисёр ғаниву арзишманди шарқиро захира карда, аз он огоҳона, усулан ва дақиқ баҳра меҷӯяд. Аз ин ҷиҳат ҳам сатҳи огоҳиву мутолиааш ҳарчи бештар аст. Баъди таъкиди мазмуни ин телеграма ба таҳлили нуктаҳои он мепардозад ва дар пайванд ба Туркия баояндаи беҳбуди он умед мебандад: «Баъд аз он умед аст, ки Истамбул ва Ҳиндустон низ аз дасти инглис халос шуда, ғалабаи инқилоб дар Шарқ такмил ёбад» [52, с. 61].

Дар «Эрон ба майдон даромад» аз ғалабаи инқилоби Шарқ сухан рафта, баъди унвони мақола дар қавс ишора шудааст: «Баъд аз ин навбати Истамбул ва Ҳиндустон аст» [52, с. 69].

Ба ин нукта хубу расо пай мебарем, ки С. Айнӣ на Эрон, на Туркия, на Ҳиндустон – намонда ҳама ҷоро тагӯрӯ мекунад, ҳама кишварҳоро ба майдон даровардан ва ба доди он кишварҳо расидан мехоҳад.

Дар мақолаи «Инқилобҳои гузашта дар Шарқ ва аҳволи ҳозира» таъсиси ҷамъиятҳои сиёсии Туркия ва таъсири онҳо дар равиши инқилоби туркӣ асоси таҳлилу назаргӯист. Бино ба шарҳу маънидоди дақиқи С. Айнӣ ин ҷамъиятҳои сиёсӣ яқинан «ба муқобили усули ҳукумати мутлақа, ки ба ҷаҳонгирони фаранг роҳи мувосоро пеш гирифта, бархостанд, пас аз кӯшишҳои сисола ҳукумати мустабиддаро аз по андохтанд ва ба машрутаи машруа комёб шуданд» [52, с. 72].

Як санади дақиқи таърихӣ аз раванди истеъмор ба кишвари Усмонӣ ҷолиб аст, ки аз ҷумлаи чунин хабари муҳим ҳуҷуми давлати мустабидди рус дар соли

1878 ба ҳисоб рафта ва он «зарбаи сахт буд ба вуҷуди навзоди инқилоби Шарқ» [52, с. 73].

Ин розҷӯйи моҳиятбини сиёсати кишварҳои шарқӣ дар тасмигарии сиёсиаш баробари таснифи мақола ва гузоришҳо навиштаҳои дигарро низ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст, ки дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ба нашр расидаанд. Аз ҷумла, дар шумораи 46-уми маҷалла аз 12-уми августи соли 1920 мақолае бо номи «Дар Туркия» бо имзои Син-Мим тарҷума ва нашр шуда, ки баргирифта аз шумораи 29-уми рӯзномаи «Ахбор» (чопи Боку) аст ва он фарогири масъалаҳои дардноки сиёсию иҷтимоии Туркия мебошад. Мақола ба нақду таҳлили воқеаҳои муҳимми инқилобии Туркия бахшида шудааст. Дар ибтидо ҳамон назари С. Айнӣ ба фаъолияти фирқаи миллии туркӣ бори дигар ба миён гузошта шудааст: «Миллатхоҳони турк, ки дар Она-тӯлӣ зери қумондон Мустафо Камолпошшо ҷамъ омада буданд, дар ниҳояти ҷиддият ба кор шуруъ карда»-анд. Ба нишондоди мусанниф миллатгарони турк бо забти соҳили баҳри Сиёҳ ва Мармара кӯшиши гузаштан ба тарафи Истамбул намуданд.

Аз ишораҳои С. Айнӣ дар пешгуфтори тарҷума равшан мешавад, ки англисҳо сабаб ва мояи ҳаёти зиндагии туркон – маъдани зуғолсанги Зонғулдоқро аз худ карда ва фирқаи миллӣ аз нав онро ба даст дароварда ва қувваи англисро аз он маҳрум кардааст. Мебинем, ки ин масъала чӣ қадар диққат мебарад ва хеле огоҳона аст. Мутарҷим ба ҳодиса баҳои сазовор медиҳад. Дар мақола таъкидан гӯшзад шудааст, ки «миллатхоҳони турк чӣ гуна ҳозирӣ дидаанд ва ҳукумати Истамбул ба чӣ ранг рафтор карда, аҳволи руҳияи пойтахт ва назарашон ба ҳукумати Истамбул ва Англис чӣ гуна аст!?»

Ба хулосаи хушбинонаи муаллиф, ки тарҷумаи онро С. Айнӣ анҷом дода, «дар Туркия рӯзҳои охир ҳаёт ва зиндагонӣ хеле дигаргун шудааст. Масъалаи ҳаёти сиёсӣ дар байни қавми турк хеле ҷиддият пайдо кардааст... Дар миёни ранҷбарони турк инқилоб рӯз ба рӯз ба шиддат дар тазоид аст» [52, с. 88].

Мақолаи «Гургон гӯсфандро чӣ гуна пора карда фурӯ бурданӣ» низ аз боби сулҳи Версал ва масъалаи Туркия баҳс мекунад. Дар эзоҳи «Куллиёт»-и С. Айнӣ ба ҷилди 9-ум сулҳи Версал «муоҳадаи империалистие» аст, ки дар таърихи 28-уми июни соли 1919 дар байни ШМА, Англия, Франсия, Италия, Япония, Белгия ва ғайра, аз як тараф, ва Германияи мағлуб, аз тарафи дигар, дар Версал (наздикии Париж) баста шудааст. «Бо ин муоҳада ҷанги якуми ҷаҳон (1914-1918) ба охир расид» [52, с. 389].

Мебинем, ки иҳотаи сиёсии С. Айнӣ то куҷост? Дар мақола мулоҳиза оид ба нутқи муфассали садр-ул-вузарои Юнон Ванезалус дар заминаи аҳдномаи Версал, ки ба қазияи Туркия бахшида шудааст, баён ёфтааст. С. Айнӣ дар хулоса бо руҳи нерӯманди иҷтимоӣ, публитсистона, бо оҳанги наҷотхоҳӣ ва тараққипарварона мегӯяд, ки «Эй инқилоби наҷоткор! Эй Байрақи Сурх! Ту муқаддас ҳастӣ! Ту, ки як оташи барафрӯхта аз виҷдони сӯхтаи мазлумин ҳастӣ, диёри зулмро кадом вақт хоҳӣ сӯзонид? Туркияи мазлум чашм ба роҳи туст! Чашм ба роҳи туст!!!» [52, с. 94].

Аз таҳлили равандҳои сиёсиву иҷтимоии кишвари Туркия, дар маҷмуъ Шарқ дар осори публитсистии Садриддин Айнӣ бармеояд, ки ин муаррихи равандшинос ба зисту зиндагии кишварҳои шарқӣ, масъалаи инқилоби Шарқ, ҳадафи нопоки ғосибони аврупоӣ дар Шарқ бисёр дақиқу ҷиддӣ рӯй оварда, симояшро чун донандаи хуби сиёсату иҷтимоиёт намоён кардааст.

Ба ин хулоса метавон расид, ки Садриддин Айнӣ на танҳо шоир, адиб, адабиётшинос ва забондону луғатдон, балки сиёсатшиноси соҳибназар, публитсисти шуълавар, таърихнигар ва таърихнигори мумтоз, таҳлилгари ҷиддии рӯйдодҳо ва воқеаҳои сиёсии ҷаҳон, бинандаи нуктаҳои ниҳони сиёсати ҷаҳон ҳам ҳаст. Аз диди мо, бояд манобеи муҳимми таҳлилгарии С. Айнӣ амиқ ва усулан ба пажуҳиш расад, нуктаҳои нозуктар аз мӯйи андешаҳои милливу сиёсии ӯ равшан гардад. Ин роздон ва ноқиди сиёсат нуктаҳои мубрами сиёсати шарқӣ, авзои иҷтимоии меҳнаткашони Шарқро бо ҳама паҳлуҳои аҷиб бо ҷиддият ба таҳлил бурда, назокати сиёсатро бисёр бо азм ва мӯбамӯ ошкор

карда, ки пажуҳиши он дар оянда ҳам нуктаҳои камтаҳқиқшудаи ҷаҳонбинии С. Айниро ошкор хоҳад кард...

Осори ҷовидонии С. Айнӣ маълумоти фаровон ва арзишманде дорад, ки метавон дар ҳар марҳалаи мухталифи бозсозии миллат ва бақои давлати азизу арҷманд аз онҳо зиёд ба кор гирифт…

## II.5. Вежагиҳои нақди адабӣ ва зуҳури аввалин китоби таърихи адабиёти навини тоҷик

Охири солҳои 30-юми садаи XX-ро дар адабиётшиносӣ бархе аҳли илми адаб ва ноқидон давраи тағйири андаки сифатӣ маънидод карданд, ки гӯё дар он давра қазовату биниши илмӣ дар пажуҳишҳои адабӣ нисбат ба пештар дигар гардидааст. Дар рисолаи М. Раҷабӣ ин давра марҳалаи тозаи ҷустуҷӯҳои нақд ва адабиётшиносӣ ба ҳисоб омада, сабаб ва моҳияти он равшан шудааст [307, с. 101-131].

Ин вежагии замонро ба доираи ҷустуҷӯ гирифтани пажуҳишгар муҳим аст ва мо ин қазияро ба сифати табдил ва таҷдиди назар дар нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ матраҳ кардаем. Ин шева, аз даст додан ва ё ба даст овардани шакле (андешае) аз шакл ва андешаи дигар аст, ки метавонад ба василаи даврон ва дар таъсири афкори расмии замон сурат бигирад.

Адибону пажуҳишгарон дар шинохти ҷавҳару руҳи мероси классикӣ то ҷойе ба дигар кардани ақида ва андеша пардохта, ба ин васила дар меъёри баёни матлаб ва баҳо, дар савияи таҳқиқи илмӣ як дараҷа ислоҳи иштибоҳ ва саргумӣ ба зуҳур омад. Аммо ин меъёр низ ҳудуд дошт.

Дар адабиётшиносӣ ин меъёр аҳаммият пайдо кард, ки бе кашфу дарки ҳақиқати таърихӣ арзёбии мероси гузашта имконпазир нахоҳад буд. Аз ин рӯ, зарурати равшан кардани моҳияти масъала бо ҳама муаммову печидагӣ ба миён омад.

Ин давраи талошҳои адабиётшиносӣ бо назардошти боздид ва ислоҳу такмили бархе андешаҳои илмӣ аҳаммият дорад. Аз сӯйи дигар, дар бисёре аз нуктаҳои афкори адабиётшиносӣ нуфузи идеологӣ қавӣ буда, баррасии синфӣ ва синфиятгарӣ ба сифати меъёри асосии таҳқиқ ҷойгоҳашро нигоҳ доштааст.

Охири солҳои 30-юми садаи XX майли омӯзиши мероси адабӣ боло рафт: «…аз адабиёти классикӣ унвони «адабиёти феодалӣ» ва аз адибони классик унвони «хидматгорони феодалон» ва «душманони пролетариат» бардошта шуд,… «бо нуқтаи назари танқид» омӯхтани мероси гузашта ва дарёфтани

«материалҳои пурқимат»… боз ба мавқеи аввал баромад. Дар натиҷа дар адабиётшиносӣ ҷунбиши чашмрасе ба вуҷуд омад» [303, с. 110].

Таълиф ва нашри силсилаи пажуҳишҳо дар заминаи адабиёти классикӣ ва майлу таваҷҷуҳи ҳар чи бештар ба адабиёти гузашта аз ин ҷиҳат муҳим буданд. Таълифоти А. Деҳотӣ «Шоир, донишманд ва гуманисти бузург» (1940), «Як-ду сухан дар бораи достони «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ» (1941), Х. Мирзозода «Сатиранависи бузург Убайди Зоконӣ» (1939), «Носири Хусрави Қубодиёнӣ» (1939), «Абӯмуиниддин Носири Хусрав» (1940), Л. Бузургзода «Носири Хусрав» (1939, ба забони русӣ), «Великий учёный, поэт XI века Носири Хусрау» (1940), Ш. Ҳусейнзода «Камоли Хуҷандӣ» (1940) ва… хазинаи адабиётшиносии ин давраро ташкил медиҳанд.

Бархе мақолот – А. Деҳотӣ «Барои тараққиёти минбаъдаи адабиёти советии тоҷик» (1938), «Дурдонаҳои мероси мадании мо» (1940), Н. Маъсумӣ «Чуқур омӯхтани мероси адабӣ вазифаи муҳимми муассисаҳои илмии мост» (1940) назарияи омӯзиши адабиёти классикиро пайгирӣ ва зинаҳои таҳаввули афкори адабиётшиносии муосирро бозгӯй карда, чун намунаи муҳимми замони «бозҷустҳои тозаи адабиётшиносӣ» (М. Шакурӣ) аҳаммият дарёфтанд.

Дар ин марҳала падидаи муҳимми илмӣ – таҷдиди назар ба масъалаҳои куҳан ва такмили андешаи гузашта сифати таҳқиқу нигариш ба таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикиро нишон медиҳад. Масалан, А. Деҳотӣ дар канори дифоъ аз назарияи инкоргарии нимаи дувуми солҳои 20-уми садаи XX дар интиҳои солҳои 30-ум ба тарғиби баҳрамандӣ, омӯзишу пажуҳиши мероси шоирон ва нависандагони классикии форсӣ-тоҷикӣ пардохтааст [75, с. 150].

Василаи дигари руҷуъ ба мероси классикӣ табъу нашри маҷмуаи осори адибони форсу тоҷик бо кӯшишу ҳиммати адабиётшиносон ва адибони тоҷик дар арафа ва солҳои ҷанги ватанӣ дар заминаи ғояҳои ватанхоҳӣ аст. Дар ин маврид бештар ба осори Фирдавсиву Саъдӣ руҷуъ шудааст, ки барои мутолиа ва дарки нуфузи адабиёти классикӣ дар рӯзгори муосир имтиёзи бештар оварданд. Аз ҷумла, сарсуханҳои А. Лоҳутӣ ба ин осор аз лиҳози таҷдиди назар

ва бознигарӣ ба андешаи пешин – таъйини муҳтаво ва дарунмояи осори адабии гузашта, ҷустуҷӯи «баландии мазмун», «зебоии сабк», «азамати руҳ», «равонии сухан»-и Фирдавсӣ (сарсухани «Коваи оҳангар») ҷолибанд. Аммо Лоҳутӣ дар ин ҷо мазмуни «Шоҳнома»-ро ба қолаби назарияпардозии замон ғунҷонида, аз пайванди ғоявии гузаштаву ҳозира масъала гузоштааст: «Бубинед, устоди тӯсӣ бо чи мардонагӣ, бо чи далерӣ ва ҳаққоният фиребкорӣ ва дурӯии дарбори подшоҳони золимро нисбат ба халқ нишон медиҳад ва бо чи ғуррише бар зидди он протест мекунад… Кист, ки дар ин наъраи Кова ҳайкали бузургвор ва тавонои халқро набинад? Заҳҳок ҳамон ҳайкалро дида, дар муқобили он худро мағлуб ҳис кард. Беш аз ҳазор сол пеш аз ин Фирдавсии кабир ду даста, ду гурӯҳ ва ё дар ин давра ба истилоҳи марксизм ду синф будани мардумонро фаҳмид…» [66, с. 120].

Шубҳа нест, ки таъкиди руҳи ватанпарварӣ-ҷанговарии осори гузашта дар асл бо ҳадафи бедор сохтани ҳисси мардуми шуравӣ ба зидди фашизми гитлерӣ сурат гирифтаанд. Дар ин амр таъкиди пайванди «Шоҳнома» бо ниёзҳои иҷтимоии замон аҳаммияти асосӣ пайдо кард. Дар фаҳмиши А. Лоҳутӣ тасаввуре, ки «аз хондани «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва аз хурдсолӣ шунидани афсонаҳои гуногуни халқ» дар хаёлаш мондааст, «бо назарияи коммунистӣ дар бораи як оҳангар, роҳбари шӯриши халқӣ дар чанд ҳазор сол пеш, як шуда, шакли он Коваеро, ки дар либреттои «Коваи оҳангар» тасвир шудааст, ба вуҷуд овард» [82, с. 120-121].

А. Лоҳутӣ дар сарсухани маҷмуаи «Алмосҳои мардонагӣ» ба ин натиҷа расидааст, ки Фирдавсӣ дар миёни устодони адабиёти дунё яке аз беҳтарин созандагони сухани баланд, «достоннависи бузург», «ифтихори адабиёти форс-тоҷик» аст, «Шоҳнома» як қисми дурахшонест аз он мероси мадании умумиҷаҳонӣ», «байтҳои ин лашкаркаши сухан… монанди тӯп меғурранд ва мисли тир мепарранд, ҳазорсола бошанд ҳам, хосиятҳои ҷангии худро ҳеҷ гум накардаанд» [82, с. 122].

Шинохти А. Лоҳутӣ моҳияти замони нав, чигунагии майли хонандаи давраи комилан дигари иҷтимоиро ба дурдонаҳои адабиёти куҳан ифода мекунад. Дар ҳар ҳол ин ҷо «сирри таъсири бардавом ва ҳайратангез»-и «Шоҳнома» дар нафосати олии асари Фирдавсӣ шинохта шудааст: «Халқи мо беҳтарин сифатҳои худро дар қаҳрамониҳои он достонҳо мешиносад» [82, с. 123].

Ба ҳамин тариқ, дар адабиётшиносии солҳои 40-уми садаи XX ба мероси адабии тоҷикон махсус рӯйоварӣ шуд ва, ба ин васила, қадами то андозае ҷиддӣ гузошта шуд. Мақолаи Н. Маъсумӣ бо таъкиди аҳаммияти байналмилалии адабиёти гузашта оғоз мешавад: «Адабиёти классикии тоҷик бо мазмуни ҳартарафа ва жанрҳои гуногуни худ дар саҳнаи адабиёти ҷаҳонӣ мавқеи бисёр муҳимеро ишғол кардааст» [83, с. 3].

Нуктаҳое, ки дар даҳаи севум ба унвони «маҳдудият» ва «мағлубияти» осори классикӣ шинохта шудаанд, дар ин марҳала чун нуқси баҳрамандӣ ва нокомилии баҳо ба адабиёти гузашта муаррифӣ гардид; ин заъфу нуқс ба сари «душманони халқ – миллатчиёни буржуазӣ» вогузор гардид, ки аз назари замона душмани ғоявии адабиёти миллӣ буданд; онҳое душман муаррифӣ шуданд, ки тоҷиконро аз мероси адабиашон маҳрум сохта, аз тамоми ҷанбаҳои судбахши шоирони гузашта чашм пӯшида, онҳоро ба сӯфигарӣ, миллатгароӣ ва хаёлпарастӣ айбдор карданд.

Ба ин ҷиҳати масъала А. Деҳотӣ низ ишора кардааст. Бино ба хулосаи ӯ бо такя ба андешаҳои А. А. Фадеев сабабгори асосии беобрӯй ва бадном кардани беҳтарин намояндагони мероси классикӣ «душманони халқ»-анд, ки дар асарҳои шоирони классикӣ нишонаҳои миллӣ, оҳанги «миллигароӣ» эҳсос карда, боиси инкори аҳаммияти мероси гузашта ва монеи нашри он гаштанд [76, с. 2].

Н. Маъсумӣ ба муайян кардани арзиши таҳқиқоти ховаршиносони аврупоӣ пардохта, дар баробари дастовардашон дар заминаи муҳимтарин падидаҳои адабиёти гузаштаи форс-тоҷик (дар фосилаи зиёда аз 200 сол) ва гирдоварии

захираҳои пурқимати адабӣ – мероси аҳди классикии адабиёти тоҷик ба нақду сарзаниши моҳияти таҳқиқи онон низ кӯшидааст: «…ба дурустӣ таъйин кардани идея ва хусусиятҳои бадеии эҷодиёти намояндагони асосии давраи классикии адабиёти мо ба олимони Европа мумкин набуд» [83, с. 3].

Дар таъйини сабабҳои ин бардошт, фаҳмиши моҳияти ин бартариҷӯии илмӣ метавон аз руҳи замонии қазия ба кор гирифт. Ба назари ӯ танҳо адабиётшиносии марксистӣ ба ҳаллу фасли масъалаи адабиёти гузашта қодир буда, довари ягонаи мерос адабиётшиносии шуравист, омӯзиши он танҳо «ба уҳдаи интеллигентсияи мамлакати сотсиализм» аст ва чунин имтиёз аз он ҷост, ки зиёиёни мамлакат ба тамоми имкониятҳо соҳибанд.

Мағзи андешаҳои Н. Маъсумӣ аз он ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки он замон ҳаллу фасли масъалаҳои асосии адабиёти халқҳо, масъалаи генетикӣ бе такя ба методологияи марксистӣ-ленинӣ, бе бартариҷӯии синфӣ имкон надошт, аз ҳамин ҷиҳат гӯё сабаби асосии дар Аврупо ба дурустӣ баррасӣ нашудани мероси классикӣ аз чигунагии ҷаҳони сармоядорӣ ва ғайри пролетарӣ будани маҳаки таҳқиқ сар задааст. Гӯё танҳо адабиётшиносони тоҷик дар меҳвари асосии чунин вазифа қарор доранд ва омӯзиши мероси гузашта танҳо бар дӯши онҳост. Ин масъала вазифаи нахустини зиёиёни тоҷик ва «базаи ин кор ҳам дар навбати якум Тоҷикистони сотсиалистӣ мебошад» [83, с. 3].

Нашри маҷмуаи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» дар шакл гирифтани андешаҳои илмии замон нақши муҳим ва қобили таваҷҷуҳе пайдо кард. Ин китобро адибону олимони замон Х. Мирзозода, Ҷ. Суҳайлӣ, Ҷ. Икромӣ, К. Лутфуллоева, Л. Бузургзода дастҷамъона таҳия ва танзим карда, дар зери таҳрири умумии С. Айнӣ, С. Улуғзода, А. Деҳотӣ, М. Турсунзода, И. Брагинский ва М. Раҳимӣ ба истиқболи 10-солагии таъсиси Ҷумҳурии шуравии Тоҷикистон соли 1940 ба табъ расид [99].

Як майли гурӯҳе аз адабиётшиносону ноқидони нимаи дувуми солҳои 20-30-уми садаи XX инкору камбинии гузашта ба хотири таъкиди бартарии сохти имрӯза ба василаи осори адабӣ буд. Аммо, ҳарчанд дар охири солҳои 30-юм

тавaҷҷуҳ ба мерос ранги дигар гирифт, масъалаи бартарии сохти нав бар шеваи куҳан боқӣ монд. Ин нукта дар сарсухани «Намунаҳои адабиёти тоҷик» аҳаммияти асосӣ пайдо кардааст.

Сабаб ва омилҳои асосии таҳқиқи адабиёти гузашта, рӯй овардан ба мероси шоирони классикии «форсу тоҷик» аз ин сарсухан равшан ҳувайдо аст: Шоирони бузургро золимон ва амирону хонҳо дар зиндагиашон аз дарбор ронда, таъқиб намуда, кушта, ба балоҳо гирифтор карда, руҳониён дар ҳаққи онҳо пас аз фавташон дурӯғҳо бофта, мероси адабӣ ва илмии онҳоро ғалат тафсир кардаанд [99, с. X].

Ин зарурат таъкид шуд, ки бо ифшои «ноадолатӣ» дар ҳаққи шоирон ҷанбаҳои халқпарварӣ ва мутобиқати эҷодиёти онҳо бо руҳияи замон пажуҳишҳо анҷом ёбанд. Аз ин рӯ, «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ҳадафи замонро пайгирӣ мекунад. Дар сарсухан зарурати таҳияи ин маҷмуа чунин матраҳ шудааст: «Дар шакли олии бадеӣ тасвир ва ифода намудани ҳиссиёти нави халқ (созиш бо «ҳаёти нав» – С. А.), ба майдон овардани асари калони бадеие, ки ҳаёти нав ва одамони навро тасвир кунад, вазифаи масъулиятнок ва, дар баробари ин, бисёр ифтихорноки адабиёти советии тоҷик аст, ки инро нависандагон ва шоирони Тоҷикистон ҳис мекунанд» [99, с. XI].

Ин аст, ки бо «Намунаҳои адабиёти тоҷик» дар он шакле, ки андешида ва ба чоп расидааст, маънидоди роҳи тайкарда ва давраҳои паси сар шудаи адабиёти тоҷик, комёбӣ ва камбудиҳо, баёни роҳҳои рушди минбаъдаи он созгор ва муносиб будааст.

Дар ин сарсухан усули даврабандии адабиёти тоҷик бар асоси таърих (ки такя бар равиши марксизм дорад) матраҳ гардид, зеро «роҳи тараққии адабиёти тоҷик бо роҳи таърихии тараққии халқи тоҷик алоқаи қавӣ» дошт. Ҳудуди асосӣ дар шинохти давраҳои асосии рушди адабиёти тоҷик инқилоби октябр ба шумор омад [99, с. XII]. Тибқи меъёр таърихнигории шуравӣ инкишофи ҷомеаи инсониро дар ду марҳалаи куллӣ дастабандӣ мекард: аз давраи бостон то

пирӯзии инқилоби соли 1917 ва аз пирӯзии инқилоби соли 1917 то замони таснифи китоб.

Чи навъе, ки дар боби аввал таъкид кардем, даврабандӣ дар сарсухани «Намунаҳои адабиёти тоҷик» чунин сурат гирифтааст: марҳалаи тооктябрӣ – давраи ҳукмронии муносибатҳои феодалӣ ва давраи мубориза барои сохтмони муносибатҳои сотсиалистӣ, пирӯзии сотсиализм дар Тоҷикистон [99, с. XIII].

Дар афкори иҷтимоии солҳои 30-юми садаи XX ин нукта аҳаммият дошт, ки «маданияти сотсиалистии имрӯзаи мо бо маданияти феодалӣ ё капиталистӣ алоқа надорад». Аммо, бо тағйири назарияи илмӣ дар даҳаи чаҳорум қазияи пайванди байни «маданияти кӯҳна» ва «маданияти нав» матраҳ шуд: «Магар мумкин аст гуфт, ки мо аз маданияти кӯҳна ва аз мероси кӯҳна истифода набурда, маданияти нави сотсиалистӣ сохта истодаем? Дар соҳаи сохтани маданияти нави сотсиалистӣ маданияти кӯҳна манфиати беандоза бузурге мерасонад» [83, с. 3].

Дар бозгӯи ин матлаб назарияи яке аз бунёдгузорони таълимоти марксистӣ В. И. Ленин роҷеъ ба сохтмони маданияти пролетарӣ бо роҳи коркарди нави он далели раднопазире буд, ки адабиётшиносии даҳсолаҳои қаблӣ низ дар шинохти маҳдудияти адабиёти гузашта аз он суд ҷустааст.

Ба чаҳорчӯбаи ин маданият – маданияте, ки дар тамоми рушди инсонӣ ба вуҷуд омадааст ва тамаддуни гузашта, аз ҷумла мероси адабии халқу миллатҳо низ дохил мешавад.

Ҳадаф ва манзур аз ин матлабҳо чист? Модоме ки бо такя ба дидгоҳи В. И. Ленин дар нимаи дувуми солҳои 20-ум ва 30-юми садаи XX бар дӯши адабиёти гузашта тамғаи «бой», «феодалӣ», «аристукратӣ» ва монанди инҳо вогузор мешуд, пас сабаб чист, ки дар солҳои 40-ум бо такя ба ҳамин қазияи В. И. Ленин тарғибу омӯзиши ин мерос сурат гирифт?

Дар даҳсолаи чаҳорум низ на тамоми мерос дархури хостаҳои замона қарор гирифт. Пас, дар адабиёти гузашта ҳамеша нуктаҳое ҳастанд, ки ба ниёзҳои замон посухгӯянд. Н. Маъсумӣ дар ин маврид низ ба В. И. Ленин такя кардааст:

«Маданияти пролетарӣ бояд тараққии гуногуни ҳамон захираҳои дониш бошад, ки инсоният онҳоро дар зери зулми ҷамъияти капиталистӣ, помещикӣ, чиновникӣ кор карда баровардааст» [83, с. 3].

Адабиётшиносони тоҷик дар ин аҳд кӯшидаанд ба талошу кашмакаши олимони «кӯтоҳандеш» ва «ховаршиносони схоластикӣ» хотима бахшанд: «Руҳониёни Помир Носири Хусравро ба сабаби ин ки дар муддати ҳаёташ тарафдори исмоилизм будааст, ба халқи Помир ҳамчун як шахси муқаддас ташвиқ мекарданд, халқи бесавод маҷбур буд, ки ба «авлиёгӣ»-и ӯ бовар кунад ва «Шоносири хусравӣ, шаҳи банданавоз» гӯён ба худ аз вай мадад талабад» [76, с. 2].

Чунин самтгирӣ афкори адабиётшиносонро ба умумияти омӯзиши мерос аз назари синфӣ овард ва дар тамоми пажуҳишҳои замон ин нукта ба сифати маҳаки асосии таҳқиқ пазируфта шуд. Аз ҷумла, ба нашр расидани «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ба сифати муваффақияти муҳим муаррифӣ гардид.

Чашмандози илмӣ дар шинохти адабиёти классикӣ ба нуктаҳое гиреҳ мехӯрад, ки ҳадафи меросбарии замонро нишон медиҳад: Тавсифи пурраи замон, авзои моддиву маънавӣ, муносибати синфи ҳукмрон ба рушди маданият, гирудори сиёсӣ ва муносибати гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеа, таъйини муносибатҳои сиёсиву иқтисодии давра ва…

Дастури ба талаботи замон мувофиқ кардани адабиёти гузашта ва дастрасии насли нав ба ҷиҳатҳои созгори он пажуҳишгаронро ба тарҳрезии консепсияи ҷадиди илмӣ водор кард. Фаҳмиши ҷаҳони розҳо ва ормонҳои шоирони классикӣ бе шарҳу тафсири комил мушкилоте ба вуҷуд овард. Аз ин рӯ, бояд муҳаққиқон зарурати шарҳи ҳадаф ва ормонҳои шоирони классикиро эҳсос намоянд ва кӯшише дар роҳи дастрасии онҳо ба аҳли мутолиа ба харҷ диҳанд.

Ба ин тариқ, дар нимаи дувуми солҳои 20-ум ва 30-юми садаи XX қазияи печидагии баён «назарияи» дастрасии омма ба мероси гузаштаро ба вуҷуд овард. Печида ва аз дарку фаҳмиши мардум дур будани осори давраи классикӣ

дар чашмандози адабиётшиносони ибтидои солҳои 40-уми садаи XX низ аҳаммият пайдо кардааст: «Агар Саъдиро гирем, дар «Бӯстон» ва «Гулистон»-и вай материалҳо зоҳиран сабук ва мафҳум менамояд.

Аммо ин сабукиҳо бо масъалаҳои сиёсӣ-фалсафӣ ва ахлоқӣ печида шудааст. Вале ҳамин ки ба куллиёти ғазалиёти ӯ наздик шудед, тамоман бо масъалаҳои таърихӣ-фалсафӣ мураккаб шудани ӯро мушоҳида кардан мегиред. Яке аз вазифаҳои интеллигентсияи тоҷик мана ҳамин тарафи масъаларо ба омма дастрас кардан мебошад» [83, с. 3].

Зикри ин масъалаҳо нақду танқиди ҳолату вазъияти омӯзиши осори сухансанҷии садаҳои миёнаро ба вуҷуд овард, таваҷҷуҳи доираҳои илмӣ ба таҳқиқу баррасии адабиётшиносии давраи классикӣ ҷалб гардид. Ин дар ҳолест, ки ба ҷуз аз осори илмии С. Айнӣ ва бархе таълифоти аҳли таҳқиқ оид ба рӯзгору осори адибони классики тоҷику форс дар заминаи афкори назарии давраи гузашта асари илмие ба миён наомада, асарҳои назарии назарияпардозони форсу тоҷик – Муҳаммади Родуёнӣ, Рашиди Ватвот, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Шамси Қайси Розӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва монанди инҳо ҳанӯз нашру баррасӣ нашуда буданд.

Н. Маъсумӣ ба омӯзиши дақиқи ҷанбаҳои назарии адабиёти гузашта таваҷҷуҳ карда, қонунияти зотиву ирсии шеъри қадимро дар заминаи шакл ба миён гузоштааст. Дар ин маврид бештар аз донистани вежагии шаклии адабиёт ба хотири истифода аз имконияти мероси адабӣ, масъалаҳои шеършиносӣ ва хитоба, вазни шеъри тоҷикӣ, шаклу шеваи баён, қофия ва рукнҳои он, радиф ва муносибати он бо қофия, саноеи адабӣ – ташбеҳ, истиора, киноя ва жанрҳо сухан ба миён омадааст, ки муаммои мазкур дар шеъри тоҷикӣ барои кушоиши моҳияти асари бадеӣ ва мазмуни он нақш доранд.

Дар адабиётшиносии замони мавриди баҳс ковиши ҷанбаҳои фалсафӣ аз мавзуъҳои асосӣ ва меҳварӣ шинохта нашудааст. Чунин равиши эҷодии адабиёти гузашта зоҳирпарастӣ ва шаклгароӣ ба шумор омад. Мавзуи ҷустуҷӯи фалсафӣ ва вусъати олами хаёлоти шоирӣ дар адабиёти классикӣ ҳамеша бо

баҳрамандии замони нав дар мавқеи носозгоре қарор дошт. Гӯё ба зеҳни хонандаи имрӯз созгор набудани ормони шоирон ба фалсафаи баланд ва тасвири амиқи адабиёти классикӣ дар пайванд буда, бо чунин шева расидан ба ормонҳои давр душворие пеш меоварад. Адабиётшиносон иллати ифодаи печ дар печи фалсафӣ ва «суханбозиҳои» классиконро аз чигунагии вазъи замонаи гузашта ҷустаанд. Дар фаҳмиши замона фишору тазйиқи феодализм ва руҳонияти ислом сабаби пайдоиши чунин шеваи эҷод шуда буд [83, с. 3].

Аз ин рӯ, бархе шоирони номдори гузашта ба тазкираи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ворид нашуда, дар сарсухан сабаби он таъкид гардидааст: «Дар ин ҷо, махсусан, як гурӯҳ шоирони маддоҳ, ки каму беш вазн ва аҳаммият доштанд, низ надаромада монданд. Аз қатори ҳаминҳо Анварӣ, ки дар адабиёт таъсири зиёд доштааст ва асосан ба дараҷаҳои формалии шеърият боло баромада ва дар жанри қасида намуна шудааст, низ ба қатори номбурдагони мо надаромад. Эҷодиёти инҳо ва эҷодкории адабиёти классикӣ, ки дар ҳақиқат адабиёти тоҷик мероси худро аз он мегирад, характернок шуда наметавонад» [99, с. XVIII].

Аз ин чашмандоз, масалан шоире чун Сайфи Исфарангӣ, ки аз рӯйи таъкиди А. Фитрат (1928) дар қасидасароӣ «хаёлоти рангоранг, услуби пурматонат ва шеваи бовиқоре» дорад ва «яке аз қасидагӯёни номдори адабиёти форсӣ» [47, с. 12-17] мебошад, ба китоби «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ворид нагардидааст.

Ташаккули адабиётшиносии тоҷикӣ ҷанбаҳои гуногуне дошта, афкори илмӣ дар ҳар марҳалаи садаи XX печида аст, раванди илми адабиётшиносӣ моҳияти иҷтимоии замонро бозгӯй мекунад. Адабиётшиносии солҳои 20-ум, 30-юм ва 40-уми садаи XX роҳи душвори таҳаввули сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии тоҷиконро нишон дода, бо вуҷуди ин дар ҳар ҳол заминае барои ривоҷи тафаккури илмии давраи пасин фароҳам овардааст.

***

Таҳқиқи нисбатан васеъи илмии таърихи адабиёти тоҷикии садаи XX ба унвони «адабиёти шуравии тоҷик» аз нимаи дувуми солҳои 40-уми садаи XX оғоз ёфта, дар китоби дуҷилдаи «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик»* навъе ҷамъбаст гардидааст. То ин вақт кӯшиши ба таври илмӣ офаридани таърихи адабиёт аз ҷониби олимони тоҷик ба чашм намерасад. Танҳо соли 1928 «Аз таърихи адабиёти форс» ном асари Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ба табъ расидааст. Дар маҷаллаҳои илмиву адабии тоҷикӣ солҳои 30-юми садаи XX мо танҳо бо баъзе рубрикаҳои «материалҳои таърихи адабиёти тоҷик» бармехӯрем. Дар маҷаллаи илмиву адабии «Барои адабиёти сотсиалистӣ» мақолаҳои аҳли таҳқиқ, мутахассисони таърихи адабиёти форсу тоҷик, монанди Е. Бертелс, Х. Мирзозода ва дигарон оид ба симоҳои адабиёти гузашта – Анварӣ, Низомӣ, Аҳмади Дониш, Сиддиқии Аҷзӣ ва дигарон дар зери ин рубрика – «материалҳои таърихи адабиёти тоҷик» ҷой дода шудаанд [**аз ҷумла ниг**.: 91].

Дар солҳои 40-уми садаи XX чунин кӯшиш бо маҷмуаи «Намунаҳои адабиёти тоҷик», осори таҳқиқии С. Айнӣ, Х. Мирзозода, С. Улуғзода, Л. Бузургзода ва дигарон дар боби рӯзгору мероси классикони адабиёти форс-тоҷик – Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Саъдӣ, Восифӣ, Бедил, рисолаҳои А. Мирзоев оид ба Сайидо ва Мулҳами Бухороӣ ба миён омадааст. Аммо падидаи офаридани китобҳо бо унвони ҷудогонаи таърихи адабиёт асосан нимаи дувуми солҳои 40-уми садаи XX ба миён гузошта ва ба расмият даромадааст.

Ба ин маънӣ, соли 1948 аввалин маротиба дастури таълимии мунаққид С. Табаров бо унвони «Материалҳо аз таърихи адабиёти советии тоҷик» барои донишҷӯён ба нашр расид. Чунин кӯшишро Х. Мирзозода ҳам барои ба миён овардани манзараи умумии адабиёти асрҳои ХУ1-XIX ва ибтидои садаи XX ба харҷ додааст, ки соли 1950 мавриди нашр қарор гирифт.

* Минбаъд ин китобро мухтасаран «Очерк» номидем. – Муаллиф.

«Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» дар ду ҷилд бо кӯшишу заҳмати ходимони сектори адабиёти советии Институти забону адабиёти АФ РСС Тоҷикистон дар ҳамкории зич бо мутахассисони Институти шарқшиносии АФ СССР таълиф шуда, аввал ба забони русӣ дар як китоб [155] ва, сипас, ба забони тоҷикӣ дар ду китоб [100; 101] дастраси олимону алоқадорони нақди адабиву адабиётшиносӣ қарор гирифтааст.

Ин асар аввалин таърихномаи адабиёти давраи нави тоҷик буда, бо вуҷуди норасоӣ ва заъфи таълиф дар сатҳу савияи матлуби адабиётшиносӣ, тафаккури наққодӣ ва чашмандози илмии он солҳо ба миён омада, имрӯз низ аз ҷониби аҳли таҳқиқ ҳамчун «ибтидои омӯзиши системаноки таърихи адабиёти муосири тоҷик» [319, с. 94] арзёбӣ шудааст.

Мутолиаи маводи дараҷаи аввал дар заминаи нақду таҳлили «Очерк», ки пас аз нашри он сурат гирифт, яъне мақолаву тақризҳои мутахассисони солҳои 50-уми садаи XX, ҳамзамон арзёбии ин китоб дар марҳалаи дигари баъдии тафаккури адабиётшиносӣ – давраи бозсозии горбачёвии нимаи дувуми солҳои 80-уми садаи XX аҳли таҳқиқро то андозае бо рафти кор ва раванди вақту фазои таҳияи лоиҳаи таърихномаи аввали адабиёти нави тоҷик, ҳадафу нақшаҳои таълиф, арзишу аҳаммияти хоси он, дар маҷмуъ, бо маҳосин ва маойиби китоб ошно месозад.

Дар мақолаи М. Шукуров «Якумин «Таърихи адабиёти советии тоҷик» зимни бозгӯйи раванди таълифи китоби дигари шашҷилдаи «Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо» ба таърихчаи таълиф ва нашри китоби дуҷилдаи «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» низ ишораҳои муҳим сурат гирифтааст. Тибқи шаҳодати М. Шукуров «Очерк» чун кӯшиши нахустини тадқиқи умумии дастҷамъӣ бо роҳбарии мудири онвақтаи сектори адабиёти советии тоҷики Институти забон ва адабиёти АИ Шарифҷон Ҳусейнзода ба вуҷуд омадааст [393, с. 15].

Ҳайъати муаллифон қаблан аз ҳисоби мутахассисони номии замон, аз ҷумла ховаршинос И. С. Брагинский, адабиётшиносон С. Ш. Табаров ва Ш.

Ҳусейнзода созмон ёфт, сипас ба сафи ҳайъат муҳаққиқони ҷавон М. Шукуров ва А. Эделман, ки аввали солҳои 50-уми садаи ХХ дар радифи чанд мутахассиси хатмкардаи Маскав ва Ленинград ба Институти забон ва адабиёт барои фаъолияти таҳқиқӣ сафарбар гардида буд, ҳамроҳ шудаанд [366, с. 52].

Афзун ба инҳо дар таълифи бахшҳои ҷудогонаи қисми дувуми «Очерк» аҳли пажуҳиш Ю. Бобоев, М. И. Занд, Н. А. Маъсумӣ, Х. Мирзозода низ саҳм гирифтанд. Дар муаррифии ҳайъати таҳририяи қисми дувуми китоб номҳои Р. Г. Рафаэлова ва М. Явич низ ба сифати муаллифони бахшҳои ҷудогона сабт шудааст.

Муаллифи муқаддимаи қисми 1 – И. С. Брагинский, А. С. Эделман, Ш. Ҳусейнзода, боби 1 – А. С. Эдельман, боби 2 – И. С. Брагинский ва А. С. Эделман, боби 3 – С. Табаров, М. Шукуров ва Ш. Ҳусейнзода, боби 4 – Ш. Ҳусейнзода, хотима – А. С. Эделман ва Ш. Ҳусейнзода, мураттиби феҳристи мухтасари адабиёти советии тоҷик Ҳ. Баҳриддинова мебошанд.

Дар маҷмуъ, сохтори қисмати аввалини «Очерк» аз муқаддима, чаҳор боб – «Адабиёти советии тоҷик дар давраи ғалабаи Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр ва устувор гардидани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон (1917-1929)», «Адабиёти советии тоҷик дар давраи панҷсолаҳои пеш аз ҷанг (1930-1941)», «Адабиёти советии тоҷик дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)», «Адабиёти советии тоҷик дар давраи баъди ҷанг (1945-1954)» ва хотимаву феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар қисми дувуми «Очерк» таҳқиқи монографии рӯзгору осор ва мероси адабии намояндагони адабиёти нимаи аввали садаи ХХ – С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, П. Сулаймонӣ, М. Раҳимӣ, Ҷ. Икромӣ, А. Деҳотӣ, М. Турсунзода, С. Улуғзода, Р. Ҷалил, М. Миршакар, Ҳ. Юсуфӣ сурат гирифтааст, ки таълифи онро Ю. И. Бобоев, И. С. Брагинский, М. И. Занд, Н. Маъсумӣ, Х. Мирзозода, Р. Г. Рафаэлова, М. Шукуров, А. С. Эделман, М. М. Явич анҷом додаанд. Аммо дар мақолаи Ш. Ҳусейнзода аз номҳои Р. Г. Рафаэлова ва М. М. Явич ёд нашудааст [366, с. 52].

Бо вуҷуди таъкиди дақиқу равшани ҳаққи таълиф ба қисматҳои умдаи «Очерк» муаллифии бахшҳои ҷудогонаи он баъзан норавшан аст. Хусусан, дар қисмати очеркҳои монографӣ роҷеъ ба рӯзгору эҷодиёти намояндагони адабиёт на ҳамаи муаллифони он муайян шудаанд.

Тарҷумаи коркардшудаи русии китоб «Очерк истории таджикской литературы» ном дорад, ки аз ҷониби пажуҳишгарони Институти забон ва адабиёт бо ҳамкории ходимони Институти адабиёти ҷаҳонии ба номи Горкий АФ СССР, хосусан бо ёрмандии мунаққид ва адабиётшинос Г. Л. Ломидзе, таҳрири умумии адабиётшинос З. Г. Османова ва мунаққиди тоҷик М. Шукуров дар як ҷилди мухтасар ба табъ расидааст [156].

Як нуктаи муҳим он аст, ки ҳуқуқи муаллифӣ ба бахшҳои мухталифи китоб дар баргардони русӣ аз нусхаи тоҷикии он бархе тафовутҳо дорад. Ин нукта дар пешгуфтори ҳайъати таҳририя низ матраҳ шудааст. А. С. Эделман дар нашри тоҷикӣ муаллифи ҷудогонаи боби 1-ум буда, дар айни замон бо И. Брагинский дар таълифи боби 2-юм ширкат варзида буд. Дар боби аввали тарҷумаи русӣ хидмати ин ҳар ду ба сифати ҳаммуаллиф сабт шудааст. Иштироки Л. Демидчик ва Р. Ҳодизода дар нашри тоҷикӣ қайд нашуда буд, аммо дар такмилаи русӣ ба сифати муаллифони бахшҳои ҷудогонаи боби 3 (драматургия) ва 4 (танқиду адабиётшиносӣ) ворид шудаанд. М. Шукуров дар нусхаи тоҷикӣ танҳо дар таълифи боби 3 ҳаммуаллиф буд, аммо дар варианти русӣ афзун ба ин боб чун муаллифи бахшҳои ҷудогонаи боби 1 (А. Ҳамдӣ) ва боби 2 (Б. Азизӣ) сабт шуда, дар боби 4 таҳлили осори ҷудогонаи С. Айнӣ, Ф. Ниёзӣ, С. Улуғзодаро анҷом додааст. Муаллифони очеркҳои ҷудогонаи монографӣ дар бораи рӯзгор ва осори намояндагони адабиёти шуравии тоҷик С. Айнӣ – И. С. Брагинский, А. Лоҳутӣ – М. Занд, М. Турсунзода – Ю. Бобоев, М. Миршакар – Р. Левковская, С. Улуғзода – М. Шукуров ба ҳисоб меравaнд.

Ба ғайр аз ин, қиёси нусхаи тоҷикии «Очерк» бо тарҷумаи русӣ чанд нуктаи норавшани дигарро низ пеши назар меоварад. Аз ҷумла, ба ҷойи яке аз муаллифон қисми дувуми тоҷикӣ Р. Г. Рафаэлова дар такмилаи русии китоб

номи Р. Г. Левковская омадааст. Маълум нест, ки ин номҳо ҷудогонаанд ё иртиботе бо ҳам доранд ё омезиш ёфтаанд!...

Дар «Очерк»-и русӣ нақши мунозираву муҳокимаҳои мутахассисони дараҷаи аввали тоҷику рус равшан ба назар мерасад. Сохтори нусхаи русӣ аз муқаддима, чаҳор боб, тавсифи монографии рӯзгору осори С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, С. Улуғзода, М. Миршакар, хотима ва феҳристи мухтасари асарҳо таркиб ёфтааст.

Ҳадди бештари пажуҳандагон якҷилдаи «Очерк истории таджикской литературы» (1961)-ро тарҷумаи мухтасари китоби дуҷилдаи «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» (1956-1957) ба ҳисоб овардаанд, ки ба назари мо танҳо то ҷое дуруст асту халос. «Очерк»-и русӣ ба ҳеч ваҷҳ тарҷумаи мухтасари «Очерк»-и тоҷикӣ нест, балки такмилае бар китоби тоҷикӣ аст, ки бо иловаи номи чанд мутахассиси ҳамкор, афзудани бахшҳои ҷудогона ба бобу фаслҳо,ислоҳи куллии нуктаҳои таърихи адабиёт навин ва рӯзгору осори намояндагони барҷастаи он, коркарди назароти адабиётшиносӣ, илова ва ё қайчӣ задани нукоти таърихи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва адабии тоҷикон дар садаи нав, дар маҷмуъ таҷдиди назар ба матолиби «Очерк»-и куҳан рӯи нашрро дидааст.

Оид ба монандӣ, умумият, тафовути сохторӣ ва муҳтавоии гузоришҳо, ҳамназарӣ ва нигоҳи мутавфовити бахшу бобҳо, моҳияти таҳқиқ, матолиби назарӣ дар зимни таълиф, раванди таҳриру коркарди куллии ин ду асар ба таври ҷудогона метавон изҳори назар кард.

Дар маҷмуъ, бо такя ба ин суханони М. Шукуров метавон гуфт: «Дар таълифи китоб тамоми адабиётшиносоне, ки он вақт ба омӯзиши адабиёти ҳозираи халқи тоҷик машғул буданд, иштирок доштанд. Онҳо аз таҷрибаи танқиди ҷорӣ ва тадқиқоти адабиётшиносии солҳои 30-50-ум натиҷа гирифта, онро такмил дода, ҷидду ҷаҳд намуданд, ки манзараи умумии тараққии адабиёти тоҷикро давр ба давр аз назар гузаронанд. Ин китоб таърихчаи адабиёти советии тоҷик буда, муаллифон бисёр масъалаҳои асосии пешрафти тадриҷии онро мухтасаран мавриди баррасии илмӣ қарор дода буданд. Дар

натиҷа, барои тадқиқи мукаммалтари он масъалаҳо заминаи мусоид фароҳам омад» [393, с. 15].

Дар ин иқтибос мурод аз фароҳам омадани заминаи мусоид ба тадқиқи мукаммал ишора ба падид омадани китоби нави шашҷилдаи «Таърихи адабиёти советии тоҷик» аст.

Аз муҳаққиқон А. Сайфуллоев оғози тадқиқи илмии таърихи адабиёти муосири тоҷикро аз солҳои 50-уми садаи XX ба ҳисоб овардааст [319, с. 94]. Аммо манбаъҳои илмии охири солҳои 40-ум ва ибтидои 50-уми садаи XX баробари зикри зарурати таълиф, раванди ҷамъоварии мавод ва расму шеваҳои ба миён омадани «Очерк» ба замони воқеии фикри таълифи китоб низ ишора менамоянд. Аз ҷумла, чуноне аз гузориши директори онвақтаи Институти забон ва адабиёт М. Фозилов бармеояд, фикри падид овардани «Очерк» баъди итмоми ҷанги ҷаҳонӣ оғоз ёфта, нақшаи таълифи он аз соли 1946 ба барномаи корҳои илмӣ-тадқиқотии институт ворид шуда будааст. Ӯ дар яке аз мақолаҳояш зимни танқиди вазъи нобасомони пажуҳишҳои забону адабиёти тоҷик чунин изҳор кардааст: «Омӯхтани таърихи адабиёти советии тоҷик яке аз вазифаҳои асосии институти мо мебошад... ин кор дар планҳои институт аз соли 1946 боз зикр мешаваду ғайриқаноатбахш иҷро шуда истодааст» [354, с. 93].

Ш. Ҳусейнзода низ ба сифати эксперти асосӣ бештар аз зарурати таълиф ва замони ба вуҷуд омадани «Очерк» дарак медиҳад, ки он низ асосан аз давраи пас аз анҷоми ҷанги ватанӣ оғоз меёбад. Дар гузориши ӯ ба маҷлиси машваратии минтақавии мутахассисони ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон (Сталинобод, 15-17-уми майи соли 1956), ки махсус барои муҳокимаи «Очерк» бо ташаббуси Институти адабиёти ҷаҳонии ба номи А. Горкий дар ҳамкорӣ бо Институти забон ва адабиёти АФ РСС Тоҷикистон нигаронида шудааст, ҷараёни омодагӣ ба таҳияи мавод оид ба таърихи адабиёт ва таълифи он ба таври равшан нақш ёфтааст [370, с. 124-125].

Дар ҳоли номураттабӣ қарор доштани Фонди дастнавис ва китобҳои адабӣ-бадеӣ, камёб будани мероси адибони тоҷик дар китобхонаҳо, аз лиҳози библиографӣ муаррифӣ нашудани осори адабии солҳои 20-30-юми садаи XX, кам будани пажуҳишҳо дар заминаи таърихи адабиёти навини тоҷик, дар салоҳияти адабиётшиносони тоҷик қарор надоштани ҳаллу фасли масъалаҳои асосӣ ва мубрами таърихи адабиёт чун монеаи ҷиддии таълифи таърихномаи адабиёти навини тоҷик арзёбӣ шудааст.

Бо вуҷуди ин, дар солҳои аввали ҷанг ва пас аз он дар мавриди масъалаҳои адабиёти аҳди шуравӣ ва ҷойгоҳи суханварони ҷудогона чанд рисола ва силсилаи мақолаҳои муҳаққиқони русу тоҷик таълиф шуданд. Дар байни ин асарҳо китоби С. Табаров «Материалҳо доир ба омӯхтани адабиёти советии тоҷик» [347] ҳамчун кӯшиши нахустини таъйини сайри таърихи адабиёти нав дар нимаи аввали садаи XX, «таҷрибаи аввалин» дар роҳи шинохти адабиёти шуравӣ ва сарчашмаи муҳимми илмии ошноӣ бо эҷодиёти адибони намоёни он баҳо гирифтааст. Аввалин бор бо қалами номбурда ба табъ расидани китобе оид ба адабиёти шуравии тоҷик бино ба андешаи М. Раҷабӣ «гувоҳи он буд, ки нақди ин давра барои равшану ҷамъбаст кардани таърихи 25-30 солаи адабиёти шуравӣ раъй гирифта буд» [307, с. 190].

Дар ҳамин замина ба китобҳои Х. Мирзозода «Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик» (1950) ва китоби дигари ӯ бо ҳамин унвон, ки соли 1962 ба табъ расид, метавон ишора кард, ки дар шинохти моҳияти адабиёти ибтидои садаи XX аз чашмандози он замон маъхази муҳим мебошанд [92; 93]. Ба сабаби дастрас накардани китоби аввал дар заминаи тафовути ин ду нашр сухан ба миён наовардем.

Пас аз фароҳам омадани фазои нерӯманди илмӣ ва вусъати доираи назари адабиётшиносону мунаққидон, гузашта аз ин, таъсиси Академияи фанҳои Тоҷикистон ва дар ҳайъати он созмон ёфтани Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, мутамарказ шудани неруҳои адабиётшиносӣ дар ин мактаби асосии тадқиқи забону адабиёти тоҷик муносибати аҳли таҳқиқ ба таълифи

таърихи адабии систематикӣ андак дигаргун шуд. Кори таълиф ва нашри таърихи адабиёти нав ба сифати вазифаи аввалиндараҷа арзишу аҳаммияти чашмрас пайдо кард. Муносибати нақди шуравӣ ва мунозираи пайвастаи мафкуравии аҳли замон барои ҳарчи тезтар фароҳам овардани таърихномаи адабиёти навин мусоидат кард, ҳарчанд дар заминаи назарии бунёди тарҳи мазкур аз дидгоҳи замон ва таъсири идеологии вақт ба ин раванд метавон чанд нуктаи интиқодӣ низ ба амал овард. Дар ин замина аввалин баҳсҳо дар рисолаи М. Раҷабӣ ба назар мерасад [307]. А. Мирзоев, М. Фозилов ва дигарон дар мавриди ба таври мукаммал омӯхта нашудани адабиёти ин давра ва ба вуҷуд овардани таърихи илмии он гуфтугӯи тахассусӣ анҷом додаанд [88; 354].

Ба ин тариқ, алоқамандони таълифи «Очерк» махсусияти шароити фарогири замонро ҳамчун меъёри созгори муносибат ба қазияи нигориши таърихи адабиёт ба ҳисоб оварданд. Бино ба шаҳодати Ш. Ҳусейнзода нусхаи аввали «Очерк» дар давоми ду сол навишта шуд ва дастнависи он моҳи ноябри соли 1954 дар маҷлиси Шурои илмии Институти забон ва адабиёт бо иштироки теъдоди васеи ноқидону адабиётшиносони ҷумҳурӣ, мутахассисони таърих, забон, фалсафа ва адибони тоҷик муҳокима гардид. «Ин муҳокима, – менависад муҳаққиқ, – якчанд камбудии ҷиддиеро, ки дар кори мо вуҷуд дошт, ошкор намуд. Танқид ва фикру мулоҳизаҳоеро, ки ҳангоми муҳокима баён карда шуданд, ба эътибор гирифта, коллективи муаллифон корро аз нав дида баромад ва ба натиҷае омад, ки амалан ба вуҷуд овардани таҳрири нави асар зарур аст» [366, с. 52].

Ба муаллифони таърихномаи адабиёти навини тоҷик зимни фароҳам кардани нусхаи нави «Очерк» таҷрибаи хуби таърихи адабиётнигории аҳли таҳқиқи русу украин ва белорус ҳамчун санад ва меъёри нигоҳ ба хидмат омадааст. Афзун бар ин, аз рӯйи ахбори маҷаллаи «Шарқи сурх» дар соли 1956 маҷлисҳои машваратие, ки моҳи январи соли 1955 дар Институти адабиёти ҷаҳонии ба номи Горький ва моҳи июни ҳамон сол дар шаҳри Алма-Ато баргузор шуданд, таконбахши шакл гирифтани «Очерк» буданд [№5, с. 128].

Аз назари мо, раванди баҳсу баррасии пайваста ва нақду назарсанҷии густурдаи аҳли таҳқиқро дар муносибат ба арзишу аҳаммияти илмии «Очерк» дар ду марҳалаи муҳимми нигориши таърихи адабиёти нави тоҷик метавон шарҳу тавзеҳ дод. *Аввалан*, нақду баррасии адабиётшиносон ва мунаққидони ҳирфаӣ ба «Очерк» дар нимаи дувуми солҳои 50-уми садаи XX, *сониян*, қазовати адабиётшиносону ноқидони ҳирфаии нимаи дувуми солҳои 80-уми садаи XX дар робита ба ҷойгоҳи ин асар.

Нақди нақд дар нимаи дувуми солҳои 50-уми садаи XX аз ҳар ҷиҳат барои таъйини ҷойгоҳи ин асар аз лиҳози диду назари расмӣ ва таъсири дастурҳои ҳизбӣ дар адабиётшиносӣ мусоидат кардааст. Аз ин ҷиҳат, «Очерк» дар вақташ мавриди муҳокимаи васеи мутахассисон – мунаққидон ва адабиётшиносони расмии тоҷик ва ҷумҳуриҳои дигари шуравӣ, хоса марказ қарор гирифта ва баҳои муносиб дарёфтааст. Маҳосин ва маойиби асар дар гуфтугузори мутахассисони Институти адабиёти ҷаҳонии ба номи Горкий, институтҳои забон ва адабиёти АФ РСС Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Гурҷистон, намояндагони муассисаҳои илмӣ-эҷодӣ, адибону муаррихон ва файласуфон таъкид шудааст.

Аз сабаби он ки нашри таърихномаи ҷадиди адабиёти нави тоҷик ба давраи баргузории Анҷумани бистуми Ҳизби коммунисти шуравӣ (1956) рост омад, дар марҳалаи дувуми арзёбӣ – давраи дигаргуниҳои фикрии М. С. Горбачёв ин асар аз ҷониби бархе алоқамандон чун оғози ҷаҳиши нав дар шинохти вежагии адабиёти нимаи аввали садаи XX, марҳалаи тозаи нигориши таърихи адабиёти нави тоҷикӣ арзёбӣ шуд. Аз ҷумла, академик М. Шукуров дар оғози даҳаи 90-уми садаи XX оғози тағйири консепсияи адабиётшиносии нави тоҷикӣ ва роҳу самтҳои рушди афкори адабиро ба нашри «Очерк» мансуб ва марбут донистааст [395, с. 105].

Китоби «Очеркҳои таърихи адабиёти советии тоҷик» дар замонаш ба сифати яке аз намунаҳои хеле муҳим ва барҷастаи зуҳуроти нигоҳи нав дар қолаби нақди шуравӣ маҳсуб меёфт. Дар ин маврид бештар ба ҳамин гуна

андешаву ақидаи М. Шукуров такя шудааст. Бо вуҷуди ин асли масъала нигоҳи дигарбора, ҳамчунин баҳсу тавзеҳи ҷудогонаву густурда мехоҳад.

Ҷойи шубҳа нест, ки кӯшиши мунаққидону адабиётшиносони тоҷик пас аз анҷумани мазкур дар роҳи дигаргунии фазои сиёсиву иҷтимоӣ ва адабиву фарҳангии ҷомеаи шуравӣ қобили таваҷҷуҳ буд. Бо вуҷуди ин, дар таърихномаи марҳалавии адабиёти навини тоҷик – «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» ҳосили назарҷӯӣ ва ҷусторҳои мафкуравии аҳди И. В. Сталин (то замони Н. Хрущев – даҳсолаи аввали пас аз ҷанг) нақши равшан дорад. Дар ин маврид Ш. Ҳусейнзода изҳори назар кардааст: «Ба коллективи мо комилан рашван аст, ки дар ин китобе, ки то съезди XX партия навишта шудааст, бисёр камбудиҳо мавҷуданд. Ба мо лозим аст, ки дар асоси вазифаҳои наве, ки съезди XX партия дар назди илму фанни советӣ гузоштааст, барои ба вуҷуд овардани «Очерк»-е, ки ба талаботи олии партия ҷавоб дода тавонад, бисёр кор кунем» [366, с. 62].

Ба ин нукта дар китоби «Очерк» низ равшан ишора шуда, дар тавзеҳи фишурдаи ҳайъати таҳририяи қисмати дувум омадааст, ки ҳадди бештари бахшҳои «Очерк» ду-се сол қабл аз чопи китоб таълиф шуда, ба дархости сохторҳои адабӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии замон комилан посухгӯ набудаанд. Қисми аввали «Очерк» барои нашр 20-уми декабри соли 1955 имзо шуд, ки бозгӯйи анҷоми таълифи он дар нимаи аввали солҳои 50-уми садаи XX аст [155, с. 304].

Дар давраи дувуми навназарӣ ба таърихи адабиёти тоҷикии садаи XX (нимаи дувуми солҳои 80-уми садаи XX) М. Шукуров ба арзиши китоб дар қиёс ба аҳаммияти таърихномаи шашҷилдаи адабӣ чунин ишора кардааст: «Пас аз Анҷумани XX-и КПСС роҳи таърихии адабиёти мо ва эҷодиёти намояндагони пешбари он аз нав дарк шуд. Ин дарки нав дар «Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо» аз дуҷилдаи «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» тамоман фарқ мекунад. «Очерк» савияи онвақтаи адабиётшиносии тоҷикиро, аз иҷтимоигароии дурушт хеле гирифтор будани онро дар худ акс додааст» [395, с. 105].

Бо ин ҳама баҳсу мунозира, ба назари мо – «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» оғози марҳалаи ҷадид дар шинохти таърихи адабиёти нави тоҷик ба шумор меравад. Бо нашри ин китоб таълифи таърихномаи адабӣ барои адабиёти давраи нави тоҷикӣ то андозае ранги матлуби илмӣ ва шакли шевои фаннӣ дарёфтааст.

# БОБИ III. ҶОЙГОҲИ КЛАССИКОНИ АДАБИЁТ ДАР БАРРАСИҲОИ ИЛМИИ НИМАИ АВВАЛИ САДАИ XX

## III.1. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ниёзҳои нави шинохти адабиёт

Аввалин пояҳои рӯдакишиносии замони нав солҳои 20-уми садаи XX дар сатҳи муносиби замон тарҳрезӣ гардид. То ин марҳала ҷойгоҳи устод Рӯдакӣ ва шеъри ӯ дар тазкираҳои аҳди қадим ва аввалин китобҳо оид ба таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ (Ш. Нуъмонӣ, Ҳ. Эте, А. Кримский, Э. Браун ва дигарон), навиштаҳои олимони турк (В. Чалабӣ, Ҳ. Дониш, Ш. Сомӣ, Зиёпошшо, М. Купрулюзода ва дигарон) мавриди гуфтугӯи илмӣ қарор гирифта будааст. Дар адабиётшиносӣ ва сухансанҷии тоҷикии ин даврае, ки мо дар ин замина таҳқиқ дорем, рӯзгор ва ашъори Рӯдакӣ хеле кам диққати донишмандонро ҷалб карда буд. Мероси адабии Рӯдакӣ хеле пароканда буд ва дастрасӣ ба матолиби пажуҳишӣ оид ба устод Рӯдакӣ ва рӯдакишиносӣ мушкили хеле зиёд дошт.

Бинобар ин, дар солҳои 20-уми садаи XX заминае фароҳам омад, ки устод Рӯдакӣ дар ҷусторҳои адабиётшиносӣ ҷойгоҳи назаррас пайдо кунад. Ин нуктаро низ бояд дақиқан арз кард, ки рӯдакишиносии давраи аввали бунёди афкори адабиётшиносӣ дар Тоҷикистони шуравӣ аз ҷусторҳои сирф филологӣ дида, бештар ба сабку салиқаи равшангарӣ ва равшаннамоиву маърифатварварӣ наздик будааст. Ин замон равшангарон роҳҳои нозук, муассир ва ҳассоси ҷалби мардумро ба нуктаҳои зарурии дорои ҷанбаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, адабӣ ва фарҳангӣ, ҳамзамон усули хоси тарғиби адабиёти гузаштаро ҷуста ва заминаҳои бунёди мафкураи адабпажуҳиро фароҳам оварданӣ шуданд. Ин гуна ҷусторҳо як посухи зарурӣ ба иддаои норасои пантуркистон низ маҳсуб мешуд. Аз ин ҷиҳат номи бузургони адабиёт, дар навбати аввал номи Рӯдакӣ дар замони дигаргуниҳои нав ҳамчун шиори муассир ва пешбари равшангарон қарор ёфтааст.

Муаммои дарки замони нави кишварсозӣ, муносибат ба бузургони адабиёт, таъйини мақоми қаҳрамонони дилписанди миллӣ, тарғибу ташвиқи омӯзиши мероси адабии суханварон ва ғайра аҳаммияти ҳаётӣ пайдо кард ва таҷлил аз ному кори симоҳои дурахшони адабиёт василаи муносиби рӯй овардан ба адабиёти гузашта ва пойдории ҳофизаи таърихии миллат ба ҳисоб омад.

М. Раҷабӣ дар «Ислом: ҷадидия ва инқилоб» ва «Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ» аслу решаи чунин навъ баррасиро дар адабиёти фарҳанги тоҷикии охири садаи XIX ва даҳсолаи аввали асри XX ҷустааст, ки дар он давра «ҳофизаи таърихии фарҳангии ҷадидия (ифтихор ғолибан аз замони сомониён ва ба воситаи чунин «идеал» ривоҷи маорифпарварӣ) фаъолият мекард» [307, с. 72-73].

Аз ин нуқтаи назар, андешаҳои муносиб дар бораи рӯзгор ва ҷойгоҳи шоирии Рӯдакӣ аввалан дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнӣ ҷой гирифта, онҳо то падид омадани таҳқиқоти рӯдакишиноси эронӣ Саид Нафисӣ (1930-1940), мақолаи профессор А. А. Семёнов «Ду шоири бузурги Сомониён – Рӯдакӣ ва Дақиқӣ» (1936, 1939), фишурдамақолаи «Устод Абулҳасан Рӯдакӣ»-и С. Улуғзода дар маҷмуаи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940), маҷмуаи илмии «Устод Рӯдакӣ» дар таҳияи С. Айнӣ ва А. Деҳотӣ (1940), рисолаи академик А. Мирзоев «Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» (1958) ва дигарон аз сарчашмаҳои муҳим маҳсуб мешуданд.

Ба ин маънӣ, бо хидматҳои мусаннифи «Намунаи адабиёти тоҷик» дар баёни шарҳи ҳоли Рӯдакӣ иқдоми хосе шуда, ба ин муносибат Рӯдакӣ бори дигар ба воситаи ин тазкира мавриди гуфтугӯи аҳли таҳқиқ қарор гирифт. Бо ин тазкира аввалин маротиба 45 байти устод Рӯдакӣ ба хазинаи шохаи рӯдакишиносӣ илова шуд. Аз ин рӯ, ба ин давраи фароҳамоварии ашъори шоир аз нигоҳи матншиносӣ ҳам бояд таваҷҷуҳ кард.

Дар байни ин силсила таълифоти Т. Зеҳнӣ оид ба Рӯдакӣ таҳти унвони «Шоири бузурги нахустини тоҷикон» (1925) яке аз кӯшишҳои пурсамари оғози

рӯдакишиносии тоҷикӣ ва ягона мақолаи ҷудогона дар контексти сухансанҷии тоҷик оид ба устод Рӯдакӣ аз нигоҳи фарорафт ба матолиби муҳимму мондагори рӯзгор ва нақди шеъри шоири аҳди Сомониён арзиши баланд дорад, ки, мутаасифона, дар рисолаи ҷамъбастии рӯдакишиносии солҳои 50-уми садаи XX – китоби «Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»-и А. Мирзоев аз доираи гуфтугӯ берун монда ва арзишу аҳаммияташ сарфи назар шудааст. Таваҷҷуҳ ба ин мақола ва матолиби андешаҳои Т. Зеҳнӣ дар давраҳои баъд оғоз ёфт ва муаллифони китоби «Таърихи адабиёти советии тоҷик»

Мақолаи Т. Зеҳнӣ аввалин навиштаи пуртаҳлил ва натиҷабахш дар замони нав мебошад. Бо нигариши равшангаронаи Т. Зеҳнӣ қазияи бунёди маънавӣ ва расидан ба арзишҳои гузашта хусусияти хеле назаррас пайдо кард ва майл ба рӯзгори гузашта ранги нав дарёфт ва эҳсоси ифтихор аз таъриху адабиёти гузашта баланд гардид.

Решаи равшангарии мақолаи Т. Зеҳнӣ дар он аст, ки ӯ баробари зикри нуфузи шахсият, арзиши шеъри Рӯдакӣ, нақди раъйи тазкиранигорон ва муаррифии афкори рӯдакишиносон аввалин маротиба дар замони нав «ба тариқи маслаҳат ба Назорати маорифи кишварии Тоҷикистон ва Шурои илмии тоҷикони Ӯзбекистон» масъалаи ҷашни ҳазораи Рӯдакиро ба миён гузоштааст. Дар ин ҷода ба таҷрибаи баргузории чаҳорсадсолагии зодрӯзи Муҳаммад Фузулӣ ва таҷлили ҷашни панҷсадсолагии Алишер Навоӣ равшан ишора шудааст. Аз ин ҷиҳат, муаллиф дар қиёс бо намояндагони адабиёти озарбойҷониву ӯзбекӣ бо ҳисси ифтихор навиштааст, ки «ҷашни Рӯдакӣ ба тамоми порсизабонони Шарқзамин аҳаммияти бузург дорад» [23-II].

Равшангароне монанди Т. Зеҳнӣ ба чунин нуктаи муҳим диққати аҳли замонро ҷалб карданӣ шуданд, ки «нажоди Рӯдакӣ набояд бесавод бошад. Барои миллате, ки беш аз ҳазор сол шоир ва нависандаи калоне монанди Рӯдакӣ дошта, барои миллате, ки осори адабӣ, илмӣ, фаннӣ ва ахлоқии он ба ҳазор сол пеш аз ин дар дунё ба ёдгор монда, бесаводӣ нанг аст, айб аст, зиллат аст» [23-II].

Ҳадафи муҳимтарин аз таъкиди нақши таърихӣ-фарҳангии симоҳои дурахшони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, асосан, ба эҳёи руҳи миллӣ, шинохти мардуми аслӣ ва соҳибтамаддуни Осиёи Миёна будани тоҷикон, бозкушоӣ кардани таърих барои эҳсоси масъулият дар назди сарнавишти миллату ватан равона шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки Рӯдакӣ барои мо – тоҷикон хеле хидматҳои қиматдоре кардааст ва мо аз он оҷиз ҳастем.

Дар ин гуна ҷусторҳо барои бознамоии пайванди замона бо гузашта, боз кардани шаҳомати адабиёти гузашта ва ангезиши ҳарчи бештари он дар андешаи аҳли замон кӯшиши фаровон ба харҷ рафтааст. Ба ин маънӣ, бо кӯшишу талоши зиёиёни ин замон таваҷҷуҳ ба ному кори устод Рӯдакӣ бештар гардид. Шаҳомату азамат ва густариши жарфи рӯдакишиносӣ аз самараи ҳамин кӯшишҳост…

Назари интиқодӣ дар мақола барои мутолиаи сифатҳои хос ва мумтози давраи нави адабиёт ба хидмат меояд. Аввалан, мақола дар нақди шеър ва нуфузи шоирии Рӯдакӣ ҷойи холии рӯдакишиносии ҳавзаи тоҷикони Осиёи Миёнаро дар замони охир пур намуд. Ин мақола аз нахустин кӯшишҳои назарраси таъйини қимати шеъру шоирии бунёдгузори адабиёти форсӣ дар замони нав ба ҳисоб меравад. Аз он сабаб, ки дар ҷусторҳои адабшиносӣ ва наққодии тазкиранигории садаи XIX ба ному шеъри устод Рӯдакӣ кам таваҷҷуҳ шудааст, ин ном дубора бо кӯшишу талоши зиёиёни тоҷик дар давраи нав ба муомилаи адабиётшиносӣ ворид гардид.

Мақолаи Т. Зеҳнӣ нахустин кӯшиши радду бадали ахбор, асноду нақди тазкиранависони гузашта – Давлатшоҳи Самарқандӣ, Лутфалибеги Озар, Ғуломалихони Озоди Балгиромӣ оид ба мақом ва арзиши шеъри Рӯдакӣ аст: ҳудуди ҷуғрофии омӯзиши мавзуъ низ хеле доманадор ва густурда ба назар мерасад. Бо арзёбии муаллифи мақола дар таъйини мақоми Рӯдакӣ ва шеъри ӯ ҳосили нақду муҳокимаҳои муҳаққиқони хориҷӣ, аз ҷумла андешаҳои ҷолиби таваҷҷуҳи олими турк Муҳаммад Фуод Купрулузода ба хазинаи нақду адабиётшиносии тоҷик ворид шудааст, ки шеъри Рӯдакиро аз лиҳози «қудрати

лисон» соҳиби «сарвати хаёл» ба шумор оварда ва «дар қасидаҳояш дорои як адои самимӣ» [23-I] будани ӯро таъкид менамояд.

Бо мақола аҳли таҳқиқ ва мутолиаи тоҷик аз матолиби асари Ҳусайни Дониш ном тарғибгари хушсалиқаи адабиёти тоҷикӣ-форсӣ дар кишвари Туркия «Саромадони сухан» огоҳ мешаванд, ки афкори наққодии ӯ дар мавриди офаринишгарии Рӯдакӣ хеле ҷолиб аст: «Рӯдакӣ қасидаҳояшро ба авсофе, ки ба зебоиҳои табиат ва бадеаҳои фитрӣ оид аст, зиннат медиҳад. Масалан, ба мавсими баҳор рост ояд, чунин тасвири нозуконаро истифода менамояд: табиат ба камоли хуррамӣ, перостагӣ расида, боғистон бо навниҳолон ва гулҳои шукуфта оростагӣ дида, насими атрбез, шохсорҳо бо таъсири боди баҳорӣ ларзон ва роҳатангез» [81, с. 9].

Нақду арзёбии моҳияти воқеии шеъри шоир аз ҷониби Т. Зеҳнӣ бо камоли мӯшикофӣ ва дарки хоси зебоишиносии адабӣ сурат пазируфтааст: «Қимати шеъру шоирии Рӯдакӣ баланд аст. Услубаш равону табиист»; «қасида ва порчаҳои ӯ… чӣ қадар салис ва бетакаллуф»; «…то имкон ёфт, шеъри форсии дариро ба қолаби муайян ва мусаббат рехт»; қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён…» «чӣ қадар рақсон, хафиф ва равон» [23-II].

Дар ҳоле, ки мероси шоирии Рӯдакӣ дар ихтиёри хонандагон замони нав қарор надошт, Т. Зеҳнӣ аввалин маротиба ба олами рӯдакишиносии солҳои 20-уми садаи XX аз боби ба даст омадани 80 байт аз «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳ, «Оташкада»-и Лутфалибеги Озар, «Хизонаи омира»-и Ғуломалихони Озод, «Намунаи адабиёти Эрон»-и Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ ва «Саромадони сухан»-и Ҳусайни Донишро дарак медиҳад.

Натиҷаи бардошти зиёиёни солҳои 20-уми садаи XX буд, ки маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» низ таҷлили «Рӯзи Рӯдакӣ»-ро ба миён ниҳодааст. Дар яке аз шумораҳои ин маҷалла дар соли 1926 мақолаи муҳим бо номи «Рӯзи Рӯдакӣ» бо имзои Деҳқон ба нашр расид, ки дар арзёбии ин масъала саҳми назаррас дорад [20]. Мақола бархе аз вежагиҳои гароиши рӯдакишиносии замонро равшан мекунад. Ба ин маънӣ, дар он кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки таҷлили

ҳамасолаи мақому мартабаи Рӯдакӣ ба як масъалаи муҳимми пайванду муносибати замон ба мероси адабии гузашта мубаддал шавад. Аз ин нуктаи назар қарордоди бузургдошти Рӯдакӣ «дар таъқиби як силсила дархостҳои заҳматкашони тоҷик, ҷӣ ба воситаи мақолот дар рӯзномаҳо ва ҷӣ забонӣ» ба амал омада, тибқи ин дархост «ҷиргаи (коллегияи) Назорати маорифи Тоҷикистон рӯзи 2-3-юми иди Наврӯз – «Соли Нав»-ро «Рӯзи Рӯдакӣ» таъйин кард» [20, с. 7].

Шахсияти мустаоримзои огоҳ аз равандҳои адабиву илмӣ – Деҳқон ба қазия аз назаргоҳи иҷтимоъгарии рӯзафзуни замон ва фарорафти донишу фановарии сиёсиву иҷтимоии ин марҳалаи хоси бунёди ҷомеаи ранҷбариву табақотӣ наздик шудааст. Дар ин мақола баъзе аз майлонҳо ва равишҳои кор дар болои классикони адабиёт инъикос ёфтаанд.

Ба ин тариқ зикри чанд нукта ба назар муҳим мерасад:

1. Нақду адабиётшиносии солҳои мавриди баҳс ва рӯйоварии уламои замон ба масъалаи мероси классикӣ ҷанбаи равшангарона дошта ва тарҳи масоили пажуҳиши адабиёти классикӣ аз диду назари равшангарӣ сурат гирифтааст.

2. Нимаи аввали солҳои бистуми садаи ХХ раванди нисбатан солим ва демократии муносибат ба адабиёти гузашта ва дурдонаҳои он роиҷ ва меъёрҳои матлубе барои омӯзиши он мавҷуд буд, ки дар саргаҳи ин равиш С. Айнӣ ва намояндагони мактаби илмии ӯ қарор гирифта буданд. То нашри «Намунаи адабиёти тоҷик» бозтоби айнӣ ва ҳақиқии таърихи адабии тоҷикон дар пажуҳишот ва мақолоти расмии уламои замон сурат гирифта ва арзишдоварии ҷойгоҳи шуарои гузашта, аз ҷумла Рӯдакӣ дар сатҳу савияи нақду адабпажуҳии пешини форсӣ идома пайдо намудааст. Масалан, мақолаи Зеҳнӣ аз лиҳози нақду арзёбии афкор ва ақоиди аҳли таҳқиқ дар мавриди Рӯдакӣ аз бозҷустҳои мафкуравии расмии нимаи дувуми садаи ХХ тафовути комиле дорад. Дар мақолаҳои нимаи дувуми солҳои 20-ум ба баъд ранги арзёбиҳои адабӣ комилан синфиву табақотӣ аст. Барои қиёс ба мақолоти олимони солҳои 30-юми садаи

XX дар боби ҷойгоҳи Фирдавсӣ ва дигар намояндагони адабиёти форсӣ таваҷҷуҳ шавад.

3. Сару садоҳое, ки дар нақди «Намунаи адабиёти тоҷик» баланд гардид, бештар ба ному мақоми устод Рӯдакӣ гиреҳ хӯрд ва ба маҳдудияти синфиву табақотии мусанниф гирифтор шуд. Муҳаққиқони замон ном ва ашъори Рӯдакиро барои паст задани шаъни синфиву табақотии мусаннифи «Намунаи адабиёти тоҷик» ба кор гирифтанд. Аммо мавзуъ боиси рӯй овардани дубора ба мақом ва арзишҳои камназири осори Рӯдакӣ гардид. Маҷмуаи мақолаҳои «Устод Рӯдакӣ» дар соли 1940 марҳалаи дигари нақду назарсанҷии С. Айнӣ дар мавриди қофиласолори адабиёти форсӣ мебошад, ки нашри он низ ба расму равишҳои фикрии замона сурат гирифтааст. Ин матлаб мавзуи баҳсу баррасии ҷудогона аст…

## III.2. Абулқосим Фирдавсӣ аз диди сухансанҷони замони нав

Мавзуи ҷойгоҳи Ҳаким Аблуқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ, бозгӯйи таърихчаи таҳқиқи рӯзгор ва мақоми барозандаи ин шоҳасари гаронмояи миллӣ дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, масъалаҳои нақду тасҳеҳи ҳамосаи бузурги тоҷикон ҳанӯз аз солҳои 20-уми садаи XX дар нақди адабӣ ва адабиётшиносии навини тоҷик, рисола ва мақолаҳои матбуотӣ аз ҷониби алоқамандон, донишмандон ва ходимони матбуоти замон гуфтугӯ шудааст. Паҳлуҳои мухталифи ин мавзуъ дар таълифоти муҳаққиқони замони мо М. Шакурӣ, Х. Отахонова, М. Раҷабӣ, А. Набавӣ, В. Самад, А. Маҳмадаминов ва дигарон низ бозгӯ шудаанд.

Дар ҷомеаи шуравӣ низ «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ шуҳрати азалиашро аз даст надод, балки эҳтироми беандозаи муаллифи абадзиндаи он дар миёни наслҳои замони нав ҳамчунон боқӣ монд. Аммо рӯйдодҳои инқилоби октябр (1917), инқилоби Бухоро (1920), марзбандии миллии тоҷикон (1924), падид омадани ҷумҳурии мухтор ва мустақили Тоҷикистон дар харитаи сиёсии шуравӣ ва ҷаҳон (1924, 1929) тарзу тариқи нави рӯйоварии низоми давлатии сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангиро ба ҷойгоҳи адабиёти куҳани форсӣ-тоҷикӣ ва шахсиятҳои тавонманди он мушаххас кард. Дар ин раҳгузар таваҷҷуҳи хос ба мақоми Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ ҳамчун намунаи арзишманди мероси адабии гузашта ва сарчашмаи худшиносии таърихиву миллӣ сурат гирифт.

Дар таълифоти пажуҳишгарон ба аввалин манбаъҳои муҳимми ба вуҷуд омадани ёдкардҳо аз Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ва баҳсу мунозираҳо зимни таснифи «Намунаи адабиёти тоҷик» дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ишораҳо шудааст.

Аммо марҳалаи муҳимми нақду таҳлили «Шоҳнома» ва Фирдавсӣ ба солҳои 30-юми садаи XX, хоса давраи баргузории ҳазораи Фирдавсӣ рост меояд. Соли 1934 дар ҷомеаи илмӣ, адабӣ ва фарҳангии шуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ва Эрон ҷашни ҳазораи шоири ҳамосасарои миллӣ Абулқосим Фирдавсӣ ба таври густурда таҷлил гардид ва ин боиси рӯйоварии густурда ба

мавзуи Фирдавсӣ ва Шоҳнома» гардид. Дар чорачӯиҳои сиёсие, монанди Анҷумани дувуми ҳизби коммунисти Тоҷикистон (январи 1934) ва Анҷумани аввали нависандагони шӯроии Тоҷикистон (майи 1934) низ номи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» вирди забон будааст.

Бад-ин васила пажуҳишгарони барҷастаи русу тоҷик ва эронӣ ба таҳқиқи ҷойгоҳи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» дар адабиёти форсӣ ва ҷаҳон пардохтанд. Дар Тоҷикистон яке аз пажуҳиши муҳим дар ин замина рисолаи бунёдгузори адабиёти нави тоҷик Садриддин Айнӣ (1878-1954) аст, ки бо номи «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» дар маҷаллаи илмӣ-адабии «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (1934) ва сипас ба сурати китоби ҷудогона (1940) нашр гардид.

Чун дар Тоҷикистон ҳангоми таҷлил аз ҳазораи Фирдавсӣ ҷудо будани адабиёти ҳавзаи Эрон ва Осиёи Миёна матраҳ буда ва ин аҳаммияти дасти аввали сиёсиву фарҳангӣ ба бар кард, ин рисола низ дар ҳалқаи шинохти мавзуъ ҷойгоҳи хосе дарёфт.

Устод Айнӣ бо назардошти вазъи сиёсии он ҳангом қазияи муҳиммеро дар ҳавзаи Тоҷикистон тақвият дод, ки дар бозҷустҳои таърихи адабиёт ба унвони «Муносибати адабии Осиёи Миёна бо Эрон» маъруф аст [54, с. 188-190]. Ҷавҳари ин қазия муштарак ба ҳисоб овардани таърихи адабиёти ду ҳавзаи форсигӯй мебошад. Он солҳо сиёсати замон барои ҷудо кардани ин ду ҳавзаи адабӣ мекӯшид. Аммо С. Айнӣ дар пажуҳишҳояш, аз ҷумла рисолаи «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» ҳавсала карда, ки ба масъала аз диди таърихи қадимии халқҳои эронинажод наздик шавад. Ин рисола яке аз намунаҳои хоси самтгирии илмии замон аст, ки фасли охири он «Муносибати забони «Шоҳнома» бо забони тоҷикӣ» ном дорад. Устод Айнӣ дар таҳқиқи ҳақиқати таърихии забон ва адаби форсии Фарорӯд аз назароти мусташриқи маъруфи маҷор Герман Вамбери дар боби маншаи форсии забони тоҷикӣ – «забони форсии Осиёи Миёна, ки бо вай тоҷикон гап мезананд» – суд ҷустааст. Устод Айнӣ забони асаре чун «Шоҳнома»-ро чун намунаи «содатарин ва

софтарин забонҳои классикони Эрон» тавсиф карда, вожаҳои онро «ба ҳар форсизабон фаҳмо» [54, с, 43-44] донистааст.

Ҳамин тавр, нуктаи муҳим дар рисолаи С. Айнӣ исботи муносибат ва пайванди «Шоҳнома» бо забони тоҷикони Осиёи Миёна аст ва дар ин боб ҳамраъйии ӯ бо назарияи Герман Вамбери қобили таваҷҷуҳ аст: «Дар ин лаҳҷа хоҳ аз ҷиҳати луғат бошад, хоҳ аз ҷиҳати аъроб, хосиятҳои бисёре ҳастанд, ки услуби Фирдавсиро ба хотир меоранд» [54, с, 44].

Бесабаб академик М. Шакурӣ бар ин назар нарасида, ки пажуҳиши С. Айнӣ моҳияти ягонаи равандҳои адабии гузаштаро дар ду ҷониби ҳавзаҳои форсигӯй ошкор менамояд. Ба андешаи ӯ устод Айнӣ дар замони инкори пайвандҳои ду ҳавзаи адаби форсӣ Фирдавсиро «дар забон ҳам ба тоҷикони имрӯз ва гузаштагони ҳазорсолаи онҳо сахт алоқаманд дониста, барои исботи ин матлаб хеле кӯшиш ба кор бурдааст» [189, с. 165].

Аммо, гузориши робитаи «Шоҳнома» бо Осиёи Миёна барои дарёфти посух ба ормонҳои замонии шинохти таърихи адабиёт – пайвандсозӣ ва робитаҷӯии сохтаи байни ду ҳавзаи адабиёти форсӣ аҳаммият пайдо кардааст. Ин шеваи бардошт аз ҷумла дар рисолаи А. Фитрат дар бораи Фирдавсӣ низ ба таври мушаххас ишора шудааст. Ин рисола ҳосили назарияпардозии наққодии муаллиф оид ба замон ва муҳити Фирдавсист. Аз назари А. Фитрат «Фирдавсӣ ягона шоири форсизабонон ва яке аз беҳтарин шоирони дунёст, лекин фақат дар ҷангноманависӣ. Дар адабиёти форсӣ на пеш аз Фирдавсӣ на баъд аз ӯ ҳеч шоире ба қимати Шоҳнома китобе нанавиштааст. Фирдавсӣ дар ҳамин соҳа шоири ягонаи адабиёти форсӣ аст ва ҳамаи шоирони форсизабон дар ҳамин соҳа устодии ӯро эътироф кардаанд… Ҳазор сол аст доноёни забони форсӣ аз ҳар қавм ва ҳар мамлакат, ки бошанд, ин ёдгории деринаи санъатро хондаанд, мехонанд ва хоҳанд хонд…» [126, с, 55].

Шинохти ҳувияти миллии тоҷикон, дарки эронияти онон ва ягонагии адабии тоҷикону эрониён дар солҳои 20-уми садаи ХХ, «адабиёти форсӣ» гуфтану навиштани зиёиёну адабиётшиносони тоҷик бештар ба саҳми ду ҳавзаи

бузурги таърихӣ роҳ доштааст. Дар самтгирии С. Айнӣ зимни гирдоварии намунаҳои ашъори шуарои Фарорӯд (як бахши комплекси адабиёти форсӣ) низ ҳадаф оҳанги ҷудоӣ андохтан ва нисбат додани якҷонибаи адабиёти форсӣ ба тоҷикҳо набуд. Балки бо тақозои посух ба талқиноти пантуркистӣ дар ин асар зикри рӯзгор ва бознависии намунаҳои осори он шоироне сурат гирифтанд, ки дар Осиёи Миёна зиста ва эҷод карда буданд.

Бо вуҷуди ин, дар бархе пажуҳишҳои солҳои 30-юми садаи XX аз боби Фирдавсӣ дақиқан ҳадафи истиқлол додани адабиёти тоҷик дар муқобили адабиёти форсӣ дар қаламрави Осиёи Миёна пайгирӣ шудааст. Яъне, манзур таъкиди камнурии эрониён дар рушди адабиёти ҷаҳонгарди форсӣ ва баръакс бознамоии саҳми тоҷикон ба он аст.

Ба ин тартиб, яке аз вежагии муҳимми афкори адабиётшиносии даҳсолаи дувуму севум тавзеҳталабии қазияи шинохти истилоҳи «форсӣ» ва «тоҷикӣ» аст. Мубоҳисаҳои охири солҳои 30-юм ва ибтидои 40-уми садаи XX низ мантиқан ҳамин ҷанбаи масъаларо дар бар мегирад. Баҳси солҳои 40-ум низ ба гунаи мубоҳисаи солҳои 20-ум моҳиятан баҳси шадид ва тезутунд аст. Адабпажуҳии солҳои 40-ум ба сабаби мамониати куллии пантуркизм сухани тоза ба ин мавзуъ ворид накард, аммо дидгоҳи ин давра аз назари равишҳо, барномарезӣ ва ҷилавгирии ғоявӣ ҷанбаи хос дорад. Ба назари мо чунин мерасад, ки сабаби аслии ба миён наомадани ҳарфи тоза дар заминаи ягонагии адабии форсӣ-тоҷикӣ бештар ба ихтилофи фикру назари расмӣ дар нимаи дувуми солҳои 30-юм, таъсири шигарфи дигарандешиҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла нерӯманд шудани назари нестангории таърихӣ дар фазои адабиёту ҳунар ва саркӯбии зиёиёну адибон дар раванди шахспарастии он солҳо иртибот дорад.

Бо ин ҳол низ коркарди истилоҳи таърихии «адабиёти форс-тоҷик» аз ибтикори муҳим ва қобили таваҷҷуҳи адабиётшиносони охири солҳои 30-юм ва ибтидои 40-уми садаи XX ва марҳалаи дигари шинохти асли форсияти адабиёти гузашта дар давраи шуравӣ мебошад. Дар саргаҳи ин хидмати муҳимми таърихӣ боз ҳам С. Айнӣ ва намояндагони мактаби равшангарии тоҷикӣ қарор

гирифтанд. Зимнан фаъолияти эроншиносии ховаршиносонро дар он давра ба сифати як навъ ҷараёни эронситезе метавон шинохт, ки ба чандпорагии дарахти эронӣ назар дорад. Аммо, дар ин набард эронгароии тоҷикӣ бо такя ба асноди таърих барои аз рушду нумуъ бознадоштани шоха ва баргҳои ин дарахти азим талош варзида, ба ҷараён гирифтани тафаккури муносиби эроншиносии ҳамзамонон мусоидат намуданд.

Консепсияи ягонагии адабиёти тоҷикӣ-форсӣ барои ба миён омадани ҷараёни эронгароӣ дар ҳавзаи тоҷикони Осиёи Миёна хидмат кард. Ба таври куллӣ, исботи мансуб будани тоҷикон ба ирқи ориёӣ, таъкиди ҳамбастагии адабии тоҷику эронӣ дар солҳои 20-ум далели равшани мавҷудии ҷараёни фарҳангии эронгароӣ дар байни тоҷикон мебошад.

Устод Айнӣ ба унвони муборизи фаъоли зидди ҷараёни пантуркӣ ва кӯшишманди шинохти аслу маншаи воқеии қавме ба номи «тоҷик» дар саргаҳи ҷараёни эронгароӣ дар ҳавзаи илмиву адабии тоҷикон қарор гирифт. Ба назари мо, ба арзиши фаъолият ва пайкорҳои вай аз ин назар низ бояд чашмандозӣ кард. «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926), сарсухани беимзои ӯ дар «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940), осори адабпажуҳӣ ва номаҳояш дар солҳои 30-40-уми садаи XX маъхази муҳим ва мадраки дасти аваланд.

Профессор А. Н. Болдирев – эроншиноси рус, муҳаққиқи таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, мероси шифоҳии тоҷикон, нoшири осори адабиёти гузашта ва эҷодиёти шифоҳӣ – дар сарсухани «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (1938) ба таъйини ҷуғрофияи пайдоиши осори давраи бостонии форсӣ пардохтааст. Бозгӯи Александ Болдирев дар ин самт аз усули пайгирии бархе аз уламои забон ва адабиёти форсӣ дар ин давра тафовут дорад.

Дар ҷусторҳои А. Болдирев марҳалаҳои мухталифи пайдоиши ривоёти Эрон муқоиса ва муқобала шуда, мавсуф кӯшидааст, ки манзараи куллии ба вуҷуд омадани осори бостонии форсиро ба ҷилва оварад. Дар ин чашмандоз таҳрири аввал ва дувуми Авасто ба забонҳои форсии бостон ва форсии миёна

(ки ба давраи Аршакиён нисбат дорад), ба қисмати шимолу шарқии Эрон пайвандӣ дорад.

Дар ин чашмандоз паҳлавонии Рустам – қаҳрамони Эрон ба сифати «яке аз бузургтарин ҳодисаҳои эпоси Эрон» муаррифӣ шудааст, худи Рустам ба қавми кӯчманчии сокҳо мансуб аст, ки маншаи осиёимиёнагӣ дошта, баъдҳо ба ҳайъати Эрон дохил гардиданд. Ҳадаф ва моҳияти асосии пайгирии ин олими ховаршиноси рус дар он аст, ки ширкати суғдиён – гузаштагони табори тоҷиконро дар амри ба вуҷуд овардан ва нақл кардани як бахши муҳимми ҳамосаи бузурги эрониён таъкид намояд [72, с. XVIII].

Ҳамин тавр, ҳадафи А. Н. Болдирев таъкиди саҳми гузаштагони тоҷик дар офариниши осори бостонӣ буда, ба ин васила ҷуғрофияи таълифи «Шоҳнома» низ таъйин шудааст. Бино ба чашмандози ӯ «Шоҳнома» дар бахши шимолу шарқи Эрон, дар вилояте ба вуҷуд омадааст, ки тамоюл ба Мовароуннаҳр ва иртиботи қавӣ бо адабиёти Сомониён дорад. Шаҳрҳои шимолу шарқии Эрон – Балхи қадим, Хуросон ва вилоёти дигар дар иҳотаи Осиёи Миёна манбаи ҷиддии маданӣ ва эҷодӣ дар халқи осори адабӣ ҳастанд, ки қаламрави Тоҷикистон низ ба ин доира шомил аст: «Адабиёти баъд аз ислом дар Тоҷикистон (дар маънои васеяш) ва хусусан адабиёти даҳанакии вай то чи андоза нишонаҳои инро дорад ва чи қадар хосиятҳои махсуси ин системро дар бар гирифтааст – инро фақат тадқиқоти хеле ҷиддӣ нишон дода метавонад» [72, с. XVIII].

Ин ишорот ҳатман дар посух ба ин ё он дидгоҳе сурат гирифтааст. Аммо далеле дар ин замина дар ихтиёр надорем. Ба ҳар ҳол, дар як пешгуфтор бе зикри маъхаз ва манобеъ ба исботи қазияи баҳсангез пардохтани муҳаққиқ нуктаи муҳим аст.

Бо ин равиш пажуҳишгар қисми шимолу шарқии Эрон бо Балхи қадим, Хуросон ва «вилоятҳои дар ин давру бар будаи Осиёи Миёна» (аз ҷумла, хоки Тоҷикистон)-ро ба сифати манбаи асосӣ ва ҷиддии адабиву фарҳангӣ шинохта, ки албатта ҳамсон ва шабеҳи дидгоҳи С. Айнӣ, Маликушшуарои Баҳор ва… дар

мавриди таъйини мақом ва аҳаммияти Мовароуннаҳру Хуросон дар рушди забон ва адабиёти ҳазорсолаи мо аст.

Аммо манбаи умумии ҷуғрофии адабиёти форсӣ дар ин иқтибос қобили тавзеҳ аст. «Шоҳнома» – ин асари комплекси адабиёти форсӣ ба як бахши Хуросони бузург, ба қисми шимолу шарқии Эрон нисбат ёфта, маҳсули қисми ҳавзаи адабии тоҷикон будани мероси гузашта, на саҳми қисмати ғарбии Эрон (Тӯс) дар бунёди адабиёти форсӣ гӯшзад шудааст. Яъне, таъкиди ин андеша ки: «Шоҳнома» чун зода ва парвардаи муҳити адабии Эрони шарқӣ ба самти Мовароуннаҳр майли зиёдтаре дорад.

Пояи ин андеша дар муҳити фарҳангии шуравӣ дар таълифоти С. Айнӣ зимни таҷлили ҳазораи Фирдавсӣ низ ба назар мерасад. Исботи ин қазия бо назардошти то ҷое нигаҳ доштани асли таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ албатта ибтикори ҷолиби пажуҳандагони замон аст. Аммо минбаъд баён ва пайгирӣ аз ин матлаб то ҷое барои ҷудо ба назар намоёнидани адабиёти ҳамзабон ва муштарак таъсире доштааст. Ин ҷо шабоҳати андешаву афкори улами рус ва тоҷик ба назар мерасад…

Абулқосим Лоҳутӣ – шоири инқилобӣ ва аз бунёдгузорони адабиёти нави тоҷик соли 1922 ба шуравӣ паноҳанда шуд ва то охири умр хидмати муҳим ба адабиёту фарҳанги коммунистии тоҷикии нимаи аввали садаи XX анҷом дод, ки зикри якояки он фурсати зиёдеро хоҳон аст.

Устод Лоҳутӣ дар тамоми марҳалаҳои зиндагии сиёсиву иҷтимоӣ ва ҳунариаш бо ҳамосаи миллии эрониён – «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ буда, бо «Шоҳнома» зиста ва нафаси худро бо дами Фирдавсӣ гарм кардааст. Ин ҳол чанд сабаб ва омили муҳим дорад, ки ба дуйи он ишора мешавад:

1 – Пайванди хонаводагӣ ба суннатҳои пешини шеъри форсӣ, аз ҷумла пайванди руҳонии падари С. Лоҳутӣ – Аҳмади Илҳомӣ ба «Шоҳнома». Гарчанде достони Аҳмади Илҳомӣ «Боғи Фирдавс» ба ҳаводиси ҷонгудози дашти Карбало бахшида шуда, ба «яке аз ривоятҳои дини ислом» марбут аст,

пайравии ӯ ба «Шоҳнома»-и Фирдасӣ дар вазни мутақориб қобили таваҷҷуҳ мебошад:

*Диловар дил аз ҷони равшан гирифт*

*В-аз ин пас гиребони ҷавшан гирифт…*

2 – Анъанаи шоҳномахонӣ дар маҳофили иҷтимоиву мардумии Кирмоншоҳ. Устод Лоҳутӣ ҳанӯз аз овони наврасӣ «Шоҳнома»-ро аз даҳони қиссахонони бозору растаҳои рустои хеш мешунид, ба хониши онон ишқу алоқа ва диққату ҳуши вофир зоҳир мекард, мушоираҳои шоҳномахониро бо завқи хос истимоъ мефармуд. Маҳз ба ин васила дар ботини ӯ нерӯйи азими сухани бадеӣ бедор гардид.

Диди Лоҳутӣ ба Фирдавсӣ перомуни мақола, гузоришу суханронӣ ва сарсухани маҷмуаҳои ашъори шоири ҳамосасарои миллии эронинажодон дарҷ шудааст. Дар анҷумани дувуми ҳизби коммунисти Тоҷикистон (моҳи январи соли 1934) ва анҷумани аввлаи нависандагони тоҷик (моҳи майи соли 1934) аз дороии маънавии халқи тоҷик ва сарвати мадании гузашта сухан меронад, дар мисоли «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ «ранги нав» ва «мазмуни пролетарӣ»-и адабиёти классикии форсиро қобили шинохт медонад. Дар ин ҳол ҳадафи нақди иҷтимоъгарои шуравиро пайгирӣ ва пайванди мафкуравии замонро бо гузашта махсусан таъкид менамояд.

Лоҳутӣ, баробари ӯ, Фитрат Фирдавсиро ситоишгари «қаҳрамонҳои миллии давраи феодалии Эрон, баҳодурон, шоҳзодагон ва подшоҳон» [82, с. 224], «шаъну шавкати гузаштаи аристукратияи феодалии Эрон» [124, с. 46] муаррифӣ кардаанд. Ин матлаб зимни бозгӯйи аҳаммияти ҷашни ҳазораи Фирдавсӣ низ хеле равшан дарк мешавад. Бузургдошти ҳазораи Фирдавсӣ дар соли 1934 «на танҳо дар Эрон, балки дар мамлакатҳои дигар ва дар Иттифоқи Советии мо низ ҷашн гирифта шуд» [82, с. 224].

Лоҳутӣ аз пазироӣ ва эътирофи аҳли илму адаби Эрон, дар доираҳои илмиву адабии шуравӣ беҳтар аз доираҳои эрониён таҷлил шудани ҳазораи Фирдавсиро мегӯяд. «Чаро ин тавр шуд?» Ба ин суол ин соҳибмақоми аъзами

адабиёту фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ чунин посух додааст: «Модом ки Фирдавсӣ аз қаҳрамонҳои миллии давраи феодалии Эрон, аз баҳодурон, шоҳзодагон ва подшоҳон сухан ронда, чаро мо дар мамлакати диктатураи пролетариат ҷашни чунин шоирро мегирем?» [82, с. 224].

Устод Лоҳутӣ ҳазораи Фирдавсиро манфиатбахши пролетариат дониста, «Фирдавсии пролитор», «тамоми осори маданӣ», аз ҷумла «Шоҳнома»-ро ба сифати рукни муҳимми пролетариат муаррифӣ кардааст.

Афкору андеша дар боби татбиқи «Шоҳнома» ба имконияти замони нав дар таълифоти дигари Лоҳутӣ низ тафсил ёфтааст. Ин мақолот, аз як сӯй, табаҳҳур, имконоти фикрӣ ва густурдагии назари муаллифро равшану ҷолиб бозмегӯяд. Чунин бардоштҳо ба афкори замон таъсире доштанд. Дар ниҳоди чунин ҷустор то ҷое умқият ва вусъати назари пажуҳандагӣ нуҳуфта аст, ки ҳунар, маҳорат ва халлоқияти эҷодии суханваре монанди Фирдавсиро равшан ба намоиш меоварад. Устод Лоҳутӣ ҳунари Ҳаким Абулқосим Фирдавсиро дар амри бо маҳорати баланд ба риштаи назм даровардани ҷанги миёни туркону эрониён дар Тӯронзамин ва шарафи миллии эрониён сахт таъкид мекунад, ки аз вусъати назар ва қобили мулоҳизаи ӯст. «Ситоиши шарафи миллӣ» аз ҷониби Фирдавсӣ баҳои баланди ноқидонае дар муқобили раъйи замона аст. Аммо қасди оҳанги «замони нав» аз ин мулоҳизаҳо низ набояд сарфи назар шавад. Лоҳутӣ дар қиёси ду замон – гузоштаву муосир, хоса тарҷеҳи замони нав навиштааст: «Дар ҳамон Тӯронзамин, ки ҳоло Осиёи Миёнаи советист, ман дар шаҳри сохтмони сотсиалистӣ – шаҳри Хуҷанд ҷанги дигареро дар байни ду қӯшун мушоҳида кардам. Аммо ин қӯшуни турку форс набуданд; дар байни онҳо миллатҳои гуногун – ҳам турку тоҷик, ҳам русу арманӣ буданд. Муборизаи ду бригадаро дидам, ки дар фабрика барои ба даст овардани байрақи сурх ҷидду ҷаҳд мекарданд» [82, с. 197].

Дар ин андешаи Лоҳутӣ ҷанбаи иҷтимоӣ ва иҷтимоъгароии адабиву интиқодии даҳаи севуми садаи XX нуҳуфта аст: «Агар шоире мисли Демён

Бедний ба ҷойи «Шоҳнома» «Пролетарнома»-е ба риштаи назм мекашид, кори олие мешуд» [82, с. 197].

Дар фаҳмиши замон ҳунари олии адабӣ дар офариниши асаре чун «Пролетарнома» падид меояд. Аз диди замон, он чи ба инъикоси рӯзгори гузашта ихтисос дорад, ҳунар нест, ҳунар он аст, ки аз шукуҳу ҷалоли замони нав ва имконоту қудрати фикриву созандагии муосир асаре ба муҳташамӣ офарида шавад ва ин осор хазинаи «пролетарнома»-и замонро рангу бӯйи хосе бахшад.

Андешаҳои Лоҳутӣ дар меҳвари бартариҷӯии замони нав ҷолибанд. Вай дар мақола-мусоҳибаи «Дар бораи таҷрибаи эҷодии худ» (аслаш ба забони русӣ, Тошканд, 1935) аз боби омӯзиши интиқодии мероси адабӣ, буридани нуктаҳои бегона, барзиёд ва музир аз осори классикӣ ва ба сӯсиолизм судманд сухан меронад, ки баёнгари чигунагии коргоҳи эҷодии шоир дар замони нав аст: «Ба ман иттифоқ афтодааст, ки мероси адабии қадимро бевосита дар эҷодиёти худ кор фармоям, инро аз он ҷиҳат кардаам, ки <u>осори кӯҳнаро аз ҷиҳати ғоявӣ мағлуб гардонида, ҳақиқати ҳозираи худро ба вай муқобил гузорам</u>!» [82, с. 236].

Ҳамин тавр, дар ниҳоди афкори адабии А. Лоҳутӣ (даҳаи севуми солҳои 30-уми садаи XX) бо нишонаҳои гуногуни маърифати осори завқӣ ва ихтилофи мафкураи замон бармехӯрем. Бо ин ҳама андешаҳо дар ҳар ҳол афкори адабӣ ва бардошти зебоишиносии Лоҳутӣ дар шинохти аслӣ, маърифати ростин ва фаҳмиши моҳияти воқеии таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ҷойгоҳи муҳим дорад. Масалан, аз суханронӣ дар Анҷумани аввали нависандагони шуравӣ истиқлоли фикри А. Лоҳутӣ оид ба мероси классикии тоҷикон ва адабиёти тоҷикӣ эҳсос мешавад: «…Тоҷикон дорои мероси адабии пурсарвате чун назми классикии форсӣ ҳастанд. Шуарои садаҳои IX, X, XI: Дақиқӣ, Рӯдакӣ, Бӯалӣ Сино, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Умари Хайём ва даҳҳо устодони забардасти сухан, ки дорои шуҳрати оламшумул ҳастанд, ба забони модарии тоҷикон

навиштаанд, ба забоне, ки то имрӯз барои оммаи васеи Тоҷикистон фаҳмо ва наздик аст» [147, с. 4].

Дар арафа ва солҳои ҷанги ватании шуравӣ алайҳи фашизм дар Тоҷикистон чанд маҷмуаи мунтахаби осори шуарои классикии форсу тоҷик ба дасти алоқамандон расиданд, ки ҳамагӣ заминаҳои ватанхоҳӣ доштанд. Дар ин маврид бештар ба осори Фирдавсиву Саъдӣ руҷуъ шуд, ки барои мутолиа ва дарки нуфузи адабиёти классикӣ дар рӯзгори муосир имтиёзи бештаре доштанд. Аз ҷумла, сарсуханҳои А. Лоҳутӣ ба ин гуна осор аз лиҳози таҷдиди назар ва бознигарӣ ба андешаҳои пешин – таъйини муҳтаво ва дарунмояи осори адабии гузашта, ҷустуҷӯйи «баландии мазмун», «зебоии сабк», «азамати руҳ», «равонии сухан»-и Фирдавсӣ (сарсухани «Коваи оҳангар») ҷолибанд. Бо вуҷуди ин, А. Лоҳутӣ мазмуни «Шоҳнома»-ро ба қолаби назарияпардозии замон ғунҷонида, аз пайванди ғоявии гузаштаву ҳозира қазия ба миён гузоштааст: «Бубинед, устоди тӯсӣ бо чӣ мардонагӣ, бо чи далерӣ ва ҳаққоният фиребкорӣ ва дурӯйии дарбори подшоҳони золимро нисбат ба халқ нишон медиҳад ва бо чи ғуррише бар зидди он прутист мекунад…

Кист, ки дар ин наъраи Кова ҳайкали бузургвор ва тавонои халқро набинад? Заҳҳок ҳамон ҳайкалро дида, дар муқобили он худро мағлуб ҳис кард. Беш аз ҳазор сол пеш аз ин Фирдавсии кабир ду даста, ду гурӯҳ ва ё дар ин давра ба истилоҳи марксизм ду синф будани мардумонро фаҳмид…» [82, с. 120].

Шубҳае нест, ки баёни чунин андеша – таъкиди руҳи ватанпарварӣ-ҷанговарии осори гузашта аслан бо ҳадафи бедор сохтани ҳисси мардуми шуравӣ бар зидди фашизми гитлерӣ сурат гирифтаанд. Дар ниҳоди чунин андеша пайванди «Шоҳнома» бо ниёзҳои иҷтимоии замон аҳаммияти расо дорад. Дар фаҳмиши А. Лоҳутӣ тасаввуре, ки «аз хондани «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва аз хурдсолӣ шунидани афсонаҳои гуногуни халқ» дар хаёлаш мондааст, «бо назарияи коммунистӣ дар бораи як оҳангар, роҳбари шӯриши

халқӣ дар чанд ҳазор сол пеш, як шуда, шакли он Коваеро, ки дар либреттои «Коваи оҳангар» тасвир шудааст, ба вуҷуд овард» [82, с. 120-121].

Устод Лоҳутӣ дар сарсухани «Алмосҳои мардонагӣ» – фарохамомада аз ашъори Фирдавсӣ бар ин натиҷа расидааст, ки шоири миллии Эрон дар миёни устодони адабиёти дунё яке аз беҳтарин созандагони сухани баланд, «достоннависи бузург», «ифтихори адабиёти форс-тоҷик» аст, «Шоҳнома» як қисмати дурахшонест аз он мероси мадании умумиҷаҳонӣ», «байтҳои ин лашкаркаши сухан… монанди тӯп меғуранд ва мисли тир мепаранд, ҳазорсола бошанд ҳам, хосиятҳои ҷангии худро ҳеч гум накардаанд» [82, с. 122].

Шинохти Лоҳутӣ моҳияти замони нав ва чигунагии тамоюли хонандаи давраи комилан дигари иҷтимоиро ба дурдонаҳои адабиёти куҳани форсӣ-тоҷикӣ ифода мекунад ва дар ҳар ҳол сирри таъсири фавқулода бардавому ҳайратангези «Шоҳнома»-ро аз нафосати олии асари Фирдавсӣ ба ҳисоб меоварад.

Нақди адабӣ ва адабиётшиносии тоҷикии ин давра дар бархе маврид ҷанбаи инкори таърихӣ ва фарҳангии гузаштаро дорад. Дар мавриди дигар дар нақду интиқоди осор равиши димукротики муносибат ба мероси гузашта низ пайгирӣ шудааст. Қазовати гузаштаҳои дуру наздики адабии форсӣ-тоҷикӣ бо меъёрҳои мухталифе сурат гирифтааст. Дар саргаҳи ин амри таҳқиқӣ С. Айнӣ ва намояндагони мактаби илмии ӯ қарор доранд. Таълифоти Абулқосими Лоҳутӣ, Абдурауфи Фитрат ва дигарон бо вуҷуди фарогирии нуктаҳои ба таърихи адабиёт бегона арзёбии нисбатан мунсифонаи ҷойгоҳи шуарои гузашта, аз ҷумла Абулқосими Фирдавсӣ низ ҳастанд, ки дар сатҳу савияи наққодӣ ва адабпажуҳии пешини форсӣ-тоҷикӣ идомат пайдо намудааст.

Дар маҷмуъ, таълифоти пурарзиши пажуҳандагони тоҷик роҷеъ ба адабиёти бостонии форсӣ-тоҷикӣ ва намояндагони барҷастаи он дар ин давра тафовути мумтозе дорад. Ранги арзёбии илмӣ-таҳқиқӣ дар ин осор идеологӣ аст…

## III.3. Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар баррасиҳои замон

Мо дар як силсила ҷустуҷӯйҳо оид ба адабиётшиносии шуравии тоҷикӣ борҳо ба ин нукта расидем, ки солҳои 30-40-уми садаи XX – давраи ҷӯшиши баҳси назарӣ ва пайвандҷӯиву пайвандсозии фарҳанги навини шуравӣ – ба таҳқиқи рӯзгор ва осору афкори аҳли адаби гузашта, аз ҷумла Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Шайх Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва ғайра ҷойгоҳи хос ва заминаи муносиб фароҳам омадааст. Дар ин амр ба мақоми адиб, олим ва мутафаккири номии садаи XI Носири Хусрави Қубодиёнӣ низ силсилаи чораҷӯиҳои илмӣ доир гардида, дар ин асос теъдоде аз асарҳои илмӣ ба вуҷуд омаданд [89; 90; 141; 99, с. 37-44].

Аз тарҳи ин мавзуъ ҳамзамон бо таърихи рӯйкардҳои илмӣ оид ба Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва ҳамзамон дурнамои носирихусравшиносӣ ошноӣ пайдо мекунем. Рӯзгор ва эҷодиёти ин шахсияти барҷастаи илму адаб ҳанӯз дар садаи XIX таваҷҷуҳи ховаршиносони ғарбиро ҷалб карда будааст. Аз ҷумла, эроншиноси олмонӣ Ҳерман Эте аз нафаронест, ки бо нашри чанде аз матнҳои адиби маъруф ва таълифи рисолаи ҷудогона дар ин замина роҳи густурдатаре ба таҳқиқи баъдӣ фароҳам овард. Тарҷума ва нашри фаронсавии «Сафарнома» бо саъйи ховаршиноси фаронсавӣ Шефер низ ба ин давра рост меояд. Бо ин ҳама, ба хулосаи ховаршиноси шаҳири рус Евгений Эдуардович Бертелс, аз замони ҷусторҳои Эте ва Шефер то тарҷума ва нашри «Сафарнома» ба русӣ (1933) дар омӯзиш ва пажуҳиши рӯзгор ва осори Носири Хусрав давраи сукут ҷорӣ буда, кори намоёне дар фосилаи чиҳил сол сурат нагирифтааст. Ин аст, ки ҷусторҳои олимони ғарбӣ бо нашри се матни комил, чанд намуна ва иттилои тарҷумаиҳолӣ ҷамъбаст мешаванд. Е. Э. Бертелс нигоштааст, ки ховаршиносии ғарбӣ аз остонаи таъйини рӯзгори ин адиб ва олим фаротар нарафта, ба шинохти куллии ҷаҳонбинӣ, таъйини консепсияи томравои фалсафӣ ва вежагиҳои сабки хоси эҷодии Носири Хусрав нарасидааст [135, с. 8].

Аммо аз солҳои 20-уми садаи XX бо ба вуҷуд омадани «таваҷҷуҳи ҳамватанон»-и Носири Хусрав ва бедор шудани эҳсоси амиқи шинохти ӯ давраи навини фарорафти таҳқиқу баррасӣ ва нашри осори ин шахсияти илму адабиёт оғоз ёфта, дар ин роҳ натиҷаҳои дилхоҳ ва матлуб ба даст омадаанд. Ин амр аввалан диққати олимони эрониро ба эҷоди адабиву илмии Носири Хусрав афзудааст. Дар ибтидо интишороти машҳури «Коваёнӣ» дар Берлин матни интиқодии се асари маъруфи Носири Хусрав, аз ҷумла «Сафарнома»-ро ба забони форсӣ ба табъ расонидааст. Сипас соли 1928 дар Теҳрон нашри маҷмуаи ашъори шоир бо пешгуфтори Саид Ҳасани Тақизода сурат `фт. Дар пешгуфтори Тақизода ибтикори олимони Ғарб ҷамъбаст, дар айни ҳол, нуктаҳои ҷудогонаи кори онҳо танқид шуд. Муаллиф дар такя ба девони ашъори шоир, ишораҳои тарҷумаҳолӣ ва таърихии фаровон имкон ёфта, ки силсилаи фарзияҳо оид ба Носири Хусравро бо бозёфтҳои воқеӣ ва мудаллал иваз намояд. Бо вуҷуди ин, Е. Э. Бертелс баробари таъкиди арзиши пешгуфтор ҷойгоҳи онро аз назари интиқодӣ низ таъйин кардааст: «Наметавон гуфт, ки ин кор (пешгуфтори Тақизода – С. А.) нуқтаи охир аст, ки баъди он омӯзиши Носири Хусрав манфиате надорад. Ҷойи асосиро дар таҳқиқи Тақизода боз ҳам тарҷумаи ҳоли муаллиф дар бар гирифтааст» [135, с. 8].

Тибқи ин қазоват ҳарчанд ба саҳифаҳои тарҷумаи ҳоли шоир баъди пешгуфтори С. Тақизода зарурати иловаи нуктаи тоза боқӣ намемонад, аммо эҷодиёти Носири Хусрав дар маҷмуъ ба баҳсу таҳқиқи муфассали адабиётшиносӣ ҳамчунон ниёз дошт, ки дар пешгуфтор аз чунин рӯйкард асосан сарфи назар шудааст. Ба ин маънӣ, «адабиётшиносони эронӣ низ бо ҳамон роҳе рафтанд, ки ҳамкорони аврупоиашон бе кӯшиши коркарди мавод рафта буданд [135, с. 9].

Арзёбии ҷусторҳои ховаршиносони русии солҳои 20-уми садаи XX низ дар бозкушоии укдаи осор ва маърифати афкори Носири Хусрав низ қобили таваҷҷуҳ аст. Аз ҷумла, таълифоти А. А. Семёнов «Носири Хусрав роҷеъ ба ҷаҳони моддӣ ва маънавӣ (1923), «Оид ба рӯзгори Носири Хусрав» (1924),

«Ноҳамгунии дигаргуншавии руҳ дар таълимоти исмоилиёни Помир ва Носири Хусрав» (1925) таҳқиқи ҷиддӣ дар шинохти рӯзгор ва афкори гуногунҷанбаи фалсафӣ ва мазҳабии ин нобиғаи илму адаби форсӣ-тоҷикӣ мебошанд, ки дар солҳои 30-40-уми садаи гузашта аз дарунмояи онҳо ба унвони сарчашмаи пурсамар хеле зиёд баҳраманд шудааст. Аммо дар тадқиқу баррасиҳои ин солҳо дар доираҳои расмии адабиётшиносӣ танҳо оид ба ду нашри «Сафарнома» гуфтугӯи хеле муфассал ва доманадор сурат гирифтааст:

*Яке*, тарҷумаи русӣ бо пешгуфтор ва тавзеҳоти Е. Э. Бертелс (1933); *дигаре*, нашри форсӣ бо иловаи ду маснавӣ ва муқаддима оид ба шарҳи ҳоли адиб ва баъзе мулоҳизаҳо ба қалами олими эронӣ Маҳмуди Ғанизода (Берлин: интишороти «Коваёнӣ», соли 1341 ҳ. қ.).

Худи Е. Э. Бертелс ҷойгоҳи баргардони русии «Сафарнома»-ро ба унвони «зуҳуроти ниҳоят матлуби тарҷумаи русии яке аз асарҳои Носири Хусрав», гузашта аз ин, ҳамчун маъхази муҳим ва пураҳаммият дар роҳи таҳқиқи илмии эҷодиёти ин адиби барӯманд арзёбӣ кардааст.

Дар осори илмии замон аз нашри матнҳои мансуб ба Носири Хусрав ва пажуҳиши рӯзгору осори ӯ ба эҳтимоми Ҳ. Эте ва тарҷумаи инглисии «Сафарнома», ки дар боло зикр гашт, чун сарчашмаи муҳим ёд шудааст. Профессор Е. Э. Бертельс дар осори илмӣ оид ба адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва чеҳраҳои барозандаи он низ бо тақозои ҳадафи таҳқиқ аз Носири Хусрав ҳамеша ёд кардааст [135; 136; 137].

Бояд гуфт, ки осори носирихусравшиносии олимони солҳои 30-юм ва ибтидои 40-уми садаи XX ба сифати кори ибтидоӣ ва муқаддимотӣ дар заминаи таҳқиқи мероси классикӣ ва рӯзгору осори адибони гузашта дар ҳавзаи илмии Сталинобод мебошанд, ки ба раванди минбаъдаи рушди афкори адабиётшиносии тоҷик бетаъсир набуданд. Ин ҳангом зарурати таҳқиқи рӯзгор ва осори Носири Хусрав ва таъйини ҷойгоҳи ӯ бештар ба миён омад. Саргармии муҳаққиқони тоҷик дар маъхазҳои муҳимми замон, аз ҷумла, дар номаи адиби тоҷик Абдусалом Деҳотӣ ба Садриддин Айнӣ (аз 29-уми апрели соли 1939)

нақш ёфта, ки аз гармии мунозираҳо оид ба Носири Хусрав дарак медиҳад. А. Деҳотӣ диққати С. Айниро ба қазияи тарҷумаи ҳоли адиб ва мутафаккир ҷалб кардааст: «...Муаррихон ва тазкиранависон дар тарҷумаи ҳоли Носири Хусрав, аз ҷумла, дар бобати аз куҷо будани вай бисёр ғалат кардаанд... Ба ҳамин масъала машғул шуданатон ба мо фоидаи бисёр мерасонад. Ҳарчанд ҳозир дар дасти мо асарҳои вай хеле каманд, лекин аз ҷиҳати қиматашон ба тамоми эҷодиёти Низомӣ ва Навоӣ барин симоҳои бузург баробар ҳастанд... Хусусан ғояи иҷтимои хеле барҷаста ва шоёни диққат дорад» [75, с. 410].

Посухи С. Айнӣ ҳоло равшан нест. Нуктаи қобили андеша ин аст, ки рӯзгор ва осори Носири Хусрави Қубодиёнӣ ҳамчун гӯяндаи номвари ҳавзаи муҳимми адабиёти форсӣ – Мовароуннаҳр аз доираи чашмандози С. Айнӣ дар тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) берун мондааст. Сабаби ин амр маълум нест, ки чаро адибе номвар мисли Носири Хусрав, ки ному осораш барои исботи ҳаққи комили тоҷикон ба мероси арзишманди гузашта дар давраи сарнавиштсози инкори миллат аз ҷониби пантуркистон муҳим буд, аз тазкираи С. Айнӣ берун мондааст. Баъди ин охири солҳои 30-юм ва ибтидои солҳои 40-уми садаи XX ба пажуҳиши рӯзгор ва ҷойгоҳи мероси адабӣ-илмии ин шоир ва олими бузург адабиётшиносон Х. Мирзозода, Л. Бузургзода, С. Улуғзода, ховаршиноси рус И. Брагинский шуғл варзиданд. Аз ҷумла, бо таълифоти Х. Мирзозода – «Носири Хусрави Қубодиёнӣ» (1939) ва «Абӯмуиниддин Носири Хусрав» (1940) нахустин бор нақди дидгоҳи ховаршиносони русиву аврупоӣ оид ба «зараровар»-ӣ ва ҷанбаи «зиддиинқилобӣ»-и мероси адабии гузашта сурат гирифтааст [89; 90].

Пажуҳандаи дигари Носири Хусрав дар ин аҳд С. Улуғзода аст. Ба назар мерасад, ки мақолаи «Носири Хусрав» (дар маҷмуаи «Намунаҳои адабиёти тоҷик», ба хати лотинӣ, Сталинобод, 1940) дар қиёс бо таҳқиқоти дигари рӯзгор ва осори адибони классикӣ бештар дар ҳалқаи баҳсу мунозираи замон ҷойгоҳи муҳим ба даст овардааст. Сабки таълиф ва усули андешаи муаллиф дар муқоиса

бо навиштаҳои олими тоҷик Лутфулло Бузургзода ангезаи ҷолиб дорад [99, с. 37-44].

Чанд навиштаи Лутфулло Бузургзода бо номҳои «Носири Хусрав» (бо ҳамқаламии забоншиноси тоҷик Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов), «Донишманд ва шоири бузурги садаи XI Носири Хусрав» ва «Ҷӯяндаи ҳақиқат ва адолат Носири Хусрав», ки чун муқаддимаи «Мунтахабот»-и ин адиб дар силки маҷмуаи «Классикони адабиёти тоҷик» ба забони русӣ ба табъ расидааст, аз лиҳози фарогирии матлаб ва шеваи баррасӣ дар такмилу тасҳеҳи ҳамдигар ба миён омадаанд [144; 145, с. 94-105].

Таълифоти Х. Мирзозода ва Л. Бузургзода дар посух ба даъвоҳои носаҳеҳи алоқамандони Носири Хусрав то ҷое арзиши муҳим доранд. Бо вуҷуди ин, Х. Мирзозода ба ҷойгоҳи Носири Хусрав аз назари синфӣ ва гароиши мафкуравӣ – даҳригарӣ ва бехудоӣ низ наздик шудааст, ки талаби мафкуравии он замон аст. Талоши муҳаққиқ дар роҳи аз гирудори баҳси ховаршиносони урупоӣ озод кардани Носири Хусрав ҷолиб аст, аммо, аз сӯи дигар, ин таълифот намунаи бебаҳси ба гирдоби мунозираи синфӣ кашидани Носири Хусрав буда, печидагии муносибати илмии он замонро нишон медиҳад.

Таълифоти Л. Бузургзода низ дар бархе маврид аз ин шеваи таҳқиқ барканор нест. Носири Хусрав гӯё дар интиҳои умр (дар Юмгон) майли бехудоӣ карда бошад. Таълифи бахши бештари осораш– «Сафарнома», «Рӯшноинома», «Зод-ул-мусофирин», «Ваҷҳи дин», «Бӯстон-ул-уқул», «Хони ихвон», «Далел-ул-мутаҳайирин» дар ин марҳала далели даҳригии нависанда арзёбӣ ва дар ин маврид асли ба вуҷуд омадани осори адиб тавзеҳталаб бознамоӣ шудааст: «Дар натиҷаи тафаккур ва тадқиқи 15-20 солае, ки вай дар Юмгон дар бораи масъалаҳои гуногуни ҳаёти одамизод ва дар соҳаҳои гуногуни илм кардааст, даҳрӣ шудан ва ё ба ин наздик омадани вай аз эҳтимол дур нест» [99, с. 43].

Бо вуҷуди ин, гарчанд осори таҳқиқӣ оид ба рӯзгору мероси Носири Хусрав, ҳамзамон намояндагони дигари адабиёти гузаштаи форсу тоҷик

таъсири хоси рӯйдодҳои иҷтимоии замонро фаро мегиранд, аз сӯи дигар, барои устувории ҳофизаи таърихӣ ва шинохти воқеии адабиёти гузаштаи тоҷик заминаи мусоид фароҳам оварда, баробари силсилаи осори дигар ба иҷрои вазифаҳои бузурги иҷтимоии замон равона шудаанд.

Таъйини хостгоҳ ва ё ҷойи таваллуди Носири Хусрав яке аз масоили мубрами носирхусравшиносии замон аст. Аз ин ҷиҳат, адабиётшиносии он солҳоро бештар муҳтавои таҳқиқ ва самти андешаи ховаршиносони рус дар бознамоии ҷойгоҳи ҷуғрофии адабии форсӣ-тоҷикӣ, дар маҷмуъ инкори ҳуқуқи комили тоҷикон ба мероси адабӣ ба ангеза овардааст. Адабиётшиносони тоҷик то ҷое кӯшидаанд, ки тамоюли чапу номатлуби ховаршиносиро ошкор намоянд (Х. Мирзозода, С. Улуғзода, А. Деҳотӣ)).

Дар ин замина, рӯйкард ва дидгоҳи Е. Э. Бертелс бештар интиқоди пажуҳишгарони тоҷикии таърихи адабиёти форсиро ба миён овард. Асосан назари мусташриқ ва мутарҷим Бертелс дар муқаддимаи «Сафарнома» ба адабиётшиносони тоҷикии охири солҳои 30-юм ва ибтидои 40-уми садаи XX мавод ва такон барои нақду танқиди ҷиддӣ гардид. Нуктаи аз назари муҳаққиқони таърихи адабиёт баҳсангез ин аст, ки Е. Э. Бертелс зодгоҳи Носири Хусрав – Қубодиёнро ҷое «дар наздики Балх» (*местечке Кубадиан, неподалеку от Балха, тогда причислявшегося к области Хорасана*) ва ҷойи дигар «канори рӯди Кофарниҳон, наздики Тирмиз, дар РСС Ӯзбекистон» (*«города, лежавшего на реке Кафирнихане, притоке Джейхуна (Аму-Дарьи), недалеко от Термеза, в теперешней Узбекской ССР»*) ба қалам овардааст [131].

Маҳалли зодгоҳи адиб дар ин баҳс то ҷре муаммоангез намоён шуда, ки паёмади ин бардошт боиси ба миён омадани садои эътирози доираҳои илмиву адабии Тоҷикистон ва нақди шадиди мунаққидони тоҷик гардид. Аз ҷумла, С. Улуғзода ҳам ба зикри носаҳеҳ будани андешаи Е. Бертелс пардохта, дар ин замина сарфи назар шудани асл ва ҳақиқати таърихро дуруст таъкид ва гӯшзад кардааст [99, с. 37].

Аз адибон ва мунаққидони тоҷики он солҳо А. Деҳотӣ низ ба умқи қазия усулан ва ҷиддан ворид шуда, бо ин равиш дар радифи ноқидони мумтози афкори ховаршиноси рус ҷо гирифтааст. Интиқоди мазкур хеле сахт ва ҷасурона аст: «Дар хусуси инкори мероси адабии халқи тоҷик ва ба саргармии аз ҳад зиёд андохта шудани кори омӯзиши он мо аз шарқшиносон ва олимони хориҷӣ гилае надорем. Зеро ки мақсад ва принсипҳои тадқиқотчигии онҳо маълум аст. Аммо, бисёр афсӯс, ки баъзе олимҳои советӣ ҳам аз назарияҳои нодуруст ва кайҳо кӯҳнашуда даст намекашанд. Чунончи, Е. Э. Бертелс, ки «Сафарнома»-и Носири Хусравро ба забони русӣ тарҷума карда, ба он муқаддима навиштааст, дар ин муқаддимаи худ дар бораи ин ки Носири Хусрав ва эҷодиёти вай ба халқи тоҷик тааллуқ дорад, дониста истода, ҳеҷ чиз наменависад. Ҳатто ҷойи таваллуди вай Қубодиёнро равшан қайд накарда, баръакс, ин район (ноҳия)-и маълумро гоҳ ба Балх, гоҳ ба Тирмиз бурда мечаспонад ва бо ҳамин «устокорӣ» ҳақиқати корро пардапӯш карда мегузарад» [76, с. 3].

Ин нукта боис гардид, ки муҳаққиқони тоҷик пас аз 30-40 сол низ ба ин гуна қазовати носаҳеҳ посухи муносиб ҷӯянд. Аз ҷумла, олими фақид ва адабиётшиноси маъруф А. Афсаҳзод зимни ишора ба Балхӣ муаррифӣ шудани Носири Хусрав дар нигоштаҳои Е. Бертелс таъсир ва ҳамоҳангии андешаҳои ховаршиноси русро бо афкори пажуҳандаи афғонистонӣ Халилуллоҳи Халилӣ таъкид кардааст [221, с. 58-59].

Дар асл Қубодиёнро як гӯшаи Балх ё наздик ба Тирмиз нисбат додани донишмандони таърихи адабиёт аз диди ҷуғрофияи таърихии сарзаминҳои Осиёи Миёна ва сокинони ҳар ду тарафи дарёи Аму будани тоҷикон аз шохаи эронитаборон ғалат нест; набояд ба ин нукта вокуниш ва шубҳаву посух кард. Зеро дар луғот ва осори ҷуғрофиядонони форсу араб «Қубодиён қарияест аз навоҳии Балх, воқеъ дар соҳили яке аз шуаби рӯди Ҷайҳун. Ва он муваллиди Носири Хусрав бувад. Имрӯз қарияест воқеъ дар шимолу шарқии Балх, наздики Тирмиз» [243, с. 8-9].

«Шуаби рӯди Ҷайҳун» дарёи Кофарниҳон аст, ки аз байни Қубодиён гузашта, ба дарёи Ҷайҳун, яъне Аму мерезад ва як кӯҳча Қубодиёну Тирмизро аз ҳам ҷудо мекунад, вагарна ба ҳам пайвастанд [243, с. 9].

Аммо, азбаски ҳадаф аз нисбат додани Қубодиён ба Тирмиз аз сӯйи назарияпардозони ғоявии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар он замон ташвиши адабиётшиносони миллии тоҷикро ба бор оварда буд, аз ин рӯ, интиқоди шадиди чунин қазия ҳарчи бештар сурат гирифт.

Адибону муҳаққиқони тоҷики солҳои 30-40-уми садаи XX (масалан, С. Улуғзода ва А. Деҳотӣ) иттилои тазкиранигорони қадимро аз хусуси исфаҳонӣ донистани зодгоҳи Носири Хусрав рад карда, онро бо назари ихтилофангез ва ғайримунсифонаи ховаршиносон дар як сатҳ гузоштанд. Ин амр то ҷое барои дарки асли қазия мусоидат кард. Шакку тардид ба асноди дақиқ ва падид овардани иштибоҳу саргумӣ оид ба қазия як навъ таассуб ва ноҳамгунӣ аз ҷониби ховаршиносон муаррифӣ гардид [99, с. 38].

Адабиётшиноси тоҷик Холиқ Мирзозода, ҳамзамон Сотим Улуғзода баррасии олимони ховаршиносро аз диди муҳтаво дур аз равиши ҳокими марксистӣ дониста, сатҳи инро ба савияи таълифоти тазкиранависони аҳди пешин, ки гӯё аз онҳо моҳияти воқеии адабиёт дарёфтшуданӣ нест, баробар донистанд [89; 90; 99, с. 37-44].

Дар ин самтгирӣ манзур интиқоди дидгоҳи ховаршиносон, ба хусус Е. Э. Бертелс ва ҳамзамон назари донишманди эронӣ Маҳмуди Ғанизода аст, ки ба сабаби ғалабаи «ҳиссиёти миллатчигӣ», «шарофати тадқиқотчигӣ»-аш ба «Қубодиёнӣ-юл-Марвазӣ» будани Носири Хусрав бо назари шубҳа нигариста, аз ҷумла навишта будааст: «…санади қатъӣ дар ин боб дар даст надорем ва дар тасонифи ӯ (Носири Хусрав – С. А.) ҳам роҷеъ ба ин масъала сароҳате нест» [99, с. 38].

Бинобар ин С. Улуғзода на аз тазкиранависони қадим гила кардааст, ки «онҳо одатан аз ҳуҷҷатҳои таърихӣ дида бисёртар ба афсона ва ривоятҳо аҳаммият медоданд, лекин вақте ки тадқиқотчии замони мо бе ҳеҷ асос шубҳа

карда, ба масъала иштибоҳ ва саргумӣ меандозад, ин дар воқеъ мавриди тааҷҷуб аст», балки олиме чун Ғанизодаро ба интиқод мегирад, ки гарчанд «Носир Хусрав дар сатрҳои якуми «Сафарнома» худро «Қубодиёнию-л-Марвазӣ», яъне дар Қубодиён зоида шуда ва дар Марв зиндагонӣ кардагӣ гуфта нишон медиҳад, аммо Ғанизодаро ба ин коре нест, ба вай санади «қатъитар» ва «сареҳтар»даркор аст» [99, с. 38].

Профессор Е. Э. Бертелс соли 1948 дар мақолаи «Адабиёт ба забони форсӣ дар Осиёи Миёна» Қубодиёнро на ноҳияи ҷудогонаи Осиёи Миёна, балки «ноҳияе пайванд» ба ин қаламрав муаррифӣ карда, аз пайванди Носири Хусрав бо (адабиёти) Осиёи Миёна ҳарф мезанад, дар ҳоле ки ӯ зодаву парвардаи Осиёи Миёна ва осори илмӣ-адабиаш маҳсули тафаккури адаби форсӣ-тоҷикии қисмати шарқии Эрон будааст: «…пайванди Носири Хусрав бо Осиёи Миёна набояд шубҳаеро ба миён оварад, хоса ӯ воқеан чун муаллифи қомуси «Зод-ул-мусофирин», ки ба забони форсӣ навишта шудааст, дақиқан анъанаи Ибни Синоро идома додааст» [136, с. 283].

Ҳадаф аз ин таъкид бозгӯйи пайванди Қубодиён ва ё Носири Хусрав бо адабиёти форсии Осиёи Миёна буд, на ба унвони нисбат ёфтани ӯ ва осори ӯ ба ин қаламрави адабиёти халқи тоҷик. Дар ин самтгирӣ мансуб донистани адабиёти форсӣ ба тоҷикони Осиёи Миёна тавзеҳталаб боқӣ мемонад. Носири Хусрав ва шуарои классики форсӣ-тоҷикӣ чун санаде дар ин гуна самтгирии ховаршиносон қарор доштанд. Чунин бардошт ва шеваи таҳқиқи Е. Э. Бертелс дар он солҳо зимни арзёбии шоирони дигари форс-тоҷик, аз ҷумла Ибни Сино ва Низомии Ганҷавӣ низ зоҳир шудааст [**аз ҷумла ниг**.: 186, с. 97-124].

Ба ин маънӣ, дар ин давра мавҷуд будани ду дидгоҳ оид ба зодгоҳи Носири Хусрав баҳс ва моҷаро пеш овард. Дидгоҳи нахуст канори рости дарёи Аму, дидгоҳи дувум канори чапи он, яъне Афғонистони кунуниро (бо ҳузури таърихии Балх) маҳалли таваллуди адиб медонад. Аммо, саҳеҳ аст, ки ин назар далели моҷароҷӯ аст ва мавҷудии аснод аз боби сокинони ҳар ду тарафи он ба ҳисоб рафтани тоҷикон бебунёд будани онро исбот мекунад: «Дар ҳар ду

канори Аму аз ҳамон оғоз як халқ, тоҷикон мезистаанд ва мезиянд. Чӣ аҳаммияте дорад, ки холе дилкаш дар кадом рӯйи хушчеҳрае падид омадааст?!» [285, с. 19].

Албатта, баҳсу мунозираҳои он замон – «кашмакашҳои беҳуда» ва ифротандешӣ ба дарки салими таърихи адабиёт ва кашфи аслии моҳияти осори адабии гузашта суду манфиат намеовард. Дар ҳамин ҳол табиист, ки назар ба бозкушоии моҳияти арзишҳои зебоишиносии мероси классикӣ баҳсу мунозираҳои қавмиву нажодӣ дар ҷойи аввал мақом пайдо кардааст. Воқеан, чунон ки адабиётшиноси маъруф Камол Айнӣ ба натиҷа расида, «забону адаби тоҷикӣ ҳамвора мавриди музокира ва мубоҳисаи сиёсатҳо ва ҳадафҳои гурӯҳҳои ҷомеа ва давлатдорон» [207, с. 188] будааст. Аз ин ҷиҳат, Х. Мирзозода ҳам ба майлу оҳанги он замон чунин менависад, ки «адабиётшиносии шарқшиносон бо мазмуни корашон на танҳо ба адабиётшиносии марксистӣ наздик наёмада, ҳатто аз тазкиранависон, ки дар бораи моҳияти ҳақиқии адабиёт маълумот дода наметавонад, он тараф нагузаштаанд» [90/I].

Ин ҷо назари ховаршиносон аз хусуси хостгоҳи Носири Хусрав рад ва танқид шудааст, ки дар таъсири даъвои тазкиранависон зодгоҳи ӯро «исфаҳонӣ» ба қалам овардаанд. Ин маънӣ, аз ҷумла дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ [45], «Оташкада»-и Лутфалибек Озари Бегдилӣ [37], «Миръот-ул-хаёл»-и Шералихони Лӯдӣ [29], «Қомус-ул-аълом»-и Шамсуддини Муҳаммади Сомӣ зикр шудааст. Соҳиби «Наштари ишқ» Ҳусайнқулихони Азимободӣ аз иттилои ин тазкираҳо бардоштҳо карда ва гуфтааст, ки Носири Хусрав «аслаш аз Исфаҳон буд ва силсилаи пайванди ӯ ба ҳазрати Имом Мӯсо Козим(а) мерасад» [2, с. 1544].

Адабиётшиносони тоҷик бо лаҳну оҳанги шадиди илмӣ-публитсистӣ ба радди қазияҳои носаҳеҳи ховаршиносон пардохтанд. Дар навиштаи С. Улуғзода танқиди шадиди Маҳмуди Ғанизода – муҳаққиқи эронӣ низ аз ҳамин чашмандоз арзиш дорад. Адабиётшиносон то ҷое кӯшиш ба харҷ доданд, ки ба

даъвои носаҳеҳи тазкиранигорон ва олимони замон садои эътироз ва ноқаноатмандӣ баланд кунанд. А. Деҳотӣ бо такя ва ишора ба асноди тарҷумаи ҳоли адиб ва олим дар «Сафарнома» печидагӣ ва ихтилофи исфаҳонӣ будани Носири Хусравро нишон дода, С. Улуғзода низ даъвои мазкурро комилан рад кардааст. Ба назари охирӣ чунин сурат ёфтани масъала ба омилҳои мазҳабӣ пайванд буд ва «манфиати муборизаи мазҳабӣ бо шиаҳо» дар тарҷумаи ҳоли Носири Хусрав омили муассири ба вуҷуд омадани «афсонаҳои дурӯғи ночаспон», яъне, ба Исфаҳон нисбат додани зодгоҳи номбурда гардидааст.

Аз диди аҳли таҳқиқ, таваҷҷуҳи тазкиранигоронро на асноди воқеии таърихӣ, балки бештар ҷанбаи ривоятии рӯзгори шоирони гузашта ҷалб кардааст [99, с. 38]. Ба ин маънӣ, дар он марҳалаи таърихи адабиётшиносӣ таъкиди беэътимодии асноди тазкираҳо, ихтилоф, шакку тардид, костагӣ ва нуқсу заъфи онҳо ҷойгоҳи муҳим пайдо кард, ки ин амр ба таъйини дурусти маҳалли дақиқи таваллуди Носири Хусрав боис гардидааст. Маҳз аз ин ҷиҳат, дар таълифоти Х. Мирзозода Хуросон номи вилояте аз шимоли шарқии Эрон муаррифӣ гардид, ки дар асрҳои миёна густураи паҳновар дошта, иддае аз ноҳияҳои Осиёи Миёна ва Афғонистонро дар бар мегирифт ва Қубодиён низ тобеи он будааст [90/1]. Ба тафсири С. Улуғзода ҳам «қисми калони хоки ҳозираи Тоҷикистон ва Афғонистони шимолӣ дар замони Салчуқиён (асри XI) тобеи Хуросон ва Марв маркази яке аз вилоятҳои он буд»-аast [99, с. 39].

Дар маҷмуа-тазкираи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» низ ин масъала мавқеи назаррас пайдо карда, дар он мазмуну моҳияти аслии муборизаҳои адабиётшиносон илман ҷамъбаст гардидааст. Дар сарсухани маҷмуа бори нахуст кӯшиш ба харҷ рафта, ки фосила ва тафовути байни канори чап ва рости Амударё, ки дар таъйини манофеи сиёсии сарзамини воқеӣ ва ягонаи тоҷикон нақши муҳим дошт, бардошта шавад ва мансубияти саромадони ҳар ду сӯи Ому ба адабиёти воҳид ва муштараки форсизабон исбот, ба ин васила, ҳақиқати таърихӣ риоя гардад: «Тақдири таърихии қавмҳо ва халқҳои форсизабон дар ҳар ду тарафи дарёи Аму дар ин муддати таърихӣ – аз нашъунамои маданияти

давраи сомониҳо сар карда, то ба фалокатҳои зулми муғулон чунон ба ҳамдигар печдарпеч буд, ки ҳамаи ин халқҳо дар он вақт дар як забон эҷодкори ягонаи адабиёт шуда мебароянд…» [99, с. XIV].

Сухан дар бораи он меравад, ки адабиёти давраи классикии форсии тоҷикӣ тибқи ҳақиқати таърих эҷоди муштараки «халқҳои форсизабони ҳар ду тарафи дарёи Аму мебошад ва он шоирону адибон саромадони ҳам адабиёти тоҷикон… ва ҳам адабиёти Эрони ҳозираанд» [99, с. XVI].

Ин равиши таърихӣ халқи тоҷикро на танҳо барои аз худ донистани мероси маданӣ вомедошт, балки мансубияти дуҷонибаи онро ба тоҷикон ва эрониён хеле хуб равшан месохт. Ин нукта аҳаммияти дасти аввал пайдо кард, ки нисбат додани адабиёти давраи классикӣ ба «монополияи Эрон» ва танҳо «мулки хусусии Эрон» ба шумор овардани мероси ғании форсӣ – чунон ки ховаршиносон раво диданд – ҳаргиз имкон надорад. Зикри мафҳумҳои «монополияи Эрон» ва «мулки хусусии Эрон» дар мунозироти адабиётшиносии тоҷик, чунон ки муҳаққиқи номвари тоҷик Камол Айнӣ ба натиҷа расидааст, исботи «саҳму ҳаққи тоҷикон дар бунёди он адаб (адабиёти муштараки умумифорсӣ – С. А.) аст, на мақсади (ё ғарази – С. А.) ҷудоии байни эрониён ва тоҷикон» [207, с. 188].

Бевачҳ нест, ки дар ин сарсухан ба нақши дарёи Аму таваҷҷуҳи хос шудааст. Аз таърих ва рӯйдодҳои нимаи дувуми садаи XIX пайдост, ки қазияи Амударё дар таъйини ҳудудҳои этникии байни Осиёи Миёнаву Афғонистон нақши муҳим дошта ва созишномаи байни русу ингилс (1873) ба ҷудоии тоҷикони самти чап ва рости Амударё мусоидат кардааст. Дарёи Аму чун садди таъйини манфиатҳои сиёсии Русияи тазорӣ ва Ингилистон шинохта шуд [19, с. 996], ки чунин рӯйдод ба раванди фикри ҷомеашиносии русӣ оид ба масъалаҳои Осиёи Миёна низ бетаъсир набудааст.

Нуктаи дигар дар таълифоти носирихусравпажуҳӣ ва дар маҷмуи адабиётшиносии тоҷик умумиятҷӯиву табақашиносии давраи дигарсозии иҷтимоӣ аст. Ҷавҳари қазия аз муборизаи синфҳо иборат будани таърих аст.

Ҷудосозии табақаҳои ҷомеа ба дорову нодор ва ё золиму мазлум аз роиҷтарин унсури нигариши илмии замон мебошад. «Идеологи деҳқонӣ» муаррифӣ шудани Носири Хусрав аз ҷониби Лутфулло Бузургзода низ аз ин шеваи нигариш маншаъ мегирад, ки ҷанбаҳои аслӣ ва воқеии осори адиб сарфи назар мешавад. «Умумиятҷӯии сиёсиву иҷтимоӣ барои мафкураи нав як вазифаву мақсади асосии адабиётшиносӣ қарор гирифта, боиси таҳрифи маҳзи бисёре аз нуктаҳои адабиёти классикӣ гашта буд» [26, с. 76].

Дар ҳамин асос ба ҷанбаи халқияти осори Носири Хусрав таваҷҷуҳи хос шудааст. Халқ ва «халқият» танҳо ҳамчун мафҳумҳои воҳиди сиёсӣ-иҷтимоӣ мавқеъ ёфтаанд, на ба сифати категорияҳои эстетикӣ шинохта шудаанд. Эҳсоси «садои норозигии халқ» арзишу аҳаммият пайдо кард. Яке аз сабабҳои ба маҷмуаи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ворид шудани зиндагинома ва намунаи ашъори Носири Хусрав чунин тафсир шудааст, ки «дар эҷодиёти ӯ... шарораҳои ҳаракати деҳқонон ба таври равшан ва муайян» хеле равшан ба назар мерасад [99, с. XIX].

Нуқси ғоявии адибоне чун Носири Хусрав дар он ифода шуда, ки гӯё ӯ ба фаҳмиши амиқи моҳияти иртиҷоии мазҳаби исмоилия имкон наёфт, дар зиддияти шӯришгарона алайҳи ислом исмоилияи иртиҷоиро асоси расидан ба ормон ба шумор овард. Ҳамин дарёфти нуқсу заъф аз адиби асрҳои миёна дар чигунагии шаклгирии мафкураи замон нақши муассир доштааст.

Иллати дигари пажуҳишу баррасии осору афкори Носири Хусрав ба ҷанбаҳои даҳригии (атеистӣ, нохудоӣ, инкори худо) эҷодиёти ӯ дахл дорад. Ин андешаи А. Деҳотӣ бахшида ба нашри тазкираи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» дар таъйини муносибати замон ба адабиёти гузашта ва намояндагони он моҳияти масъаларо хеле равшан мекунад. Аз диди ӯ бо нашри асар барои халос шудани шоирон, адибон ва донишмандони бузурге, чун Носири Хусрав, Бедил ва Аҳмади Дониш, ки «руҳониён ва баъзе тадқиқотиёни хомфикр яке аз онҳоро ба гирдоби исмоилизм, дувумиро ба лойқаи сӯфизм, севумиро ба лагери

контреволютсионӣ (зиддиинқилобӣ)-и ҷадидизм андохта буданд, заминаҳои аввалӣ тайёр карда шуданд » [76, с. 2-3].

Аз ин рӯ, аз осори Носири Хусрав «сатрҳои даҳрӣ» дарёфт шуд, ки «на танҳо ҳилагарӣ, маккорӣ ва ҷаҳолатпарастии руҳониёни иртиҷоиро фош мекунанд, балки ба осмон – ба Худо ҳам ҳамлаи сахт менамояд» [99, XX]. Ба таъкиди А. Деҳотӣ руҳониён дар «тасхири» симоҳои адабии гузашта дастдарозӣ карда, эшонро ҳамчун «намояндаи Худо» ва «авлиё» муаррифӣ кардаанд...

Лутфулло Бузургзода ба баррасии рӯзгор ва осору ақоиди Носири Хусрав ба сифати «донишманд ва шоири бузурги садаи XI», «ҷӯяндаи ҳақиқат ва адолат» ворид шудааст. Номи навиштаҳо аз вежагии муҳимми осори он солҳо ва фардияти пажуҳишҳои илмӣ дарак доранд. Он солҳо барои муаррифии шоирони гузаштаи халқи тоҷик ин навъ унвонҳо бартарӣ доштанд, масалан, мақолаи А. Деҳотӣ аз хусуси Низомии Ганҷавӣ низ «Шоир, донишманд ва гуманисти бузург» ном дорад [75, с. 31-36].

Л. Бузургзода, Х. Мирзозода, С. Улуғзода майли адабиётшиносиро ба таҳқиқи рӯзгор, фаъолият ва мероси илмию адабии Носири Хусрав ба ҷӯш оварда, дар ин амр баҳрамандӣ аз усули роиҷи он солҳо – омӯзиши интиқодии мероси классикиро ба миён гузоштаанд. Бо нисбат додани Ибни Сино ва Носири Хусрав ба тоҷикон Л. Бузургзода дар радифи муборизони ҳуқуқи ин халқ ба мероси классикӣ ҷой гирифта ва дар бардоштҳояш нақши талоши мафкуравии зиёиёни он солҳо бештар ба назар мерасад. Рисолаи Е. Бертелс «Ибни Сино ва адабиёти форсӣ» он ҳангом таъсир ва ангезаи хос ба адабиётшиносии тоҷик гузоштааст. Бино ба андешаи ховаршинос аз тамоми муаллифони садаи XI танҳо Ибни Сино ва Носири Хусрав кӯшиши хуби фароҳам овардани маводи комили энсиклопедӣ оид ба соҳаҳои гуногуни илм ба забони форсӣ доштанд, ки дар асл хулосаи безаминаву нодуруст нест. Аммо, аз он ки дар пайкори ховаршиносӣ инкори мансубияти миллии тоҷикии Ибни Сино арзиш пайдо кард, табиист, ки адабиётшиносии мо зимни бознамоии рӯзгор ва осори Носири Хусрав низ чунин шеваи баррасиро пай гирифтанд.

Л. Бузургзода бо назардошти майли ховаршиносии рус консепсияи С. Айниро оид ба «умумияти вежагиҳои тарҷумаиҳолии классикони бузурги ҷаҳоншумули адабиёти тоҷик Фирдавсӣ ва донишманди бузург, фарзанди халқи тоҷик Абӯ Алӣ Сино» [144, с. 95] равшан пай гирифтааст. Қиёси таърихии бузургони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ Абулқосим Фирдавсӣ ва Ибни Сино, Ибни Сино ва Носири Хусрав аз ҷониби ин олими адабиётшинос на танҳо ба хотири зикри ном ва арҷу ифтихор аз мероси гаронбаҳои онон, балки бештар барои исботи решаҳои таърихии адабиёти тоҷик ва нисбат ёфтани мероси умумии классикии форсӣ ба тоҷикону эрониён, хусусан бозгӯи ягонагии ҳавзаҳои адабии форсизабон ба кор рафтааст. Бо ин шева ин нукта гӯшзад шуда, ки Фирдавсии Тӯсӣ, Ибни Сино ва Носири Хусрави Қубодиёнӣ рамзи ҳамбастагӣ ва ягонагии тафаккури адабии тоҷикон ва эрониёнанд. Ин андеша, самтгирӣ дар занҷираи набарди илмиву адабӣ, мунозираи мафкуравӣ ва раванди худшиносии он солҳо, дарки устувори решаҳои таърихии адабиёти тоҷик ва бозгӯи ягонагии адабии тоҷикону эрониён ҷойгоҳи муҳим доштааст.

Л. Бузургзода дар таъкиди ин ягонагӣ асосан на аз истилоҳи «форс-тоҷик», ки дар осори С. Айнӣ, Х. Мирзозода, С. Улуғзода, Н. Маъсумӣ, А. Деҳотӣ хеле фаровон истеъмол шудаанд, балки аз истилоҳи регионалии «адабиёти тоҷик» фоида бурдааст. Мутолиаи осори Л. Бузургзода собит мекунад, ӯ танҳо дар як маврид – дар мақолае оид ба аҳаммияти достони «Гурӯғлӣ» истилоҳи «тоҷику форс»-ро зимни бозгӯи мақоми Абулқосими Фирдавсӣ истифода кардааст [99, с. 261].

Аммо истифода ва баҳрагирӣ аз истилоҳи «адабиёти тоҷик» дар ин осор ҳаргиз хилофи моҳияти коркарди консепсияи истилоҳи таърихии «форс-тоҷик» набудааст. Пайванди маънавии Л. Бузургзода ба ҳалқаи адабшиносии тоҷик дар он аҳд, дастёбӣ ба ҳаллу фасли масъалаҳои умдаи таҳқиқи таърихи адабиёти гузаштаву муосир, таърих ва фарҳанги шифоҳии мардумии тоҷик, гузашта аз ин, дар силсилаи ягонаи «таърихи адабиёти тоҷик» нашр шудани мақолоти ӯ дар матбуоти замон ҳамназариашро ба афкори ҷории замон ва ниёзҳои вақти

адабиётшиносӣ собит мекунад. Ба назари мо, бояд беш аз ҳама ин нукта ҷанбаи муҳим ва ҷолиб дошта бошад. Чун ба бозгӯи моҳияти таҳқиқи замон мепардозем, ҳатман бояд вежагии онҳоро аз диди он солҳо таъйин намоем. Аз ин нигоҳ, қиёси Носири Хусрав бо Ибни Сино суде бар ҳофизаи таърихӣ ва амиқрафти тафаккури миллӣ буд, аммо зикри ин нукта низ бамаврид аст, ки дар қиёси мазкур шеваи хоси замон, барчасби ғояи даҳрӣ ба осори онҳо низ ба назар мерасад. Гӯё Ибни Сино ба унвони олими файласуф ва Носири Хусрав ҳамчун шоир ҷонибдори атеизм (инкори худо) буданд, ки нуқси баррасии илмии он замон аст. Аз чашмандози Л. Бузургзода қиёси Носири Хусрав бо Ибни Сино – «умумияти вежагиҳои тарҷумаиҳолии» онҳо аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ҳар ду дар масири рӯзгор ҳарчи бештар дар ҷустуҷӯи ҳокимони Эрон ва олимони мазҳабии дарбор қарор дошта, то интиҳои ҳаёт чун гуреза дар таъқиб умр ба сар бурдаанд.

Як падидаи муносибати Л. Бузургзода ба ҷойгоҳи ин ду олим ҷанбаи ба халқ наздик будани рӯзгору осори онҳост. Диққати адабиётшиносро нақлу ривоёти мардумие кашидааст, ки дар онҳо симои инсонии арзанда ва дорои фаросати баланд будани ин ду олим инъикос ёфтаанд: «Ҳар ду фарзанди бузурги халқи тоҷик дар ривоятҳои мардумии наслҳои гуногун ҳамчун дӯстдор ва фидоии халқ тарсим шудаанд. Мардум ба онҳо баҳои баланди сазовор медиҳад ва ёддоштҳои ҷолибе роҷеъ ба саргузаштҳои гаронқадри ҳаёти онон маҳфуз медорад» [144, с. 95].

Ҳамин гуна шеваи нигариш ва қазовати ғоявии масоили маърифати адабиёти гузашта муҳаққиқро ба таҳқиқи рӯзгору осори Носири Хусрав наздик мебарад. Ӯ бо такя ба асноди «Сафарнома» ва девони ашъори Носири Хусрав оид ба замон (*Бигзашт зи ҳиҷрат паси сесад наваду чор, Бигзошт маро модар бар маркази акбар*) ва макони зодгоҳи адиб (*Абӯ-Муин-уд-дин Носири Хусрав ал-Қубодиёнӣ ал-Марвазӣ*) бо муҳаққиқони дигар ҳамназарӣ кардааст [145, с. 7].

Назари муҳаққиқро бештар нуктаҳои муҳимтарини рӯзгори Носири Хусрав то соли 1040, яъне то 35 солагиаш – вазъи рӯзгордорӣ, дарёфти саводи ибтидоӣ,

миёна ва олӣ, авзои мадании Хуросони замони Носир, зуҳури қобилият ва қариҳаи камназир дар заминаи омӯзиши риёзиёт, шуғл ба «декламатсияи шеър», омӯзиши осору афкори гузаштагон ва муосирон фаро гирифтаанд. Ба ин маънӣ, дар асари Л. Бузургзода симои Носири Хусрав ба сифати олими мубтакири дорои мутолиаи густурда арзёбӣ шудааст. Мутолиа дар заминаи афкори фалсафии уламои машҳур Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, фалсафаи классикии Юнон, ба вежа Арасту, дар маҷмуъ соҳаҳои мухталифи дониши замон сабаби асосии вусъату густариши ҷаҳонбинии мутафаккир гардидааст.

Ҳамзамон пажуҳанда ба моҳияти сафари ҳафтсолаи адиб (1045-1052) ва гаравиши ӯ ба таълимот ва фаъолияти исмоилӣ таваҷҷуҳ кардааст. Бархӯрд бо марказҳои бонуфузи илмии Эрону Африқо, мунозираҳои илмиву адабӣ бо файласуфон ва шоирон дар Миср, идомаи пажуҳиш дар заминаи фалсафаву мазҳаб муҳимтарин рӯйдодҳои рӯзгори Носири Хусрав ҳангоми сафар буданд, ки доираи таваҷҷуҳи олими замони навро фаро гирифтаанд.

Ин таъкиди Л. Бузургзода бо такя ба хулосаи ховаршиносон роҷеъ ба маншаи гароиши Носири Хусрав ба фирқаи исмоилӣ ҷолиб аст, ки бархӯрди ӯ ба оини исмоилӣ зимни сафар боиси бо диди фалсафӣ арзёбӣ намудани таълимоти он гардид. Дар кеши исмоилия ба дарёфти нуктаҳое ноил шуд, ки мавриди баррасии фалсафаи классикии аҳди бостон қарор гирифта буданд. Ва дар ҳамин ҷо гӯё Носири Хусрав фаҳмид, ки дар дасти фотимиён силоҳе барои мубориза бар зидди мазҳаби суннӣ, аз ҷумла алайҳи ҳокимони Эрон вуҷуд дорад [144, с. 98-99]. Ва боиси созгорӣ пайдо намудани адиб бо кеши исмоилӣ низ дар ҳамин нукта аст.

Л. Бузургзода таваҷҷуҳи доираҳои илмиро ба он қазия равон кард, ки гароиши Носири Хусрав ба кеши исмоилӣ сабабҳои дигар низ дошта метавонад. Масалан, юриш ва задухӯрди бениҳояти ҳокимони феодалӣ ба муқобили Эрон ва Осиёи Миёна, харобии кишвар ва заминдориву тиҷорати он, аз даст рафтани тартибу низоми давлатдорӣ ва ноороми мардум метавонистанд нақше дар дигаргунии афкор ва андешаи сиёсиву иҷтимоии вай

ба вуҷуд оваранд. Носири Хусрав роҳи мубориза бо чунин равиши иҷтимоиро дар пайвастан ба кеши исмоилия дид, ки аз назари муҳаққиқ ихтилофи ҷаҳоншиносии адиб ба шумор мерафт.

Ҳамназарии пажуҳанда бо диди адабиётшиносӣ дар нисбат додани осори зерин ба Носири Хусрав намоён мешавад: «Зод-ул-мусофирин», «Ваҷҳи дин», «Бӯстон-ал-уқул», «Хони ихвон», «Далел-ул-мутаҳайирин». Гузашта аз ин, бо номи ин адиб ва ҳаким аз осори илмие, чун «Иксири аъзам», «Қонуни аъзам», «ал-Муставфӣ», «Дар илми Юнон», «Дастури аъзам», «Канз-у-л-ҳақоиқ», «Тафсири Қуръон» ёд шудааст. Ба унвони осори адабии Носир аз «Девони ашъор», «Сафарнома», «Саодатнома», «Рӯшноинома» сухан меравад. Ҳамзамон ин адиб ба таври умумӣ ҳамчун муаллифи баъзе аз осори фалсафию бадеӣ ба забони арабӣ, ки то замони мо нарасидаанд, ёд шуда, аммо аз ном ва чигунагии ин осор на Л. Бузургзода, на пажуҳандагони дигари Носири Хусрав ҳарфе нагуфта ва ишораҳояшон бе зикри манбаъ боқӣ мондааст.

Дар мавриди мансубияти осор ба Носири Хусрав зикри як нуктаи муҳим – ашъори бар зидди Худо гуфтаи Носири Хусрав қобили тавзеҳ аст. Л. Бузургзода, С. Улуғзода аз аввалин муҳаққиқонеанд, ки манзумае (қасидае) ба унвони «Мунозира бо Худо»-ро ба номи ин шоир ва ҳаким нисбат додаанд. Аммо дар сохт ва муҳтавои манзума баҳс нашудааст. Ба ин нукта таваҷҷуҳи аҳли пажуҳиш ва мутолиаро ҷалб карданием, ки «Мунозира бо Худо» ном манзумаи Носири Хусрав аввалин маротиба ба «Намунаҳои адабиёти тоҷик» [99, с. 45-47] аз тазкираи Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ «Намунаҳои адабиёти Эрон» ворид гардидааст!...

Тарҷумаи русии манзума дар ду нашри «Мунтахабот»-и Носири Хусрав (1949, 1954) дар таҳия ва тафсири И. С. Брагинский низ ҷой дорад. Фароҳамоварандаи «Гулчине аз осори Носири Хисрав» (1957) К. Айнӣ маъхази ин манзумаро «Девони қасоид ва муқаттаоти Ҳаким Носири Хусрав» (Теҳрон, 1304-1307, бо эҳтимоми Саидҳасани Тақизода) муаррифӣ кардааст. Ба ин

маънӣ, дар нашрҳои эронии мероси Носири Хусрав низ аз мансубияти асар бо ин ном ба ин адиб худдорӣ нашудааст.

Аммо, баробари ин, бояд дар назар дорем, ки дар Тоҷикистон низ шакку тардид ба нисбат ёфтани ин гуна манзума ба мутафаккире ҳамчун Носири Хусрав ҷой дорад. Аз диди мо ин нуктаи муҳимро бори аввал файласуфи маъруф Алоуддин Баҳоваддинов пай бурда ва диққати аҳли пажуҳишро бар он кашидааст: «Бовари комил нест, ки Носири Хусрав муаллифи қасидаи «Мунозира бо Худо» бошад» [405, с. 284]…

Л. Бузургзода дар ин таълифоташ ба ҷанбаи қомуснигарии бузургони гузашта, аз ҷумла Носири Хусрав дар радифи Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Ибни Сино таваҷҷуҳи хос зоҳир кардааст. Аз ҷумла, яке аз чунин ҷанбаҳои фаъолияти Носири Хусрав ба дониши мусиқӣ майл доштани ӯст. Л. Бузургзода бо такя ба санадҳои таърихиву адабӣ симои адиб ва олими намоёнро ҳамчун бунёдгузори оҳангу наво ва кошифи асбобҳои мусиқӣ намудор кардааст, ки дар камолоти илмиву адабии асримиёнагӣ муҳим буданд.

Рӯйкард ба ҷойгоҳи забони осори адабии гузашта низ дар он солҳо барои ба хонандаи замон ошкор кардани моҳияти адабиёт муҳим арзёбӣ шудааст. Дар муқобили он назарияҳои Е. Э. Бертелс ва А. А. Семёнов оид ба душворӣ ва нақши архаистӣ доштани забони асарҳои Носири Хусрав [144, с. 64]. **Л. Бузургзода ин абармарди донишу хирадро ба унвони яке аз бунёдгузорони забони адабии точик муаррифӣ кардааст**. Хоса яке аз муҳимтарин ибтикор – софу покиза нигоҳ доштани забони форсӣ-тоҷикӣ ҷолиб аст. Носири Хусрав «ҳамчун олими бузурги замон забони арабиро бағоят хуб аз бар карда буд… Бо вуҷуди ин, забони модарии тоҷикиашро бо унсурҳои арабӣ олуда накарда… бо арабизмҳо муборизаи шадид бурдааст» [144, с. 101].

Дар тафсири ин андеша ба таври равшан ва собит иртиботи байни забони Носири Хусрав ва забони давраи нав таъкид шудааст: «Осори тоҷикии ӯ ба дараҷае фаҳмо ва дақиқ…, ки аз забони имрӯзии тоҷикӣ тафовути ночиз дорад

ва ҳар каси дар ин забон босавод бе душворӣ осори Носири Хусравро мефаҳмад» [144, с. 101].

Бо ин андеша – таъкиди тафовути ночизи «забони имрӯзии тоҷик» бо забони асарҳои Носири Хусрав дар ин давраи ҳассос ба назариёти носаҳеҳи олимону адибони солҳои 20-30-юми садаи XX – мункирони пайванди азалии забон бо гузашта, ҷонибдорони барпо кардани забони адабии нави тоҷик дар раванди баҳсҳо оид ба сохтмони забон ва табдили алифбои арабӣ ба лотинӣ дар Тоҷикистон, хоса дар самти инкори забони давраи классикии тоҷик ва пайванди он бо забони давраи муосир посухи муносиб ироа шудааст. Гузашта аз ин, гузориши қазия оид ба барканорӣ ва дурӣ ҷустан аз унсурҳои арабӣ аз таваҷҷуҳи нисбатан солими ин солҳо дарак медиҳад. Ховаршиносон Е. Бертелс ва А. Семёнов ҳарчанд дар боби Носири Хусрав ба ақидаи аз назари таърихӣ ғалат расидаанд, аммо дар мавориде ба таъкиди нуктаҳои муҳим низ даст ёфтанд. Аз ҷумла, А. А. Семёнов баробари бозҷустҳои олимони носирихусравшиноси охири солҳои 30-40-уми садаи XX дар баррасии забони шеъри Рӯдакӣ чунин нигоштааст: «Ба қатори хизматҳои бузурги Рӯдакӣ ҳаминро даровардан лозим аст, ки вай дар ҳама асарҳояш аз арабизм сахт ҳазар мекард ва бо ин роҳ забони модарии худашро аз анбуҳи калимаҳои бегона тоза менамуд. Вай дар ин бора дар сафи Фирдавсии ҷовидонӣ меистад» [105, с. 48].

Аз ин рӯ, агар Л. Бузургзода, аз як сӯ, дар мавриди Носири Хусрав «андешаву хулосаҳои Е. Э. Бертелс ва А. А. Семёновро рад ва ислоҳ» [144, с. 64] карда бошад, аз ҷониби дигар, шеваи нигариши ононро дар баррасии забони осори адибони дигари давраи классикии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ идома додааст. Меъёр ва обекти муҳим ба Л. Бузургзода зимни арзёбии забони осори Носири Хусрав ашъори ӯ буданд. Дар ин маврид забони насри адиб истисно шудаасту халос. Яъне, қазияи дурӣ ҷустан аз арабизм бештар ба шеъри Носири Хусрав садоқат дорад.

Гузашта аз ин, иддае аз масоили эҷодӣ, аз ҷумла ба мадҳи шоҳон напардохтани Носири Хусрав, интиқод аз шоирони маддоҳ, зиддият ба

шоирону амирон, ҷонибдорӣ аз халқи заҳматкаш, маҳкуми порахӯрон, мубориза бар ғурур ва ҷаҳолати боён, тавсифи инсондӯстӣ, инсонгароӣ ва мафкураи деҳқонӣ ҳадафи таҳқиқи Л. Бузургзода бо такя ба абёте аз девони ашъори Носири Хусрав қарор гирифтаанд. Л. Бузургзода бо такя ва ишора ба арҷгузории руҳониёни исмоилӣ ба Носири Хусрав пас аз маргаш ҳамзамононро ба фош кардани ҳилаву найранги онҳо ва, бо ин мақсад, омӯзиши «эҷодиёти ғании донишманд ва шоири бузурги тоҷик» даъват кардааст. Дар ин роҳ ӯ назарияҳои Х. Мирзозода ва А. Деҳотиро ҷонибдорӣ ва пайгирӣ менамояд: «Носири Хусрав бо ҳама зиндагии аз одат берун, халқпарварӣ, одамияти баланд ва меҳнатдӯстӣ, фидокории беназир дар роҳи илм ва ҷустуҷӯи ҳақиқат, нафрат ва душмании пуршӯр бо золимон, бо ҳама ақлу заковати баландаш аз они мост, ба мо наздик ва азиз аст…» [144, с. 105].

Профессор А. Сатторзода аз мутолиаи нусхаҳои такмилаи мақолаи «Искатель правды и справедливости Носир Хисроу» андешаҳои илмии Л. Бузургзодаро «боз ҳам нишонрасу ҳадафмандтар ва аз диди илмӣ амиқтару бовусъат» арзёбӣ кардааст, ба ин далел, ки дар оғози мақолаи аввал танҳо як ишора аз боби симоҳои рӯиҷаҳонӣ будани фарзандони қавми тоҷик – Ибни Сино ва Носири Хусрав сухан рафта ва дар такмила ин дидгоҳ куллан вусъат ёфтааст [144, с. 255].

Арзиши аслии такмилаи асари Л. Бузургзода дар он аст, ки агар дар мақолаи аввал муаллиф ба ҷустуҷӯи фоҷиаи Носири Хусрав пардохта, ибтидои онро аз оғози сафари адиб ба Ҳаҷ донистааст, дар такмилаи мақола ин давра маншаи ҷустуҷӯйи ҳақиқат ва адолат намоён шудааст. Ба ин маънӣ таълифоти Л. Бузургзода чун ибтидои пажуҳиш аз хусуси шинохти рӯзгор ва осори Носири Хусрави Қубодиёнӣ аз заъфу нуқсони ҷиддӣ барканор нестанд. Ин ҳол ҷо-ҷои мақолоти ӯро фаро гирифтааст. Чун ин пажуҳиш ба давраҳои аввали адабиётшиносӣ рост омад, банду басти афкори илмӣ-назарӣ ҳанӯз дар сатҳи густурда набудааст, табиист, ки таҳқиқи комилан амиқу усулии шахсияту рӯзгори суханварони аҳди пешин ба ин муҳаққиқон даст надодааст. Таҳқиқи

рӯзгору осори Носири Хусрав дар адабиётшиносӣ, фалсафа, таърихи афкори сиёсиву иҷтимоии халқи тоҷик солҳои баъд вусъат ёфт (А. Баҳоваддинов, Х. Додхудоев, Ғ. Ашӯров, Х. Шарифов, Н. Арабзода, А. Девонақулов ва дигарон).

Нуқсу заъфи таълифоти Лутфулло Бузургзода ба раванди аз ҷониби сиёсати замон даҳрӣ пиндоштани адаби гузашта ва суханварони пешин пайвандӣ дорад. Ӯ ба чеҳраи илмиву адабӣ ва инсонии Носири Хусрав ба сифати ҷонибдори шадиди атеизм нигаристааст. Эҳсоси ҳамин ҷанба аст, ки «сабабҳои аслии ҳуҷум ба Ибни Сино ва Носири Хусравро аз ҷониби ҳокимону уламои мазҳабии дарбор бо масоили динӣ ва атеизми онҳо дар бархурди шадид» медонад. Гӯё «ба ҳамин сабаб афсона ва бофтаҳои бардурӯғе ба миён омадаанд, ки руҳонияти мусулмонӣ паҳн карда буданд» [144, с. 95].

Дар таълифоти Л. Бузургзода ва ҳамзамононаш моҳияти мафҳумҳое ба монанди «схолатикаи асримиёнагӣ», «ортодоксияи исломӣ», «афкори озодандешона» ва ғайра сазовори баррасианд. Дар робита ба ин ҷиҳат чанд натиҷаву бардошти Лутфулло Бузургзода таҳрифи афкори Носири Хусрав низ ҳастанд: Ин адиб ва файласуфи замон «ба найрангу фиреби сураҳои шахшудаи Қуръон, ки монеи рушди озоди инсоният, инкишофи илм буд ва имкони тадқиқи ҳаводиси табиатро бо роҳи илмӣ фароҳам намеоvarд, бовар надошт» [144, с. 97].

Вобаста ба ин қазия А. Сатторзода ба чунин натиҷаи хубу ҷолибе расидааст: «Истифода аз чунин усули сохта ва номуносиб барои таҳлилу тадқиқи осори адабии Носири Хусрав аз тарафи Лутфулло Бузургзода ба ӯ имкон надодааст, ки ҷанбаҳои гуногуни аҳвол, осор ва афкори ӯро ба дурустӣ баён бикунад. Носири Хусравро ба сифати даҳрӣ ва муборизи ҷабҳаҳои синфӣ муаррифӣ кардани Лутфулло Бузургзода натиҷаи илмиест, ки маҳз аз ҳамон таълимоти сӯсиолуҷии вулгар маншаъ мегирад» [144, с. 256].

Бо ин ҳама, таълифоти Л. Бузургзода дар шинохти Носири Хусрав дар замонаш падидаи тозаву ҷолиб буд, ки дар марҳалаи баъдӣ арзишу аҳаммияти он зиёд гӯшзад шудааст. Бозёфтҳои илмии Л. Бузургзода дар осори

ховаршиносон, файлсуфон ва адабиётшиносон ҷиддан ва усулан бозгӯ шудаанд. Ба миён омадани таҳқиқи густурда, аз қабили «Трагедия правдоискателя» дар китоби И. Брагинский «12 миниатюр», «Ҷӯяндаи ҳақиқат ва адолат» дар китоби Н. Арабзода «Носири Хусрав. Тадқиқи назариёти фалсафӣ» ва ғ. аз ҷусторҳои Л. Бузургзода маншаъ доранд.

Иддаи андешаҳо аз хусуси Носири Хусрав, ки дар таълифоти баъдӣ пайгирӣ шудаанд, такрори афкору андешаҳои илмии ибтидои солҳои 40-уми садаи XX бо андак дигаргуниaнд. Моҳияти ҷусторҳои илмии Л. Бузургзода дар бардошти зерини академик А. Баҳоваддинов таҷассум ёфтааст: «В 1045 году Насир Хисрау оставляет придворную службу и отправляется в дальные путешествие в поисках «истины» и «справедливости» [405, с. 278].

Ин иқтибос бо мулоҳизаи Л. Бузургзода қиёс шавад: «…Он отказывается от государственных дел и направляется в возрасте 40-лет в 1045 году путешествовать из Хорасана», «И Насир Хисрау отправился искать правды и справедливости» [144, с. 98-99].

Осору афкори Носири Хусрав ба руҳи пажуҳандагии Л. Бузургзода созгор афтод, ба раванди набардҳои илмӣ-адабии ӯ дар он марҳалаи кашмакашҳои иҷтимоӣ санади дасти аввал шуданд. Бояд посух ёфт, ки чаро Л. Бузургзода ва ҳамзамонони ӯ дар ин пайкор маҳз аз мавзуи Носири Хусрав суд ҷуста, аз муҳтавои осору афкори мутафаккири садаи XI мазмуни муборизаашонро неру бахшида ва ё устувор карданд. Мутолиаи таърихи адабиётшиносӣ ва баҳсу мунозираҳои илмӣ дар ин марҳала ба дарки ин аслу ҳақиқат мусоиду муносиб аст, ки нақд ва таҳлили ҷойгоҳи суханварони давраи классикии форсӣ-тоҷикӣ бештар ба пояи шинохти мафкураи давраи нав анҷом ёфта, ному кори онҳо санад барои кашмакашҳои мафкуравӣ будаанд, ки дар ин хусус дар бархе аз мақолоти дигар низ изҳори назар кардаем: Дар таълифот оид ба Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Дақиқӣ, Ибни Сино, Носир Хусрав, Убайди Зоконӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Мирзо Бедил ба ин шеваи таҳқиқу баррасӣ бармехӯрем, ки моро ба дарки асл ва моҳияти воқеии адабиётшиносии ин давра наздик мебарад.

## III.4. Камоли Хуҷандӣ дар меҳвари таҳқиқоти адабиётшиносӣ

Шинохти падидаи Камоли Хуҷандӣ дар Тоҷикистон аз солҳои аввали инқилоби шуравии рус оғоз мешавад. Омӯзишу таҳқиқи то андазае илман асосноки таърихи адабиёти классикии тоҷик ва намояндагони ҷудогонаи он баъд аз инқилоби октябр оғоз ёфт, ки дар саргаҳи он С. Айнӣ қарор дошт. Хазинаи камолшиносии навини тоҷик дар фосилаи солҳои 1917-1960 аз ду навъи навиштаҳо оид ба Камоли Хуҷандӣ таркиб ёфтааст. Навъи аввал пажуҳиши сирф адабиётшиносӣ ва ё таҳқиқи иҷтимоии рӯзгор ва осори шоир мебошад, ки бо диди расмии замон ва такя ба методологияи марксистӣ ба майдон омадаанд. Аз ҷониби дигар, муаллифони ин навъ осор дар бархе маврид аз суннати гузаштаи рӯйкард ба ҷойгоҳи шоир ва шеър низ баҳраманд будаанд. Дар ин навъи пажуҳишҳо аз мақолаҳои Садриддин Айнӣ – «Шайх Камоли Хуҷандӣ» аз китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926), «Камоли Хуҷандӣ» аз рӯзномаи «Стахановчӣ» (1940), Шарифҷон Ҳусейнзода «Дар бораи Камол» аз маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ» (1940) «Камоли Хуҷандӣ» – пешгуфтори «Ғазалҳои мунтахаб»-и шоир (1955), «Сарояндаи ишқ ва зебоӣ» – муқаддимаи «Ашъори мунтахаб» (1959) ва «Мутахабот»-и шоир (1960), Абдулғанӣ Мирзоев «Камол ва як шарти муҳимми омӯхтани ӯ» аз маҷаллаи илмиву адабии «Шарқи сурх» (1947), Набиҷон Сатторов «Камоли Хуҷандӣ» (рисолаи ҷудогона, Сталинобод, 1960) бояд ёдовар шуд, ки имрӯз ҳам арзишу аҳаммияти онҳо дар камолшиносии тоҷик боз ҳам бештар чашмрасанд.

Ҷусторҳо оид ба Камоли Хуҷандӣ ба мо равшан кард, ки аввалин бардоштҳои муассири бунёдгузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ оид ба Камоли Хуҷандӣ на ба василаи китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926), балки пештар аз он – соли 1917 воқеъ шуда, аммо он андак дертар – соли 1936 бо очерки илмиву публитсистии «Санъаткори бузург» оид рӯзгори ҳунарманди шаҳир Ҳоҷӣ Абдулазизи Самарқандӣ (1852-1936) ба аҳли мутолиа расидааст. Аз ин рӯ, ба саргаҳи пажуҳиши Камоли Хуҷандӣ дар замони нав гузошта шудани ин навишта муҳим ва муфид хоҳад буд. Боз ба ин васила аниқ

мегардид, ки таъсирпазирии С. Айнӣ аз Камоли Хуҷандӣ мавзуи чандон сода нест. Дар ин роҳ ғазали машҳури «Натавон кард»-и Камол дар нағмаи дутору хониши малакутии Ҳоҷӣ Абдулазиз ба руҳу равони наисандаи муосир «сахт коргар афтода», як умр ба густураи камолшиносии ӯ таъсири пурфайзе доштааст.

Аз он ки дар заминаи нигориши С. Айнӣ «Шайх Камоли Хуҷандӣ» (1926) – аввалин ҷустор, мулоҳиза, нақду баррасии бунёдгузори адабиёти нав дар тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» аксари пажуҳишгарон, хоса С. Асадуллоев, Э. Гулисурхӣ, А. Афсаҳзод, Б. Мақсудов, А. Набавӣ ва дигарон навиштаанд, такрори он зарур нест. Аммо мақолаи дувуми С. Айнӣ оид ба ҳаёту эҷодиёти шоири маъруф бо ҳама шуҳраташ боз ҳам кирои андеша, нақду баррасӣ ва шарҳу тавзеҳ аст.

Арзиши мақоларо чанд нуктаи муҳим исбот мекунанд. Аввалан, сухан оид ба он консепсияи С. Айнӣ меравад, ки «назар ба иттифоқи тазкирачӣ ва таърихчиён Камол ҳеч гоҳ подшоҳон ва соҳибдавлатонро мадҳ накарда ва мегӯянд, ки дар девони Камол ду чиз нест: яке – саг, дувум – мадҳи подшоҳон». Ин андешаи С. Айнӣ бори аввал дар манбаъҳои дигари пажуҳишии ибтидои солҳои 40-уми садаи XX, бахусус, сарсухани «Намунаҳои адабиёти тоҷик» бо имзои Правленияи Союзи нависандагони советии Тоҷикистон (дар асл муаллиф И. С. Брагинский) ва мақолаи А. Деҳотӣ дар ин маҷмуа роҳ ёфта, аммо санадҳо ҳаққан бозгӯи мансубияти он ба С. Айнӣ ҳастянд ва, аз ин рӯ, вуруди он ба нашрҳои баъдӣ (1957, 1963) арзиши моҳияти қазияро ҳифз мекунад. Дар сарсухан омадааст: «Шоири бемисл Камоли Хуҷандӣ, аз рӯйи нақлҳо маҳз бо ҳамин шуҳрат ёфтааст, ки дар осораш калимаи «саг» ва калимаи «мадҳи подшоҳ»-ро надаровардааст» [99, с. XX]. А. Деҳотӣ низ зимни бознависӣ аз мақолаи С. Айнӣ овардааст: «Яке аз хусусиятҳои пурқиммати вай ин аст, ки бар хилофи одати қариб тамоми шоирони куҳна ҳеч як подшоҳ ё бадавлатро мадҳ накардааст. Нақл мекунанд, ки дар девони шеърҳои Камол ду чиз нест: яке калимаи саг, дувум мадҳи подшоҳон» [99, с. 130]. Дар ин ҳол ҳам ба

консепсияи С. Айнӣ будани ин иқтибос баҳс нашояд, зеро А. Деҳотӣ ин навиштаро бар асоси мақолаи С. Айнӣ худ таъкид кардааст [99, с. 130]. Бо он ки ба бознависӣ будани мақолаи А. Деҳотӣ оид ба Камол аз навиштаи С. Айнӣ муаллиф расман иқрор шуда [99, с. 130], арзиши он дар контексти замон – давраи ҳақталошӣ ба мероси адабии гузашта назаррас аст. Аввалин гузорандаи чунин консепсия оид ба Камоли Хуҷандӣ будани С. Айниро дар сарсухани «Намунаҳои адабиёти тоҷик» И. С. Брагинский низ шаҳодат додааст: «Қисми асосии ҳама фикрҳое, ки дар ин сарсухан баён шудаанд… ба Айнӣ тааллуқ дорад» [189, с. 218]. Ба навиштаи А. Набавӣ низ асли муқаддимаи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ба қалами И. С. Брагинский, аммо асли фикр аз С. Айнӣ будааст [58, с. 10].

Пас, ҳарчанд ин фикр аз нусхаи «Стахановчӣ» афтида, бо вуҷуди ин арзиши нашри мазкурро ба мо бозмегӯяд. Агар ба ин нусха таваҷҷуҳ нашавад, ҳузури чунин қазия комилан ғайричашмдошт мебуд. Аз ин рӯ, мақолаи С. Айнӣ бо назардошти қиёсу тасҳеҳ бо матни «Стахановчӣ» арзиши чашмрас пайдо мекунад.

Нуктаи дувум ба асли мазмун ва моҳияти иқтибос дахл дорад, ки гӯё он чи дар ашъори Камол нест, яке «саг» ва дигаре «мадҳи шоҳ» бошад. Гумон намеравад, ки С. Айнӣ бо ҳама мӯйшикофӣ ва нозуктабъиаш аз матни классикон ба ин иштибоҳ роҳ дода, балки ӯ дар ин замина назари аҳли тазкира ва муалифони осори таърихиро дар омади сухан овардааст, аммо шарҳи онро зарур надониста, дар саҳеҳӣ ва ё нодурустии он баҳсе ҳам наоростааст. Воқеан, девони шоир дур аз мадҳи шоҳ аст, аз ин рӯ, фазилаташ зиёд, аммо дар ашъораш намоди саг хеле фаровон. Афкори уламо ҳам аз хусуси сагони Камоли Хуҷандӣ судманд ва мутафовитанд. Дар асл ба асли воқеият ҷавобгӯ набудани ин факти эҷодии шоирро И. Брагинский (аз номи худ, на чун иқтибос аз С. Айнӣ) низ борҳо, такрор ба такрор таъкид карда: «Камол употребляет эти слова, а слово «собака» даже чаще многих других поэтов» [**ниг.**: 143, с. 247; 407, с. 356]. Ношири эронии девони Камол Эраҷи Гулисурхӣ зимни ҷой додани

мақолаи С. Айнӣ дар муқаддимаи девон дар шарҳи поварақ ба зиёдии «саг» дар ашъори шоир ишора карда («иттифоқан дар бораи саг матлаби фаровоне дорад»), ҳатто бахше аз пешгуфтори худро ба нақду арзёбии абёти Камол, ки дар онҳо ба намоди саг бармехӯрем, ихтисос додааст [173, с. 108].

Бо вуҷуди ин, бояд равшан кард, ки аз тазкиранигорону муаррихон кадоме ба набудани «саг» дар шеъри шоир ишора карда ё дар зимни ин матлаб чиро дар назар доштаанд? Албатта ин нукта пажуҳиши ҷиддии камолшиносонро дар оянда хоҳон аст.

Аз қиёси мақолаи С. Айнӣ бо асл як матлаби дигар, суолеро метавон матраҳ кард, ки дар ин маврид консепсияи назарии С. Айнӣ бо андешаи муаллифи тарҷумаи русии «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» (1949, 1952, 1955) Бобоҷон Ғафуров чӣ гуна яксон ва ягона шудааст? Ин нукта дар ин асар ҳам бидуни зикри манбаъ, ҳамчун фикри муаллифи китоби таърихи халқи тоҷик бознамо шудааст: «Народные предания гласят о том, что он никогда не писал хвалебных од и не осквернял своих стихов словами «собака» и «царь» [417, с. 322; дар нашри соли 1952 – с. 309; дар нашри соли 1955 – с. 336].

Аммо ҷолиб аст, ки муҳаррири нашри русии «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» И. Брагинский ин консепсияро дар шарҳи поварақӣ як навъ рад кардааст, ки дар навиштаҳои болоии ӯ низ ба чашм расид: «На самом деле в стихах Камола иногда эти слова встречаются. Однако характерно само предание, в котором нашла отражение народная оценка творчества поэта» [417, с. 322]. Аммо дар нашри «Таърихи халқи тоҷик» ба забони тоҷикӣ аз ҷониби Б. Ғафуров ва таҳрири А. Мирзоев ин нукта ба назар намерасад [1947, с. 278]. Афзун ба ин, дар нашри аввали русии «Тоҷикон» (Маскав, 1972) ва тарҷумаи тоҷикии он (Душанбе, 1983) шояд аз ҷониби муаллиф ва ё муҳаррирон аз такрори ин консепсияи С. Айнӣ (ё И. С. Брагинский) худдорӣ шудааст. Ин ва дигар аснод моро ба умқи омӯзиши осори камолшиносӣ раҳнамун месозад.

Бархе аз мақолаҳои солҳои аввали камолшиносии тоҷикӣ дар арзи чандин сол аз доираи таваҷҷуҳи илмӣ берун ва дар асарҳои илмии баъдӣ аз истифода ва

баҳрамандӣ дур мондаанд. Ба унвони мисол, аз дарёфт ва мутолиаи мақолаи аввалини Ш. Ҳусейнзода «Дар бораи Камол» (маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ», 1940, №9) натиҷае бармеояд, ки номбурда баъди С. Айнӣ дувумин пажуҳишгари хушсабку хушсаликаи рӯзгору осори Камоли Хуҷандӣ будааст. Нигориши Ш. Ҳусейнзода пас аз навиштаҳои пуразиши С. Айнӣ дар ибтидои солҳои 40-уми садаи ХХ аз муҳимтарин мақола оид ба Камоли Хуҷандӣ буда, бо он ки ба талабу дархости методологияи марксистӣ ва ниёзҳои адабиётшиносии расмии он замон падид омадааст, аммо аз лиҳози мафкурагароӣ аз ҳадди бештари осори илмии адабпажуҳӣ тафовут ҳам дорад ва матолиб дар он аз оҳанги дурушти иҷтимоъгароии он солҳо фарсаххо дур баён шудаанд. Забони мақола низ аз ҳад зиёд дурушт нест, чунон ки хоси он замон аст, балки ифодаи пуробуранги илмист ва он аз забони маҷмуаи илмии «Намунаҳои адабиёти тоҷик» низ комилан фарқ дорад.

Ш. Ҳусейнзода баъдан ҳам дар заминаи пажуҳиши мақоми шоири баландовоза мақолаҳое чун «Камоли Хуҷандӣ» (1955), «Сарояндаи ишқ ва зебоӣ» (1959, 1960) ва ғайраро дар сатҳу савияи назарраси камолшиносӣ ва талаботи адабиётшиносӣ таълиф карда, ба таҳияи чанд китоби мунтахаб ва девони шоир комгор шудааст. Дар мақолаи «Камоли Хуҷандӣ» ба таври фишурда бо сурату сирати мукаммал ва муаммои умдаи камолшиносии ғарбиву шарқии то солҳои 50-уми садаи ХХ ошно мешавем. Дар ин ва дигар мақолаҳои Ш. Ҳусейнзода ҷойгоҳи мероси адабии Камол ва нусхаи дастхатҳои ӯ дар китобхонаҳои бонуфуз бо шеваҳои хос баррасӣ шудаанд. Муаллиф дар онҳо ба раванди зиндагӣ ва муҳтавои ғазалҳои шоири лирик, моҳияти эҷодии адабии ӯ аз назари марксистии омӯзиши шеъри шоирони гузашта рӯй оварда, ба як қатор масъалаҳои мубрами ашъори шоир равшанӣ андохтааст. Мақолаи «Сарояндаи ишқ ва зебоӣ» навъе бардошти замонӣ ва зебоишиносии адабиётшиноси тоҷик буда, дар он ба ҳузуру тафовути дастхатҳои шоир дар китобхонаҳои ҷаҳон арзиш дода шудааст, ки барои пажуҳиши матншиносии ашъори Камоли Хуҷандӣ дар оянда ҳам муҳим ва муфид мебошад.

Адабиётшинос А. Мирзоев бо мақолаи «Камол ва як шарти муҳимми омӯхтани ӯ» («Шарқи сурх», 1947, №2) дар зуҳуроти камолшиносӣ ранҷу заҳмат кашида, аввалин маротиба оид ба пайванди Ҳофизу Камол ва мероси боқимондаи шоир изҳори назар кардааст. Ин мақолаи донишманди закии тоҷик дар таъйини як силсила муаммоҳои мероси бозмондаи Камоли Хуҷандӣ арзишманд аст.

Ба навъи дувуми осори илмии камолшиносии тоҷик, ки ба истилоҳ зимниаңд, чанд мақолаи С.Айнӣ – «Таассурот» (1917, 1936), «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ» (1928), «Муносабати адабии Осиёи Миёна бо Эрон» (1934), абёти Камоли Хуҷандӣ дар «Луғати забони адабии тоҷик» (1938), «Тақриз ба асари Бобоҷон Ғафуров «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» (1947), тақризи Ҷ. Икром «Назаре ба «Намунаи адабиёти тоҷик» (1929), мақолаҳои А. Деҳотӣ «Адабиёти имрӯзаи Тоҷикистон» (1940), «Дурдонаҳои мероси мадании мо» (1940), «Камоли Хуҷандӣ» дар «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940), «Сарсухан»-и «Намунаҳои адабиёт» (имзои Правленияи Союзи нависандагонии советии Тоҷикистон, 1940), «Камол Ходжентский» (бе зикри муаллиф, 1946), Б. Ғафуров – «Камоли Хуҷандӣ» дар «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» ва тарҷумаи русии он «История таджикского народа в кратком изложении» (1949, 1952, 1955), И. Рутенштейн «Избранное» Камола Ходжентского» (1956)... мебошанд.

Бархе аз мақолаҳои навъи аввал ва дувум ба сабабҳои гуногун, аз ҷумла набудани бархе аз бастаҳои матбуот дар китобхонаву архивҳо ба даст нарасиданд. Хоса, мақолаи З. Раҷабов «Нусхаи дастнависи Камоли Хуҷандӣ» (Стахановчӣ, 1948, №100) на аз бойгонии рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд», на аз Бойгонии давлатии вилояти Суғд, на аз Китобхонаи миллии Тоҷикистон, на аз Китобхонаи марказии АИ Тоҷикистон ба даст наомад. Мутаассифона, дар шумораи нишондодашудаи «Стахановчӣ» (1948, №100) низ бо мақола бархӯрдан имкон нашуд. Чунин навиштае минбаъд ба ягон маҷмуаи мақолаҳои академик З. Ш. Раҷабов низ ворид нашудааст.

Яке аз нуктаҳои муҳим ва меҳварии афкори адабии тоҷикӣ дар садаи ХХ бозгӯи саҳми тоҷикон ба мероси адабии классикии форсии тоҷикӣ аст. Аҳли илму адаб бо такя ба таҷрибаи нави баррасӣ ва истифодаву баҳрамандӣ аз шеваҳои мухталиф дар дастрасӣ ба мероси адабии қадим қадами расо гузоштанд.

Ин давраи гарм шудани мубоҳисоти қавмиву нажодӣ, пайвандҷӯиву пайвандсозии фарҳанги нави шуравӣ аст, ки ба пажуҳиши рӯзгору осор ва афкори намояндагони барҷастаи адабиёти гузаштаи форсӣ-тоҷикӣ, аз ҷумла Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Шайх Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва ғайра заминаи муносиб фароҳам овард. Силсилаи таълифоти илмӣ аз хусуси шоири маъруфи тоҷик Камоли Хуҷандӣ низ маҳз дар ҳамин давра падид омадаанд.

Ба ин маънӣ баҳсу баррасӣ перомуни мероси адабии гузаштаи форсӣ ва тоҷикӣ, қазияи радду бадали мансубияти адабиёти форсӣ ба тоҷикони Осиёи Миёна ва ё эрониёни хориҷ аз он дар Тоҷикистон бо пажуҳиши рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ сахт гиреҳ мехӯрад, ки таваҷҷуҳ бар он аз арзишу аҳаммияти хос бархурдор аст. Ин матлаб хоса дар чанд номаи расмии аҳли илму адаб ҷойгоҳи хос пайдо карда, ки дар осори аҳли таҳқиқ – М. Шакурӣ, К. Айнӣ, А. Набавӣ, М. Раҷабӣ ва дигарон бозгӯ шудаанд. Ин маврид сухан ба таври ҷудогона аз боби номаҳои расмие меравад, ки дар онҳо масъалаи Камоли Хуҷандӣ ба таври ҷиддӣ баррасӣ шудаанд.

Авввалин санад дар масъалаи Камоли Хуҷандӣ номаи ҷавобии раиси вақти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон М. Турсунзода бо ҳамроҳии директори Нашриёти давлатии Тоҷикистон Ҳ. Неъматуллоев ба мураттиб ва муаллифи сарсухани «Мунтахабот»-и Ҳофизи Шерозӣ ба хати лотинӣ, шарқшиноси маъруфи рус А. Н. Болдирев, директори Шуъбаи ленинградӣ, муовини директори НДТ Зингер аз 31-уми декабри соли 1940 мебошад, ки барои дарки қазияи мероспажуҳии замон ва ҳалли муаммоҳои шинохти Камол арзишманд аст.

Ин мактубро аз рӯйи як дастхати муаллиф адабиётшиноси маъруф, узви вобастаи АИ ҶТ Соҳиб Табаров дар ибтидои солҳои 90-уми садаи ХХ пайдо карда, бо номи «Як мактуби номатбӯи Турсунзода» бо пешгуфтор ва тавзеҳоте дар маҷаллаи «Илм ва ҳаёт» [132, с. 8, 31] ба арзи аҳли таҳқиқ расонида буд, ки аз ҷузъиёти баҳсу мунозираҳои адабшиносони тоҷик ва эроншиносони рус, печидагиву ноҳамворӣ ва тақаллуби афкори илмӣ дар як марҳалаи ҳассоси таърихи тоҷикон дарак медиҳад.

Дар матни пешгуфтори С. Табаров омадааст, ки «соли 1940 Шуъбаи адабиёти бадеии Нашриёти давлатии Тоҷикистон тавассути Александр Николаевич Болдирев дар бахши ленинградии нашриёт «Мунтахабот»-и яке аз бузургтарин ғазалсароёни замонҳову халқҳо Ҳофизи Шерозиро бо сарсухани мураттиб ба табъ расонд.

А. Н. Болдирев дар ин маҷмуа 105 ғазал, 3 қитъа, 48 рубоии Ҳофизи Шерозиро оварда, дар муқаддима доир ба осори ӯ маълумоти муфиде додааст. Дар айни замон, ин муҳаққиқ дар баёну шарҳи баъзе лаҳзаҳои ҳаёти адабию таърихӣ ва тарҷумаи ҳоли Ҳофиз ва Камоли Хуҷандӣ дар сарсухан ба ягон-ягон носаҳеҳӣ роҳ додааст. Ин боиси он гардид, ки сарвари Нашриёти давлатии Тоҷикистон Ҳабибулло Неъматуллоев (1900-28-уми августи соли 1975) «баъд аз гирифтани нусхаҳои сигналии маҷмуаи шеърҳои Ҳофиз» як нусхаашро барои тақриз ба Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мефиристад ва роҳбарони он «маҷмуаро ба яке аз нависандагон» супорида аз ӯ тақризи хаттие мегиранд.

Ҳамон солҳо сарвари Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода, ки донандаи дақиқи эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ буд, дар асоси ҳамон тақриз пас аз мутолиа оид ба «Мунтахабот»-и Ҳофизи Шерозӣ бо дастхати арабиасос ба номи А. Болдирев ва муовини сарвари бахши ленинградии Нашриёти давлатии Тоҷикистон Зингер бо имзои худаш ва Ҳ. Неъматуллоев мактуб мефиристад.

Баъди расидани мактуб А. Н. Болдирев ба маҷмуа ва сарсухани он ба қадри ҳол ислоҳот медарорад. Аз ҳама ҷолибтараш он аст, ки пас аз ин нома таҳрири «Мунтахаб»-и Ҳофизи Шерозиро С. Айнӣ ба уҳда мегирад.

Ҳамин тавр, соли 1941 баъди аз ҷониби А. Н. Болдирев ба сарсухан даровардани баъзе ислоҳот ва таҳрири бонуфузи Айнӣ «Мунтахабот»-и Ҳофизи Шерозӣ дастраси хонандагон гардид [132, с. 8].

Сабабаи таваҷҷуҳи аҳли адаб ба ҷузъиёти қазия ба «гарм шудан»-у «ҷӯшидан»-и бозори кашмакаши миллӣ ва қавмӣ пайванди хос дорад. Аҳли илму адаби тоҷик ҳар чи бештар нуқсу заъфи фикрӣ, ноҳамвориву баҳсангезии назариёти ховаршиносии русро ошкору ниҳон ба миён ниҳоданд. Аз ҷумла, ин равиш дар радди андешаҳои А. Н. Болдирев аз хусуси Камоли Хуҷандӣ дар сарсухани «Мунтахабот»-и Ҳофиз низ ҷойи назаррас дорад [70, с. 3-4]. Аз як тараф, сарсухан яке аз манобеъи муҳим оид ба пайванди Ҳофиз ва Камол аст, аз сӯйи дигар, ихтилофи афкори замона ва печидагии онро бозмегӯяд. Барои аҳли илму адаби он замон хеле таконбахш будааст, ки дар ин сарсухан Камол гӯё бе ҳеч муҳокимаи ҷиддӣ ҳамчун «асосгузорандаии адабиёти тоторҳои ордуи (урдуи) Қипчоқ» шиносонида шудааст [132, с. 8].

Ба ин маънӣ самтгирии ховаршиноси рус сабаби вокуниши шадиди доираҳои расмии илмиву адабии тоҷикӣ шудааст. Дар нома, аввалан, ба самтгирии А. Н. Болдирев аз хусуси «асосгузорандаи адабиёти тоторҳои ордуи Қипчоқ» муаррифӣ шудани Камол эътироз шудааст: «То алвақт баъзе олимони муҳтарам Камоли Хуҷандӣ барин шоирони тоҷикро мулки хусусии дар ҳеч замон (ҳатто дар замони сотсиалистӣ) тағйирнаёбандаи Эрон медонистанд. Дар ин муқаддима Камол якбора ба тоторҳои Қипчоқ дода шудааст, ки на онҳо забони Камолро мефаҳмиданд ва на Камол забони онҳоро (Ин ҳам албатта кашфиёт аст?!)» [132, с. 8].

Бо ин ки дар бардошти мазкур эҳсоси замонӣ ҳам ҳаст, аммо посухи басанда ба даъвои ховаршиноси рус аст. Дар ин посух мағзи ҷусторҳои он замон – пажуҳишҳои Айнӣ ва дигарон оид ба амали бурда шудани Камоли

Хуҷандӣ ба пойтахти давлати Сарой хуб ҷой ёфтааст: «Гуноҳи» Камоли Хуҷандӣ дар он аст, ки ӯро Тӯхтамишхон асир карда, ба Олтин Ӯрда бурдааст. Ӯ ҳам дар он ҷо чанд шеър (албатта дар забони тоҷикӣ) дар сифати Сарой ва хубони он ҷо гуфтааст…» [132, с. 8].

Гумон меравад, вокуниши М. Турсунзода арзиши ҷомеъ пайдо кард ва бо ин посух ҳамназарии аҳли илму адаби замон дар дифои мероси тоҷикон исбот шуд. Бо ин талош ҳуқуқи тоҷикон ба мероси адабӣ дар назди муғризони мафкуравӣ ҳифз гардид: «Мо ҳайронем, ки халқи тоҷик бе ҳеҷ гуна далел ба ҳуқуқи классик доштан дар назди ду-се нафар одамон барои чӣ маҳрум шуда мондааст?» [132, с. 31].

Ҳадафи аслии муаллифони нома таъкиди бо чунин сарсухан арзиши нашр надоштани маҷмуа ва тақдими он ба хонандагон будааст. Аз он рӯ, мураттиб дар нашри дувум зери таҳрири умумии С. Айнӣ (Сталинобод-Ленинград, 1941 ва 1951. – 152 с.) ба ислоҳи бархе нуктаҳо имкон ёфтааст. М. Турсунзода масъала пеш гузоштааст, ки Болдирев Камоли Хуҷандиро ҳамзамони Ҳофиз мешумораду ба ӯ як сифати нодурусти аз мавзуъ берун медиҳад. С. Табаров дар тавзеҳоти номаи мазкур навишта, ки «дар таҳрири нави муқаддимаи «Мунтахабот»-и Ҳофизи Шерозӣ ин хато ислоҳ нашудааст». Дар мавриди дигар бар ин натиҷа аст, ки «А. Болдирев аз он «сифати нодурусти» Камоли Хуҷандӣ дар таҳрири нави «Мунтахабот»-и Ҳофиз даст кашидааст» [132, с. 31]. Бо таваҷҷуҳ ба нашри мунтахабот дар соли 1951 метавон фаҳмид, ки даъвогар аз баҳри тезиси асосгузори адабиёти тоторҳои Қипчоқ будани Камоли Хуҷандӣ даргузаштааст.

Бояд гуфт, ки бархе назари интиқодии М. Турсунзода ва дидгоҳи С. Табаров оид ба қазияи Камоли Хуҷандӣ дар пешгуфтори нашри соли 1951 ба назар нарасиданд. Дар он пешгуфтор «баъзе лаҳзаҳои ҳаёти адабию таърихӣ ва тарҷумаи ҳоли Ҳофиз ва Камоли Хуҷандӣ» умуман матраҳ нашудааст.

Ин номаи М. Турсунзода ба ҳифзи руҳи муборизаҳои Садриддин Айнӣ, посдошти нуфузи ӯ дар он марҳала ва дастёбӣ ба мероси адабӣ нақши назаррас

бозид ва нукоти он дар ҳаллу фасли ин қазияи муҳимми таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ арзиши расо ва баланд пайдо кард. Номаи ҷавобӣ ва эътирозии М. Турсунзода ба А. Болдирев санади муҳим ва шоёни таваҷҷуҳи таърихи набардҳои халқи тоҷик ва таъйини саҳми онон ба мероси адабии гузаштаи форсӣ мебошад. Он дар дарки аслии моҳияти муборизаи зиёиён, посдошти асли тоҷикият дар он марҳала, дастёбӣ ба мероси адабӣ нақши назаррас мебозад ва матолиби он дар ҳаллу фасли масъалаҳои шинохти адабиёти форсии тоҷикӣ арзиш дорад. Номаи эътирозии М. Турсунзода ба А. Болдирев ихтилофи назари замонаро аз хусуси мероси адабии тоҷикон исбот мекунад ва як санади асосии таъйини саҳми тоҷикон ба мероси адабии гузашта аст.

Аз С. Табаров пеш дар заминаи бархе бардоштҳои нодурусти А. Н. Болдирев дар ин пешгуфтор камолшиноси маъруфи тоҷик Б. Мақсудов дар мақолаи «Латофатнома» ва мансубияти он ба Камоли Хуҷандӣ» (Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон, Серияи шарқшиносӣ, таърих, филология, 1990, №3) зимни инкори мансубияти як достони маъруфи туркии «Муҳаббатнома» ба Камол бо саъйи баъзе муҳаққиқон баҳсе ороста, маншаи аслии иштибоҳи А. Н. Болдиревро ошкор карданӣ шуда будааст. Ӯ дақиқан навиштааст, ки «ба Камоли Хуҷандӣ нисбат додани «Латофатнома» гапи нав нест. Ба назари мо ин иштибоҳ аз А. Кримский сарчашма гирифтааст. Ӯ ҳанӯз дар таҳқиқи пешазинқилобии худ Камоли Хуҷандиро ба сифати шоири маддоҳ шинос карда буд. Хеле баъдтар – соли 1940 шарқшиноси маъруф А. Н. Болдирев бошад, мунтахаби девони Ҳофизро нашр намуда, дар муқаддима ҳини ном гирифтани муосирони Ҳофиз Камолро «асосгузори адабиёти тоторҳои Ӯрдаи Қипчоқ» навишта буд» [260, с. 76]. Аммо дар навиштаҳои онзамонии Б. Мақсудов матолиби номаи М. Турсунзода (ва чи хеле ки дар поён ҳам равшан хоҳад шуд, номаҳои С. Айнӣ ҳам) аз назар дур монда буданд...

Як кори дигари муҳимму арзишманде, ки Б. Мақсудов охири солҳои 80-уми садаи XX (он замон аспиранти соли севуми кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон) анҷом дода, руҷуи хаттӣ ба

ховаршиноси рус оид ба муаммои сарбастаи «асосгузорандаи адабиёти тоторҳои Ӯрдаи Қипчоқ будани Камоли Хуҷандӣ» будааст. (Ин номаҳо ба наздикӣ дар ихтиёри мо ҳам қарор гирифт, ки аз адабиётшинос Б. Мақсудов сипосгузорем): «Устоди гиромӣ Александр Николаевич! ...Дар пешгуфтори Шумо, ки бар «Мунтахабот»-и Ҳофиз (...) навиштаед, чунин омадааст: «Камоли Хуҷандӣ асосгузор(рандаи) адабиёти тоторҳои Ӯрдаи Қипчоқ аст».Шумо, ки адабиётшиноси санҷидагӯ ҳастед, шояд кадом маъхазе барои чунин ҳукм дошта бошед!? Устоди азиз, агар ин фикри худро каме шарҳ дода, бар саҳеҳии он маро мутмаъин месохтед, хеле мамнун мешудам. Бо камоли эҳтиром Б. Мақсудов, 8.02.1989».

Дар посухи ин муроҷиат А. Н. Болдирев 17-уми феврали соли 1989 ба камолшиноси тоҷик чунин изҳор доштааст: «К сожалению, не могу ответить на Ваш вопрос, только в моем предисловии к сборнику газелей Хафиза 1940 г. указанные Вами слова отсуствуют. Нет их и во втором (1951) издании этого сборника. В слова ақаллан Вами допущена ошибка».

Баҳсу натиҷагирии комили ин мавзуъро ба фурсати оянда гузошта, алҳол танҳо гуфтанием, ки ин ҷо А. Болдирев бори дигар ба асли қазия равшанӣ наандохта, мункири иддаои худ дар ин замина шудааст. Чаро ва ба чӣ хотир? Ин қазия бештар мулоҳиза ва хулоса мехоҳад.

Таърихи набардҳои фарҳангӣ аз боби меросбарӣ аз адабиёти форсии тоҷикӣ, ҷӯшиши масъалаи мероси адабӣ ва таърихиву фарҳангӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷузъиёти «тақсим»-и мерос дар миёни тоҷикон ва эрониён, хоса мубоҳиса оид ба Камоли Хуҷандӣ дар ду номаи таърихии Садриддин Айнӣ ба Мирзо Турсунзода (9-уми апрели соли 1949) ва Камол Айнӣ (14-уми марти соли 1949) низ равшан ошкор мешавад. Ин мактубҳо дар пайванд ба аслу сурату сирати қазияи Камоли Хуҷандӣ арзиши хос доранд.

Номаи Садриддин Айнӣ – мактуб ба нуричашмиаш Камол Айнӣ зимни донишҷӯи факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Ленинград будани ӯ навишта шудааст. К. Айнӣ аз хусуси падид омадани ин нома ва арзишу

аҳаммияти таърихии он чунин навиштааст: «Камина ҳамеша барои огоҳонидани С. Айнӣ аз ҳар гуна хабари тоза ва навид, ки дар бузургтарин маркази ховаршиносии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ падид меомад, дар номаҳои хеш ба эшон батафсил менавиштам. Яке аз он номаҳо дар боби моҷарои космополитизм буд. Ҷавоби С. Айнӣ дар 14 сафҳа дар варақҳои дафтарӣ ҳатто дар ҳошияҳояш навишта шудааст. Ин нома аз чанд ҷиҳат аҳаммият дорад. Дар ваҳлаи аввал ҳаққу ҳуқуқи миллати тоҷикро ба адабиёти бузурги форсӣ дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон барои ҳамагон хулоса мекунад. Ва он ҷавоб ба помолкунандагони адолати фарҳангӣ низ буд. Зиёда аз он, номаи С. Айнӣ як навъ роҳнамое дар амалӣ кардани адолат дар раванди эҳёи фарҳанг ва адабу забони форсии тоҷикист. Ин нома як ҷавоби мустанадест ҳам бар он ашхос, ки мардуми тоҷикро аз мероси гузаштагонаш мехостанд ҷудо кунанд ва ҳам бар онон, ки мехостанд номи ин халқи халлоқи забону адаби ҳазорсоларо ба миён оварда, барои вай бар асоси як лаҳҷа ва ё як шева, як забони нави «омиёна» бунёд бикунанд ва шубҳае нест, ки минбаъд ин амал моро аз гузаштаи бузурги адабӣ ва фарҳанги ҷаҳониамон маҳрум месохт. Номаи С. Айнӣ инчунин намоишгари нақши сиёсат ва замон дар адаб ва илми тоҷикон ва эроншиносии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ низ ҳаст. Зеро барои ҳамагон боз возеҳтар мегардад, ки як шоир ва ё чанд сухане аз забони роҳбарони воломақоми давлати абарқудрати собиқ ақидаҳо ва андешаҳои муҳаққиқонро метавонист сад дар сад тағйир диҳад. Ва ҳол он ки намоёнгари ҳуқуқи мардумон дар забон ва фарҳанг дар навбати аввал ҳамон забони зинда, пайвастагии ногусастании он бо забони осори хаттии гузаштагон, адабиёти нави имрӯза, эҷоди фолклор, суннат ва анъанаҳо ва… бояд бошад» [207, с. 190].

Баррасии масъалаи Камоли Хуҷандӣ зимни мубоҳиса оид ба мероси классикӣ ва ҳақбарӣ ба намояндагони адабиёти гузаштаи форсу тоҷик дар ин номаи С. Айнӣ ба вақти гарм шудани мунозира оид ба классикони адабиёти форсу тоҷик асосан бо такя ба матолиби мақолаи ӯ оид ба шоири номвар дар

соли 1939, ки тобистони соли 1940 дар рӯзномаи «Стахановчӣ» (№№30-31) ба нашр расидааст, сурат ёфтааст.

Ин нома посухест ҷиддӣ ба тамоюли ноодилонаи «тақсим»-и мероси адабӣ байни эрониён ва тоҷикон дар адабиётшиносӣ ва ховаршиносӣ, ки дар он аз Камоли Хуҷандӣ низ бисёр ёд шуда, аз ӯ зиёд баҳсу мунозира байни олимон ба миён омадааст. Ин нома таҷассуми баҳсу мунозираҳо оид ба классикони адабиёти мо, хоса Камоли Хуҷандист, ки борҳо нашр ва шароити таълифи он аз ҷониби аҳли пажуҳиш бозгӯ шудааст. Ин санади муфидро нахустин бор К. Айнӣ [207, с. 188-196] ба нашр расонид [ба ин манбаъҳо низ назар шавад: 96, с. 87-96; 193, с. 86-95].

Дар ин номаҳои арзишманд аз ҷанҷоли космополитизм дар ҷомеаи ховаршиносони Ленинград сухан меравад. Нуктаи аслу меҳварии матлаб он аст, ки пленуми XII нависандагони шуравӣ дар моҳи декабри соли 1948 ба нақду сарзаниши космополитизм (ҷаҳонватанӣ) ва афкори ба он замон номувофиқи космополитӣ, ба ин муносибат «тақсим»-и мероси адабиву фарҳангӣ дар ҷомеаи шуравӣ камари ҳиммат баста, дар ин раҳгузар саҳми тоҷикон дар бунёди адабиёти форсӣ аз нав дар доираҳои расмии илмиву адабӣ мавриди гуфтугӯ қарор гирифт. Аҳли таҳқиқ дар партави дастурҳои ҳизбӣ ба ироаи назарашон кӯшиданд.

Ба ин маънӣ дар охири солҳои 40-уми садаи XX низ баҳси ҷойгоҳи ҷуғрофии мероси адабии классики форсӣ-тоҷикӣ аз нав шиддат ёфта, раванди замон бо таъсири ин ҷаласа ба инкор ва гусастани пайвандҳои азалии адабиву таърихии тоҷикону эрониён, радди назарияи истилоҳи «форс-тоҷик» пардохтааст, ки оғози даҳаи 40-ум бо кӯшиши зумрае аз адабиётшиносони тоҷик бо раҳнамоии Садриддин Айнӣ пешниҳод шуда буд.

Ба ҳамин муносибат Камоли Хуҷандӣ бори дигар ба гирдоби баҳс афтида, боз нақди назари А. Болдирев арзиш пайдо кард, ҳар чи бештар ва ошкоро нуқсу заъфи фикрӣ, ноҳамвориву ноҳамгунӣ ва баҳсангезии афкори ховаршиносон таъкид шуд. Перомуни номаҳои С. Айнӣ ба асли қазияи Камол

бармехӯрем: «Як вақт рафиқ Болдуруф Камоли Хуҷандиро «шоири Олтин-ӯрда» гуфта, навишта баромада буд. Таклифи ҳозирааш ҳам аз ҳамон таклиф кам фарқ мекунад. Дар ҷавонӣ аз Мовароуннаҳр рафтани Камоли Хуҷандӣ хатост. Ман ин маъниро ба рафиқ Ғафуруф ҳам навишта будам. Камол таҳсили аввалини худро дар Хуҷанд, баъд аз ин таҳсили олии худро дар Самарқанд гирифта ва як қисми осори адабии худро дар ҳамон ду шаҳр эҷод кардааст…

Камоли Хуҷандӣ дар калонсолиаш – баъди такмили дарс ва шоири комил шудан худ ба нияти сафари ҳаҷ аз ин ҷо ҳиҷрат кардааст ва дар бозгашти сафари ҳаҷ обу ҳавои Табрезро писандида, дар он ҷо мондааст ва як бор Тӯхтамишхон ӯро асир карда, ба Олтин-ӯрда – Сарой бурдааст ва баъд аз чанд соли дар он ҷо мондан Камол аз асирӣ халос шуда, ба Табрез баргаштааст. Акнун куҷои ин одамро ба Озарбойҷон ё Эрон ва ё ин ки ба Олтин-ӯрда мебандем?» [207, с. 185].

Аввалин маротиба бо мабоҳиси «шоири Олтин-Ӯрда» будани Камол дар пайванд бо танқиди ақидаи А. Н. Болдирев дар пешгуфтори ӯ ба «Мунтахабот»-и Ҳофизи Шерозӣ аз мактуби М. Турсунзода ошно шуда будем. С. Айнӣ низ дар номаҳояш аз андеша ва самтгирии А. Болдирев шадидан интиқод кардааст. Аммо танқиди дар ҷавонӣ аз Мовароуннаҳр рафтани Камол дар ин номаҳо масъалаи нав нест. Дар ин масъала С. Айнӣ бо муаллифи китоби «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» (1947), котиби аввали КМ ВКП(б) Тоҷикистон Б. Ғафуров низ андак баҳс доштааст. С. Айнӣ ҳатто менигорад, ки дар ин хусус ба Б. Ғафуров ҳам навишта будааст. Чунин мактуб ҳаст ё не, ҳоло равшан нест. Аммо чун ин ҷо аз боби «дар ҷавонӣ аз Мовароуннаҳр рафтани Камоли Хуҷандӣ» сухан ба миён омад, манзур бояд тақризи С. Айнӣ ба китоби «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»-и Б. Ғафуров бошад, ки дар он ба нодурустии ин андешаи муаллиф равшан ишора шудааст (Шарқи сурх, 1948, №№3-4). Б. Ғафуров бар асоси ин тақриз фикри С. Айниро пазируфта, дар нусхаҳои тарҷумаи русии «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» (1949, 1952, 1955)

ба ин нукта таҷдидан назар кардааст. Дар ин пораи номаи С. Айнӣ ба ҳамин матлаб ишора шудааст.

Як қазияи нозук дар номаи С. Айнӣ «мубодилаи Камол ва Лоҳутӣ» аст, ки дар ин масъала С. Айнӣ ба даъвои музҳики шарқшинос Манаков бо хашму ғазаб посух гуфтааст. Ин «шарқшинос» фикри хомашро оид ба Камоли Хуҷандӣ ба «далели зер» устувор карданӣ будааст: «…модом ки Камол дар хурдсолӣ ба Эрон рафта, дар он ҷо тарбия ёфтааст, вай бояд ҳаққи ҳалоли эрониён шавад. Чунончи, Лоҳутӣ аз Эрон ба ин ҷо омада ва дар ин ҷо тарбияи коммунистӣ гирифта аз они Тоҷикистон шудаанд, яъне бояд Камоли Хуҷандӣ бо Лоҳутӣ мубодила карда шавад» [96, с. 89].

Тафсилоти ин маънӣ аз муҳтавои номаи дувуми Садриддин Айнӣ ба Мирзо Турсунзода ошкор мешавад. Мактуби С. Айнӣ ба М. Турсунзода аз 14-уми апрели соли 1949 идома ва такмилаи нома ба К. Айнӣ аз 19-уми марти соли 1949 аст, ки бо саъйи А. Абдуллоев нашр шуд (Мактуби устод ба устод. – Тоҷикистон. – 1991. – №11). А. Абдуманнонов низ мактуби мавриди назарро нашр намудааст [96, с. 87-91].

Дар мактуб «шуҷоати адабӣ ва ҳашамати шахсӣ»-и Айнӣ равшан эҳсос ва гиреҳи муаммои ҳаёти адабии замон кушода мешавад: «Камол ва Лоҳутӣ – на асири ҳарбӣ ҳастанд ва на ғуломи зархарид, ки он гуна шарқшиносон дар байни мо ва эрониён ҳакам шуда, ин ду нафарро дар бадали якдигар ба тарафайн супоранд ва «сулҳ барпо намоянд». Камол бе ҳеч гуна гуфтугӯй аз они мо аст, Лоҳутӣ зиндаанд. Аз он кас пурсидан даркор аст, ки худро шоири Тоҷикистон мешуморанд ё шоири Эрони феодалӣ» [96, с. 90].

Ин нукта далели шитобзадагии ховаршиносии замон аст ва дар бисёр маврид сатҳи номатлуби илмро дар он марҳала нишон медиҳад.

Дар нома ба К. Айнӣ аз хусуси мухаммаси С. Айнӣ «Дар боғи ҷаҳон нахли шакарбори ман ин аст» низ сухан рафтааст. Ин мухаммаси зебо бар ғазали шевои Камоли Хуҷандӣ аст, ки соният бо кӯшиши К. Айнӣ дар маҷаллаи «Шарқи сурх» (1956, №4) ва ҷилди VIII-уми «Куллиёт»-и С. Айнӣ

(тартибдиҳандагон С. Айнӣ, Х. Айнӣ, К. Айнӣ) ҳам нашр гардид [51, с. 189]. Аммо аз ин нома нуктаи муҳим барои мо таърихи эҷоди мухаммаси С. Айнӣ бар ғазали Камол аст. Эҷодгари ин мухаммас навиштааст: «Вақте ки дар аснои навиштани ин мактуб барои ёфтани ғазали дар Самарқанд навиштаи Камол «Девон»-и ӯро варақ мезадам, як ғазалаш ба чашмам вохӯрд, ки бисёр писандидам ва ду байти он ғазалро дар бадеҳа мухаммас кардам» [**ниг.**: 207, с. 195].

Минбаъд ин мухаммас аз ду ба чаҳор банд расид. Ба назари мо, аввалин мулоҳизаи ҷолиб оид ба мухаммас аз худи С. Айнист, ки гуфта: «...инсоф мекунам ва бояд дигар суханшиносон ҳам иқрор кунанд, (ки) дар ин мухаммас мисраъҳои Камол аз мисраъҳои ман ба забони оммаи халқи тоҷик наздиктар аст, ҳар тоҷик ҳарчанд бесавод бошад ҳам, ин мисраъҳои Камолро бе ҳеҷ фикр мефаҳмад, аммо маҷбур мешавад, ки «олами имкон» ва «мултамас» барин калимаҳои маро аз ягон кас пурсад. Агар Камол бо ин мисраъҳои худ эронӣ ҳам мебуд, мо ӯро аз худ мешумурдем, чӣ ҷойи он ки ӯ Хуҷандӣ бошад» [207, с. 195].

Ҳамин тавр, арзиш ва аҳаммияти номаҳои мазкур қобили инкор нестанд ва баҳрабардорӣ аз матолиби номаҳо муҳимманд. Бо вуҷуди ин, ба назар мерасад, ки минбаъд низ матолиб перомуни номаҳо ба нигоҳи амиқи пажуҳандагон ниёзманд аст. Диди моҳиятҷӯй ба ин матолиб дар ошкор сохтани моҳияти асливу воқеии рӯйдодҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии он солҳо арзиш ва аҳаммияти таърихӣ дорад.

Бознамоии фазои пажуҳиши Камоли Хуҷандӣ дар адабиётшиносии тоҷикии он солҳо ва арзёбии номаҳои фавқулзикр моро бар ин натиҷа меоварад;

– Самтгирии аҳли илму адаби тоҷик дар бознамоии мақоми Камоли Хуҷандӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ дар муқобили назариёти ховаршиносон барои ба мароси адабии гузашта соҳиб шудани тоҷикон дар он марҳала равона шудааст;

– Тавзеҳи муносибати аҳли илму адаби замон ба Камоли Хуҷандӣ вобаста ба кашмакашҳои фарҳангии солҳои 30-40-уми садаи ХХ сурат гирифтааст;

– Арзёбии Камоли Хуҷандӣ дар баҳси пайванди муштарак ё ҷудоии адабиёти тоҷикону эрониён дар солҳои 40-уми садаи ХХ нақши муҳимме доштааст...

Бознигарии С. Айнӣ ба сайри таърихии кашмакаши фарҳангиву адабӣ перомуни номаҳои мазкур ва назархоҳиҳои ин марҳала ба натиҷа меоварад, ки куллияи шуарои классикии форсии тоҷикӣ дар чашмандози замон бештар бар пояи ҳадаф ва дидгоҳи мухталифе сӯиистифода шуда ва санаде барои кашмакашҳои фикрӣ гардиданд: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Дақиқӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Убайди Зоконӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Мирзо Бедил дар гирдоби чунин кашмакашҳо арзёбӣ шуданд. Масалан, Низомии Ганҷавӣ бо пайгирӣ аз дидгоҳи туркигароӣ нисбаи «озарбойҷонӣ» гирифта ва аз «адабиёти Эрон» гусаста шудааст. Дар ин самт назари И. В. Сталин ҷойгоҳи муҳим пайдо кард: «Шоири бузурги озарбойҷонӣ Низомиро танҳо барои он ки осорашро ба забони эронӣ эҷод кардааст, ба адабиёти эронӣ додан мумкин нест». [23] Пас аз ин назархоҳӣ назарияи «Низомии озарбойҷонӣ» пайгирӣ ва вориди илм шуд ва ховаршиносоне амсоли Е. Э. Бертелс таҳти таъсири ин равиш ба ироаи назарҳо пардохтанд.

Назари С. Айнӣ перомуни номаҳояш вазнинии ҳаллу фасли қазияи мазкурро собит месозад: «Модом ки ба ӯ (Низомӣ – С. А. ) унвони «шоири Озарбойҷон» расман дода шудааст, мо ҳам ӯро шоири Озарбойҷон мегӯем. Аммо мо фахр мекунем: тоҷикон асарҳои Низомиро бе тарҷума мефаҳманд» [96, с. 90].

Таъкиди як нукта хеле муҳим аст, ки ҷиҳати хос ва умдаи қариб 30 соли дигарҷӯшии сиёсиву иҷтимоии тоҷикон ва Тоҷикистон эҷоди фазои мусоиди илмӣ барои донишпажуҳони шохаҳои мухталифи илмӣ, ба вижа пажуҳишҳои улуми ҷомеашиносӣ мебошад. Ин амри шоистаи илмӣ аз паёмади комили истиқлоли тоҷикон аст. Бояд таърихи ҷараёнҳои фикрии фикрии тоҷикон дар

садаи XX бо назардошти айнияти таҳқиқ баррасӣ шавад. Дарку кашфи жарфи моҳияти рӯйдодҳои ин марҳала танҳо дар ҳамин сурат имконпазир аст.

Назариёти доираҳои расмӣ ва афкори ховаршиносии даҳаҳои 30 ва 40-уми садаи XX дар шинохти таърихи қавми тоҷик ва мероси гузаштаи он ба гунае баҳсбарангезанд ва ниёз ба тавзеҳ доранд. Шоиста аст, ки таҳқиқ ва шигофиши густурда ва воқеии ин нукот дар марҳалаи имрӯз даст дод ва ба шинохти моҳияти аслии таърихи тоҷикон имкон фароҳам омад.

Дар ин замина навиштаҳои ҷовидонии Садриддини Айнӣ, ба вижа номаҳои номии падарбузурги миллати тоҷик ба сифати асноди муҳим ба хидмат хоҳад омад…

# БОБИ IV. НОҚИДОНИ АДАБИЁТ ВА ДАВРАИ НАВИ НАҚДИ АДАБӢ

## IV.1. Сотим Улуғзода: Масъалаҳои таърихи адабиёт ва нақди адабӣ

Сотим Улуғзода (1911-1997) дар таърихи адабиёти тоҷикии садаи XX ба сифати намояндаи насли нави адибон ва зиёиёни шуравӣ, аз пешравони собитқадами ормонҳои адабӣ ва ноқиди шуълавар шинохта ва эътироф шуда, қариб 70 сол дар инкишофи илму адаб ва фарҳанги навини тоҷикӣ саҳми шоиста гузоштааст. Дар ин фосила намунаҳои арзишманди адабӣ ба вуҷуд оварда, барои ғаниву рангин шудани маҳсули адабӣ ва иқтидор ёфтани нақди адабии тоҷик саҳми арзанда гузоштааст.

Ду марҳала ва самти ҷусторҳои илмиву адабии ин шахсияти баноми садаи XX қобили андешаи ҷиддист: *Марҳалаи аввал* адабиётшиносӣ ва танқиди адабӣ – аз нимаи дувуми солҳои 20-ум то оғози нимаи дувуми солҳои 40-уми садаи XX; *марҳалаи дувум* эҷоди наср ва насрнависӣ – аз нимаи дувуми солҳои 40-ум ба баъд.

Инро ҳам бояд гуфт, ки С. Улуғзода дар марҳалаи дувуми эҷодиаш низ ҷусторҳои илмиву адабиро тавъам бо пайкори насрнависӣ идома дода, ҳамеша сари масъалаҳои мубрами илми адаб, ҳаёти адабӣ, моҳияти кори эҷодӣ, масъалаҳои назарии эҷоду эҷодгарӣ, талаби замон аз аҳли эҷод, вежагиҳои осори манзуму мансур, муаммоҳои драматургия, қазияи забон ва услуби эҷодӣ, махсусияти осори адибон ва чеҳраҳои адабӣ дар гузашта ва муосир асарҳо навишта, худро дар сафи аввал, дар радифи пеши таъсиргузорони ҳаёти рӯзмарраи адабӣ гузоштааст. Портретҳои эҷодии бузургони илму адаби гузаштаву муосири тоҷику ғайри тоҷикро хеле ҳунармандона ва бо салиқаи баланди эҷодӣ, бо диди мунсифонаи наққодӣ офаридааст. Ин нукта ҳам гуфтанист, ки фаъолияти адабӣ ва хидматҳои камназири Сотим Улуғзода ба адабиёти нави тоҷик ҳамчун насрнавис борҳо гуфтугӯ шуда [**аз ҷумла**: 220;

294; 309], аммо самтгирии ӯ чун ноқиду адабиётшинос низ фикри аҳли таҳқиқро ҷалб кардааст [307; 309; 294].

Чунон ки гуфта шуд, С. Улуғзода то ин ки аз нимаи дувуми солҳои 40-уми садаи XX ҷиддан ба кори насрнависӣ гузарад, адабиётшиносӣ ва танқиди адабиро ҳамчун самти кор ва тахассус интихоб карда будааст. Аввалин мақолаҳои танқидӣ ва мубоҳисавиаш дар матбуоти тоҷик ба охири солҳои 20-уми садаи XX – замони таҳсил дар Дорулмуаллимини Тошканд рост меояд. Бо фаъолияти густурдаи адабиаш дар давраи аввал дар вазифаҳои котиби масъули рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (1930-1932), муовини сармуҳаррири маҷаллаи адабии «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (1932-1934), котиби масъули Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1934-1937), котиби масъули рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» (1937-1938), таҳсил дар аспирантураи Институти адабиёти ҷаҳонии ба номи А. М. Горкий (Маскав, 1940), муҳаррири масъули Шуъбаи табъу нашри Шурои комиссарони СССР, раиси правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1944-1946) низ ба вусъати ҳавзаи истеъдоди вежаи ӯ дар адабиётшиносӣ ва танқиди адабӣ муосидат карда ва боиси шакл ёфтани нақди адабии тоҷик дар он замон гардидааст.

Албатта бисёр равишҳо ва мафкураи наққодӣ дар он давра аз назари мафкураи имрӯз қобили баҳс аст ва шояд на ҳамаи афкори интиқодии муаллифонро дар он давр аз диди мафкураи имрӯз пазируфт. Бо ин ҳама ҳузури шахсиятҳое чун С. Улуғзода барои дар сатҳи он замон ҷавобгӯ будани танқид ва адабиётшиносӣ хеле муассир ва таконбахш будааст. Бо чунин ҷусторҳо ҷанбаҳои назарии нақди замон ба қолаби назаррас ворид шудааст. Албатта афкори адабии он солҳо ҷавобгӯи ниёзҳои интиқодии ҷомеаи шуравӣ буд ва ноқидон дар бозгӯи замонии мазмуну моҳият ва шакли нави адабиёт ва нақд иқдом карданд. Бо вуҷуди ин дар ҷустору афкори ноқидон назарияҳои корвару чорасоз, афкори хуби интиқодӣ, мулоҳизаҳои якдасти кирои андеша нуҳуфта аст, ки бояд аз чашмандози имрӯз омӯхта шавад. Инро ҳам бояд гуфт, ки дар ин замина дар замони шуравӣ ва истиқлоли миллӣ силсилаи асарҳои илмӣ

навишта шудаанд (ниг.: 284; 286; 298; 365), ки албатта, сатҳу сифати онҳо аз диди мафкуравӣ тафовут доранд, бо вуҷуди ин, осори мазкур мақому мавқеи ҳар давра ва ҳар нокиди суханро дар замони худашон аз ҳар ҷиҳат таъйин кардаанд. Меъёри баҳо ба раванди танқид ва мақоми ноқидон мухталиф аст, хоса, дар замони мо бояд меъёре мушаххас дар ин ҷода сари кор бошад. Дар пайванд ба ин нукта адабиётшиноси фақид Маъруфи Раҷабӣ зинаҳои эҷодии С. Улуғзодаро аз дигар адибони насли давраи сталинӣ тафовут бахшидааст. Аз назари ӯ «ин фарқ аз он иборат аст, ки ӯ сараввал дар танқиди адабӣ ҷиддан хома ронд ва муддати мадид – қариб даҳ сол (аз соли 1929 то соли 1939) асосан дар ҳамин соҳа эҷод намуд ва дар баробари мутарҷим ҳамчун мунаққид низ шуҳрате пайдо кард» [307, с. 17].

М. Раҷабӣ баршумурдааст, ки С. Улуғзода «дар давоми солҳои 1929-1939 дар соҳаи нақди адабӣ қариб сӣ мақола навиштааст. Он мақолаҳо чи мақолаҳои рӯзномавӣ, чи мақолаҳои дар маҷаллаҳо ба табъ расидаи ӯ ҳаҷман калону мазмунан ғанианд ва то ҳол як ҷо гирд оварда нашуданд» [307, 17].

Ин андеша вомедорад, ки ин навъ осори илмиву адабиётшиносии С. Улуғзода ҷамъоварӣ шаванд. На танҳо дар марҳалаи аввали ноқиди адаб будани С. Улуғзода дар солҳои 20-30-юми садаи XX, балки дар солҳои баъдӣ – ҳам солҳои ҷанг ва ҳам дар марҳалаи баъдии нависандагиаш ҳам диди ноқидии С. Улуғзода ва пайкорҳоияш дар нақди адабиёт нуфуз доштааст. Бо гирдоварии ин осор ва таҳқиқу баррасии амиқи таълифоти интиқодии пажуҳишгар мақоми ӯро дар таърихи сухансанҷии садаи XX метавон равшан ва усулан муайян намуд. Баррасии муҳтаво ва ҷойгоҳи осори илмӣ-интиқодии С. Улуғзода дар рушди адабиётшиносии навини тоҷикии садаи XX хеле муҳим буда, дар роҳи шинохти таърихи ин соҳаи филологияи тоҷик ва роҳҳои таҳаввули он нуктаҳои ҷолиби диққат ва сабақангезе медиҳад.

Ошноӣ бо мақолаву гузоришоти илмӣ-танқидии С. Улуғзода ҳамчун ноқиду адабиётшинос аз рӯзномаву маҷаллаҳои маъруфи тоҷикӣ солҳои 20-30-юми садаи XX – «Овози тоҷик», «Тоҷикистони сурх», «Раҳбари дониш»,

(«Барои адабиёти сотсиалистӣ», «Шарқи Сурх», «Садои Шарқ») ва ғайра сифати фарогириву фарорафти ӯро дар чунин соҳаи ҳаётан муҳимми адабиётшиносӣ ошкор мекунад. Бархе навиштаҳо соли 1963 дар маҷмуаи «Ягонагӣ» («Единение») ба забони русӣ фароҳам омадаанд. Аммо, чи хеле изҳор доштем, ҷамъоварии пурраву комили ин осор, нашр ва пажуҳиши амиқи онҳо вазифаи муҳимми муҳаққиқони таърихи нақди адабии садаи XX аст.

Дар таълифоти танқидии С. Улуғзода масъалаҳои адабиёти навини тоҷик, нақши адабиёт дар даврони дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоии аҳди шуравӣ, рӯзгору эҷодиёти адибони замон, махсусияти осори адибони, чеҳраҳои адабиёти тоҷику рус ва ҷаҳон баррасӣ шудаанд. Мунаққид дар марҳалаи дувуми фаъолияти эҷодияш ҳам дар силсилаи чорабиниҳои муҳимми адабӣ-илмӣ ширкат варзида, дар мавзуъҳои гуногуни мубрами адабӣ суханрониҳо мекард ва бо ҳамин дар ҳаллу фасли бисёр масъалаҳо нақши муҳим мегузошт. Ба ин маънӣ, С. Улуғзода аз аввали фаъолият то дер гоҳ барои шаклгирии сифатии нақди тоҷикии садаи XX хидмати бедареғ намудааст. Агар марҳалаи аввали корномаи ӯ ба нақди тахассусӣ мансуб бошад, марҳалаи дувуми ҷусторҳояшро бештар метавон ба нақди нависандагӣ нисбат дод. Дар ҳар ду маврид ҳам бо сифатҳои хоси диду пажуҳишу имкони баёни назари пажуҳишгар бармехӯрем. Устод Сотим Улуғзода шояд маҳз бо назардошти фаъолияти илмиву танқидии ҳамин марҳалаи аввали эҷодиёташ ва нақшаш дар ривоҷи адабиётшиносии тоҷик соли 1951 ба сифати узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон пазируфта шуд.

Дар марҳалаи аввали ҷусторҳои илмиву танқидии ин ноқиди пурбин мақолаҳое монанди «Як нигоҳ ба насри тоҷикӣ: Латофатой фиреб хӯрд» (1930), «Ба дараҷаи вазифаҳои давраи ҳозираи сохтмони сотсиалистӣ», «Мактуб ба идора» (1932), «Суҳайлӣ ва эҷодиёти ӯ», «Ба ҷамъбасти пленуми якум», «Лоҳутии мо» (1933), «Анҷумани якуми нависандагони шӯроии Тоҷикистон» (1934), «Аз дафтари ёддоштҳои ман», «Садриддин Айнӣ», «Дар бораи шоирони Помир» (1935), «Адабиёти бузурги хурдтараконро эҷод мекунем» (1936),

«Туфулият ва балоғати Деҳотӣ» (1937), «Ба зинаҳои баландтар (дар бораи эҷодиёти адибони тоҷик)» (1946), «Барои асарҳои саҳнавии олисифат» (1947) ва ғ. навишта ва нашр шудаанд, ки бешубҳа ба раванди нақди адабӣ ва адабиётшиносии он солҳо таконбахш будаанд. Онҳо саҳифаҳои аввалину сонии сухансанҷии онзамонаи тоҷиканд ва имкону миқёси табъи хубу салиқаи хуши ноқид, завқи коромади нақду таҳлили ӯро бозменамоянд.

С. Улуғзода бо олимону адибон С. Айнӣ, А. Деҳотӣ, М. Турсунзода, М. Раҳимӣ ва И. Брагинский дар таҳрири маҷмуаи адабии «Намунаҳои адабиёти тоҷик», ки соли 1940 ба ифтихори 20-солагии бунёди Ҷумҳурии шуравии Тоҷикистон дар шаҳри Сталинобод ба лотинӣ ба нашр расид, ширкати фаъол доштааст. Маҷмуа фарогири намунаҳои осори манзуму мансури ҳазорсолаи тоҷик мебошад. Як бахши он ба адабиёти гузашта ихтисос дорад ва дар он мақолаҳои арзишманд оид ба рӯзгор ва мероси адабии 26 шоири давраи қадим фароҳам омадаанд. Дар ин бахш асосан теъдоди мақолаҳои С. Улуғзода ва Х. Мирзозода аз ҳама бештаранд. Аз ҷумла дар ҳафт мақолаи С. Улуғзода – «Абулҳасан Рӯдакӣ», «Дақиқӣ», «Фирдавсӣ», «Абӯ Алӣ Сино», «Носири Хусрав», «Шайх Саъдии Шерозӣ», «Аҳмад-махдуми Дониш» зиндагӣ ва осори адибон муаррифӣ ва нақду баррасӣ шудаанд. Мақолаҳои дигар ба қалами Х. Мирзозода (7 мақола), М. Турсунзода (2 мақола), П. Деҳотӣ (4 мақола), Ҷ. Икромӣ (3 мақола), А. Мирзоев (2 мақола), М. Раҳимӣ (1 мақола бо П. Деҳотӣ) мансубанд, ки дар шаклгирии андешаҳои илмии он замон нақши муҳим ва қобили таваҷҷуҳ доранд.

Самтгирии С. Улуғзода дар боби муаррифии рӯзгору маҳсули табъи эҷодии шоирони гузашта Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Аҳмади Дониш ба хонандаи охирзамон хеле ҷолиби таваҷҷуҳанд. Аз як тараф, дар ин гузораҳо аввалин иттилои расои тарҷумаи ҳоли шоирони қадим, – дар ҳоле ки бисёре аз манбаъҳои илмӣ дастнорас будаанд, – фароҳам шудаанд, аз тарафи дигар, муаллифи мақолаҳо пурбаҳстарин нуктаҳои ҳолнома ва эҷоди адабии шоиронро ба хонанда

пешниҳод намудааст. Аз мақолаҳои Улуғзода моҳияти набарди аҳли миллат ва зиёиёни равшанзамири тоҷик барои ҳақрасӣ дар заминаи мероси адабӣ хеле равшан таҷассум ёфтааст. Дар ин мавзуи муҳим мо дар рисолаҳо ва мақолаҳоямон аз хусуси Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Носири Хусрав, Абулқосим Фирдавсӣ, Камоли Хуҷандӣ ва... изҳори андеша кардаем.

Яке аз мақолаҳои муфассали С. Улуғзода дар маҷмуаи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ба Носири Хусрави Қубодиёнӣ бахшида шуда, ки дар баробари мақолаҳои адабиётшиносон Х. Мирзозода «Носири Хусрави Қубодиёнӣ», «Абӯмуиниддин Носири Хусрав», Л. Бузургзода «Носири Хусрав», «Ҷӯяндаи адолат ва ҳақиқат» дар он замони баҳсу мунозира ба ҳақ ёфтани тоҷикон ба мероси адабӣ ва классикони гузашта арзиш ва ҷойгоҳи муҳим дорад. Бо ин мақолаҳо назари ғайриилмиву номунсифонаи ховаршиносони русу Аврупо оид ба «зараровар» ва «зиддиинқилобӣ» будани мероси адабии гузаштаи тоҷик исбот гардид. Сабки мақола ва усули андешаи С. Улуғзода дар муқоиса бо навиштаи Л. Бузургзода хеле ҷолиб аст [99, с. 37-44].

С. Улуғзода яке аз аввалин муҳаққиқонест, ки доир ба рӯзгор, осор ва мақоми Аҳмади Дониш дар таърихи адабиёти тоҷик рисолае таълиф кардааст. Ин рисола соли 1946 таҳти унвони «Аҳмади Дониш» ба чоп расида буд. Он рисолаи хурдакак дар замоне, ки алҳол дар бораи Аҳмади Дониш ба таври фаровон тадқиқот анҷом наёфта буд, арзиши баландеро соҳиб гардид. Дар он вақт фақат баъзе маълумоти С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) дар бораи Аҳмади Дониш ва чанде аз мақолаҳои олимони маъруф Е. Бертелс ва Х. Мирзозода равшан буданду халос. Дар ҳамин вазъият китоби С. Улуғзода ҳаёту эҷодиёти мутафаккири бузурги тоҷикро ба хонандагон бо забони фаҳмову расо маънидод мекард.

Дар баробари ин мероси арзишманд ба як нуктаи муҳим метавон ишора кард, ки баъзе навиштаҳои С. Улуғзода дар солҳои 30-юми садаи XX рӯхияву оҳанги сахту шадиди ҷадаливу мубоҳисавӣ ба бар кардааст. Албатта С. Улуғзода ба сифати фарзанди он замонаи шум наметавонист аз гирдоби

мунозираҳои мафкуравии синфӣ худро берун кашад. Ба ин маънӣ аз бархе навиштаҳои ӯ муҳокимаҳое дархури талаботи замон ва бархе аз нишонаҳои муносибати ғайримунсифона низ метавон дарёфт. Дар ҳар ҳол, мунозираҳои шадиди ҷадалии он солҳо, аз ҷумла дар мақолаҳои Б. Азизӣ «Намунаи адабиёти тоҷик», Н. Бектош «Садриддин Айнӣ ва эҷодиёти ӯ», Ғ. Абдулло «Ҷалол Икромӣ ва эҷодиёти ӯ», С. Улуғзода «Мактуб ба идора», Ҷ. Икромӣ «Сухан ба ман» ва даҳҳо мақолаи дигар дар баробари ошкор кардани донишу назари муаллифон ба истилоҳ як навъ «ҳисобот»-и сиёсии адабиест, ки ҳадафи аслӣ қабл аз ин ки бозгӯи тамомияти осор ва дурустии далелу рақам дар навиштаҳои онон бошад, таъкиди «бегуноҳӣ»-и сиёсии онҳост.

Мутаассифона, ин паёмад аз сӯйи бештари адибону ноқидони солҳои вазнини шахспарастӣ барои руҳану ҷисман аз миён бурдани ҳамсафону ҳамкасбон таъсир гузошта, ба хомӯш кардани чароғи соҳибистеъдодҳо боис гардид. Ба таври умумӣ, бархе аз амали наққодии ин солҳо либоси сиёсӣ ба бар кард, иддае аз мунаққидон руҳи сиёсатзадаву сиёсатгаро дарёфтанд. Муҳокимаи завқӣ ё шахсии адибон омили таъйини нақди адабии тоҷик гардид. Масалан, «Зарарзаниҳои милатчиёни буржуазӣ дар соҳаи адабиёт» ном мақолаи С. Улуғзодаро метавон мисол овард, ки дар он муаллиф «аз гиребони як зумра адибон гирифта, ба эшон тамғаҳои марговари сиёсӣ мезанад. Дар ин мақола барои он ки Рашид Абдуллоро «гунаҳкор» эълон намояд, чунин овардааст: «Бародари Ғанӣ Рашид Абдулло дар тамоми корҳои зиддисоветии бародар ва падари худ… шерик буд…». Дар бораи ин ҷанбаи таълифоти С. Улуғзода А. Сайфуллоев, Х. Асозода, М. Раҷабӣ ва дигарон изҳори андеша кардаанд [319; 220; 309].

«Як хусусияти нақди адабии солҳои 30-юми тоҷикӣ аз он иборат буд, ки дар як асар мунаққид дар бисёр маврид ба назм, наср, баъдтар драматургия даст мезад, соҳаҳои гуногуни танқид низ дар он солҳо бештар дар махлутӣ инкишоф меёфт. Бисёр мақолаҳои С. Улуғзода ҳам ҳамин гуна хусусият доранд. Сотим Улуғзода гоҳ дар шакли тақриз ва гоҳ дар шакли мақола ба эҷодиёти ягон адиб

диққат ҷалб карда, кӯшидааст, ки бурди бохти ӯро дар ҷараёни инкишофи адабиёти тоҷикӣ ва гоҳ умуман адабиёти шуравӣ ба мулоҳиза гирад» [307, с. 17].

Ба навиштаҳое монанди «Як нигоҳ ба насри тоҷикӣ», «Латофатой фиреб хӯрд» (1930), «Ғалаба», «Маҷмуаи шеърҳои Азизӣ» (1932), «Лоҳутии мо» (1933), «Садриддин Айнӣ» (1935) метавон аз ҳамин ҷиҳат баҳо дод. Гуногунжанрии навиштаҳои танқидии С. Улуғзода дар дарки ғояи замон ва адабиёт хуб мусоидат кардааст.

Вежагии муҳимми афкори С. Улуғзода дар солҳои 20-30-юми садаи ХХ муштоқ будани ӯ ба принсипи якҳизбиву якфикрӣ будааст, ки «моҳияти диди иҷтимоиву адабиву ахлоқии» ӯро таъйин менамояд. Дар нақди С. Улуғзода, масалан, дар мақолаи ӯ «Насри адибии тоҷик. Дар бораи рол ва мавқеи нависанда» (1930), «Бар зидди пантуркизм-панисломизм» (1932, шарики таълиф Ғ. Ализода) тарғиби сиёсиву иҷтимоӣ ва адабии давраи сталинӣ ва кӯшиши пойдор кардани ин гуна назар аз мавзуъҳои асосист [309, с. 18].

Муҳим он аст, ки адабиётшинос ва мунаққиди пуркор С. Улуғзода ва бархе ҳамнаслонаш А. Деҳотӣ, Х. Мирзозода, Ш. Ҳусейнзода, А. Мирзоев ва дигарон бо сарварии С. Айнӣ ба авзои сангину душвори замони бархӯрдҳои мафкуравӣ нигоҳ накарда, барои амиқбурди пажуҳиши забону адабиёт ва ривоҷи илму фарҳанг дар замони нав кӯшиш ба харҷ доданд. Асарҳои илмӣ-адабиётшиносии С. Улуғзода роҷеъ ба чеҳраҳои мумтози адабиёти классикӣ баробари осори С. Айнӣ, А. Деҳотӣ, Ш. Ҳусейнзода, Х. Мирзозода, Л. Бузургзода ва даҳҳо дигарон арзиши баланд дошта, бархе аз онҳо дар посух ба даъвоҳои муғризонаи олимони каҷбин навишта шудаанд. Хусусан мақолаи олим оид ба Носири Хусрав пардаи хираи баъзе носирихусравшиносонро бардоштааст. Бештари осори илмӣ-танқидии С. Улуғзода ба сифати «омили шаклгирии тафаккури таърихии тоҷикон» [189, с. 10] дар саҳифаҳои таърихи навини адабиётшиносӣ ва нақди адабии тоҷикӣ сабт гардидааст.

## IV.2. Ибтидои фаъолияти интиқодии Ҷалол Икромӣ

Ҷалол Икромӣ ба адабиёт ба сифати намояндаи мактаби эҷодии Айнӣ ворид гардид, ҳузури ӯ дар адабиёт ва нақди нимаи дувуми солҳои 20-30-юми садаи ХХ нақши қобили мулоҳизае дорад. Вуруди Ҷ. Икромӣ ба ин олам аз роҳи ҳикоянависӣ сурат гирифта, осори ин давраи ӯ омили аслии ташаккули насри давраи аввали адабиёти шуравии тоҷик гардид.

Фаъолияти Ҷ. Икромӣ дар майдони пурҷидоли адабии ин солҳо дар ду самт ба мушоҳида мерасад, ки дар ин фасл ду ҷанбаи онро бозгӯй карданӣ ҳастем:

***1*** **–** Нуфузи Ҷ. Икромӣ дар нақди адабӣ ва арзишдоварии осори адабӣ.

Аз ҷумла, то имрӯз мо ба таъкиди ин санад пофишорӣ мекардем, ки Ҷалол Икромӣ дар маъракаи нақду инкори тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнӣ ширкат варзида ва тақризи манфие ба ин асар навишта ва дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ба нашр расонидааст [27]. Ин тақризро бархе муҳаққиқон «санади қотеи тозиши муғризона ва нигориши тӯҳматгарона» ба «Намунаи адабиёти тоҷик» маҳсуб кардаанд [264, с. 63]. А. Маҳмадаминов – муҳаққиқи тазкираи Айнӣ ба ҳамин натиҷа расида ва дар ҳашт сафҳаи китобаш андешаҳои Ҷ. Икромиро дар боби асари устод Айнӣ рад кардааст.

Аз мулоҳизаҳои А.Маҳмадаминов нуктаи муҳим дар таҳти таъсири мафкураи Н. Бектош, Б. Азизӣ, Ғ. Ализода таълиф шудани тақриз аст, ки маъхази он хотираи Ҷ. Икромӣ бо номи «Сухан ба ман» арзёбӣ шудааст. Аммо ин маънӣ аз он навиштаи Ҷ. Икромӣ барнамеояд. Моҳияти ин навиштаи Ҷ. Икромӣ ба гуфтаи худаш, ки аз охирин ёддошти ӯ «Он чи аз сар гузашт» (2006) бармеояд, иқрори ин нукта нест, ки тақризи «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро таҳти таъсири мафкураи Н. Бектош, Б. Азизӣ, Ғ. Ализода навиштааст, балки умуман «фош» ва «маҳкум» кардани Бектошу бектошигарӣ дар ибтидои солҳои 30 садаи ХХ аст. Дар хотираи «Сухан ба ман» дар ин маврид чунин мехонем:

«Ман (Икромӣ – С. А.) дар охири сухани худ гуфтанӣ ҳастам, ки хеле касон хоҳ шууран, хоҳ бешууран дар таҳти таъсири Бектош монда буданд ва ман ҳам яке аз ҳамон бешуурона Бектошро «коргари илмӣ»-и шӯроӣ гуфта

мегаштагиҳо будам. Ҳарчанд ки Бектош нисбат ба ман тамоман дигар хел рафтор мекард (масалан дар байни ману Бектош ва алоқаи Азизӣ бо Бектош фарқи бисёр калон буд, аммо ман худро хайрхоҳи вай гуфта мепиндоштам), дар ҷойҳои маълуме ба рафиқон барои кушодани сир ва асрори Бектошчиён ба истиқбол набаромадам. Дар Қазон, ҳарчанд ки ба муқобили тезисҳои Турсунзода набаромада бошам ҳам, ба мамониат карданҳои Азизӣ ҷавоб надода будам. Дар ин ҷо хоҳу нохоҳ ман тарафдории Бектошро кардаам. Аммо ҳоло ман – шахсе ки аз муҳити буржуазияи майда баромада аст ва бо мафкураҳои дар шуури одамизод боқимондаи вай муҳит мубораза бурда ва бурда истодааст, хатоҳои худро дониста ва барои тамоман барҳам додани ин хатоҳо дар ҳузури устоди бузург Лоҳутӣ дар маҷлиси комитаи ташкилотии Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистон ваъдаи худро додаам…» [28, с. 38].

Аз мақолаи ҷолиби таваҷҷуҳи А. Набавӣ роҷеъ ба «Намунаи адабиёти тоҷик» бо истинод ба шаҳодати академик М.Шакурӣ нахустин бор ошкор гардид, ки тақризи Ҷалолиддини Икром на ба Ҷалол Икромии нависандаи маъруф, балки ба профессор А. Алиев нисбат дошта ва М. Шакурӣ ин маъниро аз худи А. Алиев шунида будааст [288, с. 31-32].

М. Шакурӣ дар як мақола оид ба Аббос Алиев бар ин ақида аст, ки «азбаски, устод Айнӣ аз душманони сахтрави пантуркизм буд ва бо Файзуллоҳ Хоҷа ихтилоф дошт, Аббос Алиев ӯро бисёр ҳурмат мекард. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, мақолаеро, ки дар бораи «Намунаи адабиёти тоҷик» навишт ва эродҳо дошт, нахост, ки аз номи худ чоп бикунад. Ин мақолаи Аббос Алиев аз номи Ҷалоли Икромӣ ба чоп расид» [378, с. 100].

Ин гуна ақидаҳо чандин муамморо дар таърихи нақди адабӣ пеш меоварад, Агар қазия чунин бошад, масъалаи муҳим ин аст, ки А. Алиев ихлосманди С. Айнӣ бошад, пас пас чаро ба муқобили «Намунаи адабиёти тоҷик» чунин мақола менависад? Ин асл аз куҷо сарчашма гирифт? Зеро муҳтавои мақола «тозишу инодкорӣ» ва ба гуфтаи А. Маҳмадаминов, «каҷгӯӣ» дар мавриди «Намунаи адабиёти тоҷик» бисёр дорад…

Хотираи Ҷ. Икромӣ, ки зикраш рафт, яке аз маводи муҳим барои шинохти завқу қариҳаи наққодии иҷтимоии ибтидои солҳои 30-юми садаи XX ба ҳисоб меравад, ки афкори ихтилофангези интиқодӣ ва дуруштии иҷтимоиро бозгӯй мекунад. Муаллиф дар повараҷи он шарҳе овардааст: «Ин хотираҳои ман, ки иборат аз чанд эпизод ва як хотима мешавад, ҳикояҳои воқеӣ ва фактҳои тоза гузашта мебошад. Ман танҳо фактҳоро ба монанди ҳикоя ба хонанда тақдим карда, аз худ натиҷа медиҳам» [28, с. 32].

Зоҳиран ин навишта кӯшише бар бозгӯи бисёре аз рӯйдодҳои илмиву адабии он солҳо аст ва ҳадафи асосиаш аз равзанаи нақди иҷтимоъгароии дурушти вақт ошкор кардани моҳияти равандҳои адабии ибтидои солҳои 30 мебошад. Дар он ашхоси замона Зеҳнӣ, Муҳиддинов, Азизӣ ба сифати думравони Бектош муаррифӣ шуда ва мақола низ бо ҳадафи мавқеъгирии ғоявии муаллиф, сафед гирифтани нуфузи сиёсиву иҷтимоии ӯ таълиф шудааст: «…бе ҳеч боке наъра хоҳам зад, ки ман бе ҳеч тарсу бим ба муқобили вайронкунандагони сиёсати миллии ленинии фирқа ва ба муқобили ҳар гуна каҷравиҳо аз роҳи олии фирқа мубораза хоҳам бурд. Ман қалами худро ба муқобили аксулинқилобчиён, ба муқобили миллатчиёни олимақомӣ ва маҳаллӣ, ба муқобили каҷравони «чап» ва рост аз ин ҳам тезтар ва тирамро ҷонсӯзтар хоҳам кард» [28, с. 33].

Шояд нахустин бор дар ҳамин навишта бошад, ки «тарҳи» фаъолияти рӯзонаи «комитаи тоҷикшиносӣ» (1930), ки Бектош раиси он буд, ба миён гузошта шуда ва бемоҳиятии он ба хонанда гӯшзад шудааст: «Аммо ин на маҷлис буд ва на ягон машваратхонаи ҷиддӣ; балки дар вақти худаш «комитаи тоҷикистонӣ» номида шуда ва дар ҳақиқат комитаи таъминоти бекорон буд».[35]

Бештари назарияҳои дурушти адабии замона аз номи ходимони ин комита мавриди арзёбӣ қарор гирифта, муаллиф, дар назари аввал, ихтилофи сиёсати адабии замона, афкори интиқодии адабиётшиносии расмӣ ва мухолифони онро намоён кардааст. Масалан, аз номи Мирзо Усмонбек ном аъзои комита омадааст: «Рубоӣ, шеър, адабиёт ҳамеша дар моён қадри баланд дошт. Аммо ин

шеърҳои Лоҳутӣ ҳам шеър-мӣ. Ба Худо, ки кофир шавам, агар як банди ин шеърҳоро хонам… Имрӯз дар хонаи Бектош китоби сурхи Лоҳутиро дидам. Дар китобаш «Калимаи шаҳодати ранҷбарӣ» гуфта, чи гапҳои куфрро навиштааст, тавба кардам, Худо! Ман (китобро – С.А.) гирифта, ба тарафи дар ғуррондам… Ту кофир набошӣ «Калимаи шаҳодати ранҷбарӣ» гуфта менависӣ? Садқаи калимаи шаҳодат шав!» [28, с. 34].

Нависандаи хотира майлони ноқидӣ ва адабиётшиносии Бектошро низ дар ин замина таъйин карданӣ шудааст. Аммо чун ҳадафи Икромӣ фош кардани Бектош буд, баёни андешаҳои ӯ низ бар пояи нақди завқиву хостаҳои муаллиф сурат гирифтаанд. Масалан, Бектош баъди интиқоди Мирзо Усмонбек аз мавқеи худ дар мавриди шинохти шеъри Лоҳутӣ чунин ҳушдор медиҳад: «Он китобҳо лозим мешаванд. Ман ҳам тарафдори шумо, аммо ин китобро гирифта партофтан фоида надорад, баъд гап мезанем» [28, с. 37].

Ҷалол Икромӣ дарповараҳи хотира назарияи лоҳутишиносии Бектошро чунин намоён мекунад: «Бектош ҳақиқатан ҳам баъд аз он «гап»-и худро гуфт. Вай доимо ҳатто ба худи ман мегуфт, ки: «Лоҳутӣ хоҳ дар санъат ва хоҳ дар мазмун хеле паст мебошад. Лоҳутӣ «Кремл»-и худро тамом копияи Мадоин»-и Қоонӣ карда, аз вай дуздидааст. Лоҳутӣ ҳам монанди Қоониҳост» [28, с. 38].

Бектош ҳамин «назария»-и бӯҳтонкории худро дар амал исбот намуд. Вай дар Хрестоматияи худ Лоҳутиро «моли Эрон» гуфта ва дар байни тоҷикон ва Лоҳутӣ як девори бӯҳтон ва ҷанҷоли миллиро боло карданӣ буд. Ман ҳам дар ин ҷо, дар ин эпизоди кӯчаки худ ишора ба ҳамон мекунам» [28, с. 34].

Ин хулоса, ки дар асл Бектош ба Лоҳутӣ баҳои арзанда дода ва ба мақоми иҷтимоӣ ва шоирии Лоҳутӣ бартарӣ қоил будааст, дар рисолаи А. Набавӣ ҳарфе рафтааст, ки такрор намекунем. Танҳо барои ин ки ҷиддияти нигоҳу назар ва бе салоҳияти назар масъала ба миён нагузоштани Бектош дар масъалаҳои муҳимми адабиву адабиётшиносӣ исбот гардад, ба як хотираи Х. Мирзозода, ки рафти мулоқоти Бектошро бо донишҷӯёни Институти педагогӣ ба қалам овардааст, таваҷҷуҳ кардем. Ин хотираро чанд гоҳ пештар муҳаққиқи рӯзгору

осори Х. Мирзозода А. Худойдодов ба табъ расонид, ки маводи муҳим перомуни он ҳаст. Аз рафти муҳокимаи Бектош дар масоили муҳимми илмии замона завқу қариҳаи хосса ва донишу ҷаҳоншиносии мумтоз доштани ӯ ба исбот мерасад. Х. Мирзозода ҳам навиштааст, ки баъди ин суҳбат кам-кам назараш ба Бектош дигар шуд.

Пардохтан ба ҷанбаҳои мухталифи наққодии осори Ҷалол Икромӣ ба назари мо ҳаҷму ҳавсалаи ҷудогонаро тақозо дорад. Нақду назарсанҷиҳои замон дар ин маврид муҳимтарин нуктаҳои фаҳмиши эстетикии адабиёт ва дарку кашфи моҳияти иҷтимоии нақди ин солҳоро ошкор мегардонад…

## IV.3. Мирзо Турсунзода ва сиёсати адабии то нимаи аввали садаи XX

Шаклгирии афкору андешаҳои адабӣ-интиқодӣ ва зебоишиносии суханвари мумтози тоҷик дар садаи XX Мирзо Турсунзода роҷеъ ба ҷойгоҳи адабиёт ва мероси адабӣ дар партави ду давраи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа қобили андеша аст.

1. Муносибат ба арзишдиҳии осори адабиёт ва мероси адабӣ то нимаи аввали солҳои 50-уми садаи XX – марҳалаи сталинии шинохти адабиёт ва меросбарӣ;

2. Муносибат ба арзишҳои адабии кӯҳнаву нав аз нимаи дувуми солҳои 50-уми садаи XX – марҳалаи пасосталинӣ.

Шинохти афкори адабӣ-интиқодии М. Турсунзода дар робита ба давраи дувум – солҳои 50-70-уми садаи XX то ҷое дар равиши шинохти нақди адабии тоҷикии шуравӣ ва пасошуравӣ сурат гирифтааст [228; 419]. Аммо моҳияти ҷусторҳои ӯ дар шинохти мақоми адабиёт ва арзиши осори адабӣ, муносибат ба мероси адабӣ ва меросбарӣ бо таъсири мафкуравии давраи сталинӣ – охири солҳои 30-юм ва солҳои 40-уми садаи XX камтар мавриди гуфтугӯи ҷиддии тахассусӣ қарор доштааст. Дар маҳсули аҳли таҳқиқи турсунзодашиносон аз таълифоти ин солҳо гоҳо ба мақолаи «800-солагии шоири бузурги Озарбойҷон – Низомии Ганҷавӣ» (1947) ишора мешавад, ки ба «Куллиёт»-и М. Турсунзода ворид шудааст [110, с. 22-33].

Дар асл таваҷҷуҳ ба муносибати М. Турсунзода ба мероси адабӣ ва шинохти арзишҳои адабӣ солҳои 40-уми садаи XX баъди солҳои 80-ум бо зуҳури падидаи бозсозӣ ва ошкорбаёнии Горбачёв оғоз гардид. Дар ин зимн ҷойгоҳи мавсуф ба сифати ситоянда ва ташвиқгари ормонҳои шуравӣ мавриди гуфтугӯи зиёд қарор гирифт. Баҳсу мунозираи аҳли таҳқиқ ва адаб дар ҳошияи мақолаи Р. Мусулмониён яке аз нахустин арзёбии моҳияти рӯзгору ҷойгоҳи осори М. Турсунзода аз диди нав ба шумор меравад [**дар ин бора ниг**.: 332, с. 55-57].

Ба назари мо, дар ниҳоди ин мубоҳисот матолибе нуҳуфтаанд, ки фаҳмиши онҳо аз нигоҳи имрӯз масъаларо ба манфиати фаҳмиши ҳақиқати давраи шуравӣ ва воқеияти ҷойгоҳи нафароне амсоли М. Турсунзода ҳаллу фасл мекунад. Минбаъд низ таҷдиди назар ба мероси шоир бо кӯшишу ибтикори мунаққидони ҳирфаӣ идома ёфта, намунаи хуби солимфикриеро дар фазои таҳқиқ ба вуҷуд овард.

Яке аз тамоюлҳои хоса ва шеваи мумтози арзёбии осори адабии интиқодӣ пас аз солҳои 80-уми садаи бист, аз ҷумла, давраи истиқлоли Тоҷикистон тавъам будани таҳқиқи филологӣ бо ормонҳои худшиносӣ мебошад. Дар бархе пажуҳишҳои риштаи таърихи нақд раванди шакл ёфтани афкори адабӣ дар робита ба масъалаи худшиносии миллӣ арзёбӣ гардида, кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки саҳифаҳои мамнуъ, номакшуф ва, ба истилоҳ, доғи давраи шуравӣ ошкор карда шавад. Дар ин замина пеш аз ҳама кӯшиши академик М. Шакуриро метавон ёдоварӣ кард, ки дар осори мухталифи ӯ, аз ҷумла «Хуросон аст, ин ҷо!» пайгирӣ шудааст. Дар асари М. Раҷабӣ дидгоҳи М. Турсунзода оид ба мероси адабӣ матраҳ шудааст, ки аз як сӯ, матлабро то андозае дуруст пеши назар меоварад, аз сӯйи дигар, моҳияти рӯйдодҳои он давра ва нақши ӯро ҳамчун қазияи мубоҳисаангез боқӣ мегузорад [307].

Аз ин рӯ, ба назари мо нақду таҳлили афкору андешаҳои интиқодии М. Турсунзода, хусусан, муносибати ӯ ба мероси адабӣ дар солҳои 40-уми садаи XX имрӯз аз ҳар ҷиҳат муҳим аст. Ин амал, пеш аз ҳама, барои ҷилавгирӣ аз фаҳмиши номатлуб, натиҷагирии дурусту воқеӣ аз андешаҳои сусту бемояву каммояи сиёсатгаро дар он марҳалаи шаклгирии афкори иҷтимоӣ, дурӣ ҷустан аз нодидагирии хидмати шоистаи равшанзамирони миллат дар садаи XX муҳим мебошад.

Аз нақду таҳлили қазия чунин суол сар мезанад, ки оё роҳи шаклгирии афкору андешаҳои шоир ва суханвари мумтоз дар он солҳо ҳамеша ҳамвор ва суфта буд? Мо дар баҳсу баррасии қазия ба маводе рӯй овардем, ки раванди афкору андешаҳои шоирро бо ҳама фарозу нишебаш бозгӯй мекунанд.

М. Турсунзода охири солҳои 30-юми садаи XX баъди бозгашт ба муҳити пойтахт – Сталинобод хидмати адабиро ба таври густурда идома дод. Фаъолияти ӯ дар риштаҳои адабиёт ва фарҳанги нави тоҷикӣ ба сифати раиси правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, ки давраи аввали он солҳои 1932-1942 сурат гирифтааст, қобили мулоҳиза мебошад. Мақолаҳои «Николай Островский», «Сарояндаи орзуҳои халқ» – дар бораи Н. Некрасов, «Санъати халқи озод» ва ғайра бунёди шаклгирии андешаҳои адабии мавсуфро бозгӯй мекунанд.

Соли 1938 маҷмуаи эҷодиёти шифоҳии халқ – «Намунаҳои фолклори тоҷик» ба нашр расид, ки таҳияи бо ҳамкории ховаршиноси маъруфи рус А. Н. Болдирев анҷом ёфтааст. Ин маҷмуа солҳои 50-ум низ таҷдидан рӯи нашрро дид.

Кори муҳимми дигари М. Турсунзода дар охири солҳои 30-юм ширкат дар таҳияи маҷмуаи адабии «Намунаҳои адабиёти тоҷик» (1940) аст, ки ба истиқболи 20-солагии таъсиси Ҷумҳурии шуравии Тоҷикистон аз тарафи Х. Мирзозода, Ҷ. Суҳайлӣ, Ҷ. Икромӣ, К. Лутфуллоева, Л. Бузургзода дастҷамъона таҳия шуда, дар зери таҳрири умумии С. Айнӣ, С. Улуғзода, А. Деҳотӣ, М. Турсунзода, И. Брагинский, М. Раҳимӣ ба табъ расидааст. М. Турсунзода ба ғайр аз таҳрири асар ҳамзамон таълифи фаслҳои «Умари Хайём» [99, с. 65-69] ва «Мулло Мушфиқӣ» [99, с. 169-170]-ро низ анҷом додааст.

Аз силсилаи пажуҳишҳои таърихи нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ маълум аст, ки охири солҳои 30 ва ибтидои солҳои 40-уми садаи XX давраи хоси исботи ҳаққу ҳуқуқи тоҷикон ба мероси классикӣ мебошад ва яке аз натиҷаҳои муҳимми пажуҳиши адибону олимони тоҷик дар ин давра ба исботи расонидани мероси муштараки тоҷикону эрониён, ба адабиёти ҷомеъи форсӣ баробар ҳақ доштани онон ва, дар ин ҷода, ба кор бурдани истилоҳи ягонаи «форс-тоҷик» бо сарварӣ ва иршоди маънавии С. Айнӣ мебошад. Маҳз дар ин давра симои М. Турсунзода ба унвони идомадеҳи ормонҳои миллӣ ва

муборизаҳои С. Айнӣ барои ҳаққу ҳуқуқи тоҷикон ба мероси адабӣ намоён мегардад.

Аз ин ҷиҳат, номаи ӯ ба А. Болдирев аз 30-юми декабри соли 1940 ҷолиб буда, муҳтавои он дар нигоҳ доштани руҳияи муборизаҳои С. Айнӣ, посдошти нуфузи ӯ дар он марҳала ва дар дастёбӣ ба мероси адабӣ арзиши муҳим дорад. Аз ин манбаъ назари мухталифи ҷараёни илмиву адабии замон дар меросбарии тоҷикон ба адабиёти гузашта исбот мешавад. Номаи ҷавобӣ ва эътирозии М. Турсунзода ба А. Н. Болдирев санади муҳим ва шоёни таваҷҷуҳи таърихи набардҳои адабии тоҷик ва таъйини саҳми тоҷикон ба мероси гузашта аст. Ин санад нақши М. Турсунзодаро дар шинохти таърихи адабиёти тоҷик дар муқобили назарияпардозии расмии ховаршиносони рус ҳамчун як рӯйдоди муҳим ба исбот мерасонад.

Нуктаи аввали эроди М. Турсунзода ба А. Болдирев дар бораи забони маҷмуа аст. Ӯ кӯшидааст исбот намояд, ки сарсухани маҷмуа «ба забони вайрони тоҷикӣ навишта шудааст. Дар он ҳеҷ як ҷумлаи дурустро пайдо кардан мумкин нест... аввал ба забони русӣ... баъд ба таври механикӣ тарҷума карда шудааст» [132, с. 8].

Муаллифи нома ба масоили таърихи адабиёт назари бориксанҷе дошта, бо диди хоси наққодӣ, бо камоли фиросату назокати сухансанҷӣ матлабро нозукона ба миён мегузорад ва ба матолиби сарсухани маҷмуа баҳо медиҳад: «Дар ҷое, ки хишт бояд, чӯб ва ҷое, ки санг бояд, хоки хушк гузошта шудааст, яъне луғатҳоро дар ҷойи худ... кор нафармудааст» [132, с. 8].

Нуктаи муҳиме, ки ҳамеша дар шинохти раванди афкори ин давра ба эътибор гирифта шавад, таҳриф, тасҳиф, тағйир ва табдили назар ба никот ва масоили илмӣ, таърихӣ ва адабӣ аст, ки аз ҷониби уламои замон бештар ба тарзи ошкор ва ё пинҳон сурат гирифта, ба шеваи умдаи сиёсатгароёна табдил ёфт. Ин гуна самтгирӣ баъди пленуми XII нависандагони шуравӣ (1948) дар доираҳои расмии илмиву адабӣ ва афкори пажуҳандагон ҷойгоҳ пайдо кард. А. А. Фадеев – сарвари адибони шуравӣ дар пленум оид ба космополитизм ва

тақсими мероси фарҳангӣ, инкори истилоҳи адабиёти «форс-тоҷик» ва «буридани эътирофи ягонагии таърихиву фарҳангии халқҳои шуравӣ (дар мисоли тоҷикон) бо эрониён» раъй дод.

Дар пленум танҳо ҳаққу ҳуқуқи халқи тоҷик, на эрониён ба мероси гузаштаи форсӣ собит шуд. Исботи ин қазия дар адабиётшиносии шуравӣ ба раванди ягонагии адабиву фарҳангии тоҷикону эрониён, ки дар ибтидои солҳои 40-уми садаи XX бо кӯшишу талоши хастанопазири С. Айнӣ ва намояндагони мактаби илмии ӯ сурат гирифта буд, хотима бахшид.

Ин масъалаҳо ба такмилу густариши андешаи дигар – **дар қаламрави Осиёи Миёна падид омадани забон ва адабиёти дарии форсӣ** мусоидат кард, ки барои пиндошти танҳо ба халқи тоҷик дахл доштани адабиёти форсӣ ба кор омад. Дар ин самт муҳаққиқони тоҷик, аз ҷумла, А. Мирзоев ба натиҷаҳои оилми Эрон Маликушшуаро Баҳор – зодаи Мовароуннаҳр будани забон ва адабиёти форсӣ такя карда, қазияро барои беасосии истилоҳи «форсу тоҷик» истифода бурданд. Дар асл исботи пайдоиши забон ва адабиёти тоҷик дар қаламрави Осиёи Миёна ба ҳақиқати таърих ихтилоф надорад ва шак нест, ки аҳли илму адаби тоҷик дар ин кор ибтикори қобили мулоҳизае нишон доданд. Аммо аз ин гуна ибтикор – кӯшиши исботи зодаи Мовароуннахр будани забону адабиёт дар роҳи ташвиқи ормони сиёсии танҳо ба халқи тоҷик нисбат ёфтани мероси адабии форсӣ сӯиистифода шуд.

Ин назария ба нодида гирифтани ҳаққи эрониён ба комплекси бузурги адабиёти форсӣ замина гардид. Таҳлили қиёсӣ исбот мекунад, ки ҳадафи аслӣ зимни коркарди истилоҳи «форс-тоҷик» дар ибтидои солҳои 40-уми садаи XX саҳми муштараки тоҷикону эрониён дар бунёди адабиёти форсӣ буд ва ховаршиносон бештар ба саҳми эрониён қоил буданд. Аммо дар интиҳои солҳои 40-ум зимни инкори истилоҳи «форсу тоҷик» танҳо тоҷикон ворисони асосии мероси форсӣ шинохта шуда, саҳми ҳавзаи Эрон дар қолаби нақду назари сиёсӣ сарфи назар гардид. Дар адабиётшиносии тоҷик назарияе матраҳ аст, ки гӯё пас аз исботи С. Айнӣ аз мероси муштараки адабии тоҷикону

эрониён ба унвони «адабиёти форсу тоҷик» истилоҳи мазкур расм шуда, бархе аз ховаршиносони рус ва хориҷ аз кишвари шуравӣ низ аз он истифода бурданд. Дар ин ки истилоҳи «форсӣ-тоҷикӣ» ба унвони китобҳои Е. Э. Бертелс, О. Клима, Я. Рипка, И. Бечка пазируфта шуд, ҷои шак нест. Аммо бахши нахусти ин назария танҳо то андозае воқеият дошт. Зеро аз интиҳои солҳои 40-уми садаи XX асосан истилоҳи «адабиёти тоҷик» дар гардишу муомилаи адабиётшиносии тоҷик қарор гирифт. Дар ин амр, аз ҷумла, нашри силсилаи «Классикони адабиёти тоҷик» ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ расмият ва ҳайсият ёфт. Маҷмуаи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ба унвони «Антология таджикской литературы» тарҷума шуд (1951). Танҳо солҳои 60-ум пас аз нашри китоби ҷомеъ ва мукаммали Е. Бертелс «Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ» (1960) гуруҳи олимони тоҷик силсилаи таҳқиқоте барои тамоми давраҳои адабӣ анҷом доданӣ шуданд, ки «Очеркҳо аз таърихи адабиёти форсу тоҷик» ном дорад.

Ҳамин тавр, баъди пленуми XII раёсати Иттифоқи нависандагон раванди ҷудо шудани ягонагии адабии эрониву тоҷикӣ сурати хосе ёфт. Дар ҳоле ки С. Айнӣ дар ибтидои солҳои 40-ум ба коркарди истилоҳи воҳид ва ягонаи «форс-тоҷик» ноил гардид ва дар шинохти ҳақиқати таърих қадами ҷиддӣ гузошт, дар интиҳои солҳои 40-ум ӯ таҳти таъсири назариёти расмӣ оид ба ҷудоии мероси муштарак қарор гирифт. Баъди пазируфта шудани «установкаи партиявӣ» дар мавриди тақсими мерос ӯ низ аз эътирофи умумияти таърихиву фарҳангии тоҷику эронӣ даргузашт: «Модом ки партия термини «форс-тоҷик»-ро (…) рад кардааст, барои ман як установкаи партиявӣ даркор аст, то ба ҳамон такя карда (албатта бо далелҳои таърихӣ ва илмие, ки худ медонам) мақола нависам, то ки мо ба шоирони хубтарини ғарбии Эрон ҳам ҳақ пайдо кунем…» [96, с. 89].

Маҳз бо назардошти ҳамин вазъияти номусоид дар роҳи шинохти таърихи адабиёти тоҷик бояд ба мутолиа ва бардошт аз самтгирии ғоявӣ ва андешаҳои М. Турсунзода пардохт. Зеро маводи пленум дар матбуоти марказӣ ва ҷумҳурӣ собит менамояд, ки вай низ таҳти таъсири назариёти расмӣ дар мавриди

ҷойгоҳи мероси адабии тоҷикон қарор гирифт. Самти фикру мулоҳизоти М. Турсунзодаро аз мақолаҳои «Барои ватандӯстии советӣ бар зидди панэронизм» [106] ва «Ба муқобили космополитизм ва панэронизм» (ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ) [107] метавон мутолиа кард, ки дар асл нуктаҳои суханронии ӯро дар ин пленум дар бар мегиранд.

Албатта, дар ҷо-ҷои гуфтаву навиштаҳои М. Турсунзода гоҳо ҳақиқат ва воқеияти таърихи забон ва адабиёти тоҷик низ матраҳ шудааст. Масалан, вай менависад, ки «дар сарзамини Мовароуннаҳр ва Хуросон халқи тоҷик забони нави худро тайёр карда, такмил дод, ки баъдҳо вай дар Эрон ҳам забони адабӣ шуда, ба ҷои забони паҳлавӣ гузашт». Дар ҷои дигар менависад: «Халқи тоҷик… аз мероси адабии Ҳофиз ва Саъдӣ ҳам, ки дар Шероз таваллуд шудаанд, рӯй намегардонад, зеро *забони онҳо ба забони тоҷикии мо як аст*» [106, с. 3].

Аммо аз он ки масъала сиёсист, М. Турсунзода имкон надоштааст ва натавонистааст, ки ҳамчун шахси расмӣ – сардори нависандагони тоҷик ба андешаву иддаои иштибоҳангези сиёсатгаро ҳамовозӣ накунад. Дар асл гузориши матлаб ва қазовати масъала норасост, ҷойи баҳс нест, ки дар ниҳодаш ҳукму хӯрдагарии сиёсӣ дорад. Перомуни он ба оҳанги сахт ва лаҳни шадид ба «космополитҳои бeватану бенасаб» нафрату адоват шуда, ки «адабиёту маданияти тоҷик»-ро бо «маданияту адабиёти форсӣ беҳаёёна меомезанд».

М. Турсунзода ба оҳангу равиши суханони А. А. Фадеев навиштааст, ки «мо набояд дар назди давлатҳои феодалии Шарқ сар хам кунем, балки нисбат ба онҳо хеле баланд истем. Фақат мо омӯзиши меросҳои (?) адабии классиконамонро дуруст ташкил карда метавонем». Дар ин мақола чунин нукта таъкид шудааст: «Рӯзе меояд, ки замони реаксия дар Эрон хотима меёбад ва он гоҳ халқи тоҷик ба форсҳо мероси шоиронашонро бо тамоми бузургворӣ ва ҳусну зебоии инҳо пешниҳод хоҳад кард» [106, с. 3].

Муҳаққиқи эронӣ Чингизи Паҳлавон дар таассуроти як сафараш ба Тоҷикистон ҳарфи донишманди дигари эронӣ Иноятуллоҳи Ризо – дӯсти М.

Турсунзодаро нақлу иқтибос карда ва онро М. Шакурӣ низ дар китоби «Хуросон аст, ин ҷо!» овардааст. Аз ин иқтибос маълум мегардад, ки М. Турсунзода дар суҳбатҳо бо И. Ризо шоирони номвари форсу тоҷик Саъдӣ ва Ҳофизро сирф тоҷик мехонд. И. Ризо эътироз мекард, М. Турсунзода ҷавоб медод: Ба хотири он ки алъон дар Эрон як давлати иртиҷоӣ ба сари кор аст, ҳар вақт ки давлати мутараққӣ биёяд, мо инонро пас медиҳем» [189, с. 203].

Ин ҳамон андешаест, ки соли 1949 дар мақолаҳои М. Турсунзода таҳти таъсири пленуми нависандагони шуравӣ пайваста гӯшзад шудааст. М. Шакурӣ зимни натиҷагирӣ аз ин андеша аз як рухдоди ҷолиб иттилоъ медиҳад, ки маъхаз ва чигуна сурат гирифтани он норавшан мондааст: «Чун хавфи ҷанҷоли сиёсӣ пеш омад, Мирзо Турсунзода ва ҳамфикрони ӯ аз даъво гузаштанд» [189, с. 203].

(Дар омади гап, метавон изҳор кард, ки дар баъзе таълифоти бист соли ахир танҳо ҳамин пораи андешаи М. Турсунзода иқтибос шуда, аммо, ба назари мо, на ҳамеша аз ин никот ба хулосаву натиҷаи номатлуб расидан мумкин аст).

Ба ин шева, олимону адибон дар тақвияти назари расмӣ дар ҷаласаҳои хос суханронӣ намуда, мақолоте дар нашрияҳои расмии русӣ ва тоҷикӣ ба табъ расониданд.

Афкору андешаи баҳсангези назариву танқидии М. Турсунзода то замони ба миён омадани фазои нармандешии Н. Хрущов танҳо бо ин шеваи «тақсими» мерос дар байни эрониёну тоҷикон интиҳо намеёбад. Ӯ дар муносибат ба ҷойгоҳи ғоявии осори адабии замони гузашта ва нави тоҷик низ ба бархе натиҷаҳои тавзеҳталаб расидааст. Аз ҷумла, зимни муаррифии тақризи С. Табаров («пурқиматтарин мақола») дар бораи асари адабиётшинос Х. Мирзозода «Адабиёт. Хрестоматия барои синфи У111» муаллифи охирро ба муносибати нодуруст ва ғайриусулӣ ба адабиёти классикӣ муҷрим донистааст. Аз диди ӯ Х. Мирзозода «**аз байни асарҳои асосгузори назми классикии тоҷик Рӯдакӣ шеърҳоеро ёфта дарҷ кунонидааст, ки ба Бухоро баргаштани шоҳро талаб мекунад.** Ин шеърҳо бисёр хушмақом ва бо санъати баланд

навишта шуда бошанд ҳам, аммо дар онҳо Бухоро ба осмон, шоҳ ба маҳтоб, Бухоро ба гулшан ва шоҳ ба дарахти сарв ташбеҳ дода мешавад. Шоири бузург Рӯдакӣ дар баробари як қатор шеърҳои фошкунандае дар ҳаққи шоҳ навиштааст, мумкин аст, ки бо ягон сабаб маҷбур шуда, ин шеърро навишта бошад. Аммо бо кадом сабабҳо ин шеърро ба хрестоматияи адабиёти синфҳои ҳаштум дохил кардани адабиётшиноси советӣ барои мо маълум нест. Дар хусуси ҳамон хрестоматия шеъри бо ҳам ҷангидани Малика Томирас ва шоҳ Кирёвуш ҳамчун намунаи фолклоре, ки шуҷоати шоҳон ва зиннати ҳаёти дарбориро мадҳ мекунад, низ нашр карда шудааст. Ин шеърҳо барои талабагон чӣ гуна аҳаммияти тарбиявӣ дошта бошанд?» [109, с. 1].

Агар сухан дар бораи шинохти вежагиҳои афкори адабии солҳои 20-уми садаи XX мерафт, ҳатман ҷурми ин андешаҳоро ба назарияпардозони сиёсатгарои балвогар ҳавола мекарданд. Агар вазъи руҳии С. Айниро ҳангоми муҳокимаи «Намунаи адабиёти тоҷик» дар нимаи дувуми солҳои 20-уми садаи XX ба ёд оварем, ки бо қазияи **даъвати шоҳ ба Бухоро – чун фарохонандаи амири Бухоро** аз ҷониби сиёсатгароёни замон туҳмат шуд, моҳияти нақди сиёсатгаронаи Х. Мирзозода низ равшан ошкор мегардад.

Ҳамзамон, М. Турсунзода майлу таваҷҷуҳи амиқи адибону олимони он замонро ба таърихи моқабли халқи тоҷик ҷурму нуқсони ғоявӣ ба қалам овардааст. Аз ҷумла, соли 1947 дар як суханронаш муаррихи русро барои мансуб донистани халқи тоҷик ба нажоди ориёӣ танқиди сахт менамояд (Роҷеъ ба ин нукта дар мавриди муносиб ҳарф мезанем). Дар мавриди дигар бо ҳамовозӣ ба назари маҳдуди идеологӣ дар шинохти воқеии осори адабиёт ва санъат таваҷҷуҳи адибони тоҷики замони ҷангро ба мавзуоти таърихӣ мазаммат мекунад ва менависад, ки адибон «дар солҳои ҷанг бештар ба офаридани асарҳои таърихӣ машғул мешуданд ва ҳоло низ агар тафтиш кунем, …ба мавзуъҳои таърихӣ саргарманд. Ин ду хатои бузурги санъати мо ва нависандагони мо мебошад. Аз замони ҳозира дур шудан ва ба мавзуъҳои

таърихӣ машғул гардидан – чунин маъно дорад, ки мо мундариҷаи ғоявии адабиёту санъатамонро таъмин карда наметавонем» [109, с. 1].

Шояд ба назари андешамандони имрӯз маҷмуи гуфтаву навиштаҳои равшангарони миллат дар мароҳили пурпечу тоби таърихӣ, иддае аз ҳарфҳои пешвоёни адаб ва фарҳанги миллӣ, ки дар таълифоташон зикр шуда ва ё дар анҷуману ҷаласот гуфта шудаанд, дурушту ноҳамвор намояд. Бо вуҷуди ин, ба назари мо, жарфои масоил аз он чи баъзан фикр мекунем, хеле амиқанд ва аз ҳам тафовути мумтоз доранд. Аммо, дар нақду баррасиҳои илмиву публитсистии ду даҳсолаи садаи XX ва бисту як оид ба ҷойгоҳи М. Турсунзода ва равшангарони дигари миллат дар шаклгирии забон, адабиёт ва фарҳанги нави миллии тоҷикӣ на ҳамеша аслу моҳияти рӯйдодҳои замон аз лиҳози равишшиносӣ ба назар гирифта шудааст.

Набояд раъю андешаи дурушти иҷтимоъгарона дар як марҳалаи ихтилофангез барои нодурусту нораво хондани доираи афкору аъмоли равшандилони миллат ба кор гирифта шавад. М. Турсунзода ва ҳамфикрони ӯ дар замони душвори таҳаввулоти иҷтимоӣ зиндагӣ ва фаъолият басар кардаанд. Аммо, бо вуҷуди душвориву печидагии вазъ ва ошӯби ҷаҳон дар ҷодаи вусъат додани андешаҳои муҳимми миллатсозӣ низ андаке комёб шуданд.

Дар асл афкори равшангарони тоҷик дар тамоми аҳди шуравӣ масоили баҳсангез ва нукоти номатлуби фаровоне дорад, ки ҳеч гоҳ нақши ононро дар шаклгирии таърихии тафаккури тоҷикон пасту ҳақир намекунад. Балки мо вазифадорем, ки аз он рӯйдодҳо ва маҷмуаи андешаҳо дарси сабақ бардорем ва дар маҷрои минбаъдаи тафаккури миллиамон ба назар дошта бошем.

Дидгоҳи мазкур ҳатман аз ғизои сиёсат маншаъ мегирад. Масалан, А. Лоҳутӣ бо ҳама хадамоти шоистаи таърихӣ ва адабӣ дар солҳои 30-юми садаи гузашта андешаҳоеро низ пайгирӣ кардааст, ки даъвои мухолифони ғоявии забон ва тамаддуни тоҷиконро ба хотир меоварад. Ба гунае ки пантуркистон ҳадс мезаданд, А. Лоҳутӣ низ иддао кардааст: «Бояд дар асоси шеваҳои халқии

забони тоҷикӣ як забони маҳкам ва зебои адабии тоҷик ба вуҷуд оварем» [82, с. 226].

Аммо оё метавон ба ин натиҷа расид, ки А. Лоҳутӣ дар мақоми душманӣ ба забони тоҷикӣ ба баёни ин даъво пардохтааст? Ин иддаоест, ки ховаршиноси рус Е. Э. Бертелс низ дар пайгирӣ аз диди пантуркистӣ изҳор дошта буд: «Халқи тоҷик осори адабиро ба он забон, ки ҳарф мезанад, ба вуҷуд меорад» [136, с. 267].

С. Айнӣ моро ҳушдор медиҳад, ки дар ҳамин замина бо мавсуф (ва Болдиреву Андреев) баҳс кардааст. Аммо оё ин ҳақро дорем, ки риштаҳои хадамоти куллии А. Лоҳутӣ, Е. Э. Бертелс ва ҳамназарони ӯро аз ҳам қайчӣ занем ва ононро ба боди интиқоди сахту маломати шадид гирем?!

Ё охири солҳои 40-уми садаи XX роҳбари сиёсии ҷумҳурӣ Б. Ғафуров дар гуфтугӯ бо сарвари шуравӣ И. Сталин дидгоҳеро матраҳ кардааст, ки гӯё дар Эрон мардум «Шоҳнома»-и Фирдавсиро ба воситаи луғат хонда ва мефаҳманд (Матолиби ин суҳбатро бори нахуст муаррих Ш. Ҳамдампур фароҳам овард). Пӯшида нест, ки дар паси ин ақидаи сиёсатгаро формулаи «Шоҳнома» – зодаву парвардаи Эрони шарқӣ» нуҳуфта аст, ки дар муҳити фарҳангии шуравӣ пайгирӣ шуда, моҳиятан аҳдофи сиёсӣ дорад. Аммо, дар фосилаи дигари таърих Б. Ғафуров аз паси ин гуна ақоиди тавзеҳангез нарафтааст. Балки имкон ёфтааст, ба таври ошкоро аз қазияҳое монанди «иттиҳоди халқҳои эронинажод» ва «лузуми ҳамгун сохтани забони форсии тоҷикӣ бо тоҷикии Афғонистон ва форсии Эрон» масъала ва тарҳи ҷолиб ба миён гузорад. Аз ҷумла, дар анҷумани илмии ховаршиносӣ (Мюнхен, 1957) ақидаеро пеш ниҳода, ки «маҳз дар аҳди Сомониён ғояи иттиҳоди халқҳои эронӣ ташаккул ёфт ва дар «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ ба тарзе дурахшон ифода гардид».

Гузашта аз ин, дар мусоҳибаи хабарнигори эронӣ бо Б. Ғафуров (1974) зарурати ба ҳам овардани забонҳои форсӣ, дарӣ ва тоҷикӣ гӯшзад ва ҳамназдикии се ҳавзаи таърихӣ боиси растагории тоҷикон ва забони тоҷикии қаламрави Фарорӯд муаррифӣ шудааст. Мо, насли як давраи тамоман дигар

ҳаққи маънавӣ надорем, ки бо мутолиаи порае бурида ва қайчишуда аз он андешаҳо хадамоти равшангарии навини тоҷикиро бо айнаки сиёҳ мутолиа ва нақши пешвоёни миллатро дар равандҳои иҷтимоӣ ба таври хира арзёбӣ намоем.

Пас, чӣ сон метавон самтгирии М. Турсунзодаро аз боби моли танҳо халқи тоҷик донистани мероси гузаштаи форсӣ барои хира кардани номи ӯ ба кор гирифт. Чунон ки мебинем, таърихи тоҷикон дар садаи XX дар ин мавриди аснод ва далоили зиёде дорад. Аз вежагиҳои умда ва сабақангези садаи XX яке ин аст, ки пешвоёни барҷастаи миллат, намояндагони илму адаб ва фарҳанги миллии тоҷик барои амалӣ шудани аҳдофи сиёсиву таблиғотӣ аз дидгоҳи ба роҳу равиши худшиносии миллӣ номатлуб низ пайгирӣ карданд, ки набояд барои фурӯ нишонидани ному пайкори эшон ва нодидагирии хидматашон дар арсаи шинохти миллат мавриди сӯиистифода қарор гирад. Бояд ба назар гирифт: Ҳар ки заррае дар роҳи шукуфоии фарҳанг, забон ва адаби миллӣ бо ҳама душвориву печидагии замон хидмат карда бошад, номаш ба некӣ ёд хоҳад шуд, гарчанде ки диду назар ва ақоидаш аз ихтилофи умда ва ҳангуфте ҳам холӣ набошад.

Мо бо ҳама шеваи бардошти номатлуб наметавонем ба фаъолият ва пайкори куллии бузургони фарҳанги нави тоҷик хати бутлон зада, бо маҳдудияти назар ҷойгоҳи ононро муайян созем. Арзишдиҳӣ ба моҳияти ҷусторҳои адиб ва ё мунаққид набояд вобаста ба сатҳи гароиши ӯ ба ин ва ё он сохт ва гурӯҳ сурат гирад. Балки дар ин мавридд шинохти хасоиси умдае – амсоли заминаҳои вусъати ҷаҳоншиносӣ ва коркарди ҳунарии осору ақоиди ӯ аз ҷумлаи тадбири муҳимми илмӣ ба шумор меравад.

Донишу андӯхтаи фаровону густурда дар партави ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии нав, нигоҳи моҳиятҷӯ ба масоили мухталифи ҳаёти муосир, дарки мушаххасоти давраи нави таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоӣ ба М. Турсунзода имкон додааст, ки дар мавриди масоили мухталифи адабиву эстетикии гузашта ва замони худ натиҷаҳои муайяне ба даст оварад. Афкору

андешаҳои М. Турсунзода дар мақолаҳои илмӣ-танқидӣ, маърӯза гузориш оид ба масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти гузаштаву муосир, назарияи адабиёт, нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ, тарҷумаи бадеӣ, забону баён, мушкилоти кори эҷодӣ, муносибат ба офариниши осори хубу марғуб, ҷараёни коркарди матн, таҳриру такмили шеър ва ғайра арзиши муайян доранд.

Ин нуктаро бояд ба вежа таъкид кард, ки таълифоти танқидии М. Турсунзода аз чашмандози сухансанҷии замон арзишу аҳаммият дошта, усулан аз зовияи дид, завқу салиқа, меъёру талаботи сухансанҷии шуравӣ қобили нақду таҳлиланд. Бо вуҷуди ин, осори мазкур никоти қобили таваҷҷуҳеро дар бар гирифта, барои шинохти моҳияти аслии ҷусторҳои ғоявию эстетикӣ ва ҷойгоҳи осори адабии замони муосир заминаи мусоид фароҳам меоваранд. Ҷойгоҳи М. Турсунзода дар нақди адабии солҳои 50-70-уми садаи XX бо одобу муҳассаноти шоистаи танқидӣ мумтоз аст. Дар осори адабӣ-наққодии ӯ таърифу танқид ва баҳсу мунозираи бастшуда ҷойгоҳи хос дошт, ки ин хосиятро Ю. Бобоев бо иқтибоси ҳикмате аз шоири маъруфи Фаронса П. Элюар равшан ошкор кардааст: «Мунаққид дар ҳолате вазифаашро комилан адо мекунад, ки қабл аз ҳама аз комёбиҳои асари бадеӣ ба ҳаяҷон омада, мафтуни он гардад, сонӣ ба ҷустуҷӯи нуқсону камбудиҳои он шавад» [228, с. 152].

М. Турсунзода баъди солҳои 50-ум садаи XX дар таълифоти илмӣ, адабӣ ва публитсистӣ дигар аз паи ақоиди тезутунд ва сиёсатолуди даврони сталинӣ нарафта ва ё хеле нарму баэҳтиёт масъалаҳои ҳастии адабиёт ва мероси адабии кӯҳнаву нави тоҷикро матраҳ кардааст.

Аммо афкори М. Турсунзода дар солҳои 50-70-уми садаи XX завқи хос ва салиқаву қариҳаи мумтози наққодии муаллифро бозгӯй мекунанд [**дар ин маврид аз ҷумла ниг**.: 228]. Хоса, дар муносибат ба мероси адабии тоҷик, шинохти арзишу муҳассаноти осори адабӣ ва арзёбии нисбатан воқеиву мунсифонаи рӯзгору ҷойгоҳи шеъри шуарои классики адабиёти форсӣ-тоҷикӣ Низомии Ганҷавӣ, Хоҷа Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ ва дигарон завқу истеъдоди

хосе зоҳир кард ва аз ин лиҳоз, «табаҳҳур ва касби иршод дар фарҳангу адаби гаронмояи ниёгон» (Н. Салимов) номи ӯро дар мақоми арҷманд ҷой дод.

Пас, дар мавриди муайян кардани мушаххасоти фикру андеша ва диду раъйи адибону олимони равшангар ва соҳибназари миллат бояд ҳатман ин ҷанбаи масъала ба кор гирифта шавад.

## IV.4. Тӯрақул Зеҳнӣ ва сухансанҷии навини тоҷик

Аз хусуси истеъдоди фитрӣ, дониши амиқ, қобилияти баланди эҷодӣ, назари густурдаву фарох, заҳматкашӣ, пуркорӣ ва дигар фазилатҳои ходими намоёни адабиёт, фарҳанг ва матбуоти тоҷик – адабиётшинос, забоншинос, фолклоршинос, шоир ва мутарҷим Тӯрақул Зеҳнӣ як нуктаи меҳварӣ ба таври ҷудогона бояд баён шавад, ки ба асли зуҳурот, табиат ва сиришти хоси донишмандони арсаи филологияи муосири тоҷик дар пайванд аст. Ин тамоюл аз ҷониби олимони баъдӣ «бисёрфаннӣ» ва ё «ҷомеияти фарогирӣ» таъбир шудааст, ки аз муҳимтарин хусусиятҳои фаъолияти эҷодии намояндагони илму маданият, хусусан, дар давраҳои аввали инкишоф ё дар замони навсозии он аст. Дар ин давраҳо одатан шахсиятҳои барҷастае қаҳрамонона худро ба майдон мезананд ва якбора дар чанд ҷабҳа мубориза мебаранд.

Инро ба он маъно бояд фаҳмид, ки вежагиҳои давраи дигаргуниҳои нимаи аввали садаи ХХ ва тақозои баҳрамандӣ аз таҷрибаҳои нави муосир ба зумраи донишмандон имкон додааст то истеъдоду қобилият ва иқтидори таҳқиқиашонро якбора дар чанд шохаи филологияи тоҷик, аз ҷумла забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, фолклоршиносӣ ва ғайра ба кор баранд. Аз ин нуқтаи назар Абдурраруфи Фитрат, Раҳим Ҳошим, Тӯрақул Зеҳнӣ, Нарзуллоҳ Бектош, Шарифҷон Ҳусейнзода, Абдулғанӣ Мирзоев, Холиқ Мирзозода, Лутфулло Бузургзода, Носирҷон Маъсумӣ, Соҳиб Табаров, Муҳаммадҷон Шакурӣ ва чанде дигар аз зумраи чунин олимони бисёрфане ҳастанд, ки ба соҳаҳои гуногуни филологияи тоҷик рӯйи ниёз оварда ва дар соҳаҳои мухталифи он асарҳои арзишманд ва мактаби хос ба вуҷуд овараданд.

Тӯрақул Зеҳнӣ аз намояндагони барҷастаи илму адаби равшангарии тоҷикии садаи ХХ аст, ки дар бунёди илмиву назарӣ ва шаклгирии заминаҳои фикрии суханасанҷии тоҷик – адабиётшиносӣ ва нақди адабии мазмунан ва сифатан навини тоҷик, намоён кардани нишонаҳои хоси бандубасти афкори суханшиносии тоҷикӣ нақши равшан гузоштааст. Ин равшангари адабӣ бо такя ба таҷрибаву равишҳои якдасту бебадали суханасанҷии гузашта ва баҳрамандии

амиқ аз суннати нави адабпажуҳӣ дар шаклгирии афкори замон ва густариши маърифати салими адабӣ хидмати назаррас анҷом додааст. Ӯ бо огоҳии умқӣ аз дониши куҳан, бо пайгирии роҳи муносиб дар фарогирии маърифат ва ҷаҳонбинии нав, бо андӯхтаҳои комили назарӣ ба хидмати адабиёт, матбуот ва фарҳанги тоҷикии садаи XX пардохта, бо ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами таърихи адабиёти гузаштаву муосир, танқиди адабӣ, забоншиносӣ, луғатнигорӣ, фолклорпажуҳӣ ва адабиёти шифоҳӣ ба вусъати худогоҳии адабӣ имкон ёфтааст. Дар ин ҷода Т. Зеҳнӣ шахсияти комёби илму адаби тоҷик аст.

Мавзуи корномаи адабии Т. Зеҳнӣ ва шахсиятҳое амсоли ӯ, аз назари мо, ба масъалаҳои таҷдиди назар ба таърихи адабиёт ва нақди адабии садаи XX гиреҳ мехӯрад, ки, дар айни замон, раванди пуртазоди илму адабиёти тоҷикро дар садаи XX ба таври равшан муайян месозад. Ин гуна таҳқиқ ба таври амиқ имкон фароҳам меоварад, ки асли моҳияти рӯйдодҳои иҷтимоии садаи XX бо ҳама душвориву ихтилофи назар дарк ва шинохта шавад. Таҳқиқи густурда ва баҳрамандии хос аз сарнавишти рангину ибратомӯз ва фаъолияти гуногунҷабҳаи илмӣ ва адабии ин донишманди забардаст, муаллими камназири фанни шеър, адиб ва тарҷумони номӣ низ дар роҳи худшиносии миллӣ, худогоҳии адабӣ, маърифати суханварӣ ва салиқашиносии интиқодии насли имрӯз, гузашта аз ин, дарки навини муаммоҳои ташаккули улуми филологӣ дар садаи XX хеле муҳим, муфид ва сабақомӯз хоҳад буд.

Имрӯз дар давраи Истиқлоли миллӣ имкони назарраси баррасиву дарки мавзуи равшангарӣ, равшаннигарӣ ва равшаннигарони адабӣ дар сатҳи муносиб фароҳам омадааст. Бо вуҷуди ин, бархе аз донишварони мо то ин дам ҳам кӯшиш ба харҷ додаанд, ки аз назари дигаргуниҳои иҷтимоии охири солҳои 50-ум ва нимаи дувуми солҳои 80-уми садаи XX ба таъйини ҷойгоҳи арзишманди шахсиятҳои илмиву адабие чун Т. Зеҳнӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд ва нуктаҳои норавшани мақоми равшангаронро ба таври матлуб муқаррар созанд.

Аз ин ҷиҳат, шоиста аст, ки шинохти рӯзгор ва сайри таҳаввулу ташаккули афкори илмии насли фидоӣ ва пурталоши мунаққидон ва адабиётшиносони

тоҷикии нимаи аввали садаи XX Садриддин Айнӣ, Абдуррауфи Фитрат, Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, Раҳим Ҳошим, Нарзуллоҳи Бектош, Холиқ Мирзозода, Абдулғанӣ Мирзоев, Лутфулло Бузургзода ва дигарон аз нимаи дувуми солҳои 80-уми садаи XX роҳу равиши нав дарёфта, дар ин ҷода пажуҳишгарон ба равшан кардани нукоти тозаи илму адаби ин давра комёб шуданд. Дар шинохти рӯзгор, осор ва хидматҳои адабии Т. Зеҳнӣ низ ҳамин гуна муносибат пайгирӣ шудааст. Ҷолиб аст, ки хидматҳои бештари шахсиятҳо баробари арзёбии сухансанҷона ё наққодии иҷтимоиву иҷтимоъгаро дар тарозуи нақди равшаннигарона низ баррасӣ шуда ва бисёре аз саҳифаҳои чунин биниши равшангарона муқаррар гардидаанд. Таҳқиқи нақши камназири Т. Зеҳнӣ ба сифати шахсияти огоҳ аз равандҳои адабии садаи XX барои равшан кардани саҳифаҳои рангини равшаннигарии тоҷикон дар қарни пурошӯб маводи муҳим медиҳад.

Падидаи озодандешии нисбии сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дувуми солҳои 50-уми садаи XX, дар баробари ин, шикаста шудани дари равзанаҳои сиёсати шуравӣ, аз байн рафтани қолабҳои мафкуравӣ ва дарки воқеии зуҳуроти таърихи адабиёт дар миёнаҳои солҳои 80-ум низ дар нигоҳи нав ба ҷойгоҳи шахсиятҳое чун Т. Зеҳнӣ шароити мусоид фароҳам овард, ки аз имкониятҳои он ба таври васеъ метавон истифода кард.

Рӯзгор ва корномаи адабии Т. Зеҳнӣ дар қолаби ду марҳалаи куллӣ қобили дастабандиву таҳқиқ аст ва таъйини арзишу аҳаммияти хидматҳои ӯ аз диди ин ду давра ва мушаххассоти он замонҳо арзишманд хоҳад буд: Марҳалаи аввал то нимаи дувуми солҳои 50-уми садаи XX ва марҳалаи дувум аз солҳои 50-уми садаи XX то охири умри донишманди зуфунунро фаро мегирад.

Марҳалаи аввали фаъолияти илмию адабии Т. Зеҳнӣ пайванди расову ногусастанӣ бо ормонҳои маорифпарварӣ ва ҷадидӣ дорад. Пайкорҳояш дар заминаи тарғиби мактабу маорифи шуравӣ дар солҳои 20-уми садаи XX низ қаблан оҳангҳои маорифпарвариву ҷадидӣ доштанд, аммо аз охири солҳои 20-ум вобаста ба дигаргунии фазои сиёсиву иҷтимоии шуравӣ дар тамоюли

фикрии Т. Зеҳнӣ бархе нишонаҳои ба он замон созгор низ мавқеи хос пайдо кардаанд. Бо такя ба ин нукта Зеҳнӣ яке аз охирин намояндагони ҳаракати маорифпарварӣ ва насли пурталоши ҷадидон дар ҳавзаи илму адаб тоҷик мебошад. Бо ин шинохт имкони баррасии боз ҳам амиқи моҳияти фаъолият ва пайкорҳои номбурда фароҳам хоҳад омад.

Дар марҳалаи аввали ҷусторҳои донишманди маорифпарвар (1919-1924) бо намунаи мақолаҳое ба забони туркии ӯзбекӣ дар боби адабиёти шифоҳӣ ва шевашиносии туркӣ-ӯзбекӣ ошно мешавем, ки ба солҳои 1921-1924 – замони ба истилоҳ «сукути тоҷикон» гиреҳ мехӯрад. Бо такя ба маводи китобшиносии Т. Зеҳнӣ дар нашрияи вақти ӯзбекии «Зарафшон» бо чанде аз ин таълифот бо номҳои «Чумоқлар» (Адабиёти халқ, 1-уми феврали соли 1923), «Турк-ӯзбек шевасӣ» (3, 10-уми январи соли 1924), «Турк-ӯзбек тилида ясамалиқлар» («Калимаҳои муштақ дар забони туркӣ-ӯзбекӣ», 24-уми январи соли 1924), «Элбек ӯртоқнинг луғат отомоларига бир қараш» («Нигоҳе ба лексика ва баёни рафиқ Элбек», 20, 28-уми феврал, 7, 16-уми марти соли 1924), «Ӯртоқ Элбекнинг жавобий тӯғрисида» («Оид ба ҷавоби рафиқ Элбек», 20, 25-уми майи соли 1924) ошно шудан мумкин аст.

Аз соли 1924 бо дигаргун шудани фазои муносиб дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии тоҷикон ва вобаста ба падид омадани матбуоти миллии тоҷик дар ин марҳалаи эҷоди илмӣ-адабии Т. Зеҳнӣ шохаи хоси рӯйкард ба масъалаҳои фарҳангу тамаддун ва забону адаби миллии тоҷикӣ рушд ёфтааст. Мақолаи «Иди миллии тоҷикон» («Овози тоҷик», 8-уми апрели соли 1924) ба иди сарисоли мардуми Хуҷанд бахшида шудааст.

Самтҳои асосии фаъолияти Т. Зеҳнӣ чун яке аз муҳаққиқони нимаи дувуми солҳои 20-уми садаи ХХ ва иштироки фаъолонаи ӯ дар ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ чунин дастабандӣ мешавад:

1. Таълифоти Т. Зеҳнӣ дар солҳои аввали таъсиси Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон симои донишманди заҳматкашу фидоиро ба сифати яке тоҷикпарастону тоҷикшиносони ашадӣ дар мубориза ба мафкураи пантуркӣ,

инкоргарони ҳастии маънавии халқи тоҷик равона шуда буд, намоён мекунад. Дар силсилаи мақолаҳои ин ходими намоёни матбуот дар рӯзномаи «Овози тоҷик» – «Тоҷикон фаромӯш нашаванд» (21-уми августи соли 1926), «Ба муносибати округи Хуҷанд» (5-уми октябри соли 1926), «Наздик кардани идораҳои ҳукуматӣ ба халқ» (оид ба ноҳияи мухтори Конибодом, 16-уми апрели соли 1926) ва ғайра ҳаққу ҳуқуқи тоҷикон ба сифати миллати куҳантаърих дифоъ шудааст. Мақолаҳои «Дар атрофи маорифи тоҷик» (28-уми сентябри соли 1926) ва «Маорифи занон» (11-уми январи соли 1927) завқу салиқаи замоншиносии Зеҳниро ба унвони тарғибгари хуб ва ашадии мактабу маорифи тоҷикии замони шуравӣ нишон медиҳанд).

2. Бо зуҳури дигаргуниҳои иҷтимоиву фарҳангии ҷомеаи шуравӣ дар даҳаи 20-уми садаи XX ба шахсиятҳое амсоли Т. Зеҳнӣ имкон даст дода, ки табъу завқи салимашонро дар самтҳои нави филологӣ бисанҷанд ва дар заминаҳои мухталифи забон, адабиёт ва фарҳанги миллии тоҷик бо такя ба донишу биниши куҳан ва ҷадид силсилаи мақолаҳои бунёдан устувори илмиву назарӣ таълиф намоянд. Дар боби арзиши равшангаронаи силсилаи мақолаҳои донишманди номӣ дар рӯзномаи «Овози тоҷик» – «Мусоҳаба дар бораи забон ва адабиёт» (25-уми май, 5, 17-уми июн, 9-уми июли соли 1926) ва «Шоири бузурги нахустини тоҷикон – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» (7, 12-уми августи соли 1925), нақши онҳо дар ҳавзаи худогоҳии миллии заҳматкашони тоҷик ва рушди накди иҷтимоиву равшангарона пажуҳандагони таърихи адабиёт, адабиётшиносӣ, нақди адабӣ ва матбуоти тоҷик – М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев, М. Раҷабӣ, А. Маҳмадаминов ва дигарон борҳо изҳори назар кардаанд.

Таълифоти Т. Зеҳнӣ «Адабиёти халқ» («Раҳбари дониш», 1928, №4-5, с. 25-29) ва «Вазни арӯз, вазни ҳиҷоӣ ва шакл» («Овози тоҷик», 16-уми сентябри соли 1928) аз аввалин мақолаҳои илмӣ дар заминаи вазни шеъри тоҷикианд, ки ҷанбаи баланди мунозиравӣ дошта (мақолаи сонӣ дар ҷавоби навиштаи Баҳриддин Азизӣ «Як назар ба шеъри тоҷикӣ» – «Овози тоҷик», 26-уми августи соли 1928 таълиф шудааст), барои ба вуҷуд омадан ва такмил ёфтани

консепсияҳои назарии шинохти вазни шеър дар адабиётшиносии тоҷик, аз ҷумла падид омадани таълифоти арӯзшиносии Фитрат «Арӯз ҳақида» (1936), Нарзуллоҳи Бектош «Вазни манзумаи тоҷик» (1936) ва ғайра гардиданд. Мутаассифона, дар пажуҳишҳо оид ба арӯз аз ҷониби зиндаёд Баҳром Сирус – шояд бо назардошти муносибати замон – баҳсҳои назарии донишмандони солҳои 20-30-юми садаи ХХ – Т. Зеҳнӣ, А. Фитрат, Н. Бектош комилан сарфи назар шудааст. Бо арзёбии муносиби ин қазия аз ҷусторҳои С. Давронов, Ш. Раҳмонов, М. Раҷабӣ, А. Набавӣ ва дигар адабиётшиносон баҳра меёбем.

Яке аз пайкорҳои Т. Зеҳнӣ дар нимаи дувуми солҳои 20-уми садаи ХХ ширкат дар баҳси забони адабӣ, истилоҳот ва алифбои тоҷикӣ будааст. Дар қиёми мунозираи мубрами замон оид ба забон ва алифбо ба вуҷуд омадани мақолаҳо дар рӯзномаи «Овози тоҷик» – «Фикри ман дар забони тоҷикӣ» (6-уми декабри соли 1928), «На сих сӯзад, на кабоб» дар ҷавоби мақолаи Обид Исматӣ «Забони адабии тоҷикӣ чӣ гуна мешавад?» (1-уми январи соли 1929), «Дар бораи алифбои нав» (30-уми сентябри соли 1928), «Дар кенгоши илмии тоҷикони Ӯзбакистон» (17-уми феврали соли 1930) ва ғайра барои амиқ рафтани пояҳои фикрии сохтмони забону табдили алифбо хеле муҳиму муфид будаанд. «Маслаҳатҳои ман дар бораи забон» («Раҳбари дониш», 1929, №5-6, с. 39-45) арзишмандтарин мақола дар ин замина аст. Оид ба истилоҳот низ яке аз аввалин мақолаҳоро Т. Зеҳнӣ ба забони ӯзбекӣ бо номи «Тил ва истилоҳ масъаласи – Тил ва адабиётимиз» дар маҷаллаи «Маориф ва ӯқитувчи» (1925, №11-12, с. 144-148) нашр кардааст.

Нуктаи муҳим гузориши возеҳ, густурда ва ҷасуронаи ягонагии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар самтгирии он замон аст. Бартарии умдаи адабиётшиносии равшангаронаи солҳои 20-уми садаи ХХ дар ҳамин амр нуҳуфта аст. Ба ин васила аз саҳифаҳои ҷолиби таваҷҷуҳи баррасиҳои забону адабиёти тоҷикии шуравӣ огоҳии комил ба даст меорем. Зеҳнӣ дар мақолаи «Мусоҳаба дар бораи забон ва адабиёт» чун ҷонибдори ҳамбастагии адабии тоҷикиву эронӣ дар мавриди забон ва адабиёти гузашта аз вожаи «форсӣ» ва «форсии дарӣ» суд

ҷустааст. Ӯ ба ононе, ки адабиёти форсиро ба қаламравҳои Эрон, Афғонистон ва Мовароуннаҳр нисбат додаанд, таъкид кардааст, ки ин амал адабиётро ба замин ва кишваре додан, дар айни ҳол ҳад таъйин намудан мебошад. Дар ин сурат доираи адабиёти форсӣ хурд ва маҳдуд хоҳад буд. Аз диди Зеҳнӣ адабиёти форсӣ соҳа ё комплекси ҷомеъ ва густурда мебошад, ки як тарафаш Эрон, тарафи дигараш Афғонистону Ҳиндустон, қисми севум Мовароуннаҳр аст: «…адабиёти форсӣ ҳамеша ва ҳар ҷо адабиёти форсӣ ва муштарак аст ва бо воситаи ҳамин забони адабии форсӣ дар миёни ҳамаи форсизабонони Шарқ ба як услуби салис ва тарзи баёни сода метавон руҳ ва фикри инқилобиро нашру паҳн сохт» [22].

Тӯрақул Зеҳнӣ – ҷонибдори ягонагии забон ва адабиёти форсӣ дар ин қаламравҳо бо он ки дар мақолаи «Забон ва адабиёти форсӣ муштарак аст!» «форсӣ»-ро забони ягонаи мардуми қаламрави Осиёи Миёна, Афғонистон ва Эрон дониста, афзун бар ин вобаста ба шароити таърихии замон аз забони тоҷикони Осиёи Миёна баъди соли 1924 ба унвони «тоҷикии адабӣ» низ масъала ба миён гузоштааст, ки маънии ҷудоӣ намедиҳад. Баробар истифода шудани истилоҳҳои тоҷикӣ ва «форсӣ» дар ин замон маънои ҷудо донистани забони ягонаи форсӣ аз ҷониби бархе зиёиёни он солҳо нест.

Дар ҳоле ки бисёр афроди ҷомеа дар мавриди омилҳои тафриқаандози забони форсӣ ақидаҳои мухталиф доранд, Зеҳнӣ гуфтааст, ки ҷудо кардани забони тоҷикӣ аз форсӣ «аз нуқтаи назари кумунистӣ ва сусиёлистӣ дур» мебошад. Аз чашмандози ӯ тоҷикии адабие, ки форсияш меномем, забони байналмилалии форсизабонон аст, ки чи дар Афғонистон, чи дар Эрону Ҳиндустон ҳамин забони форсӣ ба кор бурда мешавад, дар ҳама ҷо яклухту якхел аст.

Зеҳнӣ аз «тоҷикии адабӣ» чун «забони байналмилалии фосизабонон» сухан рондааст. «Тоҷикӣ» гуфтани Зеҳнӣ маънии ҷудо кардан надошт, балки вобаста ба шароити таърихӣ корбурди ин истилоҳ низ судбахш буд.

Бо талоши равшангаронаи Зеҳнӣ ва афроди дигари зиёиён мавҷудияти миллати форсизабон дар сарзамин, тамаддун ва мероси муштарак доштани тоҷикон ва эрониён бар қасди нодидагирии таърихии пантуркистон ба исбот мерасад. Ба ин маънӣ, дар ҷодаи ягонагии адабии форсӣ-тоҷикӣ шароити мусоид мавҷуд буд, дарки ин нукта бо эҳсоси таърих ва фармудаи таърихӣ ба нерӯмандии худшиносии миллӣ дар замони нав – давраи муборизаҳои нави адабӣ дар роҳи шинохти ҳақиқати таърих заминаи созгоре ба вуҷуд овард.

Дар маҷмуъ, мақолоти Т. Зеҳнӣ бо чашмандози муносиб ва матлуби замон, тафаккури пурвусъати пажуҳишӣ, завқи хосу баланди суханшиносӣ ва мафкураи созгори иҷтимоӣ таълиф шуда, дар онҳо бо диққату ҳавсалаи камназири сухансанҷӣ ба равшан кардани муаммоҳои калидии таърихиву назарии забону адабиёти тоҷик, адабиёти қадиму навин, масъалаҳои мубрами адабиётшиносӣ, забоншиносӣ ва истилоҳот, баҳсу мунозироти таърихиву назарӣ дар боби забони адабии тоҷик, хат ва алифбои тоҷикон замина фароҳам омада, муаллиф ба офаридани чеҳраҳои номии адабиёти классикии тоҷику форс комёб ва ба ироаи андешаҳои расову бастшудаи илмӣ имкон ёфтааст.

Дар ин бахши пайкорҳои Т. Зеҳнӣ падидаи равшангарӣ бо рангҳои хос ба ҷилва меояд. Ӯ аз зумраи равшангарони адабии давраи мунозира бо мафкураи тоҷикситезии пантуркист, ки дар ҳалқаи пайгирӣ аз кӯшишҳои зиёиёни равшанзамири солҳои 20-ум барои дарки падидаи ориёияти тоҷикон, ягонагии фарҳангӣ ва муштаракоти адабии форсии тоҷикӣ, ҷалби таваҷҷуҳи аҳли замона ба дороиҳои адаби арзишманди гузашта ва эҳёи номи парчамбардорони он, дар маҷмуъ шиносондани қавми куҳанбунёди тоҷик ва тарғиби ҳамаҷонибаи мероси адабии онҳо кӯшиши хастанопазир анҷом додааст.

Дар бораи решаи равшангарии мақолаи Т. Зеҳнӣ «Шоири бузурги нахустини тоҷикон» (оид ба Рӯдакӣ, 1925), ки вежагии дарёфти роҳҳои нозук, муассир ва ҳассоси ҷалби мардум ба масъалаҳои муҳиму зарури замон, шинохти сабку усул ва муносибати хос ба тарғиби адабиёти гузаштаро дорад, дар як фасли боло изҳори назар кардем. Бо ин мақола қазияи бузургдошти

симоҳои бузургу дурахшони адабӣ, ба ин васила, муносибати солим ба мероси шоирони гумгашта ва қаҳрамонони арзандаи миллӣ, дар навбати аввал таваҷҷуҳи вежа ба ном ва ҷойгоҳи шеъри қофиласолори адабиёти форсӣ-тоҷикӣ Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба сифати шахсияти камназири таърихи адабии тоҷикон шакли тоза ба даст оварда, дар пойдории ҳофизаи таърихии миллӣ аҳаммияти баланд пайдо кардааст.

3. Самти дигари ҷусторҳои сухансанҷии Т. Зеҳнӣ таҳқиқу тарғиби дурдонаҳои назми шифоҳӣ ва адабиёти кӯдакон аст ва маҷмуаи «Таронаҳои бачагон» (1927) маҳсули ӯ дар ин замина аст. Дар ин маҷмуа аз адабиёти бачагонаи тоҷикии Самарқанд намунаҳо фароҳам омадаанд. Мақолаи «Адабиёти халқ» (Раҳбари дониш, 1928, №4-5, с. 25-29) бо завқи хоси сухансанҷӣ таълиф шуда, арзёбии ҷудогонаи он барои дарки томи дониши филологии муаллиф аҳаммият дорад. Тақризи ӯ ба «Шӯриши Восеъ» дар рӯзномаи «Овози тоҷик» (27-уми январи соли 1928) низ ҷолиб аст.

4. Т. Зеҳнӣ ба сифати яке аз поягузорони матбуоти миллии тоҷик барои таҳкими пояҳои фикрии он хидмати назаррас анҷом дода, бо чанд мақолааш оид ба масъалаҳои матбуоти миллӣ ва забони он ба афкори ҳамзамонон таъсир расонидааст. Бо таълифоти Т. Зеҳнӣ ва бархе дигар ҳамнаслони ӯ дар ин замина риштаи хоси «нақди матбуотӣ» ҳайсият пайдо кардааст. Силсила мақолаҳо дар рӯзномаи «Овози тоҷик» – «Масъалаи бисёр муҳимми тоҷикон» (5-уми августи соли 1926), «Маҷаллаи ҳаҷвии «Мулло Мушфиқӣ» (14-уми октябри соли 1926), «Забони «Овози тоҷик» (26-уми августи соли 1928), «Маҷлиси ботантанаи чаҳорсолагии «Овози тоҷик» (30-уми августи соли 1928), «Фикри ман дар бораи забони чопагӣ» (4-уми декабри соли 1928) дар ин боб маводи ҷолиби таваҷҷуҳ доранд.

5. Кӯшиши ҳамаҷонибаи Т. Зеҳнӣ дар муаррифии чеҳраҳои намоёни мактабу маориф, матбуот, адабиёт ва ҳунар низ фавқулода аст. Чанд мақолааш дар рӯзномаи «Овози тоҷик» – «Муаллими 25-солаи тоҷикон» (дар бораи Абдуқодир Шакурӣ, 15-уми октябри соли 1925), «Мусиқанавози 50-солаи

тоҷикон» (дар бораи Ҳоҷӣ Абдулазиз, 31-уми майи соли 1926) ва силсилаи нигоштаҳо роҷеъ ба дигар чеҳраҳои адабӣ чеҳраи домулло Зеҳниро ба сифати офарандаи портретҳои адабиву илмӣ хеле баланд ба намоиш меоваранд.

6. Тарҷумонӣ бахши муҳимми фаъолияти Т. Зеҳнӣ аст, ки дар ин замина ӯ ҳам ба сифати пажуҳанда ва ҳам ба сифати ходими матбуот нақши муҳим доштааст. Муҳимтарин маҳсули ӯ дар ин замина тарҷумаи асари муҳаққиқи озарбойҷонӣ Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ «Аз таърихи адабиёти форс» (Раҳбари дониш, 1928, шумораҳои 1-7) мебошад, ки бо имзои «Зол» сурат ёфтааст. Ин асар пажуҳиши назариву усулии таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ то давраи истилои араб ва намунаи хуби таҳқиқи қиёсӣ дар адабиётшиносӣ мебошад.

Аз нақду пажуҳиши мавзуи ҳозир метавон ба натиҷаи зарур расид, ки ҷусторҳои давраи аввали фаъолияти илмиву адабии Т. Зеҳнӣ ҷанбаи хоси равшангарӣ дошт, таълифоти илмиаш аз бархе осори нимаи дувуми солҳои 20-ум ва 30-юми садаи XX тафовути ҷиддӣ доранд. Таҳлилу баррасии комили адабӣ бо фарогирии диди хоси наққодӣ аз вежагиҳои хос ва мумтози таълифоти илмии адабиётшиноси забардаст Т. Зеҳнӣ мебошад.

***

Як бахши меҳварии ҷустуҷӯҳои илмии донишманди маъруфи тоҷик Т. Зеҳнӣ дар оғози солҳои 20-уми садаи XX ба нақду назарсанҷии вежагиҳои эҷодиёти шифоҳии тоҷик ихтисос дошта ва чунин ҷусторҳои ӯ ба замони «ба сурати нави илмӣ ворид шудани ҳар як аз соҳоти илми нави сухансанҷӣ» [289, с. 161] рост омада, ин амр ба гуфтаи А. Набавӣ дар асл «ибтидои пажуҳиши бонизоми фолклори тоҷик», давраи хоси вусъати омӯзиш ва нашри эҷодиёти даҳанакии халқ шинохта шуда буд. Аз ин ҷиҳат ин як марҳалаи мушаххаси таҳқиқи ҷиддӣ, усулӣ ва комилиёри масъалаҳои забон, адабиёт ва фолклор аст, ки пажуҳандагони расобин ба таҳқиқи қазияҳои дархури таваҷҷуҳе камари ҳиммат бастаанд. Ҳарчанд оғози ин падида – тарҳрезии чунин тадбири судбахши илмӣ дар боби омӯзиш ва нашри мероси мардумӣ солҳои 70-уми садаи XIX, хоса баъдан аз ҷусторҳои аҳли таҳқиқи рус монанди А. А. Семёнов,

М. М. Андреев, И. И. Зарубин ва дигарон замина мегирад [289, с. 162], аммо ҷустуҷӯҳои зиндаёд Т. Зеҳнӣ дар сухансанҷии тоҷикии солҳои 20-уми садаи XX арзиши муайяни дараҷаи аввал доранд. Чаро ки то аҳди зуҳури ӯ ва ҷусторҳояш дар фолклоршиносӣ рӯйкард ба эҷоди шифоҳии тоҷикӣ аз ҷониби уламои рус на ба таври ҷудогонаи таҳқиқи фолклор, балки бо мақсади анҷом додани пажуҳишҳои забоншиносӣ ва ё мардумшиносӣ сурат мегирифтааст [142, с. 99-100].

Аз ин ҷиҳат, бардошти адабиётшиноси фақид Маъруф Раҷабӣ дар дарку маърифати таърихи фолклоршиносӣ саҳеҳ буд, ки дар Тоҷикистон «омӯзиши фолклор асосан пас аз инқилоби Октябр ба сифати як шохаи мустақили фаъолияти илмӣ сурат гирифта» [307, с. 142] будааст. Муҳим он аст, ки чунин бардошти расо бо такя ба яке аз мақолаҳои арзишманди Т. Зеҳнӣ бо номи «Адабиёти халқӣ» («Адабиёти халқ») ба миён омадааст. Аммо ин нукта ҳам бояд зимнан таъкид шавад, ки аввалин саъю кӯшиши бевоситаи донишманди ҷонфидои мероси шифоҳии мардумӣ дар ин арса ҷамъоварӣ ва нашри чистонҳо таҳти унвони «Чормағзҳо» («Чумоқлар») дар рӯзномаи ӯзбекии «Зарафшон» (1-уми феврали соли 1923) буда ва он ҳам заминае барои таҳқиқ ва нашри мероси шифоҳии тоҷик дар нимаи дувуми солҳои 20-уми садаи XX барои ӯ гаштааст. Замоне, ки мақолаи «Адабиёти халқӣ»-и Т. Зеҳнӣ ба нашр расид, ӯ ба сифати аъзои Шурои илмии назди Комиссариати маорифи РСС Тоҷикистон даст ба таҳқиқи сухансанҷӣ зада ва дар ҳавзаи сухансанҷии нави тоҷик аз зумраи онҳое шинохта гардид, ки ба ковиши ҷиддӣ дар заминаи масъалаҳои муҳимми забон, адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ, чорасозии муаммои дигари зиндагии иҷтимоии тоҷикон дасту табъи нозукбин ва қалами расои пардозгарӣ зоҳир карда будааст. Ибтикори хуби муҳимми ӯ бар асоси талаби Шурои илмии Тоҷикистон ё Кумитаи тоҷикшиносӣ ширкат дар баҳсу мунозираи забони адабии тоҷик ва ҳаллу фасли муаммоҳои мубрами алифбои тоҷик ва забони матбуоти тоҷикӣ маҳсуб мешуд. Дидгоҳи назарии Т. Зеҳнӣ дар ин марҳалаи бебозгашти таърихи шаклгирии афкори илмӣ дар чанд мақолаи мубоҳисаангези дорои характери

илмӣ-иҷтимоиаш – «Мусоҳиба дар бораи забон ва адабиёт», «Масъалаи бисёр муҳимми тоҷикон» (оид ба чигунагии нашри китобҳои дарсӣ, 1926) «Фикри ман дар бораи забони тоҷикӣ», «Фикри ман дар бораи забони чопагӣ», «Дар бораи алифбои нав», «Забони «Овози тоҷик» (1928), «Маслиҳатҳои ман дар бораи забон», «На сих сӯзад, на кабоб» (ҷавоб ба мақолаи О. Исматӣ оид ба забони адабӣ, 1929) ва ғайра таҷассум ёфтаанд, ки онҳоро муаллиф бо фарорафти дониш, умқи назар ва бо такя ба дастовардҳои назарии бинишгарии пешрафтаи замон ва бо усули хоси пажуҳандагӣ ба миён овардааст. Сабки пажуҳишу гузориши масъала ба дастранҷҳои навини шинохти падидаи сухансанҷӣ такя дорад.

Т. Зеҳнӣ дар хусуси адабиёти шифоҳии мардуми тоҷик боз чанд кори дигар анҷом додааст, аз ҷумла китобчае бо номи «Таронаҳои бачагон» (1927, дар ҳаҷми 33 саҳифа) ва мақолаи «Шӯриши Восеъ» (1928) дар ин арса низ барои пеши назар овардани манзараи таҳқиқ ва нашри мероси мардумӣ аз аҳаммият холӣ нестанд. Ҷуз ин, бо такя ба китобшиносии фолклори тоҷик ба саъйи фолклоршинос Мардон Неъматов Т. Зеҳнӣ дар замоне, ки ҷиддан ба таснифи дастурҳои таълим оид ба омӯзиши забони тоҷикӣ камари ҳиммат баст, ҳамеша таваҷҷуҳе расо бар ҳифзи беҳтарин намунаҳои мероси мардумӣ бо ҳадафи дастрасии онон ба насли комилан дигари давраи дигарҷӯшиҳои иҷтимоӣ доштааст. Аз ҷумла, дар силсилаи дастурҳояш таҳти унвони «Омӯзиш» – китобҳои қироат барои синфҳои 2-3-4-уми мактабҳои ибтидоӣ, ки бо ҳамкории равшангар ва таснифгари китобҳои дарсӣ Вадуд Маҳмудӣ соли 1928 фароҳам овардааст, иқдоми расое дар муаррифии чанде аз мутуни сараву ёдмон ва намунаҳои завқии эҷодиёти даҳанакии халқ ба ҷой гузоштааст. Ошноӣ бо матни сурудҳои бачагонаи «Духтараке бепадар», «Олуча гули бодом», «Бузғола», «Баҳор омад», «Бойчечак», «Барфӣ», чистон-афсонаи «Хонед ва бидонед» ва чанд зарбулмасали халқӣ аз гуфтори падарон ин нуктаро ба исбот мерасонад. Ба «Китоби хониш» (1934) ном дастури дарсии Т. Зеҳнӣ барои мактабҳои ибтидоии солҳои 30-юми садаи XX низ намуна аз чистону

зарбулмасалҳои халқӣ ворид шуда, ки ин ҳама тадбир чеҳраи аслии таҳиягарро ба сифати бониву дилбастаи асили дурдонаҳои халқ ба нишон меоваранд.

Яъне, дар нимаи дувуми солҳои 20-уми садаи XX, дар он шароити нави шаклгирии сухансанҷии тоҷикӣ мақоми шоистаи Зеҳниро на танҳо чун муҳаққиқи пурдону хуштаҳлили забон ва адабиёт, ки вежагии умдаи фарорафти ҷомеашинохтӣ ва равшангарӣ касб кардааст, балки, афзун ба ин, фолклорпажуҳи ҷиддӣ ва донишманди хушсалиқаи мероси шифоҳии мардуми тоҷик, гирдоварандаи хушоини дурдонаҳои тамаддуни шифоҳӣ метавон шинохт, ки бо муқаддам будани моҳият ва арзиши ҷусторҳояш дар ин ришта аз дигар пажуҳишгарон тафовуте мумтозу чашмрасе дорад.

Аммо байни ин маҳсул «Адабиёти халқӣ» (ё «Адабиёти халқ») ном мақолаи Т. Зеҳнӣ аз диди завқу салиқаи хоси сухансанҷӣ ва нақду назари тамомиёри зебоишиносӣ арзиши баландтар дорад, ки дар вақташ дар ду шумораи аввалин маҷаллаи иҷтимоӣ, тарбиявӣ, фаннӣ ва адабии тоҷик «Раҳбари дониш» (1928, №4-5; 1929, №2-3) ба нашр расидааст.

Бино ба дарку ифодаи дурусти А. Набавӣ «бесабаб нест, ки аввалин мақола оид ба эҷодиёти даҳанакии халқ дар фолклоршиносии навини тоҷик аз ҷониби узви Шурои илмии Тоҷикистон Тӯрақул Зеҳнӣ бо номи «Адабиёти халқӣ» анҷом дода шуд. Аз он ҷо, ки ин мақола нахустин навишта дар ин мавзуъ буд, муаллиф зарур шуморида, ки маълумоти умумие оид ба хусусиятҳои адабиёти шифоҳӣ ва тафовути он аз адабиёти навишта диҳад» [289, с. 163].

Бо вуҷуди ин, чунин як асари бисёр арзишманд дар ҷодаи таҳқиқи мероси мардумӣ, ки бардоштҳои усулӣ ва назарияҳои вежаи наққодии адабӣ дорад, солҳо аз доираи истифодаву баҳрамандии аҳли таҳқиқи эҷодиёти шифоҳии тоҷикон, назариёти адабӣ ва шеършиносон барканор мондааст. «Адабиёти халқ» ва, афзун бар он, мақолаи дигар бо унвони «Вазни арӯз, вазни ҳиҷо ва шакл» (1926) то ба вуҷуд омадани таълифоти Абдуррауфи Фитрат «Арӯз ҳақида» (1936) ва Нарзуллоҳи Бектош «Вазни манзумаи тоҷик» (1936) имкон дошт ба сифати манбаъи муҳимми дарки муаммоҳои вазни шеър дар илми

сухансанҷӣ шинохта ва эътироф гардад. «Дар ин мақола системаи вазни шеъри тоҷикӣ – аз вазни арӯз ва ҳиҷо иборат будани он асосан дуруст муайян шудааст. Зеҳнӣ ин ҷо аз имтиёз додан ба ҳеч як аз ин вазнҳо сухан ба миён наоварда, зоҳиран моли адабиёти тоҷик будани ҳар дуро қайд менамояд ва каму беш аз хусуси сарчашма, замина ва таърихи пайдоиши онҳо маълумот медиҳад» [290, с. 123].

Аммо, бо дарки шароити вазнину бухрони сангини мафкуравии нимаи аввали солҳои 50-уми садаи ХХ дар бархе аз корҳои пажуҳишӣ оид ба назарияи адабиёт ва фолклор аз мавҷудии ин асарҳо комилан сарфи назар шудааст. Аз ҷумла, дар як мақолаи А. Н. Болдирев «Масъалаҳои омӯзиши эҷодиёти халқии тоҷик» (1951), ки дар он ба таври ҷудогона аз аҳаммияту арзиши осори фолклоршиносии то солҳои 50-уми садаи ХХ масъала ба миён омадааст, аз мақолаи хуби «Адабиёти халқ»-и Т. Зеҳнӣ фақат бе зикри номи муаллиф ба таври хеле фишурда изҳори назар шудаасту халос. Оид ба ин мақола танҳо ба чунин мулоҳиза бармехӯрем: «Ҳанӯз солҳои 1928-1929 дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» аввалин мақолаҳо ба вуҷуд омадаанд, ки дар онҳо масъалаҳои фолклори тоҷик инъикос ёфтаанд» [142, с. 100].

Ин иқтибос, бешубҳа, ишора ба мақолаи Т. Зеҳнӣ аст, аммо бе зикри номи муаллиф. Ҳол он ки мақсади асосии мусташриқи фолклордон баҳои зарурӣ додан ба муҳтаво ва арзиши корҳои фолклоршиносӣ, вазъи нашри матнҳои фолклорӣ ва махсусияти кори фолклоршиносон дар он замон будааст.

Ҳамзамон дар рисолаи арӯзшиноси маъруф Баҳром Сирус «Арӯзи тоҷик» (1962) низ аз зикри корҳо оид ба вазни арӯзу ва ҳиҷо ба қалами Т. Зеҳнӣ дар солҳои 20-уми садаи ХХ худдорӣ шудааст.

Ҳол он ки ин мақолаҳо вобаста «ба тақозои навҷӯиҳои адабиёт ва ниёз ба таъриху назарияи вазн оид ба масъалаи мазкур дар нақди адабӣ ба майдон омаданд, ки аз мушоҳидаҳои хубу солим ва, дар айни замон, баҳснок барӣ набуданд. Дар ин силсила аввалин навиштае, ки дар тақозои қазияи мавриди

тадқиқаш ба масъалаи вазн низ дахолат кард, мақолаи Т. Зеҳнӣ «Адабиёти халқ» буд» [142, с. 124].

Ин дар ҳолест, ки вақте донишмандоне монанди Т. Зеҳнӣ ба чунин таҳқиқи моҳиятҷӯёнаи вазни шеър рағбат пайдо карданд, ҳанӯз замина ва омилҳои назарии дарку шинохти вазни шеър дар адабиётшиносии мо чандон шакл наёфта ва дар он муаллиф бо такя ба асарҳои муҳаққиқони олами дигар (масалан, таҳқиқи илмии олими намоёни турк Муҳаммад Фуод Купрюлузода) бисёр нуктаҳои назариро ба миён оварда, мавриди арзёбӣ қарор дода буд. Чунин таълифот, бешак ва барҳақ, бо фарорафти борикназарии вежаи муаллиф таҳкурсии пояҳои илмии шинохти вазни шеъри тоҷикро дар он марҳалаи нави шаклгирии фикри адабиётшиносӣ гузоштаанд, ки намебоист сарфи назар гардад.

Аз назари мо, албатта, сабаби аз ному корҳои илмии Т. Зеҳнӣ ба ёд наовардани аҳли таҳқиқ, бешубҳа, ба шароити нохубу номусоиди сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давраи шахспарастӣ гиреҳ мехӯрад. Зеро, чунон ки равшан аст, «фаъолияти пурҷӯшу хурӯши илмию адабии Зеҳнӣ аз аввали ҷанг то соли 1954 қатъ гардид»-а, «ӯ ноҳақ ба репрессия афтода, 9 соли пурмашаққати ҳаёташро дар лагеру зиндонҳо гузаронид»-ааст. Т. Зеҳнӣ баъди озод шудан аз зиндон аз нав бо дилбастагии гарм ба таҳқиқи назарии шеъри тоҷикӣ – илмҳои арӯз ва бадеъи тоҷикӣ камари ҳиммат баста, дар ин замина асарҳои шоиставу арзишмандаш, аз ҷумла «Санъатҳои бадеӣ дар шеъри форсӣ» (1960), «Санъати сухан» (1967) ва даҳҳо мақолаҳои консептуалиро ба фазои илмии адабпажуҳӣ овардааст.

Аз ҷониби дигар, равиши кор ва муҳтавои ин асари бориксанҷонаи Т. Зеҳнӣ дар заминаи адабиёти халқӣ, ки нимаи дувуми солҳои 20-уми садаи XX – замони ҳанӯз комилан баст наёфтани ҷусторҳои адабшиносӣ сурат гирифта буд, дар солҳои 70-ум –гарчанде давраи нармшавии фазои мафкуравӣ шинохта шуда, ҳадафи интиқоди бархе аз аҳли таҳқиқ қарор ёфтааст. Аз ҷумла, фолклоршинос Асадулло Сӯфиев ҳангоми танқиди маҷмуаи фолклории

«Адабиёти даҳанакӣ» дар таснифи О. Исматӣ оид ба ин ки ин таҳиягар «ҳангоми тартиб додани китоб ба мазмуни асарҳои халқӣ диққати зарурӣ надодааст, аз ин ҷост, ки дар маҷмуа як қатор саҳву хатои ғоявӣ роҳ ёфтаанд», ба ҷойгоҳи мақолаи мавриди назари мо низ баҳои манфӣ дода ва навиштааст: «Чунин саҳву хатоҳои дағалро дар **«Адабиёти халқ»** ном мақолаи **Зеҳнӣ Тӯрақулов** (? – С. А.) низ мушоҳида мекунем, ки дертар онҳоро таҳлили марксистии мероси адабии халқ ошкор месозад» [341, с. 64].

Шояд маҳз ба ҳамин ҷиҳат фолклоршинос А. Сӯфиев дар таълифоти дигараш оид ба муаммоҳои таҳқиқи фолклори даврони шуравӣ, аз ҷумла «Сайри таҳқиқи назми халқии даврони советӣ» [с. 62-81] аз зикри корҳои донишманде чун Т. Зеҳнӣ худдорӣ кардааст.

Аммо, мутолиаи амиқу ҷиддии мақолаи Т. Зеҳнӣ дар ҳамон замони навишта шуданаш ва давраҳои баъдӣ низ (чӣ шуравӣ ва пасошуравӣ) чандон дуруст набудани ин гуна муносибат ва ақидаи фолклоршиносро, ки равшан аст он гоҳ бо такя ба чашмандози назарӣ ва талаби дастурҳои марксистии таҳқиқи вазъи фолклори тоҷик ба миён гузоштааст, собит месозад. Гузашта аз ин, бархе алоқадорони мероси фикрии донишманди хушсалиқа дар он замон ба натиҷаҳои дуросту мунсифона низ расидаанд. Аз ҷумла, ба хулосаи таҳиягари феҳристи китобшиносии Зеҳнӣ Н. Кароматуллоева ӯ аз ҷумлаи олимонест, ки бори аввал дар бораи зарурати ҷамъ кардан ва омӯхтани эҷодиёти даҳанакии халқ масъала гузошта, дар мақолаҳояш оид ба хусусиятҳои фолклор ва алоқаи мустаҳками он бо адабиёти хаттӣ мулоҳизаҳои амиқ ронда, боигарии забони эҷодиёти халқро махсусан таъкид кардааст.

Албатта, бо гузашти замон ба аҳли таҳқиқ арзиши мақолаи Т. Зеҳнӣ боз ҳам бештар намудор гашт. Яке аз онҳое, ки мақолаи Зеҳниро усулан арзёбӣ карда ва ба ҷойгоҳи он замони рӯйкарди нав ба «лаҳзае чанд аз оғози илми ҷадиди сухансанҷии тоҷик» ба сифати маҳсули пажуҳишии Институти давлатии тадқиқоти илмии Тоҷикистон наздикӣ ҷустааст, А. Набавӣ мебошад [288, с. 74]. Ҳарчанд чунин маркази пажуҳишӣ бо қарори Шурои комиссариати

халқи РСС Тоҷикистон аз 13-уми сентябри соли 1930 таъсис ёфта будааст, дар мақола таваҷҷуҳ ба маҳсули бозҷустҳои Т. Зеҳнӣ (1928-1929) ба сифати аъзои Шурои илмии Тоҷикистон ва чун натиҷаи «омӯзиши илмии фолклор» арзиши чашмрас пайдо кард.

Ин ҳама матлаб низ аз арзиши аввалин мақолаи илмии Т. Зеҳнӣ дар заминаи адабиёти халқ шаҳодат дорад, ки накду таҳлили он аз назаргоҳи наққодӣ ҷолиб хоҳад буд. Ин мақолаи Т. Зеҳнӣ аз назари тафсири саҳеҳ ва илмии моҳияти фикри наққодӣ оид ба адабиёти халқ арзиши назаррас дорад ва дар он ӯ бештар гирифтори мукошифаи мӯйшикофонаи матн аст. Ошкор кардани ҷанбаҳои мукошифаии матн арзиши муҳим пайдо дорад. Мулоҳизаҳои муаллиф аз ҳамин дид ҷолибанд. Қимати асар дар он зоҳир мешавад, ки пояҳои пажуҳиши мукошифаии адабиёти шифоҳиро дар сухансанҷии сифатан нави замон аз чашмандози ноқидона ба миён гузоштааст. Маҳз бо ин хусусиёташ чунин ҷусторҳои Зеҳнӣ аз моҳияти фолклоршиносии осори солҳои 30-40-уми садаи XX тафовути умда дорад.

Мақола чанд масъаларо дар бар мегирад:

*1. Масъалаи таснифоти адабиёти хаттӣ ва адабиёти халқӣ ва фарқи забони осори хаттӣ аз офаридаҳои халқӣ* – дар ин ки таснифоти мазкур оид ба ду навъи адабиёт – адабиёти хаттӣ ва халқӣ бар пояи андешаи назарияпардозони навини адабӣ такя дорад, асоси устувори назарӣ ба даст овардани таҳқиқи муаллифро бозмегӯяд. Ин нукта меъёри тафовут аст, ки адабиёти хаттиро нависандагону шоирони машҳур меофаранд ва адабиёти халқӣ, ба фармудаи Т. Зеҳнӣ адабиёти даҳонакӣ дар байни тӯдаи бузурги мардум гуфта ва суруда мешавад.

Назарияи адабиётшиносии расмии шуравӣ ба асоси он назар ниҳода шуда, ки забони адабиёт ё забони адабӣ мисли биное ба пояи таҳкурсии забони зиндаи мардум гузошта мешавад – забоне, ки омма бо он ба сухан меоварад. Дар ин мақола ҳам матлаб бар асоси ин талаб ба миён гузошта шудааст. Аз ин ҷиҳат гузориши нукта аз ҷониби Т. Зеҳнӣ ҳам табиист, ки **забон ва адабиёти**

**халқӣ забони зинда аст, зеро анбуҳи бузурги мардум бо он гуфтугӯ мекунанд**. Ин марҳалае аст, мегуфтанд, забони зинда дар ҳоли дигаргунист ва рӯ ба инкишофу такомул дорад. Дар ин маврид Т. Зеҳнӣ қайд менамояд, ки баръакси ин андеша «забони адабӣ ин гуна набуда, доим ба асарҳои муайян ва собит истинод менамояд. Забони зинда ва ҷондор низ монанди забони адабӣ, махсус ба худ асарҳои гаронбаҳое дорад, ки онро адабиёти халқ ё ки адабиёти даҳонакӣ меноманд» («РД», 1928, №4).

Ба эътиқоди муаллиф ҳар миллат, аз ҷумла тоҷикон аз давраи қадим мероси гаронбаҳое аз халқ доранд ва низ дар қаламраве, ки «зиндагии қабилавӣ» ҳаст, захираи адабии халқӣ бисёртар мавҷуд аст, бинобар ин ӯ нақши асарҳои мардумиро дар такомули забони адабиву китобии тоҷикӣ – чи дар наср ва чи дар назм зиёда муҳим медонад.

*2. Масъалаи тафсири лингвистии маводи адабиёти шифоҳӣ.*

Аз ин нуқтаи назар шарҳи матолиби адабиёти халқ бар асоси усули якдасти нақду таҳлили лингвистии сурудаҳои мардумӣ омезиш ёфта ва чунин ковиш манфиати судманд ба амиқрафти фолклоршиносӣ дорад, ки муҳаққиқе чун Т. Зеҳнӣ дар ибтидои пажуҳиши фолклори тоҷик дар ин маврид аз шеваи қиёсӣ баҳрамандӣ ҷустааст. Сухансанҷи номвар калима ва истилоҳҳои зиёди оид ба рустанӣ, ташреҳ, физиологӣ ва ҷуғрофиро дар байни халқ мебинад. Ӯ кӯшидааст дар исботи вуҷуд доштани гунаи форсии вожаҳои арабии **раъду барқ** // **тундар** ба даъвои Алишер Навоӣ посух диҳад, ки гӯё гуфтааст «дар форсӣ раъду барқ нест». Дар ин замина яке аз адибони машҳури тоҷик ҳам гуфта, ки «агар аз форсӣ муқобили **раъду барқ** ёфт мешуд, аҷаб кашфи тозае ба шумор мерафт. Зеро, адиби бузурги туркон Амир Алишери Навоӣ дар «Муҳокимат-ул-луғатайн» ном асари худ даъвое кардааст, ки дар форсӣ номҳои раъду барқ нест» («РД», 1928, №4).

Пас пешниҳоди корбасти «тундар»-и форсӣ ба ҷойи «раъду барқ»-и арабӣ кӯшиши судманди ин сухансанҷи маъруф аст, ки аз луғатҳои кӯҳна онро ёфта ва боз ҳам қонеъ нашуда, «бо ҳамаи ин боз мақбул наафтод, ки агар ин луғат,

луғати кӯҳнаву ғайримустаъмал аст, эътибор надорад». Аммо боз ҳам бо ҷустуҷӯ ва истинод ба «забони талабагони душанбегӣ ва дарвозӣ» ба ин нукта боварманд шудааст, ки дар кӯҳистони тоҷикон раъдро «тундар», «барқ»-ро «чароғак» мехондаанд. «Чароғак» дар деҳаи Оҳалики Самарқанд ҳам ба кор бурда мешудааст («РД», 1928, №4).

Пас ин хулосаи мантиқии Т. Зеҳнӣ ҳар ҷӯяндаи гавҳарҳои нуҳуфтаи мероси шифоҳиро ба ҷустуҷӯ ва андеша вомедорад, ки «аз ҳар ҷиҳат фароҳам овардану тасниф кардани асарҳои адабии халқӣ, луғат ва истилоҳоти рангоранги он лозиму зарур аст». Зеро, аз як сӯ, бо дарёфти ганҷинаи забонӣ аз дурдонаҳои мероси гаронбаҳои халқ дар роҳи сохтмони адабиёти замона метавон васеъ истифода бурд ва, аз сӯйи дигар, аз луғату истилоҳоти фаровоне, ки дар адабиёт ва забони мардум мавҷуданд, баҳра ёфта ва ба ивази истилоҳоти арабӣ-аврупоӣ ба кор бурд. Дар ин сурат, оҳиста-оҳиста дар муддати кӯтоҳе як «забони сода, равон, пухта ва қашанге» падид хоҳад омад.

Ба ин маънӣ ин донишманди гавҳаршинос аз ҳамон давраи аввалини талош барои нерӯмандии мафкураи миллии тоҷикӣ баҳақиқат аз зумраи ҷонибдорони ашадии тозасозии забони форсии тоҷикӣ аз унсурҳои сирф бегона буда ва ин ҳам яке аз хислатҳои равшангаронаи ҷусторҳои ӯ на танҳо дар осори марбут ба вежагиҳои забони форсии тоҷикӣ, балки дар ҷусторҳояш оид ба мероси шифоҳии мардуми тоҷик буда ва бар ин амр раъй ҳам додааст, ки «навҷавонони мактабӣ аз омӯзиши истилоҳоти печ дар печи арабӣ безоранд». Ӯ ғами ҳар як муаллимеро хӯрдааст, ки барои фаҳмонидани онҳо маҷбур буд вақт зоеъ намояд ва тафсили зиёд ба кор барад. «Ҳатто гоҳо аз забони тоҷикӣ ва аз хондани он дилгир ҳам мешавад».

Барои Т. Зеҳнӣ дар омӯзиши матолиби фолклор таъкиди аҳаммияти омӯзиши самарбахши забони халқ хеле муҳим буд, ки менависад: «Имрӯз забони тоҷикиро ба дараҷае овардан лозим аст, ки як ҷавони тоҷик бе нахондани қоидаи забони арабӣ ва ҳам аз ғайри кӯр-кӯрона ёд кардани калима ва истилоҳоти он забони адабии худро ба тарзи осон ва сабук биёмӯзад. Пас,

лозим меояд, ки ба қадри имкон **аз худи забони зинда калимаҳои сода ва хоҳ калимаҳои пайваста** ёфта, дуруст карда шавад» («РД», 1928, №4).

Ба ин муносибат ба сифати намуна силсилаи калима ва истилоҳот аз ҷомеашиносӣ, ҷуғрофия, табииёт, забоншиносӣ, ҳисоб ва монанди инҳо зикр шудааст, ки «як пораи онҳо бевосита аз забони халқ гирифта шуда, як қисми онҳо аз рӯйи қиёс мувофиқи табиат ва руҳи забон дуруст карда шудааст: …ба ҷойи **«эгоист» «худбин»** омада, ки **истилоҳи рехтаву дуруст аст**. Ё дар ҷуғрофиё **«ҷазоири муҷтамеъ»** – **«галаҷазира»,** ба ҷойи **«буғоз»** – **«гулӯгоҳ»,** ба ҷойи **«бурун» – «байнӣ»**, ба ҷойи **«силсилат-уҷ-ҷибол»** – **«қаторкӯҳ»** ва **«паҳнкӯҳ, пирях, барзах»** ва монанди инҳо… Ё «**ҳифз-ус-сиҳа**»-ро **«нигаҳдории тандурустӣ»** гуфтан чаро дуруст набошад? Дар табииёт **«мувалид-ул-ҳумуза»**-ро **туршизо**, **«мувалид-ул-моъ»**-ро **обзо**, «**ҳомизи фаҳм**»-ро **туршии ангушт** гуфтан дуруст нест?! Дар сарфу наҳв «**робита**»-ро «**бандак», адотҳои мафъул**ро «**часпак**», «**адад ва маъдуд**»-ро «**шумора»** ва **«шумурда»**, «**лозим**»-ро «**монда**», «**мутааддӣ»-ро** «**гузашта**», «**ҳарфҳои сомит»** – «**ҷавзагӣ, кашк»** ё ки аз аломатҳои китобат «**қавс**»-ро «**камонак»**, «**қавси тунок**»-ро «**нохунак»** гуфтан чаро дуруст набошад!? Ё дар ҳисоб «**қосими муштараки аъзам ва қосими муштараки асғар**»-ро «**тақсимкунандаи муштараки калон»** ва «**тақсимкунандаи муштараки хурд»** гуфтан дуруст нест? Чаро мумкин набошад?» («РД», 1928, №4).

Ҷуз ин, Т. Зеҳнӣ таъкид медорад, ки байни тоҷикони Ӯзбекистон низ чистон, зарбулмасал, киноя, таъбир ва вожаҳои кӯҳнаи асили форсӣ зиёд истифода мешаванд. Ба андешаи нигоранда истеъмоли ин ҳама истилоҳ қатъӣ нестанд ва, албатта, баъзеи инҳоро аҳолӣ қабул ва баъзеашон рад хоҳанд кард. Ба ин маънӣ роҳҳои дақиқи ба майдони адаб ворид шудани ин вожаҳо ошкор гардидаанд.

*3. Таҳқиқи суруду чистонҳои манзуми тоҷикӣ бар асоси вазни ҳиҷоӣ.*

Ҷустори навбатии Т. Зеҳнӣ ба масъалаҳои вазни суруду чистонҳои манзуми тоҷик гиреҳ мехӯрад, ки ба вазни ҳиҷоӣ эҷод шудаанд. Аҳли таҳқиқ

пай бурдаанд, ки дар ин бахш пажуҳанда ҳам дар бораи таърихи вазни арӯз ва вазни ҳиҷоӣ маълумоти муқаддимавӣ додааст. Ба ин маънӣ бори аввал дар замони нав асли ба вуҷуд омадани вазни арӯз аз қавми араб бозгӯ шуда, муаллиф аввалин мубтакири исботи коркарди вазни араб аз ҷониби форсиён аст. Ба эътиқоди ӯ «аз тарафи форсон дар болои ин вазни арабӣ хеле корҳо шуда, тағйири бисёр ба вуқуъ омада, дар такмилаш бисёр муваффақиятҳо ҳосил шуда, охир ин вазни мувофиқ руҳу табиати забони форсӣ гардид» («РД», 1929, №5-6).

Бо вуҷуди ин Т. Зеҳнӣ кӯшидааст, ки то омадани вазни шеъри араб бар Аҷам вазни аслии ба табиати шеъри қадими форсии тоҷикӣ хосро низ бозгӯяд. Ин вазни ҳиҷоист, ки «вазни таърихӣ ва миллии форсон ва тоҷикон» аст. Ҷолибияш дар он аст, ки муҳаққиқи васеъназар ва огоҳ аз равишҳои таҳқиқи олами туркӣ ин матлабро бо истинод ба пажуҳишҳои Муҳаммад Фуоди Купрюлузода дар китоби «Таърихи адабиёти турк» ба исбот мерасонад.

Инро ҳам бояд таъкид кард, ки такяи аҳли таҳқиқи тоҷик дар он аҳд ба натиҷаҳои таҳқиқи олимони туркӣ ба хотири такмили афкори илмии адабшиносии тоҷикӣ танҳо бо истинодҳои Т. Зеҳнӣ анҷом намепазирад. Ин нуктаи муҳимро пажуҳишҳои бунёдгузори илму адаби навини тоҷик Садриддин Айнӣ ва бархе дигар ҳам ба субут мерасонад. Дар асарҳои ин донишмандон дар бозкушоии чанде аз матолиби таърих ва назарияи адабиёти форсии тоҷикӣ аз натиҷаҳо ва афкори олимони туркие монанди Зиёпошшои Усмонӣ, Муҳаммад Фуоди Купрюлузода, Ҳусайни Дониш ва дигарон хуб баҳраҷӯӣ шуда, ки пайвандҳои илмии қаламрави тоҷикии Осиёи Миёна ва туркии усмониро бозмегӯяд. Дар ин бора ба таври усулӣ ва ҷудогона метавон изҳори назар кард.

Т. Зеҳнӣ дар таъкиди қазияи аз қадим роиҷ будани вазни ҳиҷо дар байни форсиён, «ба кадом усул тобеъ будани шеъри сосонӣ», ба таъбири дигар, ҳузури «арӯзи кӯҳнаи Аҷам» дар порчаҳои куҳани «Авасто» – «Готҳо» ба асари Купрюлузода такя кардааст, ки тарзи назмро панҷгуна медонист. Ин панҷ баҳр

аз «Вуҳушот» – ҳар як қитъа аз се мисраъ (11 ҳиҷо), «Спантомой нию» – ҳар қитъа аз чаҳор мисраъ ва ҳар мисраъ аз 11 ҳиҷо, «Оҳунавойти» – ҳар қитъа аз се мисраъ ва ҳар мисраъ аз 16 ҳиҷо, «Авастовойти» – ҳар қитъа аз панҷ мисраъ ва ҳар мисраъ аз 11 ҳиҷо, «Воҳиштуйтӣ» – ҳар қитъа дуяш ба тарзи 13 ҳиҷо ва дуйи дигараш аз 19 ҳиҷо иборат аст.

Аз зерматни мафҳуми «Авастои нав» равшан мешавад, ки муаллиф ахборе аз Авастои қаблӣ низ дорад ва миёни ин ду тафовут қоил аст ва ноқидона аз «сода ва бетакаллуфтар» будани он изҳори назар менамояд.

«Достон ва сурудҳои ҳозираи мардум низ ҳиҷоист», – менависад ин ноқиди густурданазар ва ба ин муносибат ҳамвора аз маҳсули мероси халқӣ – зарбулмасал, чистон, суруд, афсона, достон, таъбир, киноя ва монанди инҳо ёдовар мекунад. Дар идомаи мақола бештар болои чистон ва сурудҳои бачагона сухани накӯ мегӯяд: «Аксари сурудҳои бачагона ва чистонҳои манзум бисёр дилкаш, равон, сода, самимӣ ва бетакаллуф гуфта шудаанд. Қофия, радифҳо бисёр табиӣ аст. Гоҳо бе қофия ва радиф, гоҳо нимқофияҳо ҳам дида мешаванд» («РД», 1929, №5-6).

Дар ин маврид Зеҳнӣ анбуҳе аз маҳсули завқии халқиро чун намуна меорад ва ба маънидоди ноқидонаи сурудҳои ба истилоҳ «чорҳиҷоиҳо» мепардозад. Сипас намунаҳои шоёни таваҷҷуҳи дубайтӣ, суруд, чистон ва дубайтиҳои мавзуну ширин ва дорои қофияву тасвирҳои хуб ва нозуки чорҳиҷоӣ, шашҳиҷоӣ ва ҳафтҳиҷоии «хеле самимӣ ва маъсумона»-ро аз шеваҳои гуногуни халқии тоҷик меоварад.

Пажуҳандаи хушсалиқа аз салиқаи калому тарзи суханронии гӯянда ва шаклу вазни ин сурудаҳо равшан менамояд, ки гӯяндаи як бахш аз ин гуна порчаҳои адабиёти халқ аз байни авом набуда, балки аз «адибон ва шоирони табақаи мунаввар»-анд.

Намунаҳояш:

**Офтоб аз дар даромад соя хандидан гирифт,**

**Аз дили пурҳасратам зардоб чаккидан гирифт.**

***

**Дар хиёбон най навохтам, хирмани гул дар гирифт,**

**Ҳайфи рӯйи беғуборам, чангу хокистар гирифт.**

Қисмати дигари мулоҳизаҳои Зеҳнӣ вобаста ба исботи кӯҳна будани осори адабиёти халқӣ аст. Ба ифодаи донишманд «асарҳои адабиёти халқро касе, ки савияаш каму беш аз дигарон баландтар аст, дар майдон мегузорад. Ба коғаз наменависад ё нависад ҳам, рафта-рафта аз камоли гуфтугузори мардум, аз даҳане ба даҳане, аз шаҳре ба шаҳре, аз модаре ба духтаре нақл ёфта, асрҳо мезияд, оқибат гӯяндаи ҳақиқиаш фаромӯш гардида, моли халқ мегардад. Хели асарҳо ба кадом шаҳре, ки рафтааст, ба лаҳҷа ва шеваҳои он ҷо гардан фароварда, мувофиқи шароиту вазъияти он ҷо ранги дигар касб мекунад».

Ӯ яке аз аввалин гузоришгари монандии баъзе аз чистонҳо, суруд, афсонаҳо, зарбулмасалҳо ба якдигар бо шеваи сухансанҷӣ буда, тафовут ва ҷудоиро танҳо дар шохаҳои онон мувофиқи шароити зиндагии ҳар қаламрав дидааст.

Дар интиҳои мақолаи «Адабиёти халқ» Т. Зеҳнӣ бо истифода аз минбари нашрияи бонуфузи замона – «Раҳбари дониш» аз Шурои илмии Тоҷикистон хоҳиш кардааст, ки дар бораи ҷамъоварӣ ва гирд овардани адабиёти халқӣ ташаббус ва ғайрат ба кор бурда шавад, ҷолби ононеро ба ин кор хоҳон аст, ки дар ин кор ҳушу шавқ доранд. Ин хулосаи Зеҳнӣ – «қисми бузурги адабиёти халқӣ асрҳо боз аз даҳан ба даҳан, аз шаҳре ба шаҳре кӯчида омадааст» то имрӯз ҳам арзиши худро гум накардааст.

## IV.5. Раҳим Ҳошим – адабиётшинос ва нокиди сухан

...Сирри хосаи ба обрӯву эътибори баланд расидани зумраи адибону олимоне монанди Раҳим Ҳошим меҳнату заҳмати пайваставу ҳамешагӣ ва аз ҳад афзуни шабурӯзии онҳост. Инҳо вақту меҳнат сарф мекунанд, то ки эҷод бикунанд, аммо дар ин ҷодаи душворгузар ҳаргиз зӯри беҳуда намезананд ва хастагиро ҳис намекунанд, ё аслан хаста намешаванд... Аз эҷод лаззат мебаранд... Аз диди ман дунёи ботин ва зоҳири касе, ки аз эҷод лаззат меёбад, сабз хоҳад буд, ин сабзҷону сабзботину хуррамдилро ҳаргиз боди шамолҳои тунду тез нахоҳад афтонид, ба ҷое нахоҳад бурд...

Оид ба Раҳим Ҳошим – фидоии асили илму фарҳанг, адабиётшинос, забоншинос, луғатнигор, публитсист, тарҷумон ва нақши ӯ дар рушди ҷабҳаҳои фаъолияти иҷтимоӣ – адабиёт, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, танқиди адабӣ, тарҷумаи бадеӣ, луғат матбуот, педагогика ва ғ. сухан хеле зиёд аст. Ин донишманди мумтоз беш аз 60 сол дар хидмати илму адабиёт ва фарҳанги миллии тоҷикӣ будааст.

Дар бораи истеъдоди расо, табъи равон, зеҳни тез, ҳунари баланди суханварии ин устоди забардаст адибону олимони зиёд – И. Брагинский, Т. Зеҳнӣ, Ш. Ҳусейнзода, З. Раҷабов, М. Шукуров, Р. Амонов, А. Сайфуллоев, Х. Отахонова, З. Муллоҷонова, А. Дун, В. Самад, Ҳ. Шодиқулов, Р. Мусулмонқулов, Ш. Раҳмонов, А. Абдуманнонов, Н. Одинаев, адибон С. Улуғзода, Ф. Муҳаммадиев, М. Наҷмиддинов, Б. Собир, М. Фарҳат, С. Маъмур, Ҳ. Аҳрорӣ ва дигарон навиштаанд. Ин сухани яке аз онҳо хеле ҷолиб аст, ки «дар эҷодкориҳову суханрониҳои Раҳим Ҳошим донишу илҳому ҳунар якҷоя зуҳур мекунанд. Дар ягон асари ӯ, хоҳ илмӣ бошад, хоҳ адабӣ ва ё тарҷума, осори бешавқ зӯр зада, илоҷе карда, чизе гуфтан нест. Аз ҳама чизе, ки ба қалами Р. Ҳошим мансуб мебошад, завқу қудрат ва ғайрату маҳорат падидор аст. Асарҳои ӯ дониш ва завқи эстетикии хонандаро инкишоф медиҳад ва аз ин рӯ, ҳамеша ба ӯ маъқуланд».

Раҳим Ҳошим чун нахустин шогирд ва тарбиятдидаи С. Айнӣ дар иҳотаи фикру андешаи қавии ӯ ба фазлу камол расида, аз мактаби нотакрори адабиву илмӣ ва инсонии домулло баҳраманд шудааст. Вақте «Намунаи адабиёти тоҷик» тасниф гашт, Зеҳниву Раҳим Ҳошим ба С. Айнӣ дасти рост буданд. Ӯ зери таъсири С. Айнӣ дар таъсиси Нашриёти давлатии Тоҷикистон ва рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикии «Овози тоҷик», «Дониш ва омӯзгор», «Дониш-биниш» («Раҳбари дониш») низ саҳми хуб ва арзанда гузоштааст. Ин шогирди оқил ва ҳамкори қобили шоҳиди нашъунамои ҳаёти адабии тоҷик дар замони нав будааст. Баробари ин аз аввалин хонандаи осори устод маҳсуб мешудааст. «Ӯ шоҳиди он буд, ки ин асарҳо чи хел бо таъсири чи вазъияте, бо чи нияте офарида мешуданд. Ӯ шоҳиди он буд, ки назми Абулқосим Лоҳутӣ дар тараққиёти адабиёти нави тоҷик чи роли бузурге бозид ва шеърҳои инқилобии ӯ дар тарбияи шуур ва ҷаҳонбинии мардум чи хизмате кардаст» (Раҷаб Амонов).

***

Асли Раҳим Ҳошим аз тоифаи эрониён, аз Боғимайдони Самарқанд аст. Писари китобфурӯш ва фозили шеършинос Муҳаммадоғои Ҳошимӣ аст. Дар мактаби маорифпарвар Абдулқодир Шакурӣ хонда, донишу маърифати замони нав ёфтааст. Аз аввал шавқи донистани русӣ дошт, дар Дорулмуаллимини Самарқанд хонд, дар нашрияҳои «Меҳнаткашлар товуши», «Болалар йулдоши» ва «Зарафшон» хабару мақолаҳо ба нашр мерасонид. Бо такя ба «Феҳристи тарҷумаиҳолии Раҳим Ҳошим» солҳои 1919-1928 зиёда аз 40 мақола ба ӯзбекӣ чоп кард. Мақолаҳои «Маориф оида ишлаш керак» (1924), «Қурултойлар ва маориф» (1924), «Шаркда ангилтара фитнаси» (1925) ва ғ. ба масъалаҳои рӯзмарраи замон – сиёсат, иҷтимоъ, мактабу маориф, зан ва ғ. ихтисос доранд. Дар «Овози тоҷик» ва «Маориф ва ӯқутувчи» дар бораи адабиёт, забон, имло ва алифбо силсилаи мақолаҳо нашр кардааст.

Раҳим Ҳошим яке аз муаллифони «Овози тоҷики камбағал», «Овози тоҷик» дар шаҳри Самарқанд буд. Пас аз таъсиси Нашриёти давлатии Тоҷикистон муҳаррир ва тарҷумони ин даргоҳ гардид ва ба тарҷумаи китобҳои

дарсиву бадеӣ камари ҳиммат баст. Осори тарҷума ва аввалин таълифоти дигари адиби ҷавонро Айнӣ таҳрир мекард, ба ӯ маслиҳатҳои хуб медод.

Бо таъсиси маҷаллаи илмиву оммавӣ ва адабиву танқидии «Роҳбари дониш» котиби масъул интихоб шуд. Бо мақолаҳояш «Алифбои нав ва Мирзо Фатҳалӣ Охундов» (1928), «Ба мо забони оммафаҳм даркор аст» (1928), «Ба муносибати конференсияи алифбои нави тоҷик» (1928), «Ба муносибати конференсияи забон ва алифбои нав барои тоҷикони Ӯзбекистон» (1928), «Боз як мулоҳиза дар атрофи алифбои нави тоҷикӣ» (1929), «Дар атрофи масъалаи алифбои нав дар Эрон» (1929), «Дар гирди забони адабии тоҷик» (1928), «Дар гирди забони адабии тоҷикӣ чӣ менависанд?» (1928), «Мирзо Фатҳалӣ Охундов» (1928), «Тариқи ҳал шудани масъалаҳои забон, алифбо ва имло» (1930) ва ғ. дар баҳси забони адабии тоҷик ва табдили алифбо фаъолона ширкат варзидааст.

Соли 1930 «Забони адабии тоҷик» ном маҷмуаи мавод ва мақолот дар таҳияи Раҳим Ҳошим нашр шуд, ки раванди баҳсу мунозираҳо оид ба масъалаҳои мухталифи забони тоҷикро бозмегӯяд. Ин китоб аз ҷониби Т. Ваҳҳобов аз нав ба табъ расидааст. Р. Ҳошим охири солҳои 20-ум ва аввали 30-юми садаи XX аз боби забони адабии тоҷик ва алифбои тоҷикӣ бо камоли шавқу андоза мулоҳизаву мушоҳида ба миён мегузошт. Соли 1930 ба Сталинобод омад ва дар конференсияи забоншиносони тоҷик оид ба алифбо маърӯза кард, баъдан оид ба забон ва маданияти нутқ мақолаҳои ҷолиб таълиф намуд.

Соли 1934 бо таъсиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аъзои ин ташкилоти адабӣ гашт, дар ҳамин сол чун намояндаи Тоҷикистон дар Анҷумани якуми нависандагони шуравӣ иштирок кард. Солҳои 1934-1935 котиби Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд. Замони таҷлили ҷашни ҳазорсолагии Фирдавсӣ (1934) яке аз ташаббускорон ва котиби комиссияи юбилеии ҷашн баргузида шуд. Оид ба ҷойгоҳи Фирдавсӣ дар таърихи адабиёт

баробари Айнӣ, Фитрат, Бектош, Алии Исмоилзода ва дигарон мақолае навишт, ки аҳаммияти калони илмӣ ва фарҳангӣ дошт.

Дар маҷмуъ иштироки ӯ дар ҳодисаҳои муҳимми фарҳангӣ, татбиқи дастурҳои ҳизбиву давлатӣ, суханронӣ дар маҷлису конфронсҳои илмиву адабӣ, таҳия ва таҳрири китобҳои дарсӣ, луғатҳои тафсирӣ ва дузабона, таълифи мақолаҳо ба рӯзномаву маҷаллаҳо, рушду равнақи ҳаёти адабии Тоҷикистон – таъсиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, баргузории ҷашни ҳазорсолагии Абулқосим Фирдавсӣ бо ҳарорати ҷӯшон ва меҳру садоқати беандоза ба забон ва адабиёти тоҷик сурат гирифтааст.

Баъдан фаъолияти илмиву адабӣ ва ҷамъиятиаш «ба айёми авҷи фишор», «сияҳномӣ»-ҳои равшанзамирон дар курсии «душманони халқ», «зӯри ба зӯр нишондани дӯстони асили халқ, алқисса ба давру даврони шахспарастиҳои сталинӣ» рост омад. Ӯ қатори садҳо ашхоси Тоҷикистон заҳри душмании халқро низ чашидааст. Мегӯянд, ки дар ин давра оид ба барҷастатарин устодони каломи бадеъ, намояндагони адабиёти олам гуфтанӣ ва қайду мулоҳизаи зиёд дошт, дар сар нақшаи таҳрири дастурҳо дошт ва ба ин умед буд, ки китоби таърихи адабиёт менависад, давраҳои гуногуни онро ба ҳам пайванд месозад, аммо умеду изтиробҳои эҷодӣ ба гирдоби тӯфони соли 1937 фурӯ рехта ва дигарбора берун наомаданд. «Шахсе, ки аз тифлӣ ба кори эҷодӣ машғул шуда, соату дақиқаҳоро ройгон намедод, 14 соли ҳабс ва 16 соли бекориро чигуна аз сар гузаронд? Устод дар ин давра, аз рӯи фаҳмиши мо, бо шеър қаноат кард, порчаҳои насри лирикии мисли мукотиба навишт, бо ин кор то рӯзҳои озодӣ қувват ва мадор ёфт».

Рӯзгори тираи адибро зимни фоҷиаҳои даҳшатангез адиби хушсабк Додоҷон Раҷабӣ хеле ҷолибу хонданӣ ба риштаи таҳрир оварда, очерки бадеӣ-публитсистие бо номи «Доғи рӯи пок» (1989) таълиф карда буд, ки аз китоби «Осмони хамида» (Хуҷанд, 1998) ва «Дар миёни чор дарё» (Хуҷанд, 2007)-и ӯ хонда метавонем.

Раҳим Ҳошим баъди бозгашт аз ҳабсу бадарға аз соли 1955 ходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон буд, то охири умр барои ривоҷи филологияи тоҷик нақши арзанда гузошт.

***

Раҳим Ҳошим оид ба адабиёти классикӣ ва муосир, адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, тарҷума, нақди адабӣ, арбобони барҷастаи адабӣ бештар аз 500 мақолаи илмӣ ва илмӣ-оммавӣ падид овардааст. Маҳсули илмии адабиётшиносиаш таҳқиқи муқаррари илмӣ набуда, дар асоси санадҳои боэътимоду раднопазир бо ҳарорати баланд, завқу шавқи хос навишта шудаанд. Аз онҳо хонанда ҳам дониш ва ҳам лаззати бадеӣ мегирад.

Аз бистсолагиаш чун адабиётшинос ба ҷустуҷӯ пардохта ва аввалин мақолаҳои таҳқиқиаш «Мулоҳизаҳо дар атрофи Сиддиқӣ» дар маҷаллаи «Маориф ва уқитувчи» (1928, №10) ва «Адабиёти инқилобии тоҷик» дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» (1928) нашр шудаанд. Ба ҷавониаш нигоҳ накарда, дар мақолаҳояш ба таъйини масъалаҳои муҳимми адабиёти инқилобии тоҷик, муҳити адабӣ-иҷтимоӣ, моҳияти синфии ҷадидизм ва қазияи ташаккули адабиёт пардохтааст. Навиштаи ӯ оид ба қиссаи С. Айнӣ «Одина» як тақризи хос ва дорои сабки матине аст, ки инро ҳам дар бистсолагиаш навиштааст. Ба гуфтаи Р. Амонов «тадқиқи адабиёти нави мо аз асарҳои ин адиби фозил шуруъ шудааст».

Дар рисолаи номзадиаш оид ба ташаккули адабиёти нави тоҷик ва мақоми устодон Айнӣ, Лоҳутӣ, Пайрав, Ҳамдӣ дар бунёди заминаҳои иҷтимоиву фарҳангии он бисёре аз нуктаҳои интиқодии замони бунёдии нақди адабиро баён карда, сухани тоза дар адабиётшиносии тоҷик гуфтааст. Масъалаҳои гуногуни эҷодиёти асосгузорон ва саромадони адабиёти нави тоҷик ва адибони дигарро фаро дорад.

Дар маҷмуаи мақолаҳои «Сухан аз устодон ва дӯстон» (1971, бо илова 1983) асноди нодир ва зуҳуроти рӯйдодҳо оид ба рӯзгору эҷодиёти устодони адабиёти навини тоҷик С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, П. Сураймонӣ, Ҳ. Юсуфӣ, А.

Деҳотӣ, А. Пирмуҳаммадзода, Б. Раҳимзода дар солҳои 20-40-уми садаи XX-ро ҷой додааст, ки бо тозагиву навии фикру андеша, санаду воқеаҳои нодир, сабки матину форам ва дилнишин аз асарҳои дигарон тафовут доранд. Дар такмилаи ин китоб мақолаҳо аз рӯзгори А. Шакурӣ, Б. Сирус, Ш. Ҳусейнзода ва мақоми онҳо дар шаклгирии нақди адабӣ ҷой ёфтаанд.

«Солҳо дар саҳифаҳо» (1988) низ аз пурбортарин ва муҳимтарин маҷмуаи мақолаҳои илмии Раҳим Ҳошим буда, аммо тамоми намунаҳои осори адабиётшиносӣ ва танқиди бадеиро ӯро дар бар надорад. Дар ин асар симои муаллиф чун олим, ходими матбуот, публитсист намоён аст. Ин китобро ҳам хонанда бо ҳаяҷони хоса мехонад.

Раҳим Ҳошим яке аз аввалин пажуҳандагони шахсият ва эҷодиёти С. Айнӣ буд, ки дар ин хусус хеле зиёд мақола ба миён овардааст. Аввалин мақола дар бораи ин абармарди тоҷикон «Саёҳат хотираси» («Болалар йӯлдоши», 1919, №2-3) ном ёддоштҳои экскурсияи фании аҳли мактабе аст, ки С. Айнӣ дар он муаллимӣ кардааст. Оид ба эҷодиёти гуногунҷанбаи С. Айнӣ, дар маҷмуъ, қариб 40 мақолаи илмӣ, илмиву оммавӣ ва илмӣ-публитсистӣ, аз ҷумла «Адабиёти инқилобии тоҷик» (1928), «Ёшарган чол» (1935) ва ғайра навишта ва ба нашр расонидааст.

Аввалин тақриз «Якумин қиссаи инқилобии тоҷик»-ро оид ба қиссаи «Одина» низ Раҳим Ҳошим навишта, аз заминаҳои шукуҳманди адабиёти навини тоҷикӣ пуршӯр сухан рондааст. Ин аввалин таҳқиқи иҷтимоии асари бунёдгузори адабиёти навини тоҷик аст. Рисолаи «Пире, ки ҷавон шудааст» (1935; ба сурати китоб 1937) пас аз мутолиа ва таҳқиқи ҷиддии романи «Дохунда», порчаҳои ҷудогонаи «Қулбобо» ва асари барҷастаи «Ғуломон» ба миён омадааст.

Ҷамъи навиштаҳои Раҳим Ҳошимро дар бораи С. Айнӣ чанд китоби илмӣ донистаанд. «Ӯ ҳар гоҳ, ки китобҳои С. Айниро мехонд, оташи шавқаш меафрӯхт, вайро ба корҳои боҷасорате ҳидоят менамуд, зеро аз нозукиҳои кори эҷодӣ, сарнавишти бисёр асарҳои устод огоҳӣ дошт. Вай то ҳоло аз пахлуҳои

гуногуни осору рӯзгори устод: дар атрофи асарҳои педагогӣ, осори пешазинқилобӣ, китобҳои дарсӣ, назму насри бачагон, таҷрибаи омӯзиши шеър, таъсири адабиёти рус ва намояндагони номии он, оини ҷавонмардӣ ва ҳоказо асарҳои бисёр ҷолиби диққат навишт, ки сухани нав аввал аз забони вай шунида мешуд. Ду китоби вай зиёда сӣ мақолае, ки дар атрофи эҷодиёти устод навиштааст, мактаби бузурги эҷодии С. Айниро бо паҳлуҳояш нишон медиҳанд. Таҷрибаҳои эҷодии ӯ дар бораи С. Айнӣ минбаъд сарчашма ва аз омилҳои асосии тадқиқоти М. Шукуров, Р. Амонов, С. Табаров, А. Сайфуллоев ва дигарон гардиданд».

Хидматҳои Раҳим Ҳошим дар таҳияву таҳрири чанд ҷилди Куллиёти 15-ҷилдаи Айнӣ – осори таърихшиносӣ, «Луғати Айнӣ», «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» қобили таваҷҷуҳ аст. Дар таҳриру тарҷумаву таҳияи китоби С. Айнӣ «Таърихи инқилоби Бухоро» аз забони ӯзбекӣ ба тоҷикӣ бисёр заҳмат кашида, ба равнақи айнишиносӣ такон додааст. «Дар ҳаққи Мирзо Бедил» ном мақолаи С. Айнӣ дар маҷаллаи «Шуро» (1912, №2, 15-уми январ) аз забони тоторӣ ба тоҷикӣ низ аз ҷониби Раҳим Ҳошим тарҷума шудааст. Нусхаи тоторӣ ва тарҷумаи тоҷикии онро М. Шакурӣ ва Ҷ. Бақозода чоп ва мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Раҳим Ҳошим дар солҳои 30-юми садаи XX аввалин таҳқиқгари ҳаёт ва эҷодиёти шоири шӯрида ва ҷавонмарги тоҷик Пайрав Сулаймонӣ низ будааст. Ӯ ба таъйини ҷойгоҳи Пайрав чун ҳамнасл ва ихлосмандони асосии шеъри ӯ, «дӯсти наздики шоири забардаст ва нозукадо» наздик шуда, асарҳое дар хусуси ин шоир дорад ва дар онҳо мушоҳидаҳои ҷолибе баён доштааст. Адабиётшиноси тоҷик Шоҳзамон Раҳмонов номи китобашро аз хусуси ин ду шоир ва олим «Дӯстони ҷонӣ» ном ниҳодааст. Онҳо дӯстони наздик ва чашандаи якҷояи ғаму дарди зиндагӣ будаанд. Аввалин наҷотдиҳандаи Пайрав аз «ишканҷаи танқид» ҳам Раҳим Ҳошим буда ва ӯ дар ин ҷода аввалин аст. Ба ӯ дасти ёрӣ дароз кардааст. Бо мақолаҳои Раҳим Ҳошим Пайрав дар

муҳимтарин ва муассиртарин лаҳзаҳои зиндагӣ аз ҳуҷумҳои беаслу мояи мафкурабарони солҳои 20-30-уми садаи XX ҳифз шудааст.

Раҳим Ҳошим, аввалан, таҳиягар ва муҳаррири чанде аз маҷмуаҳои ашъори Пайрав буда, аввалин «Маҷмуаи шеърҳо»-и ӯ пас аз маргаш бо сарсухани ҳамин муҳаққиқ соли 1934 ба нашр расид, ки барои наҷоти шоир аз танқиди ноқидони каҷбин ба хидмат омадааст. Вагарна дақиқан «монанди тӯби футбол» дар «майдони ҷидол» лагадкӯб шуда буд. Раҳим Ҳошим «дар чунин вазъият ба ҳимояи Пайрав миён баста ба майдони мубориза даромад ва ҷавоби босавобе гуфт» (М. Шакурӣ).

Ин аст, ки хидмати беминнати Раҳим Ҳошим дар ҳифз ва ҳимояи Пайрав, таълифи мақолаҳои илмии ёддоштӣ оид ба шахсияту эҷодиёти шоир, тозакориву навоварии ӯ, паҳлуҳои гуногуни осораш дар фурсати муносиб, хусусан ҷашну ёдбудҳояш сазовори зикри хос аст. Ба гуфтаи М. Шукуров дӯсти ҷонии Пайрав «бисёр лаҳзаҳои зингдагии ин шоир, сабаб ва шароити навишта шудани бисёр шеърҳои ӯро ба хубӣ медонад ва имконият дорад, ки дар вақти таҳлили асарҳои Пайрав он фикреро, ки худи шоир дар бораи ин асарҳо ва мазмуну моҳияти онҳо дошт, ба назар гирад. Ин ҳол қимати илмии мақолаҳои ӯро боз ҳам зиёдтар кардааст».

Аз ин ҷиҳат ба арзиши илмии осори Пайрав Сулаймонӣ ба қалами Раҳим Ҳошим метавон баҳои муносиб дод, ки самтҳои эҷодии шоир ва моҳияти сурудаҳои ӯро муайян мекунанд. Ӯ кӯшидааст, ки сифатҳои намоёну ноаёни шеъри Пайравро нишон диҳад, мақоми ӯро дар адабиёти шуравии тоҷик муайян намояд. Дар шароите, ки ба Пайрав аҳли замона назари манфӣ доштанд, мулоҳизаҳои Айнӣ ва мақолаҳои Раҳим Ҳошим дар арҷгузорӣ ба ҷойгоҳи «навниҳоли бӯстони адабиёти тоҷик» нақши муҳим бозиданд. Дар он мақолаи «Адабиёти инқилобии тоҷик» муаллиф кӯшида, ки нақши Айнӣ, Лоҳутӣ ва Пайравро дар адабиёти инқилобии тоҷикӣ нишон диҳад.

Раҳим Ҳошим зимни бозгӯи вежагиҳои рӯзгор ва осори Айнӣ ва Пайрав ҷуз ин ки пажуҳандаи борикназар буда, шоҳиди аслӣ ва воқеии роҳҳои

шаклгирии эҷодии онҳост. Беҳуда нагуфтаанд, ки «ин тадқиқот барои муаллифони таърихи адабиёти тоҷик, на фақат ҳамчун материал, балки бештар аз ин, чун манбаи боэътимод ва баҳснопазир хизмат хоҳанд кард».

Дар сабки таълифи Раҳим Ҳошим низ метавон ба бардоштҳои ҷолиб расид. Асарҳояш бо фарогирии санадҳои тозаи илмӣ мумтозанд, қабат-қабат диди олимона доранд, самимият ва обу ранги бадеӣ аз вежагиҳои умдаи сабки ин олими варзидаанд. Зебоиву дилрабоӣ ва рангинии хос муҳимтарин ҷиҳати муассири услуби нависандаанд, ки имкон надорад касро мутаассир накунад, хеле ваҷдангез ва ваҷдбарангезанд. Ин олим ва қаламвари мумтоз дар арҷгузорӣ ба шеърияти сухан ва бадеияти баланди ифода рағбати вофир дорад. Дар осори танқидии ӯ сухани дилангез баён шудааст. Маъмулан жанри илмии танқидӣ ифодаи хос дорад, аммо бархе аҳли танқид ба ин ришта ҷон ва нафаси гарму тозае бахшидаанд. Дар бораи нақднавиштаҳои ӯ навиштаанд, ки ҳар суханро бармекашад, дар ифодаи матлабу мақсад калимаву ибораи зебо ва шинамро ёфта кор мефармояд, монанди он ки суханҳояшро риштаи номаълуми ритмҳои дохилӣ пайванд месозад, мо ё нодаркории ҷузъиро дар матлабаш пай намебарем, баръакс, ҳамаро як оҳанги ҷозибадори шоирона банду баст месозад, қувваю иқтидори суханро меафзояд. Дар портретофарӣ Р. Ҳошим як қаламкаши баҳиммат ва хоснигару суфтагару суфтабаён аст. Чеҳраҳои адабиву илмии бузургони адабиёти тоҷик ва миллатҳои дунё – Рӯдакӣ, Фирдавӣ, Берунӣ, Ибни Сино, Саъдӣ, Хайём, Ҳофиз, Ҷомӣ, Навоӣ, Дилшоди Барно, Фузулӣ, Охундов, Руставели, Чехов, Горкий, Маяковский, Баҳор, Нафисӣ ва дигаронро бисёр басалиқа офаридааст. Дар меҳвари навиштаҳояш ҳунару маҳорат ва таҷрибаи эҷодии ин нафарон ҷойгоҳи хосе дорад.

Р. Ҳошим аз зумраи насли аввали зиёиёни тоҷик аст, ки ба равнақи нақди адабии нимаи аввали садаи XX хидмати назаррас карда, дар пешрафти ҳавзаи адабии Тоҷикистон кӯшиши зиёд ба харҷ додааст. Афкори ӯ фарогири нукоти зиёде аст, ки дар роҳи офаридани тарҳи куллии нақди адабии замони нав метавонанд фаровон ба кор раванд.

# ХУЛОСАҲО

Натиҷаҳои таҳқиқ ба таври зерин ҷамъбаст гардидаанд:

1. Пайгирӣ аз консепсияи нави таҳқиқи таърихи адабиёти ин давра аз бисёр ҷиҳат барои вусъати чашмандози нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ низ мусоид аст. Ин гуна равиш барои фарогирии васеъ ва густардаи таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ муфид ва, аз назари дигар, ба шинохти асли моҳияти адабиёти тоҷикони қаламрави Осиёи Миёна дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX заминаи ҷиддӣ фароҳам меоварад.

Аз даврабандии таърихи адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ бармеояд, ки он аз муҳимтарин вазифаҳои илмӣ буда, дар ҳар кадоме аз даврабандии пешин моҳияти замон, таърих, амалия ва назарияи ин соҳаи адабиётшиносӣ ба назар гирифта шудааст. Имрӯз ниёзҳо ва бардоштҳо дар замони комилан дигари афкори илмӣ-адабӣ, моҳияти таҳқиқ ва таҷдиди назар ба таърихи нақди адабӣ ва афкори адабиётшиносӣ тақозо менамояд, ки дар ин арса даврабандии нав ба миён оварда шавад. Ҳоло вақти он омада, ки «Таърихи адабиётшиносӣ ва нақди адабии тоҷик» дар ҳамоҳангӣ ба консепсияи арзишёбии таърих ва назарияи он ба вуҷуд биёяд. Кӯшиши даврабандие, ки дар илми адабиёштшиносии мо сурат ёфтааст, то андозае барои муқаррар кардани моҳият, хусусият ва аҳаммияти ҳар марҳалаи он муносиб мебошад. Бояд ин нукта усулан дар назар бошад, ки матлабҳои асосӣ дар доираи масъалаҳои меҳварӣ ва ҷустуҷӯҳои эҷодиву зебоишинохтӣ ва ҳунарӣ бояд инъикос ёбанд [12 – М].

2. Тағйири ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ ва таҳаввули ҳавзаҳои илмиву фарҳангӣ дар таҳқиқ ва омӯзиши ин давраи муҳимми таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ – адабиёт, нақди адабӣ ва адабиётшиносии охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX роҳҳои нав ба вуҷуд овард. Дигар шудани меъёри нигоҳ ба таърихи сиёсиву иҷтимоии ин давра масъалаи омӯзиши нави матолиби таърихи адабиёт ва таълифи мукаммалтари онро бо такя ба ниёзҳои замони навсозӣ ва равишшиносии посухгӯ ба талаби рӯзафзуни давраи таҷаддуди ормонҳои милливу ватанӣ аз ҳар ҷиҳат такмил бахшид.

Дар шинохти вежагиҳои адабиёт ва моҳияту ҷавҳари набардҳои давраи равшангарӣ ду самти хоса ба мушоҳида расид: *аввалан,* ҷусторҳои адабиётшиносии замони истиқлоли миллӣ, ки дар ин давра барои равшан кардани арзишҳои суннатӣ кӯшишҳои назаррас ба вуҷуд омад. Падид омадани фазои мусоид дар таҳқиқу баррасӣ ва пайдо шудани осори арзишманди адабӣ аз махзани дастхатҳои китобхонаҳои Русия, Ӯзбекистон, Эрон, Ҳиндустон ва дигар кишварҳо ба ин амр мусоидат намуд. *Аз тарафи дигар,* дар ҳавзаи адабиётшиносии тоҷик ҳоло низ зуҳурот, нишонаҳо, ҷусторҳо ва нигоҳи куҳани илмӣ бо такя ба мафкураи марксистӣ боқӣ монда, ки дар бархе маврид натиҷаи мусбат дода ва дар мавридҳои дигар натиҷаи ояндасоз ба бор нахоҳанд овард. Бознигарии амиқу таҳқиқи усулии сарчашмаҳои ин аҳд барои аз байн бурдани чунин камбуд ва шинохти аслу ҳақиқати афкори адабии ин давра мусоидат хоҳад кард [3 – М].

3. Аз нақду таҳлили равандҳои адабӣ ва адабиёти равшангарии Осиёи Миёна дар охири садаи XIX ва оғози садаи XX чанд василаи расидан ба ормонҳои маорифпарварӣ равшан мешавад: *Аввалан*, Аҳмад-махдуми Дониш, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, Абдурауфи Фитрат, Садриддин Айнӣ ва чанде дигар дар осори адабӣ-таърихӣ, публитсистӣ, тазкира, сафарнома ва ғ. ба масъалаи равшан кардани ҳаёти адабӣ, рӯзгори шоирон ва вежагиҳои осори онон бо сабки иҷтимоии тавъам ба таҳқиқи аҳволи замона – бо сабки нақду таҳқиқи иҷтимоии замон наздик шудаанд. Аҳмад--махдуми Дониш, Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, Абдурауфи Фитрат ва чанде дигар ба сифати адибон ва мунаққидони равшангар бо назардошти таҳаввулоти замон ва воқеаҳои умдаи он ба арзёбии асли адабиёт ва маҳсули он пардохтанд. Ҳар масъалаи сиёсат, иҷтимоиёт ва адабиёт дар ин марҳала аз назари дигаргуниҳои кишварҳои шарқӣ бо диди сирф интиқодӣ баррасӣ шуда ва сифати нақди ҷойгоҳи адиб ва осори адабӣ дар ин марҳала сирф ҳирфай-тахассусӣ нест. Дигаргуниҳо дар усули мактабу маориф, баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳли замона, ба вуҷуд омадани китобҳо дар арсаи вусъати

маърифати замона ва ғайра ҳамагӣ аз маърифати интиқодӣ ва интиқодгароии аҳли замона сарчашма мегиранд [1–М; 5 – М].

4. Сарчашмаҳои нуфузи нақд дар ин давра муҳимманд. Аз ҷумла, устод Айнӣ зимни нақду таҳлили заминаҳои ҷиддиву усулии фароҳам омадани «инқилоби фикрӣ» дар қаламрави Бухоро ҳарчи бештар ба моҳият ва зуҳури рӯйдодҳои навини инқилобии олам таваҷҷуҳ кардааст, ки дар ин роҳ яке аз манбаъҳои муҳим нақди сухан дар кишвари Туркия ва рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоии он мебошад.

Дар ин маврид равшангарони тоҷик ба Туркия ва пешрафтҳои он дар заминаи рӯйкард ба кишварҳои аврупоӣ ҳусни ихлосу эҳтиром варзиданд, азбаски Туркия маркази ҷаҳони ислом ва султонҳои Туркия халифаи ислом буданд, эҳтироми онҳо ба назари равшангарон афзуда буд ва ин ҳама натиҷаи эҳтиром ба фарҳанги Туркияву Русия ва ғайра ба ҳисоб мерафт. Ин, ба андешаи баъзе олимон, нишонаи пантуркизм набудааст. Дар ин маврид олимоне ҳақ ҳастанд, ки ба интиқоди ақидаи баҳсбарангези бархе муаррихон, ки мактаби нави маорифпарварон – «мактаби усули ҷадид»-ро «маркази пантуркистӣ» ба шумор овардаанд, камари ҳиммат бастанд [5 – М].

5. Фарорафти дидгоҳҳои нақди адабӣ дар тазкираҳо ва ба таҳқиқи қиёсӣ гирифтани онҳо барои дарёфти ҷустуҷӯҳои ғоявию эстетикӣ дар ҳавзаҳои гуногуни форсизабонон арзишу аҳаммият дорад. Ҳадафи хосаву умдаи сайри таҳқиқ ва нашри сарчашмаҳои муҳимми адабиёти асри XIX ва ибтидои асри XX бознамоии манзараи густурдаи сайри наққодӣ дар қаламрави Мовароуннаҳр буда ва ин амр дар роҳи ҷустуҷӯи мафкуравӣ, ғоявӣ ва иҷтимоӣ, ҳамчунин ҷусторҳои адабиву фарҳангӣ ва зебоишиносии ин давра арзиши муайян доранд [1–М; 3–М; 16 – М].

6. Афкори адабӣ ва фалсафӣ-эстетикии тазкиранигорон оид ба моҳияти аслии шеъру шоирӣ, назарияи шакли шеър, маҳосин ва уюби он, таҳлили амалии зиндагӣ ва эҷоди аҳли адаб дар осори таърихӣ, адабӣ, тазкираҳо, осори

матбуот аз чигунагии завқи хоси наққодӣ ва қареҳаи мумтози шинохти неку бади осори адабӣ дар ин давраи таърихи адаби мо гувоҳӣ медиҳад.

Ошноӣ бо дидгоҳҳои ноқидонаи тазкиранигорони охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX паҳлуҳои муҳимми фикрии мусаннифонро ба исбот мерасонад. Дар тазкираҳои ин аҳд кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки ба таври куллӣ нақди ҳол, нақди рӯзгор ва нақди осори шуарои вақт дар иртибот ба масъалаҳои муҳимми иҷтимоиву фарҳангии замон бозгӯ шавад. Фарорафти масъалаҳои иҷтимоӣ дар тазкираҳои ин давра аз ҷолибтарин матолибест, ки таҳқиқу натиҷагирӣ аз он моҳияти ҷомеашиносии ин давраро ошкор мегардонад [1–М; 3–М; 4–М; 14–М; 16 – М].

7. Бо роҳи баргардон ва қиёси матнҳо, муаррифӣ, таҳқиқ, тавзеҳ ва ғайра бисёр саҳифаҳои норавшан ва мубоҳисаангези он замонро метавон равшан кард. Тазкираҳо ва дигар осори ҷудогонаи адибон дар охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX, ҳамзамон маводи матбуоти ибтидои садаи XX бояд дар қиёси ҳам омӯхтаву ба таҳқиқ бирасанд. Ин нуктаро дар мисоли қиёси навиштаҳои Шарифҷон-махдуми Садри Зиё бо дигар асарҳояш ва осори дигари ҳамзамонони ӯ метавон исбот кард. Имрӯз имкон дорад, ки матолиби «Рӯзнома»-и ӯро бо осори Мирзо Абдулазими Сомӣ «Таърихи салотини Манғития», Садриддин Айнӣ «Таърихи амирони манғияти Бухоро»,»Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ва дигар осори таърихии он замон қиёс кард, ки аз онон натиҷаҳои зарурӣ мебароянд. Чунин таваҷҷуҳ ва арзёбии амиқ ба сарчашмаҳои ин давра боиси таълифи ҷадид ва нисбатан комили таърихи адабиёти ин давра хоҳад гашт [3–М; 5–М; 16 – М].

8. Аз манбаъҳои дигари омӯзиши нақди адабӣ дар солҳои 20-50-уми садаи XX – китобу рисолаҳои адабиётшиносону мунаққидон, маҷмуаҳои адабӣ («Намунаи адабиёти тоҷик», «Намунаҳои адабиёти тоҷик»), маҷмуаи ашъори адибон ва сарсуханҳои онҳо, мақола, тақриз ва дигар жанрҳои адабиётшиносӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикии «Бухорои шариф», «Оина», «Самарқанд», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Ширинкор»,

«Мушфиқӣ», «Дониш ва омӯзгор», «Дониш-Биниш» («Раҳбари дониш», «Барои адабиёти сотсиалистӣ» «Шарқи сурх») ва ғайра низ равшан гашт, ки онҳо аз ҳар ҷиҳат барои дарки амиқи моҳияти талошҳо дар нақди адабии тоҷик мусоид буда, ба ҳаёти адабӣ такон бахшиданд, шахсиятҳои замони нав ба василаи ин осор муаррифӣ шуданд. Мақола ва тақризу гузоришҳои устодон С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Р. Ҳошим, С. Манофзода, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Х. Мирзозода, А. Деҳотӣ, Ғ. Абдулло ва… аз бисёр ҷиҳат сатҳу савияи нақди адабии он замонро муайян карданд. Ходимони адабиёт, илм ва матбуот дар он давра парвардаи макотиби ҷадида ва ё таҳсилдидаи мактаби адабии шуравӣ буданд. Ҳузури ин шахсиятҳо барои такмили худогоҳии адабии миллате ба номи тоҷик дар он марҳалаи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зиёд арзиш дошт [4–М; 9–М; 13 – М].

9. Пеш аз ҳама дарки зарурати нақду нақкодӣ ва рӯйоварии хоссаи мунаққидони солҳои 20-уми садаи ХХ моҳияти масъаларо бар манфиати шинохти ҳақиқати он замон ошкор мекунад. Вобаста ба ин аз сарсухани китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнӣ сар карда бисёр корҳо ба миён омаданд, ки ба онҳо аз мавқеи нақду сухансанҷии классикӣ ва имрӯз баҳо метавон дод. Ин ки А. Лоҳутӣ мегӯяд, «адабиёти имрӯзаи тоҷикон чун гулистоне аст, ки солҳои дароз посбонӣ надида ва обёрӣ нашуда ва муҳтоҷи ороиш ва пероиши бисёре аст», ба як нуктаи хеле муҳим, ба нақду нақкодӣ ниёз доштани адабиёти онрӯзаи тоҷикон алоқаманд аст. Дар ин суханон изҳори ташвиш ва нигароние ҳаст, ки барои поягузории тафаккури нақкодии он солҳо нақш дорад. Ба андешаи мо, доварии А. Лоҳутӣ аз лиҳози фаҳмиши онрӯзаи адабиёт, аз лиҳози он ки нақди адабӣ то чи андоза ба дархости замон посух бояд диҳад, аз назари бартарии давраи нави адабиёт дар муқобили давраи куҳан изҳор шудааст. Аз назари адиби мунаққид, нақди адабӣ соҳиб ва ё посбоне аст, ки замини адабиётро обёрӣ мекунад. Ин иқтибос, аз назари нахуст, навъе аз нишонаи инкори мавҷудияти нақд дар равандҳои адабии то нимаи дувуми садаи ХХ аст. Лоҳутӣ адабиёти тоҷикро ба ороиш ва пероиш ниёзманд медонад. Ороиш – ҳусн бахшидан бо роҳи афзудан ва пероиш – ҳуснафзоӣ аз раҳи костан ва ё кам

кардан муҳимтарин сифати нақд мебошад. Дар фаҳмиши Лоҳутӣ эҳтиёҷ ба ороиш ва пероиш доштани адабиёти тоҷик ниёз ба нақди ороста ва пиростаи адабӣ доштани он аст [15–М; 16 – М].

10. Мо ба он бовар расидем, ки бархе аз осори интиқодии он солҳо – аз ҷумла мақолаҳои мунокишавии олимону адибони тоҷик дар нимаи аввали садаи XX, аз ҷумла солҳои 20-40-ум аз чашмандози дигар бояд муқаррар гардид. Аз ҷумла, тақризи Баҳриддин Азизӣ ба «Намунаи адабиёти тоҷик» бо мақсади бознамоии назари мухолифони ӯ ба ин тазкираи адабиёти аҳди нав хулоса мешуд. Аммо аз мутолиаи аслии тақриз баробари нишонаҳои нақди дурушти иҷтимоӣ савияи олимиву ноқидӣ ва, аз ҳама муҳим, салоҳиятмандии интиқодии муаллифи он низ ошкор мешавад.

Мунозираҳои ҷадалии ин солҳо – баҳси Азизӣ ва Айнӣ («Намунаи адабиёти тоҷик» – «Ҷавоб ё мусоҳаба»), Бектош ва Айнӣ («Садриддин Айнӣ ва эҷодиёти ӯ» – «Ҷавоби ман» ба китоби Бектош), мунозира дар сари маҷмуаи «Сабзаи навхез» байни Н. Фахрӣ ва А. Деҳотӣ (1929), мақола ва хотираҳои «Ҷалол Икромӣ ва эҷодиёти ӯ»-и Ғанӣ Абдулло (1932), «Мактуб ба идора»-и Сотим Улуғзода (1932), «Сухан ба ман»-и Ҷалол Икромӣ (1933), мунозираҳо оид ба баҳси забони адабии тоҷик ва табдили алифбои арабӣ ба лотинӣ дар баробари ошкор кардани донишу системаи назари муаллифони он ба истилоҳ як навъ «ҳисобот»-и сиёсии адабиест, ки ҳадаф қабл аз ин ки бозгӯи тамомияти осор ва дурустии далелу рақам дар навиштаҳои онон бошад, таъкиди «бегуноҳӣ»-и сиёсии онҳост. Ин «силоҳи ҳизбӣ» ба адибону мунаққидон дар солҳои шахсиятпарастии сталинӣ барои аз миён бурдани ҳамсафон сӯйиистифода шуда, чароғи садҳо истеъдод хомӯш гардид. Ба таври умумӣ, нақди ин солҳо комилан либоси сиёсӣ гирифт, мунаққидон руҳи сиёсатзадаву сиёсатгаро ба бар карданд. Муҳокимаи завқӣ ё шахсии нависандагон омили таъйини нақди адабии тоҷик гардид [1–М; 2–М; 7–М; 8 – М].

11. Ҷиҳати хуб ва дастоварди муҳими нақди солҳои 20-50-уми садаи XX ташвиқу тарғиби адабиёти русу ғарбӣ, ошноии тоҷикон бо адабиёти русӣ ва

таваҷҷуҳи ҳарчи бештари адибони тоҷик ба тарҷумаи осори адибони аврупоиву рус мебошад. Ҳақиқати бебаҳс ин аст, ки адабиёти тоҷик ба таври густурда тавассути бархурд бо адабиёти рус ва халқҳои дигар ба сатҳи берунӣ баромад ва тавассути адабиёти рус бо муҳимтарин дурдонаҳои адабиёти ҷаҳон ошноӣ пайдо кард. Ба ин хотир, таъкиди баҳрамандӣ ва баҳрабардорӣ аз адабиёти мухталифи ҷаҳон ҳанӯз дар осори наққодии солҳои 20-уми садаи ХХ ҷойгоҳи шоистае пайдо кардааст.

Сурати иҷтимоӣ ва ё иҷтимогароӣ ба бар кардани нақди адабӣ, ки бастагии бештар ба вазъи сиёсиву иҷтимоии он замонҳо дорад. Дар таърихи нақду адабиётшиносии тоҷик таҷрибаи шинохти нақди иҷтимоӣ ва шаклгирии он ҳодисаи шинохташуда аст.

Бо вуҷуди ин муҳимтарин нуктаҳои наққодии давраи шуравии тоҷик новобаста аз мафкураи марксистӣ бозгӯ ва бунёди баъзе аз саҳифаҳои норавшани он мебошад. Ба вуҷуд омадани чандин китоби арзишманд ва мақолаҳои аз лиҳози методологӣ баландмазмун дар заминаи масъалаҳои гуногуни адабиёт, нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ, нуфузи матбуоти адабӣ ва илмӣ, нашри маҷмуаҳо ва рушди ҷараёни адабӣ барои нуфузи ин шохаи адабиёт мусоидат карданд [7–М; 10–М; 12 – М].

12. Таъсири файзбахши мунаққидону адабиётшиносони хориҷ аз минтақаи тоҷикони Осиёи Миёна ба ҳавзаи фикрии мунаққидони тоҷик яке аз хулосаҳои муҳимми рисола аст. Санаду далелҳое, ки дар рисола омадаанд, то андозае ба шинохти мақоми илмии олимони Эрон, Туркия, Озарбойҷон ва ғайраро исбот мекунанд. Мирзо Фатҳалӣ Охундов, Зиёпошшои Туркӣ, Муҳаммад Фуод Капрюлузода, Ҳусайни Дониш, Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ, Мираббос Боғиров ва чанде дигар аз олимони туркиву эронӣ ва озарбойҷонӣ нақши расое дар такомули афкори сухансанҷӣ доштааст. Аз навиштаҳои Садриддин Айнӣ оғоз карда то таълифоти Раҳим Ҳошим, Тӯрақул Зеҳнӣ, Баҳриддин Азизӣ, Абдурауфи Фитрат ва дигарон манфиати судманду пурборе аз осори ин олимон бардоштаанд. Хусусан дарёфт, мутолиа, дарки арзиши усулии навиштаҳои

Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ оид ба адабиёти форсии тоҷикӣ – тазкираи «Намунаи адабиёти Эрон», «Аз таърихи адабиёти Форс ва мақолаҳои ӯ оид ба забону адабиёт барои равнақи нақди тоҷикии солҳои 20-уми садаи XX арзишманд хоҳад буд. Ҷолиб ин пурсиш аст, ки аз чӣ роҳ ва ба чӣ васила шахсият ва афкори пажуҳишгаре аз хориҷи кишвари тоҷикон ба раванди наққодии он солҳо, ба вежа матни тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» ворид шуда, дар маҷмуъ, ба нигоҳу андешаҳои пажуҳандагони тоҷик коргар афтода ва таъсир расонида будааст? Василаи ошноӣ ва ҳамкории маҷаллаи илмии адабии «Раҳбари дониш» бо Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ ва нашри мақолаҳои ӯ дар он низ аз нуктаҳои муҳимми таърихи афкори адабиётшиносии мост.

Ба ин маънӣ, ноқидону адабиётшиносони заршиноси тоҷики солҳои 20-ум ва 40-уми садаи XX дар сатҳу савия ва рӯйкарди хос бо шахсият, андеша, диди таърихии профессор Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ пайванди руҳӣ ва равонӣ ҷустаанд. Аз ин нуқтаи назар, саҳифаҳои таърихи адабиётшиносиву нақди тоҷик ва замону шароити таснифи «Намунаи адабиёти тоҷик» ҳоло ҳам нуктаи норавшане зиёд дорад, ки бояд бо муҳаббат ва ихлоси хос ошкор шавад!... [1–М; 9 – М].

13. Ҷанбаҳои гуногуни таърихии адабиёт, назариёти адабӣ, фолклор ва адабиёти халқҳои дигар, адабиёти замони нав аз чашмандози замон мавриди гуфтугӯ қарор гирифтанд. Дар мактаби адабиётшиносии он солҳо ҷустор ва андешаҳои устодон С. Айнӣ, А. Фитрат, Р. Ҳошим, Ш. Ҳусейнзода, Н. Бектош, Х. Мирзозода, Ҳ. Юсуфӣ, Н. Маъсумӣ, А. Деҳотӣ, С. Улуғзода, Л. Бузургзода ва дигарон ҷойгоҳи хоса доранд. «Намунаҳои адабиёти тоҷик» яке аз намунаҳои таҳқиқи иҷтимоӣ дар адабиётшиносӣ мебошад, ки арзиши он солҳои баъд ба василаи таҳқиқоти арзишманди С. Айнӣ, А. Мирзоев, Х. Мирзозода ва дигарон ҷойгоҳи хоса пайдо кард [8–М; 9–М; 11–М; 13 – М].

14. «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» аз аввалин рисола дар адабиётшиносӣ аст, ки сатҳу савияи онзамонии нақди адабиро бозгӯ мекунад. Ин асар дар асоси принсипҳои методологии солҳои 50-уми садаи XX дар

адабиётшиносии тоҷик ва берун аз он ҷойгоҳи хосса пайдо намуд. Бо вуҷуди доштани баъзе нишонаҳои нестангории таърихӣ ба мақоми ин асар ҳамчун маҳсули марҳалавии адабиётшиносии тоҷик баҳо додан мумкин аст.

Бахше аз ҷусторҳои илмии адабиётшиносӣ ва интиқодии ин солҳо ҷанбаи хоси худшиносӣ дошта, маҳз аз ҳамин ҷиҳат фарорафти таҳқиқи филологиашон камтар буда, бо вуҷуди ин нақши он осор барои ранақи афкори ҳамзамонон бештар чашмрас аст. Баробари муайян шудани матолиби зиёди афкори илмии ин давра боз саҳифаҳои ношинохта дар адабиётшиносиву нақди ин солҳо зиёд боқӣ мондаанд [6 – М].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз таҳқиқу баррасии густурдаи мавзуъ равшан мешавад, ки оид ба таҳаввули нақди адабии тоҷик дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX то имрӯз пажуҳишҳои илмии гуногун анҷом ёфта бошанд ҳам, аммо то ба ҳол таҳқиқи монографии он дар маҷмуи масъалаҳои куллӣ падид наомадааст. Доманаи баҳси нақди адабӣ ва сухансанҷӣ хеле васеъ буда, метавон перомуни даҳҳо масълаҳо таҳқиқи монографӣ анҷом дод. Дар диссертатсия кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки нақди адабии тоҷик дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX дар доираҳои Осиёи Миёна ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи маводи илмиву адабӣ ва матбуотӣ мавриди баррасиву омӯзиши амиқ қарор гирад.

Дар баробари ин, бо натиҷагирӣ аз таҳқиқ барои истифодаи амалии он чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Диссертатсия ба унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқони баъдӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи вежагиҳои нақди адабии тоҷик дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX, баррасии осори мунаққидон ва муайян кардани ҷанбаҳои гуногуни таърихиву назарии сухансанҷии аҳди навини форсии тоҷикӣ мусоидат карда метавонад.

2. Дар диссертатсияи ба таври ҷудогона мавриди омӯзиш қарор додани масъалаи шакл гирифтани нақди адабӣ ва назари интиқодии маорифпарварон ва ҷадидон дар маҷмуи умумии таърихи нақди адабии тоҷикӣ барои муайян кардани заминаҳои ривоҷи афкори адабии замони нав хеле муҳим шуморида мешавад.

3. Зарурати таҳқиқи махсусияти нақди адабӣ ва назари интиқодӣ дар ин давра дар бештар маврид дар қиёс бо махсусияти сухансанҷии давраи классикӣ ба миён гузошта шуда, имкон фароҳам меоварад, ки минбаъд аҳли таҳқӣқ ба бисёр масъалаҳо таваҷҷуҳ намоянд.

4. Минбаъд ба зарурат ва аҳаммияти даврабандии таърихи нақди адабӣ бештар таваҷҷуҳ кард. Таснифи дурусти масъалаи даврабандӣ имкон медиҳад, ки махсусияти чанд давраи адабиёт ва нақди адабӣ бо такя ба маводи сарчашмаҳои дасти аввали адабӣ равшан ва дақиқ карда шавад.

5. Дидгоҳҳои нақди охири садаи XIX моро ба ҷустуҷӯи маъхазҳои муҳимми адабиву матбуотӣ водор мекунанд ва ба натиҷае мерасонанд, ки барои ошкор кардани асл ва ҳақиқати муборизаҳои ибтидои садаи XX ба ҷуз неруҳои илмии дохилӣ ба неруҳои корвари берунӣ ва ё лоақал неруҳои худии забондон бо фарогирии забонҳои туркиву тоторӣ ва арабӣ ниёз дорем, ки имкон, ҳавсала ва салиқаи кор бо сарчашмаҳоро дошта бошанд. Минбаъд мутахассисоне заруранд, ки маводи фаровоне аз матбуоти туркӣ, тоторӣ ва форсизабони кишварҳои шарқӣ фароҳам оваранд, ба забони асл хонанд ва мағзу моҳияти онро барои офаридани таърихи мукаммали ҳаёти сиёсиву иҷтимоии миллати тоҷик дар ин давраи пурҷӯш ба кор гиранд…

6. Ҷамъоварии минбаъдаи матолиби маҷалла ва дигар намунаҳои матбуоти форсӣ, туркиву озарӣ ва тоторӣ дар муайян кардани роҳу василаҳои рӯй овардани аҳли зиёи тоҷик ба мазмуну муҳтавои туркӣ, мундариҷаи рӯйдод, намунаҳои матбуот, шахсиятҳои намоёни ин миллат қобили зикр ва таваҷҷуҳ буда, ба таҳқиқи густурда ниёз дорад. Алҳол мутолиаи намунаҳои ин маҷалла дар забони асл, ба ҳар ойин, ба мо ғайриимкон аст, аммо дар зимни баррасии пайванди руҳии зиёиёни тоҷикии ибтидои садаи XX ба мавзуъҳои туркӣ ҳатман ин нуктаро бояд дар назар дошт.

7. Рисолати аслӣ ва асосии маҳфилҳои адабӣ мусоидат ба шаклгирии завқу салиқаи зебошиносии аҳли замон ба самти созгор, ҷалби таваҷҷуҳи онон ба ормон ва марому маслаки замон, нерӯ бахшидани раванди адабӣ ва парвариши ҷавонони тозароҳу тозаруҳ ва умедбахш будааст. Аз ин рӯ, барои ривоҷу равнақи бештари кори маҳофили адабӣ таваҷҷуҳи баъдӣ ба таърихияти онҳо, баҳрамандӣ аз бархе ойину русум ва таълимоти аъзои он ба ҳамзамонони мо муҳимму муфид хоҳад буд.

8. Фарогирии дидгоҳҳои наққодӣ дар тазкираҳо ва таҳқиқи қиёсии онҳо барои дарёфти ҷустуҷӯҳои ғоявӣ-эстетикӣ дар ҳавзаҳои гуногуни форсизабонон арзишу аҳаммият дорад. Ҳадафи умдаи сайри таҳқиқ ва нашри сарчашмаҳои муҳимми адабиёти садаи XIX ва ибтидои садаи XX дар оянда барои бознамоии манзараи куллии сайри нақду наққодӣ дар Мовароуннаҳр судбахш аст.

9. Ошноии куллӣ бо дидгоҳҳои ноқидонаи тазкиранигорони охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX паҳлуҳои муҳимму гуногуни фикри мусаннифонро ба исбот мерасонад. Бинобар ин таҳқиқи минбаъдаи монографии ҷамъи тазкираҳои ин давра аз ҷолибтарин матолибест, ки таҳқиқ ва натиҷагирӣ аз он моҳияти сухансанҷӣ, мафкуравӣ-иҷтимоӣ ва эстетикӣ адабиёт ва нақдро равшан мегардонад.

10. Яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи адабиётшиносӣ ва нақди адабии форсӣ-тоҷикӣ дар охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX таҷдид ва бознигарӣ ба бархе нуктаҳои нақду наққодии осори адабиёти форсӣ дар маъхазҳои гузашта, ба вежа асноди тазкираҳои асримиёнагӣ аст, ки аз муҳаққиқони баъдӣ заҳмат талаб мекунад.

Дар маҷмуъ, нақди адабии тоҷик дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX бо тамоми мухтассоти худ маҳсули маҳсули тафаккури наққодӣ ва салиқаи сухансанҷии адибону олимони тоҷик дар қаламрави Осиёи Миёна аст ва паҳлуи муҳимми нақди адабии форсу тоҷик маҳсуб мешавад.

Диссертатсия пажуҳиши босамари илмӣ дар ин самт буда, таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба омӯзиши масъалаҳои марбут ба он ҷалб менамояд. Таҳқиқи густарда ва фарогири нақди адабии тоҷик дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX ва омӯзиши амиқи мероси мунаққидон ва адибони ноқид аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами адабиётшиносӣ буда, дурнамои мавзуи таҳқиқии диссертатсияро собит менамояд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Сарчашмаҳо

### а) Бо хати форсӣ

1. Абдӣ, Абдуллохоҷа. Тазкират-уш-шуаро [матн] / А. Абдӣ; бо тасҳеҳ ва муқаддимаи А. Ҷонфидо. – Душанбе: Дониш, 1983. – 293 с.
2. Азимободӣ, Ҳусайнқулихон. Тазкираи Наштари ишқ : дар 5 ҷилд [матн] / Ҳ. Азимободӣ; бо тасҳеҳ ва муқаддимаи А. Ҷонфидо. – Душанбе: Нашриёти «Ирфон», 1981-1988. – 1830 с.
3. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик [матн] / Ҷамъкунанда Садриддин Айнӣ. – Москва: Чопхонаи Нашриёти марказии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сусиёлистӣ, 1926. – 618 с.
4. Айнӣ, Садриддин. Ёддоштҳо // Куллиёт : иборат аз 15 ҷилд [матн] / С. Айнӣ; ба чоп тайёркунандагон К. Айнӣ, М. Шукуров. –Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. – Ҷ. 7. – 647 с.
5. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик [матн] / С. Айнӣ; ба кӯшиши А. Равоқӣ; пешгуфтор аз М. Шакурӣ, К. Айнӣ, А. Шеърдӯст. – Теҳрон: Чопхонаи Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1385. – 46 / 372 с.
6. Айнӣ, Садриддин. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро [матн] / С. Айнӣ; бо муқаддимае аз К. С. Айнӣ. – Теҳрон: Суруш, 1381 = 2003. – 208 с.
7. Бақозода. Ҷашни шоири бузургамон Абулҳасан Рӯдакӣ кай мешавад? [матн] / Бақозода // Овози тоҷик. – 1925. – 4-уми декабр. – № 71. – С. 5.
8. Бертелс, Евгений. Лоҳутӣ (Пешгуфтор) [матн] / Е. Бертелс // Девони Лоҳутӣ. – Маскав: Нашриёти давлатии «Адабиёти бадеӣ», 1939. – С. V-XXV11.
9. Бертелс, Евгений. Лоҳутӣ (Пешгуфтор) [матн] / Е. Бертелс // Лоҳутӣ. Ҳазор мисраъ. Мунтахаби ашъор. – Маскав-Ленинград: Нашриёти коргарони хориҷӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ, 1935. – С. 9-14.

10. Бортулд. Тоҷикон : Баёни таърихӣ [матн] / Бортулд; Тарҷумаи Қ. Дайламӣ // Дониш ва омӯзгор. – 1926. – № 1. – С. 10-13.
11. Бортулд. Бақияи тарҷума аз мақолаи профессур Бартулд [матн] / Бортулд; тарҷумаи Қ. Дайламӣ // Дониш ва омӯзгор. – 1926. – № 2. – С. 15-21.
12. Браун, Э. Таърихи адабиёти Эрон : аз қадимтарин рӯзгорон то замони Фирдавсӣ муштамил бар ҷараёни таҳаввули забони форсӣ ва сайри ақоиду афкор дар Эрон [матн] / Э. Браун; тарҷума, ташҳия ва таълиқоти А. Солеҳ. – Чопи дувум. – Теҳрон: Китобхонаи Ибни Сино, 1335. – Ҷ. 1. – 804 с.
13. Браун, Э. Аз Саъдӣ то Ҷомӣ : Таърихи адабии Эрон аз нимаи қарни ҳафтум то охири қарни нуҳуми ҳиҷрӣ. Асри истилои муғул [матн] / Э. Браун; тарҷума ба қалами А. Ҳикмат. – Чопи дувум. – Теҳрон: Чопхонаи Донишгоҳ, 1339. – 889 с.
14. Браун, Э. Таърихи адабиёти Эрон : аз Сафавия то асри ҳозир [матн] / Э. Браун; тарҷумаи Б. Миқдодӣ; таҳшия ва таълиқоти З. Саҷҷодӣ ва А. Навоӣ. – Чопи дувум. – Теҳрон: Интишороти «Марворид», 1375. – Ҷ. 4. – 545 с.
15. Браун, Э. Таърихи адабиёти Эрон : аз Фирдавсӣ то Саъдӣ [матн] / Э. Браун; тарҷума ва ҳавошӣ ба қалами Ф. Муҷтабоӣ. – Чопи шашум. – Теҳрон: Интишороти «Марворид», 1381. – Ҷ. 2. – Қисмати аввал. – 464 с.
16. Браун, Э. Таърихи адабиёти Эрон : аз Фирдавсӣ то Саъдӣ [матн] / Э. Браун; тарҷумаи Ғ. Афшор. – Чопи шашум. – Теҳрон: Интишороти «Марворид», 1381. – Ҷилди 2. – Нимаи дувум. – 320 с.
17. Бухорӣ, Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳ. Тазкираи Сибоқ [матн] / Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Бухорӣ. – Тошканд: Академияи фанҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Фан, 2007. – 199 с.
18. Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ. Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб : матни интиқодӣ [матн] / Қ. Р. Возеҳ: бо муқаддима ва тасҳеҳи А. Ҷонфидо. – Душанбе: Дониш, 1977. – 216 с.
19. Ғафуруф, Б. Тоҷикон. Таърихи қадим, қуруни вусто ва давраи навин. Ҷилди аввал ва дувум. Баргардон ба алифбои ниёкон бар мабнои матни

тарҷумаи тоҷикӣ [матн] / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1997 = 1377 ҳ. ш. – 1234 с.

20. Деҳқон. Рӯзи Рӯдакӣ [матн] / Деҳқон // Дониш ва омӯзгор. – 1926. – № 2. – С. 7-14.
21. Забони адабии тоҷик : маҷмуаи мақола ва материалҳо [матн] / Гирдоваранда Р. Ҳошим. – Сталинобод: Нашри тоҷик, 1930. – 304 с.
22. Зеҳнӣ, Тӯрақул. Мусоҳиба дар бораи забон ва адабиёт [матн] / Т. Зеҳнӣ // Овози тоҷик. – 1926. – 25-уми май; 5, 17-уми июн; 9-уми июл.
23. Зеҳнӣ, Тӯрақул. Шоири нахустини тоҷикон – устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ [матн] / Т. Зеҳнӣ // Овози тоҷик. – 1925. – 7, 12-уми август.
24. Зиёи Садр. Асомӣ-юл-кутуби китобхонаи хусусии Муҳаммад Шарифҷон-махдуми Зиёи Садр (Феҳрист) [матн] / Садри Зиё // Воҳидов, Ш. Зиёи Садр Бухорӣ ва феҳристи китобхонаи ӯ. – Панҷакент: ИРшод, 2017. – С. I-CXXXVII.
25. Иброҳимӣ, М. М. Намунаи адабиёти Эрон / М. М. Иброҳимӣ. – Бодкӯба, 1922. – 96 с.
26. Иброҳимӣ, Мирзо Муҳсин. Аз таърихи адабиёти форс [матн] / М. М. Иброҳимӣ // Раҳбари дониш. – 1928. – № 1-2(6). – С. 15-16; № 3 (7). – С. 18-19; № 4-5(8). – С. 30-32; № 6 (9). – С. 15-19; № 7 (10). – С. 12-15.
27. Икром, Ҷалол. Намунаи адабиёти тоҷик [матн] / Ҷ. Икром // Раҳбари дониш. – 1929. – № 12(27). – С. 22-24.
28. Икромӣ, Ҷ. Сухан ба ман (хотираҳо) [матн] / Ҷ. Икромӣ // Барои адабиёти сотсиалистӣ. – 1933. – № 8-9. – С. 32-39.
29. Лӯдӣ, Шералихон. Миръот-ул-хаёл [матн] / Ш. Лӯдӣ; бо эҳтимоми Ҳ. Ҳасанӣ бо ҳамкории Б. Сафарзода. – Чопи аввал. – Теҳрон: Интишороти «Равзана», 1377. – 370 с.
30. Мирзоев, А. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: рисола [матн] / А. Мирзоев. – Истолинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 440 с.

31. Муҳтарам, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ. Тазкират-уш-шуаро [матн] / Ҳ. Н. Муҳтарам; бо тасҳеҳ ва муқаддимаи А. Ҷонфидо. – Душанбе: Дониш, 1975. – 8 + 370 с.
32. Нафисӣ, С. Муҳити зиндагӣ ва аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ. Чопи чаҳорум [матн] / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири кабир, 1382. – 674 с.
33. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам ё Таърихи шеър ва адабиёти Эрон [матн] / Ш. Нуъмонӣ; тарҷумаи Фахридоии Гелонӣ. – Теҳрон, 1325. – Ҷ. 1-4.
34. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам ё Таърихи шеър ва адабиёти Эрон [матн] / Ш. Нуъмонӣ. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1368. – Ҷ. 3. – 204 с.
35. Ҳашмат, Мирсиддиқхон. Тазкират-уш-шуаро [матн] / М. Ҳашмат; Таҳия ва тавзеҳи И. Эшонқулов; зери назари М. Мирзоюнус. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – 223 с.
36. Ҳоҷӣ Мирзо Абдуррауф, Сироҷуддин. Туҳафи аҳли Бухоро [матн] / Сироҷиддин Ҳоҷӣ Мирзо Абдуррауф; бо муқаддимаи М. Асадиён–Теҳрон: Интишороти «Буалӣ», 1369. – 384 с.
37. Озар, Лутфалибег. Оташкада (нимаи дувум) [матн] / Л. Озар; ба тасҳеҳи М. Муҳаддис. – Чопи аввал. – Теҳрон, 1378. – 1150 с.
38. Пирмастӣ, Афзал-махдум. Афзал-ут-тазкор фи зикри-иш-шуаро ва-л ашъор [матн] / Афзал-махдуми Пирмастӣ // Дар ҳошияи «Боғи Ирам» якҷо бо «Тазкираи Навоӣ». – Тошканд: Литографияи Г. Х. Орифҷонов, 1336. – С. 1-152.
39. Рипка, Я. Таърихи адабиёти Эрон : аз даврони бостон то Қоҷория [матн] / Я. Рипка, О. Клима ва диг.; мутарҷим И. Шаҳобӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1381. – 646 с.
40. Розӣ, Амин Аҳмад. Ҳафт иқлим : дар се ҷилд [матн] / А. А. Розӣ; бо тасҳеҳ ва таълиқот ва ҳавошии М. Т. Ҳасрат. – Чопи дувум. – Теҳрон: Интишороти «Суруш», 1389. – 1830 с.

